ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИҶОРАТИ ТОҶИКИСТОН

# ИҚТИСОДИЁТИ ҶАҲОН

[illegible]

[illegible]

Курбонмуродов М. – бобҳои 3, 5, 7

Ғаффоров Ш. – бобҳои 1, 2, 4, 6, 11,

Утаганов А. – бобҳои 8, 9,

Хочаев Г. – боби 10,

Курбонов Б. – боби 12

Зери таҳрири умумии д.и.и., профессор Факеров Ҳ.Н.

**Муҳаррирони масъул:** **доктори илмҳои иқтисод, профессор Ҳабибов С.Х.** **доктори илмҳои иқтисод, профессор Раҷабов Р.К.**

**Мукарризон:** **доктори илмҳои иқтисод, профессор Кабутов М.К.** **номзади илмҳои иқтисод, профессор Исоматов Б.**

**Утаганов А., Курбонмуродов М.Б., Ғаффоров Ш. ва дигарон. Иқтисодиёти ҷаҳон: Курси лексия –**

Иқтисодиёти ҷаҳони муосир системаи мураккабу тағйирёбанда буда, донистани аломатҳои хос, механизм ва роҳҳои тараққиёти он, фаҳмиши самтҳои муносибатҳои байналхалқӣ, проблемаҳои тараққиёти ҷаҳонии иқтисодиёт, мувофиқкунонии сиёсати иқтисодии миллӣ ва стратегияи ҷаҳонии хоҷагидории субъектҳои хоҷагӣ ба ҳақиқати ҳаёти ҷаҳонии хоҷагӣ ва ғайра барои иқтисоддонҳои имрӯза масъалаи хеле муҳим мебошад.

Курси лексияро коллективи устодони кафедраи «Иқтисодиёти ҷаҳон» тайёр намудаанд, ки дар он масъалаҳои муҳими фанни «Иқтисодиёти ҷаҳон» ба таври фасеҳу равшан тавсиф ёфтаанд. Китоб ба донишҷӯёни мактабҳои олӣ ва омӯзандагони масъалаҳои иқтисодиёти ҷаҳон пешкаш карда мешавад.

© Утаганов А., Курбонмуродов М. Б., Ғаффоров Ш., Хочаев Г., Курбонов Б.

# МУНДАРИЧА


Сарсухан 5

Боби 1. СИСТЕМАИ ХОҶАГИИ ҶАҲОН

1.1. Хоҷагии ҷаҳон – системаи ягона 7

1.2. Мафҳуми хоҷагии ҷаҳон 7

1.3. Нишондиҳандаҳои ба зерсистемаҳо ҷудокунии хоҷагии ҷаҳон 10

1.4. Ташаккулёбии хоҷагии ҷаҳон 21

1.5. Ба давраҳо ҷудокунии хоҷагии ҷаҳон 28

1.6. Аломатҳо ва анъанаҳои тараққиёти хоҷагии ҷаҳон 32

1.7. Тараққиёти хоҷагии ҷаҳон. Нишондиҳандаҳои асосӣ. 39

1.8. Назарияи системаи иқтисодии умумибашарӣ 42

Боби 2. ИҚТИДОРИ ХОҶАГИИ ҶАҲОН

2.1. Иқтидори табиӣ-захиравӣ 45

2.2. Захираҳои ашёи хоми минералӣ ва сузишворӣ 47

2.3. Ҷойгиршавии захираҳои табиӣ 51

2.4. Нақши захираҳои табиӣ дар хоҷагии ҷаҳон 53

Боби 3. ЗАХИРАҲОИ МЕҲНАТӢ ДАР ХОҶАГИИ ҶАҲОН

3.1. Динамика ва сохтори аҳолӣ 56

3.2. Захираҳои меҳнатӣ: ҷиҳатҳои миқдорию сифатӣ 58

3.3. Мафҳум ва намудҳои миграцияи байналхалқии қувваи корӣ 62

Боби 4. ЗАХИРАҲОИ МОЛИЯВИИ ХОҶАГИИ ҶАҲОН

4.1. Мафҳум ва моҳияти захираҳои молиявӣ 72

4.2. Истифодабарии захираҳои молиявӣ 75

Боби 5. ЗАХИРАҲОИ СОҲИБКОРИИ ҶАҲОН

5.1. Мафҳуми захираҳои соҳибкорӣ 83

5.2. Афзоиши аҳамияти захираҳои соҳибкорӣ дар шароити глобаликунонӣ 84

Боби 6. ЗАХИРАҲОИ ИЛМИИ ҶАҲОН 91

Боби 7. МЕХАНИЗМИ ХОҶАГИИ ҶАҲОН ВА МАСЪАЛАҲОИ ОН

7.1. Мафҳуми механизми хоҷагии ҷаҳон 97

7.2. Сохтори механизми хоҷагии ҷаҳон 101

7.3. Тартиботи иқтисодии ҷаҳон 112


ДМТТ Коллеҷ: ... Библиотека № 10570

Боби 8. СОХТОРИ СОҲАВИИ ХОҶАГИИ ҶАҲОН
8.1. Пешравиҳои сохторӣ дар хоҷагии ҷаҳон 117
8.2. Тағйиротҳо дар сохтори иқтисодиёти мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ ва постсотсиалистӣ 118
8.3. Сохтори соҳавии хоҷагии ҷаҳон 119
8.4. Комплекси агро-саноатӣ 121
8.5. Комплекси сӯзишворӣ-энергетикӣ 126
8.6. Комплексҳои металлургӣ ва химиявӣ-ҷангалӣ 132
8.7. Мошинсозии ҷаҳон 135
8.8. Комплекси ҳарбӣ-саноатӣ 138
8.9. Саноати сабук 142
8.10. Нақлиёт ва алоқа 143
Боби 9. ИШТИРОКИ МИНТАҚАВУ МАМЛАКАТҲО ДАР ИҚТИСОДИЁТИ ҶАҲОН
9.1. Мамлакатҳои тараққикарда дар хоҷагии ҷаҳон 154
а) Аломатҳои асосии навъбандӣ 154
б) Тафовутҳои иқтисодӣ 158
9.2. Тавсифи умумии мамлакатҳои тараққикарда 160
9.3. Фарқият ва баробаршавии дараҷаи тараққиёти иқтисодӣ 163
9.4. Анъанаҳои баробаркунии дараҷаи тараққиёт 168
9.5. Модул ва шаклҳои асосии тараққиёти мамлакатҳои индустриявӣ 169
9.6. Бозори дохилӣ ва тараққиёти иқтисодӣ 173
9.7. Мамлакатҳои тараққикарда дар истеҳсолоти ҷаҳон 176
9.8. Мамлакатҳои тараққикарда дар муносибатҳои иқтисодии байналхалқӣ 178
9.9. Сиёсати иқтисодии мамлакатҳои тараққикарда 185
9.10. Самти асосии сиёсати берунаи иқтисодӣ 188
Боби 10. МАМЛАКАТҲОИ РӮ БА ТАРАҚҚӢ ДАР ХОҶАГИИ ҶАҲОН
10.1. Тавсифи умумӣ 190
10.2. Мавкеи давлат дар иқтисодиёт 194
10.3. Ғункунии сармоя 194
10.4. Дараҷаи некуаҳволии мардум 195
10.5. Муҳимияти савдои беруна 195
10.6. Қарзи байналҳалқии мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ 197



Боби 11. МАМЛАКАТҲОИ БА ИҚТИСОДИЁТИ БОЗОРӢ ГУЗАРАНДА
11.1. Тавсифи умумӣ 200
11.2. Паҳлӯҳои иқтисоди берунаи ислоҳоти системавӣ 204
11.3. Мамлакатҳои Аврупои Марказӣ ва Шарқӣ 206
11.4. Мамлакатҳои аъзои ИДМ ва давлатҳои назди Балтика 213
Боби 12. ТОҶИКИСТОН ДАР ХОҶАГИИ ҶАҲОН
12.1. Тавсифи умумӣ 225
12.2. Муносибатҳои иқтисодии берунаи Тоҷикистон 233
12.3. Афзалиятҳои тараққиёти иқтисодии Тоҷикистон 236
Адабиёт 239

## САРСУХАН

Иктисодиёти ҷаҳони имрӯза системаи томи мураккабест, ки беш аз 200 мамлакат ва қаламрави дунё ба он шомил асту дар солҳои охир ба тағйирҳои зиёде дучор омадааст. Ин тағйиротхо симои ичтимоӣ-иқтисодӣ, технологӣ ва ғайраро дорад, ки онхо дар дигаргуншавиҳои ҳайати мамлакатҳои тараққикарда, таносуби қувваҳо дар хоҷагии ҷаҳон, табадулоти технологӣ, тезшавии ҷараёнҳои байналмилаликунонӣ, глобаликунонии қувваҳои истеҳсолкунандаю омилҳои истеҳсолот, башаклдарорӣ, ахборотикунонии ҳаёти хоҷагӣ ва ғайраҳо зоҳир мегарданд. Бо ҳам алоқамандӣ ва бо хам таъсиррасонии иқтисодиёти миллии мамлакатҳо то рафт афзуда, ҳолати маҳдуди иқтисодӣ аз байн бардошта шудааст.

Симои механизми хоҷагӣ дигар шуда, дар танзими раванди умумихоҷагӣ нақши ташкилотҳои иқтисодии байналхалқӣ то рафт меафзояд.

Ҳамаи ин дигаргуниҳо дар хоҷагии ҷаҳон, ба ҳаёти хоҷагии мамлакатҳои алоҳида ва умуман ба ҳаёти иқтисодии байналхалқӣ бе таъсир намемонад.

Донистани ҳамаи дигаргуниҳо дар иқтисодиёти ҷаҳон, ҳодисаю раванди ҳаёти иқтисодии ҷамъияти ҷаҳонӣ барои мутахассисони соҳаи иқтисодиёти байналхалқӣ хеле зарур аст.

Курси лексияи пешкашкарда шуда ба донишҷӯён имконият медиҳад, ки онҳо анъанаҳои тараққиёти ҷаҳонро дар соҳаи иқтисодӣ фаҳмида, симои онҳоро муайян намоянд. Донистани анъанаҳои ҳақиқӣ ва масъалаҳои тараққиёти иқтисодии ҷаҳонӣ ба вазифаи амалии дониш зич алоқамандаанд. Азхудкунии фанни иқтисодиёти ҷаҳон барои фаҳмиши ҳадафи муносибатҳои байналхалқии субъектҳои хоҷагӣ ва ҳақиқати мавҷудбудаи ҳаёти ҷаҳонии хоҷагӣ асос мегузорад.



# БОБИ I.
# СИСТЕМАИ ХОҶАГИИ ҶАҲОН
## 1.1. Хоҷагии ҷаҳон – системаи том

Замони ҳозираро давраи афзоиши микёси фаъолияти хоҷагӣ, инкишофи алоқаҳои гуногуни байни мамлакатҳои ҷаҳон, инкишофи тақсимоти байналхалқии меҳнат, гузариш ба шакли нави истеҳсолоти ҷамъиятӣ номидаанд. Ягон давлате нест, ки ба мамлакатҳои дигар таъсири мутақобилаи иқтисодӣ надошта бошад. Ҳамаи мамлакатҳо ба системаи муносибатҳои истеҳсолӣ алоқамандии ногусастани доранд. Ҳоло тамоми дунё арсаи боҳамалоқамандии фаъолияти хоҷагии одамон буда, комёбиҳои илму техника то рафт бо механизмҳои бозории тамоили ичтимоӣ доштa пайваст шуда истодааст. Маҳз раванди ичтимоикунонӣ дар вазъияти ҳозира омили ҳалкунанда гардида, он боиси дигаргуниҳои ҷиддӣ дар хоҷагии ҷаҳон гардид. Таи солҳои охир моҳият ва мазмуни алоқаҳои иқтисодии беруна дигаргун шуда дар зери таъсири такрористеҳсоли сармоя ва манфиатҳои инсонпарварии саёравӣ барқароршавии қувваҳои истеҳсолкунандаи ҷаҳонӣ ба амал меоянд.

Дар адабиёти иқтисодӣ ва матбуоти даврӣ мафҳуми «иқтисодиёти ҷаҳон» ба таври васеъ истифода бурда мешавад. Дунёи мураккабу зиддиятнок аз нигоҳи муносибатҳои иқтисодӣ ягонагии муайяне дорад.

## 1.2. Мафҳуми хоҷагии ҷаҳон

То ҳол дар адабиёти иқтисодӣ фаҳмиши ягонаи «иқтисодиёти ҷаҳон» ва «хоҷагии ҷаҳон» вуҷуд надорад. Аз сабаби он, ки ин мафҳумро дар бисёр мавридҳо истифода мебаранд, тадқиқотчиён ҷиҳатҳои муҳими онро қайд намуда ба он таърифҳои гуногун додаанд.Баъзеҳо мафҳуми хоҷагии ҷаҳониро ҳамчун маҷмӯи хоҷагиҳои миллии тавассути тақсимоти байналхалқии меҳнат ва муносибатҳои иқтисодию сиёсӣ алоқаманд буда, дониста бошанд, гурӯҳи дигар онро ҳамчун системаи ба ҳам муносибатҳои иқтисодӣ, ҳамчун робитаҳои умумии универсалӣ байни хоҷагиҳои миллӣ маънидод кардаанд.Аслан хоҷагии ҷаҳон системаи муносибатҳои иқтисодии бо ҳам алоқаманди хоҷагиҳои миллӣ

буда, системаи иқтисодии байналхалқӣ, савдо ва муносибатҳои молиявиро низ дар бар мегирад. Дар ин гуна маънидодкунӣ истеҳсолот, ки аз бисёр ҷиҳат алоқаҳои тарафайни иқтисодии байналхалқиро муайян мекунад, аз назар дур мемонад. Дар китобҳои дарсӣ мафҳуми «иқтисодиёти ҷаҳон» (хоҷагии ҷаҳонӣ, хоҷагии умумиҷаҳонӣ)-ро дар маънои васеъ ва маҳдуд маънидод кардаанд. Дар маънои васеъ, иқтисодиёти ҷаҳон кулли иқтисодиётҳои миллӣ, дар маънои маҳдуд – ҷамъи ҳамон қисми иқтисодҳои миллӣ, ки бо олами беруна бо ҳам таъсиррасонанд, дониста мешавад. Вале, қайд карда мешавад, ки фарқияти байни ин ду маънидодкунӣ тадриҷан аз байн меравад. Зеро дар тамоми мамлакатҳои ҷаҳон соҳа ва зерсоҳае нест, ки вай бавосита ё бевосита ба ҷаҳони беруна алоқаманд набошад. Бо вуҷуди чунин маънидодкуниҳо тамоми тадқиқотчиён хоҷагии ҷаҳониро ҳамчун системаи муайяни аз қисмҳои мураккаб иборат буда эътироф менамоянд. Дар ин система қисмати асосии хоҷагӣ бо базаи моддӣ, тарзи истифодаи шаклҳои гуногуни моликиятдорӣ ва тартиботи муайяни равишҳои такрористеҳсолкунӣ ифода меёбанд.

Ҳамин тариқ, асоси пайдоиш ва мавҷудияти системаро яклухт будани он ташкил медиҳад, ки он таъсири тарафайни иқтисодии тамоми қисмҳои таркибии системаро дар дараҷаи устувор дар назар дорад. Фақат дар ҳамин ҳолат хислати такрористеҳсол дар миқёси тамаддун муяссар гардида, фаъолияти доимию қобили ҳаёт будани система, раванди тараққиёту худтанзимкунии он имконпазир мегардад. Чунин ягонагии хоҷагии ҷаҳониро бозорҳои миллию байналхалқӣ таъмин менамоянд, ки ба онҳо муносибатҳои молию пулӣ ва гуногунии нархҳо хос мебошад.

Бозор дар маънои нисбатан пуррааш ҷамъи муносибатҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ дар раванди муомилоти молу хизмат ташкилёбанда мебошад. Бозор ҳамчун категорияи алоҳидаи иқтисодӣ буда, зери таъсири қоидаю қонунҳои хоси худ густариш меёбад ва ба тамоми ҷараёни такрористеҳсолкунӣ таъсир мерасонад. Бинобар он, вай давраи ҷудонашавандаи такрористеҳсолкунӣ ҳисоб ёфта, дар алоқамандӣ бо зинаҳои таркибии он – истеҳсолот, тақсимот ва истеъмол инкишоф меёбад.

Иқтисодиёти ҷаҳон ба қатори системаҳои мураккаб мансуб буда, хислатҳои фарқкунандаи басо мураккаб дорад.



Одатан иқтидори иқтисодӣ дар ҷаҳон нобаробар тақсим шудааст. Се мамлакати азим – ИМА, Ҷопон ва Олмон, ки 9% аҳолии ҷаҳонро доранд, нисфи даромади ҷаҳонро соҳибанду 1/3 ҳиссаи қобилияти харидории тамоми мамлакатҳои дунёро дар худ доранд.

Асоси системаи хоҷагии ҷаҳониро истеҳсолоти неъматҳои моддию маънавии байналхалқӣ ва дар доираи давлатҳои алоҳида бошад, тақсимоту муомилот ва истеъмоли ин неъматҳ ташкил медиҳад. Ҳар кадоми ин самтҳо (истеҳсол, тақсимо муомилот ва истеъмол) рафти такрористеҳсолкуниро, чӣ дар миқёси тамаддун ва чӣ дар доираи давлатҳои алоҳида, вобаста ба нақш ва мавқеашон, ба фаъолияти тамоми системаи хоҷагии ҷаҳонӣ таъсир мерасонанд.

Муносибат бояд мақсади умум дошта бошаду ҳамчун қувваи ҳаракатдтҳанда баромад кунад. Дар дохили чунин система қисми ҷудогона – зерсистемаҳои дорои симои махсус, вале ба мақсади система итоаткунанда – вуҷуд дошта метавонанд. Фаҳмиши дигари система аз он иборат аст, ки вай аз як қатор зерсистемаҳои ҷудогона иборат асту мақсади онҳо мухталиф ва ҳатто зиддиятнок аст. Вале зерсистемаҳои ба он дохилшаванда бояд бо ҳам алоқаманд бошанд ва бо ҳамдигар таъсир расонанд. Чунин сохти система симои мувақатӣ – гузаранда дошта метавонад. Зеро зерсистемаи устувор дигар зерсистемаҳоро аз нав месозад ё ба манфиати худ итоат мекунонад. Дар акси ҳол система барҳам мехурад.

Иқтисодиёти ҷаҳон ҳамчун система мақсади умумӣ дорад ҳадафи он қонеъгардонии талаботи инсон аст. Вале дар зерсистемаҳои алоҳида ин мақсад, вобаста ба шароитҳои гуногуни иҷтимоӣ-иқтисодӣ, дигаргун шуда метавонад. Сохтани корхонаҳои нав мақсади ягона нест. Вай ҳамон вақт ҳақ бароварда мешавад, ки агар ба беҳтаршавии шароити зиндагии аҳолӣ мусоидат кунад.

Иқтисодиёти ҷаҳон бе тартиботи муайяни ба меъёрҳои ҳуқуқии умумию фардӣ асоскунанда тараққӣ карда наметавонад. Ин тартибот муносибатҳои иқтисодии байни давлатҳо, иттиҳодияҳои иқтисодӣ, шахсони ҳуқуқию фардиро танзим менамояд. Риояи меъёрҳои муқарраршудаю оддиро худи давлатҳо ба шакли коллективӣ назорати ташкилотҳои гуногуни байналхалқиро таъмин менамоянд. Ин қоидаҳо мувофиқан ба талаботи тараққиёти қувваҳои истеҳсолкунандаи ҷаҳонӣ ва

зерсистемаю ҷузъҳои алоҳида аниқ карда шуда, аз нав дида баромада мешаванд.

Иқтисодиёти ҷаҳон категорияи таърихӣ ва сиёсӣ-иқтисодӣ аст. Зеро ба ҳар кадом давраи таърихии мушаххас микёс ва дараҷаи муайяни истеҳсолот, байналмилаликунонии ҳаёти хоҷагӣ ва сохти иҷтимоӣ-иқтисодӣ хос аст. Вай аз системаи иқтисодии мураккаб иборат аст. Субъектҳои он ширкатҳои фаромиллӣ, хоҷагиҳои миллӣ, иттиҳодияҳои интегратсионии байналхалқӣ, ки худашон системаи дорои танзимкунии ба худ хос доранд, ба ҳисоб мераванд.

Муносибати байни давлатҳо дараҷаи байналхалқист, ки онро қоидаю меъёрҳои байналхалқӣ ба танзим медарорад. Муносибату ҷараёнҳои аз ҳудуди миллӣ берун шуда ҳамчун дараҷаи транснатсионалӣ – соҳаи фаъолияти фирмаҳо, гурӯҳҳо ва системаи дохилии ахбороти онҳоро ташкил медиҳанд. Ба ин соҳа инчунин шабакаи ҷараёнҳои фаъолияти ғайрирасмӣ: савдои нақшаҳо, ярок, миграцияи пинҳонӣ дохил карда мешаванд. Мураккабии қисмҳо, ки системаи хоҷагии ҷаҳониро ташкил додаанд, якбора амал мекунанд. Байни маркази қувваҳо зиддият, гуфтушунид, муттаҳидшавӣ вуҷуд доранд. Аломатҳои олигополия пайдо мешаванд, ки онҳо стратегияи худро дар тамоми ҷаҳон ва дар ноҳияҳои алоҳида паҳн мекунанд.

Аз нигоҳи иҷтимоӣ-иқтисодӣ хоҷагии ҷаҳон якхела нест. Мавқеи асосиро дар он мамлакатҳои тараққикардаи Ғарб, ё ки «ҷаҳони якум» ишғол кардааст. Мавқеи махсусро мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ, ё «ҷаҳони сеюм» ишғол намудаанд, ки дар онҳо симои вобастагӣ ба мамлакатҳои индустриявӣ нигоҳ дошта шудааст. Мамлакатҳои Аврупои Шарқӣ дар тараққиёти худ хусусиятҳои хоса доранд. Умуман хоҷагии ҷаҳон мавҷудияти иҷтимоӣ-иқтисодии мураккаб мебошад.

### 1.3. Ченакҳои ба зерсистемаҳо ҷудокунии хоҷагии ҷаҳон

Хоҷагии ҷаҳон ҳамчун системаи том, аз қисмҳо, зерсистемаҳои мухталиф иборат буда, умумият ва тафовутҳои муайяне дорад. Дар тараққиёти худ зерсистемаҳо на танҳо мақсадҳои системаи тамаддунро таъқиб менамоянд, балки вазифаҳои ба худ хосро низ ҳал мекунанд. Дар ин бобат ба онҳо ду намуд қонуниятҳои дохилию берунӣ таъсир мерасонанд.

Барои ба зерсистемаҳо ҷудокунии хоҷагии ҷаҳонӣ чунин ченакҳоро истифода бурдаанд:



- дараҷаи тараққиёти иқтисодӣ;
- таркиби иҷтимоии иқтисодиёт;
- типи афзоиши иқтисодӣ;
- дараҷа ва симои алоқаҳои иқтисодии беруна.

Ченаки аз ҳама паҳншудаи муайянкунандаи зерсистемаҳо дараҷаи тараққиёти иқтисодӣ мебошад, ки он ҳаҷми маҳсулоти дохилӣ (МУД) ба ҳар сари аҳолиро ифода мекунад.

Тараққиёти ҳар кадом мамлакатро аз рӯи дараҷаи индустриякунонии таркиби истеҳсолот, ки омили муҳими афзоиши даромади миллӣ мебошанд, низ муайян мекунанд. Давраи ҳозираи индустриякуниниро истифодаи васеи техникаю технологияи иттилоотӣ, ки омили муҳими сарфаи меҳнати дар мол таҷассумёфта мебошад, ифода мекунад. Ба соҳаҳои индустриякунонӣ ва иттилоотӣ на танҳо соҳаҳои саноат, балки хоҷагии қишлоқ ва соҳаи хизматро низ дохил намудаанд.

Таркиби истеҳсолоти саноатӣ аз воситаҳои истеҳсолот ва предметҳои истеъмолӣ иборат аст. Дар мамлакатҳои индустриявӣ истеҳсоли молҳои истеъмолии бардавом мавқеи муҳим дошта, дараҷаи истеҳсоли воситаҳои истеҳсолот ва предметҳои истеъмолӣ бошанд қариб якхела аст.

Дараҷаи тараққиёти иқтисодиро вобастагии харҷи ашёи хому энергия ба воҳиди маҳсулот низ муайян мекунанд. Баробари баландшавии дараҷаи тараққиёти иқтисодӣ харҷи ашёи хом ва энергия кам шуда, ба ҷои ашёи хоми табиӣ то рафт бештар масолеҳи саноатии пайдоиши химиявӣ дошта истифода бурда мешавад.

Аз рӯи дараҷаи МУД ба ҳар сари аҳолӣ мамлакатҳоро ба чунин гурӯҳҳо тақсим мекунанд:

- мамлакатҳои МУД-ашон ба ҳар сар аҳолӣ аз 9 ҳазор доллари амрикоӣ зиёд буда. Ба ин гурӯҳ аксари мамлакатҳои Аврупои Ғарбӣ, ИМА, Канада, Ҷопон, Исроил, Кореяи Ҷанубӣ, Сингапур, Қувайт, Аморати Муттаҳидаи Араб мансубанд;
- мамлакатҳои МУД-ашон ба ҳар сари аҳолӣ аз 750 то 8,5 ҳазор доллари амрикоӣ: Юнон, ҶАҶ, Венесуэла, Бразилия, Уругвай, Тринидад ва Тобаго, Уммон, Ливия ва ғайра;
- мамлакатҳои сустараққикарда, ки МУД-ашон ба сари аҳолӣ аз 750 доллар беш нест. Инҳо беш аз 60 давлат, аз

ҷумла Ҳиндустону Чин, Покистон мебошанд, ки аҳолии ҳар кадомашон аз 100 млн. нафар зиёд аст. Охири ин гурӯҳро Мозамбик, Ҳабашистон, Танзания, Сомалӣ, Бангладеш ташкил додаанд.

Қувваҳои истеҳсолкунанда дар системаи муайяни муносибатҳои истеҳсолӣ амал мекунанд, ки онҳо шакли умумии тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодиро муайян мекунанд. Аз ин сабаб яке аз ҷенакҳои ба зерсистема ҷудокунии хоҷагии ҷаҳон таркиби иҷтимоии иқтисодиёт ба ҳисоб меравад дар доираи он мамлакатҳои алоҳида ва гурӯҳи мамлакатҳо тараққӣ мекунанд. Асоси онро симо ва шаклҳои баамалбарории моликиятдорӣ ва таркиби соҳавии аҳолии ба он алоқаманд ташкил медиҳад.

Шаклҳои ба амалбарории моликиятдорӣ омили муҳими тараққиёти ҷамъияти ҷаҳонӣ буда, дар ташкилёбии муносибатҳои ҷамъиятӣ таъсири муайянкунанда мерасонанд. Шаклҳои мухталифи моликият дараҷаи гуногунро дар тақсимоти меҳнат, муносибати фардҳо ба воситаи меҳнатро нисбати якдигар ифода мекунад. Амалиётҳои серпаҳлӯи моликиятдорӣ дар шароити истифодаи воситаҳои истеҳсолот ва қувваи корӣ зоҳир мегардад ва дар ин ҳолат шаклҳои мушаххаси ташкилӣ-ҳуқуқии корхона ва фаъолияти хоҷагӣ нақши муҳимро мебозанд. Истифодаи воситаҳои истеҳсолот на танҳо симои алоқаҳои байни одамонро дар раванди истеҳсолот, балки шакли тақсимоти маҳсулоти истеҳсолшуда, мубодила ва истеъмоли онро муайян мекунад ва нишон медиҳад, ки дар ин ҷараён омили шахсӣ чӣ мавқеъ дорад.

Ба ин ё он сохтори иқтисодӣ пайдарҳамии муайян дар тараққиёти соҳаҳои алоҳидаи хоҷагӣ хос аст. Баробари таъғирёбии ин пайдарҳамӣ дар сохтори такрористеҳсолкунӣ ивазшавӣ ба амал меояд ва тақсимоти даромади миллиро дар бар гирафта, сохтори иҷтимоии хоҷагӣ ба ташкилёбии давраҳои муайяни тараққии зерсистемаҳо таъсир мерасонад.

Ҷенаки муҳими ба зерсистемаҳо ҷудокунии хоҷагии ҷаҳон шакли тараққиёти иқтисодӣ мебошад, ки он на фақат тағйиротҳои миқдориро дар истеҳсоли молу хизмат, инчунин пешравиҳои сифатиро ифода мекунад. Ҳангоми тараққиёти экстенсивии афзоиши иқтисодӣ аз ҳисоби зиёдкунии миқдори омилҳои истеҳсолот (бе тағйиротҳои асоси техники) ба даст оварда мешавад, ки он боиси тағйир наёфтани самаранокии истеҳсолот мегардад. Шакли интенсивии афзоиши иқтисодӣ ба



зиёдкунии миқёси истеҳсолот бо роҳи такмили сифатии омилҳои истеҳсолот асос меёбад. Ин такмилдиҳии воситаҳо ва предмети меҳнат, баланд бардоштани дараҷаи касбии қувваи корӣ, беҳтаркунии тарафҳои ташкилии истеҳсолотро пешбинӣ менамояд, ки тавассути ин афзоиши истеҳсолот бештар аз ҳисоби зиёдкунии ҳосилнокии меҳнати ҷамъиятӣ ба даст меояд.

Дар ҳақиқати ҳол шакли «соф»-и тараққиёти иқтисодӣ вуҷуд надорад. Бо вуҷуди ин дар хусуси зерсистемаҳои алоҳида оиди афзалияти истеҳсолоти экстенсивӣ ё истеҳсолоти интенсивӣ сухан рондан мумкин аст, ки онҳо дар солҳои баъдиҷангӣ ҳамдигарро иваз мекарданд. Тараққиёти мамлакатҳои индустриявӣ то миёнаи солҳои 60-уми асри XX аз рӯи бисёр аломатҳояш бештар ба шакли экстенсивӣ, дар лаҳзаҳои охири аср бошад, бештар бо роҳи интенсивии тараққиёт мансубият доранд. Тавсиф ва мавқеи зерсистемаҳо дар хоҷагии ҷаҳон ба мавқеи сектори беруна дар хоҷагии миллӣ зич алоқаманд аст, ки он дар содироту воридоти молу хизмат ва ҳаракати сармоя ифода меёбад. Вай самт, андоза ва шакли иштироки мамлакат дар тақсимоти байналхалқии меҳнатро дахл менамояд.

Дараҷаи ҷаҳонии тараққиёти қувваҳои истеҳсолкунанда, байналмилаликунонии истеҳсолот имконияти самаранок пешбарии хоҷагиро дар доираи маҷмӯи сарбаста инкор менамояд. Мубодилаи байналхалқӣ молу хизматҳои камбуда ва ё нисбатан арзони истеъмолӣ ва таъиноти истеҳсолӣ, инчунин бозори иловагии фурӯшро таъмин менамояд. Андозҳои содиротию воридотии молу хизмат, сохтори молии савдои беруна, симои иштирок дар ҳаракати байналхалқии сармоя, технология, қувваи корӣ, дараҷаи кушодагии иқтисодиёт нишондиҳандаҳои асосии нақши алоқаҳои иқтисодии берунаи хоҷагиро ифода менамояд.

Иқтисодиёти кушода чунин хоҷагиест, ки самти тараққиёти онро анъанаҳои дар хоҷагии ҷаҳонӣ амалкунанда муайян мекунанду алоқаҳои иқтисодии беруна пурзӯр мешаванд ва мубодилаи савдои беруна то ба дараҷае мерасад, ки вай афзоиши умумии иқтисодиро ҳавасманд мекунонад. Мегӯянд, ки вай аз лаҳзаи ба 25% ҷамъи маҳсулоти дохилӣ расиданаш ба таъсиррасонӣ сар карда таъсири он ба ҷониби ҳавасмандкунӣ ё лонеашавӣ буда метавонад.

Ченаки дигари кушодагии иқтисодиёт коэффитсиенти чандирии гардиши савдои беруна (нисбати МУД) аст. Коэффитсиенти чандирии талабот ба воридот оиди даромад гувоҳӣ медиҳад, ки воридот аснои зиёдшавии МУД то ба 1% то чӣ андоза афзун мегардад. Коэффитсиенти чандирии талабот ба содирот вобастагии байни суръати афзоиши маҳсулоти содиротии ҳамин мамлакат ва МУД давлати ҳамин маҳсулот воридкунандаро нишон медиҳад. Маълум аст, ки чи қадар содирот ба афзоиши фаъолнокии иқтисодиёт дар ҷаҳон ҷавоб диҳад, ин барои иқтисодиёти мамлакати содиротчӣ ҳамон қадар беҳтар аст. Коэффитсиенти чандирии содирот ё воридоти аз як воҳид зиёд буда аз зиёдшавии симои кушодагии иқтисодиёт, коэффициенти аз як кам буда аз камшавии он шабоҳат медиҳад.

Кушодагии иқтисодиёт ба таъсири иштироки мамлакат дар тақсимоти байналхалқии меҳнат, ба ташкилёбии таркиби истеҳсолоти он вобастагӣ дорад. Дар хоҷагии симои кам ё беш сарбаста таркиби истеҳсолот ба мавҷудиёти захираҳои мамлакат ва ба сохти талаботи дохилӣ вобаста аст. Барои иқтисодиёти кушода чунин ҳолат хос аст, ки тақсимоти байналхалқии меҳнат ва қабули қарорҳои ба ташкилёбии сохтори дохилии истеҳсолот тааллуқдошта таъсир мерасонад.

Дар адабиёти иқтисодӣ нишондиҳандаҳои дигари кушодагии иқтисодиётро воҳӯрдан мумкин аст. Ин нишондиҳандаҳо квотаи содиротӣ, ҳаҷми содирот ба ҳар сари аҳолӣ, ҳиссаи мамлакат дар содироти ҷаҳонӣ мебошанд.

Квотаи содиротӣ нисбат ба арзиши (нархи) содироти мамлакат ба ҷамъи маҳсулоти дохилии он ҳисоб шуда, ҳаҷми содирот ба ҳар сари аҳолӣ аз таносуби арзиши содирот нисбат ба шумораи аҳолӣ иборат аст. Ҳиссаи ҳар кадом мамлакатро дар содироти ҷаҳонӣ муайян мекунанд.

Барои ҳисобкунии нишондиҳандаҳои иқтисоди озоди мамлакат беш аз даҳ ҷиҳатро дида мебароянд: сиёсати савдо, андоз, дахолати ҳукумат, сиёсати қарзӣ-пулӣ, селаи сармоя ва маблағгузории хориҷӣ, сиёсати бонкӣ, назорат аз болои музди кор, назорат аз болои нарх, ҳуқуқи моликиятдорӣ ва танзиму фаъолияти «бозори пинҳонӣ». Ба ҳар кадоми ин даҳ категория беш аз 50 ченакро истифода мебаранд, то ки оиди дараҷаи иқтисоди озоди ҳар кадом мамлакат тасаввуроти пурра ҳосил гардад. Индекси ҳамин усул ҳисоб карда шуда бо боварии зиёд нишон медиҳад, ки мамлакати дорои дараҷаи аз ҳама баланди



озодии иқтисодӣ доштаро дараҷаи болои зиндагӣ хос аст. Қатъи назар аз он, ки ин индекс озодии сиёсии мамлакатҳоро нишон намедиҳад, байни он ва озодии иқтисодӣ алоқа мавҷуд аст. Вайронкуниҳои ҷиддии ҳуқуқи инсон дар ҷаҳон (аснои ҳисобкунӣ) дар охири индекси озодии иқтисодӣ ҷойгир шудаанд, ки он ба Ироқу Кореяи Шимолӣ хос аст.

Швейтсария дар Аврупо мамлакати аз ҳама озоди иқтисодӣ дониста шудааcту баъди вай Англия, Голландия, Чехия, Дания, Эстония.

Дар Амрикои Лотинӣ давлати Чилӣ, дар Осиё, Сингапур, Зеландияи Нав, Тайван, Филиппинро аз нигоҳи иқтисодӣ дараҷаи баланди озодӣ дошта дониста шудаанд. Ноҳияҳои ҷануб аз Саҳараи Африқо минтақаи аз ҳама ноозоди иқтисодӣ буда, тамоми 38 мамлакати ин минтақа ба ҳамин гурӯҳ дохил карда шудаанд.

Озодии иқтисодӣ воситаи асосии нашъунамои мамлакат

Аломати хеле муҳими ба зерсистемаҳо ҷудокунии хоҷагии ҷаҳон ҳаҷми иқтидори иқтисодии онҳо мебошад, ки он на фақат дараҷаи тараққиёт, балки ба миқёси қувваҳои истеҳсолкунанда, шумораи аҳолӣ, масоҳати қаламрав, тақсими захираҳои табиӣ низ вобаста аст. Бинобар он, чунин мамлакатҳо, мисли Чин, Ҳиндустонро баъзе тадқиқотчиён ба зерсистемаҳои алоҳида ҷудо кардаанд.

Дар асоси гуногунии ченакҳо дар хоҷагии ҷаҳон зерсистемаҳои муайянро ҷудо кардаанд. Зерсистемаҳои аз ҳама калон ё метасистемаҳо се гурӯҳи иқтисоди миллӣ ҳисобида шудаанд:

- мамлакатҳои тараққикарда;
- мамлакатҳои ба иқтисодиёти бозорӣ гузаранда (собиқ сотсиалистӣ ё мамлакатҳои банақшагирии марказонидашудаи иқтисодиёт);
- мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ.

Мувофиқан ба ченакҳои номбаршуда ин метасистемаҳо ба қатор зерсистемаҳо тақсим карда шудаанд.

Он чизро қайд намудан ҷоиз аст, ки нашриёти ташкилотҳои байналхалқӣ ин ченакҳоро ба ҳисоб нагирифта, ҳукуматҳои расмии бо ин ё он гурӯҳи мамлакатҳо мансуб будаpо қабул кардаанд. Масалан, омори Созмони Милалли Муттаҳид

(СММ) Чин, Ҷумҳурии халқӣ-демократии Корея, Куба, инчунин мамлакатҳои ба дараҷаи баланди тараққиёт ноил шудаи дорои сохтори иҷтимоии яхкелаи хоҷагӣ дошта – Бразилия ва дигаронро ба гурӯҳи мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ мансуб донистаанд. Тадқиқотчиёни Бонки Ҷаҳонӣ дараҷаи МУД-ро ба ҳар сари аҳолӣ ченаки асосии ба зерсистемаҳо ҷудокунӣ ҳисобидаанд. Дар нашрияҳои Бонки Ҷаҳонӣ мамлакатҳои сотсиалистӣ ба гурӯҳи мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ мансуб дониста шудаанд.

Баъд аз ҷанги 2-юми ҷаҳон ду зерсистемаи хоҷагии ҷаҳонро аз ҳамдигар фарқ мекарданд – хоҷагии ҷаҳонии сотсиалистӣ ва хоҷагии ҷаҳонии капиталистӣ, ки дар дохили ин гурӯҳҳои мамлакатҳои тараққикарда ва рӯ ба тараққӣ мавҷуд буданд. Ҳоло, баъди вайроншавии системаи хоҷагии ҷаҳонии сотсиалистӣ (баъди соли 1991) дар хоҷагии ҷаҳон тақсимот ба мамлакатҳои тараққикарда ва рӯ ба тараққӣ хос аст. Гурӯҳе аз мутахассисон ақида доранд, ки мамлакатҳои собиқ сотсиалистӣ, баробари гузаштанашон ба иқтисодиёти бозорӣ ва дохилшавӣ ба хоҷагии ҷаҳон, дар ҷодаи фаъолияти иқтисодӣ тадриҷан ба гурӯҳи мамлакатҳои тараққикарда ё рӯ ба тараққӣ якҷоя мешаванд. Гурӯҳи дигари мутахассисон мамлакатҳои собиқ сотсиалистиро ба зерсистемаи мустақили ба иқтисодиёти бозори гузаранда ҷудо кардаанд. Хоҷагии ҷаҳон, ба тақсимоти байналхалқии меҳнат асос намуда, қариб 200 мамлакатро дар бар гирифтааст.

Дар замони собиқ Иттиҳоди Шуравӣ аз рӯи анъана ду шакли муносибатҳои иқтисодии байналхалқиро васф менамуданд – капиталистӣ ва сотсиалистӣ.

Ба системаи хоҷагии ҷаҳонии капиталистӣ (шакли якум) чунин тавсифот дода мешуд:

1. Аломати муҳими системаи хоҷагии ҷаҳонии капиталистӣ муносибати истисмор мебошад, ки он дар байни буржуазияи мамлакатҳои тараққикарда ва мамлакатҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ қафомонда вуҷуд дорад.
2. Аломати муҳими системаи хоҷагии ҷаҳонии капиталистӣ муносибати рақобат ва мубориза байни капиталистони мамлакатҳои гуногун, инчунин байни мамлакатҳои империалистӣ буд, ки он дар муборизаи сахти рақобатӣ дар бозори ҷаҳонии мол ва мубориза



бахри сарчашмаҳои ашёи хом ва соҳаи сармоягузорӣ зоҳир мегардид. Дар давраи империализм мубориза байни капиталистони мамлакатҳои гуногун бахри бозори ҷаҳонӣ ба мубориза бахри тақсимкунии ҷаҳон, мустамликакунӣ якҷоя мегузарад.
3. Барои системаи хоҷагии ҷаҳонии капиталистӣ набудани банақшагирӣ, симои даврагии тараққиёт ба воситаи ивазшавии болоравиҳои саноати бо бӯҳронҳои иқтисодии ҷаҳонӣ хос аст.

Шакли дуюм, бо ном «Шакли нави хоҷагии ҷаҳонӣ», яъне системаи хоҷагии ҷаҳонии сотсиалистӣ тавассути дигаргуниҳои соли 1917 дар Россия ба амаломада ва баъдтар дар як қатор давлатҳо рух дода ва дар асоси онҳо пайдо шудани блоки иҷтимоӣ-иқтисодӣ – системаи хоҷагии ҷаҳонии сотсиалистӣ пайдо шудааст. Мувофиқан иқтисодиёти ҷаҳон ба ду бахши ҷудогона – сотсиалистию капиталистӣ – ҷудо гардид. Зиддият байни ин ду бахш чуқур гардиду ҳар кадомаш аз рӯи қонуниятҳои ба худ хос тараққӣ мекард. Он чӣ ки пеш иқтисодиёти ҷаҳон ном дошт, хоҷагии умумиҷаҳонӣ номида шуд. Баъзан оиди ин ду маънидодкунӣ сухан мегуфтанд. Яке васеъю дигаре маҳдуд. Маънои васеъ – ҳамтои пешинаи иқтисодиёти ҷаҳон ҳамчун ҷамъи иқтисодиётҳои миллӣ. Маънои маҳдуд – хоҷагии умумиҷаҳонӣ ё иқтисодиёти ҷаҳон, ки дар ин ҳолат фақат алоқаҳои иқтисодии байналхалқиро меномиданд, ки онҳо ду лагери антагонистии иҷтимоӣ-иқтисодиро якҷоя мекарданд. Мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ, мувофиқи ҳуҷҷатҳои ҳизбӣ, на ба лагери капиталистӣ дохил буданду на ба лагери сотсиалистӣ. Онҳо дар ҳолати гузариш буданд. Ин албатта туғёни идеологӣ буд.

Аксар тадқиқотчиён онро эътироф кардаанд, ки хоҷагии ҷаҳон 100 сол қабл аз ин пурра ба шакл даромадааст. Ҳама ҳолати боиси ташкилёбии хоҷагии умумиҷаҳонӣ гардида аз савдои байналхалқӣ оғоз ёфтааст, ки он дар ҳаракати молу хизмат дар байни мамлакатҳо ифода мегардид. Ба мамлакат воридшавии молу хизмат *воридот* ва аз мамлакат баровардани онҳо *содирот* номида шудаанд.

Савдои байналхалқӣ аз ҷамъи савдои берунаи тамоми мамлакатҳои ҷаҳон иборат аст ва таърихи хеле қадима дорад. Мардуми аввалин давлати ҷаҳонӣ (Миср) ҳанӯз 5 ҳазор сол қабл аз ин ба қабилаҳои ҳамсояи худ савдо мекарданд. Масолеҳи



...лечы тиҷорат
Библиотека
№ 10570

савдои онҳо маҳсули ҳунармандиашон ва зироатчигиашон буду ба ивазаш аз дигарон чуб, металл, ҳайвонот мегирифтанд.

Ба савдои байналхалқӣ савдои хизмат низ илова гардид. Маълумотҳо нишон медиҳанд, ки савдогарони финникӣ ва юнонӣ на танҳо дар тамоми гирду атрофи баҳри Миёназамин савдо мекарданд, балки хизматрасонӣ ҳам мекарданд, яъне бори мардуми бегонаро аз як ҷой ба ҷои дигар мекашониданд. Минтақаҳои баҳри Миёназамин ва баҳри Сиёҳ якҷоя бо мамлакатҳои наздикашон (Осиёи Ғарбӣ) марказе буданд, ки дар он ҷойҳо дар замони қадим ядрои хоҷагии ҷаҳон пайдо шудааст. Ба ин тадриҷан хоҷагиҳои минтақаҳои дигар ҳамроҳ шуданд – аввал ҷануби Осиё, баъдтар ҷанубу шарқӣ ва шарқи Осиё, Руссия, Амрико, Австралия, Океания ва дар охир ноҳияҳои тропикии Африқо ва Шарқи Осиё.

Дар барқароршавии савдои ҷаҳонии молу хизмат паҳншавии муносибатҳои бозории замони нав, нақлиёт ва ғайраҳо ҳиссаи калон гузоштанд.

Савдогарони бойшудаи Аврупоӣ бо шоҳони мамлакатҳои худ кӯшиш доштанд, ки бозори наву сарчашмаҳои нави сармояро ба даст оранд. Ҳирси ба дастории тилло, замини нав, молҳои паси укёнуси мавзӯи ташкили экспедитсияҳоро аз Аврупо баҳри ба дастории заминҳои наву роҳҳои савдоӣ серҳаракат гардонид. Экспедитсияи Христофор Колумб, Васко да Гама, Магелан, Ермак ҳудуди бозорҳои ҳамонвақтаро якчанд маротиба васеъ карда, ба он минтақаҳои бузургро ҳамроҳ намуданд. Алоқаҳои хоҷагӣ бо ин минтақаҳо, баъди оғози истеҳсоли фабрикии молҳои тайёр дар асри XIX, аввал дар Аврупои Ғарбӣ ва баъд дар Амрикои Шимолӣ, Ҷопон, Россия мустаҳкамтар шуданд. Инҳо бештар молҳои истеҳсолии арзону барои ҳама дастрас буданду барои бозорҳои дохилию беруна истеҳсол карда мешуданд. Ба фурӯши ин молҳо киштиҳо, роҳи оҳан, телеграф, ки дар ноҳияҳои аз ин пеш мушкилрас пайдо шуданд, мусоидат мекарданд.

Таввасути ҳамаи ин охири асри XIX бозори ҷаҳонии молу хизмат ташкил ёфт (ҷамъи бозорҳои миллии молу хизмат). Инҳо ҷамъи ҳамон молҳо ва хизматҳое буданд, ки дар бозори беруна хариду фурӯш карда мешуданд ва ба онҳо номи «молҳо ва хизматҳои савдоӣ» ниҳода буданду дигарҳоро «молу хизматҳои савдонашаванда» меномиданд. Дар баробари ин як қатор



намудҳои хизмат - фрахтӣ, бонкӣ, биржавӣ низ савдо мешуданд.

Дар ҷаҳон ҳаракати қариб тамоми омилҳои истеҳсолот – сармоя, қувваи корӣ, қобилияти соҳибкорӣ, технология низ пурзӯр мегардид.

Ҷараёни захираҳои иқтисодӣ (омилҳои истеҳсолот) дар аввалҳо самти яктарафа доштанд: аз як гурӯҳи хурди мамлакатҳои тараққикарда ба тамоми мамлакатҳои сусттараққикарда. Сармояҳои англисӣ, франсузӣ, белгиявӣ, голландӣ ва олмонӣ қисми назарраси ғункунии сармоя дар Амрико, Россия буданд. Муҳоҷирон аз Аврупо фазои бузурги Амрикои Шимолӣ, Ҷануби Африқо, Австралия ва дигар минтақаҳои дунёро ба хизмати хоҷагӣ доданд. Соҳибкорони Ғарбӣ комёбиҳои илми замонавиро ба тамоми гӯшаҳои дунё бурда расониданд, ки онҳо асосан электрик, двигателҳои дарунсӯз, воситаҳои механикии ҳаракат буданд.

Баъдтар раванди ҷойдигаркунии захираҳои иқтисодӣ бештар мураккаб шуд. Ба таври дигар сармоя қобилияти соҳибкорӣ ва технологияи мамлакатҳои миёнатараққӣ на танҳо ворид, балки содир ҳам мекарданд. Дар содироти қувваи корӣ мамлакатҳои сусттараққикарда пурра ҳамроҳ шуданд. Ҳамин тариқ, ҳаракати омилҳои истеҳсолот симои дутарафаро пайдо намуд.

Иқтисодиётҳои миллӣ натанҳо иштирокчии бозори молу хизмати ҷаҳонӣ, балки омили ҳаракати захираҳои иқтисод, байни мамлакатҳо ва минтақаҳо гардиданд. Дар чунин шароит оиди мафҳуми васеътари хоҷагии ҷаҳонӣ, ки ҳаракати молу хизмат ва омилҳои истеҳсолотро дар бар мегирифт сухан рондан мумкин гардид. Хоҷагии ҷаҳонӣ дар ҳудуди асри XIX ва XX ташкил ёфт.

Ҳамин тариқ, иқтисодиёти ҷаҳон ё хоҷагии ҷаҳонӣ ҷамъи хоҷагиҳои миллӣ буда, доимо дар ҳолати динамикӣ, ҳаракат, дорои алоқаҳои байналхалқии афзоянда ва алоқаҳои тарафайн, намудҳои объективии бозорӣ итоаткунанда аст.

Пас, хоҷагии ҷаҳонии дар ҳудуди асри XIX ва XX ташкилёфтаро нисбати хоҷагии ҷаҳонии ҳозира чӣ гуна фарқияту монандиҳо буд?

Тафовути аввалин он аст, ки хоҷагии ҷаҳонии охири асри XIX ва аввали асри XX дараҷаи пасти камолоти иқтисодиро доро буду истеҳсоли маҳсулот нисбатан кам буд. Масалан, дар

ИМА МУД нисбати ба ҳозира 25 баробар камтар буд, ки ин ба дараҷаи зиндагӣ таъсир мерасонид. Соли 1897 дар ҳудуди ҳозираи Россия аз 70 млн. нафар аҳолӣ қисми зиёди он (70,4% синну сол аз 9 то 99 сола) бесавод буд, дарозумрӣ ба ҳисоби миёна 32 солро ташкил медод (ҳоло 65 сол). Истеҳсоли хӯрокаҳо низ кам буданд. Соли 1913 истеъмоли солонаи гӯшту маҳсулотҳои гӯштӣ ба ҳар сар аҳолӣ 29 кг. (соли 1997 – 50кг.), ширу маҳсулотҳои ширӣ (ба ҳисоби шир) 154кг. (соли 1997 – 229кг.), меваҳо – 11кг. (соли 1997 – 28кг.)-ро ташкил медод.

Фарқияти дигар дар он зоҳир мегардад, ки дар сохтори иқтисодиёти ҷаҳонии онвақта соҳаи кишоварзӣ афзалиятнок буда, соҳаҳои саноати сабуку хӯрокворӣ асосан ба корхонаҳои косибию майда такя мекарданд. Соҳаи хизматрасонӣ асосан аз савдо ва корҳои кирояи рӯзгорӣ иборат буд.

Хоҷагии ҷаҳон дар он замон аз рӯи дараҷаи иштироки хоҷагиҳои (иқтисодиётҳои) миллӣ дар хоҷагии ҷаҳонӣ ба иқтисодиёти ҷаҳонии имрӯза шабоҳат дошт. Агар аз рӯи иштироки ин ё он мамлакат дар бозори ҷаҳонӣ сухан равад, пас соли 1913 квотаи содиротии молҳо дар ИМА қариб 6%, дар Россия қариб 10%-ро ташкил медоданд. Ин нишондиҳанда дар соли 1997, муфовиқан, 8,5 ва 8,3% буданд. Вале дар он давра шумораи ширкатҳои фаромиллӣ ва ташкилотҳои байналхалқӣ хеле кам ва иттиҳодияҳои интегратсионӣ тамоман набуданд.

Ҳаёти хоҷагӣ дар дохили иқтисодиёти миллӣ ва дар тамоми хоҷагии ҷаҳон чун ҳозира либералӣ буд. Капитализми рақобати озод симои хароҷоти ками давлатӣ ва андози на он қадар баланди савдоӣ ва ҳаракати сармояву қувваи кориро доро буд.

Дар замони ҳозира мафҳуми нави "иқтисодиёти ҳозираи ҷаҳонӣ" пайдо шудааст. Вай барои тавсифи ҳодисаи нави дар қаъри "хоҷагии ҷаҳонии кӯҳна" пайдо шуда истифода бурда мешавад. Ҳодисаи нав дар зери таъсири анъанаҳои нав, мисли раванди иҷтимоикунонии ҷаҳонӣ, гуманикунонии истеҳсолоти ҷамъиятӣ ва истифодаи инқилобҳои илмӣ-техникии ҳозира ба вуҷуд меояд.

Фарқияти "иқтисодиёти ҳозираи ҷаҳонӣ" аз хоҷагии ҷаҳонии капиталистӣ дар гузариш ба тарзи нави истеҳсолоти ҷамъиятӣ – ҷамъияти постиндустриалӣ, ахбороти илмии як қатор мамлакатҳои тараққикарда, ки онҳо комёбиҳои илмӣ-техникии ҳозираро ба механизми бозории сатҳи иҷтимоӣ дошта



пайвастаанд, зоҳир мегарадад. Маҳз раванди иҷтимоикунонӣ эмили ҳалкунанда шуда, он боиси дигаргуниҳои чуқури хоҷагии ҷаҳон шуда монд, ки он боиси дигаргуншавии симои алоқаҳои иқтисодии беруна гардид. Ҳоло ҳолати барқароршавии қувваҳои истеҳсолкунандаи ҷаҳонӣ дар зери таъсири анъанаи такрористеҳсолшавии сармоя ва манфиатҳои гуманитарии саёравӣ ба амал омада истодааст.

## 1.4. Ташаккулёбии хоҷагии ҷаҳон

Тараққиёти қувваҳои истеҳсолкунанда ва системаи хоҷагиҳои миллӣ дар нимаи 2-юми асри XIX дар алоқаҳои тарафайни онҳо дигаргунихои куллӣ ба амал овард. Ташкили бозори ҷаҳонӣ боиси болоравии қуввахои истеҳсолкунанда, зиёдшавии ҷамъиятикунонии онҳо гардид. Тараққиёти бузурги қуввахои истеҳсолкунанда дар Ғарб бе байналмилаликунонии истеҳсолот, ки асоси онро истеҳсоли маҳсулот дар мамлакатҳои алоҳида ва тараққиёти мубодилаи иқтисодӣ бо мамлакатҳо ва қаламравҳои гуногун бо якҷояги ҳукмронии мустамликавию ниммусталикавӣ ва зӯран дохилкунии онҳо ба рафти такрористеҳсолкунии ҳамаро фарогиранда мегузашт, ташкил медод, ба амал омада наметавонист. Мустамликадорӣ яке аз шароитҳои бо роҳи зуроварӣ якҷоякунии иқтисодии ҷаҳон гардид.

Ишғолкуниҳои мустамликавӣ дар нимаи дуюми асри XIX ҳаҷми хеле бузург гирифт. То соли 1944 қаламравҳои мустамликавӣ аз 65 млн. км² зиёд буду аҳолии онҳо 523 млн. нафарро ташкил медод. Дар баробари давлатҳои калони мустамликадор – Англия, Франсия, Испания, Португалия, Нидерландҳо, давлатҳои Олмон, ИМА, Белгия, Ҷопон метрологияҳои калони мустамликадор гардиданд. Тамоми дунё аз нигоҳи қаламравӣ ва сиёсӣ байни як гурӯҳи хурди мамлакатҳо тақсим шуда буд. Шаклҳои муносибати сиёсӣ ва ҳуқуқӣ – аз нигоҳдории кам ё беш истиқлолияти давлатии пурраи мамлакати истисморшаванда то ба итоати пурраи сиёсӣ гуногун буданд. Дар баробари ин воситаҳо, усулҳои ҳархелаи тобеъкунӣ истифода бурда мешуданд.

Системаи мустамликадорӣ қафомонии мустамликаҳо ва мамлакатҳои тобеъро нигоҳ дошта, онҳоро ба қафомонӣ маҳкум менамуд. Асрҳои XVI ва XVIII то табадуллоти саноатӣ сиёсати мустамликадорӣ боиси ғораткунии захираҳои маҳаллӣ, қувваи корӣ гардида савдои нобаробар ба мустамликаҳо симои

комилан истеъмолӣ дошт. Барои давраи якуми мустамликадорӣ қариб тамоман набудани ягон фаъолияти бунёдкории мустамликадорон хос буд. Ҳатто сохтмони ирригатсионӣ нигоҳ дошта намешуд. Хоҷагии қишлоқ валангор мешуд. Гуруснагӣ ва марги миллионҳо одамон натиҷаи горатгариҳо буданд. Мувофиқи маълумотҳои ширкати бритонии Ост – Инд дар Банғола дар ибтидои солҳои 70-уми асри XVIII даҳ миллион одамон ё сеяки аҳолӣ аз гуруснагӣ фавтидааст.

Барқароркунии алоқаҳои иқтисодии доимӣ байни метрополия (мутамликадорон) ва мустамликаҳо боиси тағйирёбии шаклҳои ташкилии истисмори мустамликаҳо гардид. Сармояи саноатӣ тадриҷан ба барҳамдиҳаии афзалияти ширкатҳои пурзӯри савдоӣ ноил гардид. Мустамликаҳо дар зери итоати бевоситаи метрополияҳо буданд. Вале анъанаи соф меркантелистӣ то охири асри XIX бартарӣ дошт.

Баробари тараққии истеҳсолоти мошинӣ мустамликадорон мустамликаҳоро ба бозори фурӯши молҳои худ табдил медоданд. Масалан, содироти газворҳои пахтагини бритонӣ дар Ҳиндустон аз соли 1618 то соли 1835 65 баробар афзуд. Миёнаи асри XIX 1/4 ҳиссаи газвори содиршаванда ба он ҷо фиристода шуда буд. Молҳои саноатии арзони мамлакатҳои Ғарб истеҳсолоти ҳунармандии маҳаллиро хароб карданд. Масалан, Ҳиндустон – собиқ содиротчии газвори пахтагин, молҳои шишагӣ ва металлӣ ба воридкунандаи ин молҳо табдил ёфта, қисми зиёди содироти бритониро фуру мебурд. Мустамликадорон андозҳои дохилии ғоратгаронаро ба истеҳсолот фиристониданд ва савдои молҳои истеҳсолоти маҳаллиро то 15-17% ҷорӣ намуда, истеҳсолоти маҳаллиро маҳдуд карданд.

Мустамликадорон алоқаҳои органикии байни косибӣ ва кишоварзиро вайрон мекарданд. Вайронкунии истеҳсолоти косибӣ дар шаҳру деҳот бо якҷоягӣ ба зиёдкунии саноати мануфактурӣ намегузашту боиси афзоиши нуфуснокии аграрӣ ва мустаҳкамшавии муносибатҳои қабилавӣ мегардид.

Табадуллоти саноатӣ ва афзоиши тези индустрия дар нимкурраи Шимол мавқеи хоҷагии мустамликаҳоро тағйир доданд. Тараққиёти босуръати истеҳсолоти мошинӣ дар мамолики Ғарб ва қабл аз ҳама дар соҳаҳои захираталаб истифодаи доимо афзояндаи ашёи хомро тақозо менамуд. Ҳукмронӣ дар қаламравӣ муайян ба ширкатҳо имконият дод, ки



ашёи хомро ба нархи пасти монополӣ истеҳсол намуда, харида гиранд. Арзонии қувваи корӣ, истифодаи васеи методҳои то капиталистии истисмор даромади калонро таъмин намуданд.

Аз миёнаи асри XIX сар карда баровардани сармоя аз мамлакатҳои Аврупо миқёси калон гирифт. Аз нисф андак зиёди тамоми воситаҳои содиротӣ ба мамлакатҳои Шимол мерафт, аз ҷумла 24% ба Шимоли Амрико, қариб 50% ба мамлакатҳои Осиё, Амрикои Лотинӣ ва Африқо, Океания. Қисми зиёди ин воситаҳоро заёмҳои облигатсионӣ ташкил медоданду онҳо асосан ба тараққии соҳаҳои ёрирасон, қабл аз ҳама роҳи оҳан равона карда шуда буданд. Яке аз аломатҳои бозори сармоя дар ин давра афзалиятнокии заёмҳои давлатӣ буд.

Пурзӯршавии ҳаракати сармояро стандарти тиллоӣ, ки дар ин давра тасдиқ шуда буд, мусоидат намуд. Унсури асосии он ҳаракати озоди тилло ва давргардии асъори миллӣ бо тилло буд. Дар ин шароит сиёсати асъорӣ бахри маҳдудкунии иқтисодиёти миллӣ аз бесарусомониҳои дохилию берунӣ истифода бурда намешуд.

Сармояи дар мамлакатҳои мустамликавӣ ҷойгиршуда хусусияти худро дошт. Дар як қатор мавридҳо ҳаҷми сармоягузорӣ на аз ҳисоби сармоябарории мустамликавӣ, балки аз ҳисоби воситаҳои дар мустамликаҳо дар шакли қарзи давлатӣ равона карда шуда таъмин карда мешуд, ки вай бавоситаи хароҷоти маъмурии мустамликавӣ пайдо гардида буд. Чунин шакли содироти сармоя ба тараққиёти иқтисодӣ монеа мешуд. Фақат баъдтар дар таркиби қарз қисми истеҳсолотии ба сохтмони роҳҳо алоқаманд буда пайдо гардид.

Дар содироти сармояи соҳибкорӣ сармоягузории портфелӣ бартаринок буду ба ҳиссаи сармоягузории бевосита 1/3 ҳиссаи тамоми ҳаҷми сармоягузории хориҷӣ рост меомад. Ҷамъи ҳаҷми онҳо соли 1913 аз ҷамъи маҳсулоти ҷаҳонӣ 9% зиёд буд. Ҷараёни ҳаракати сармоягузории бевосита симои системанокӣ гирифт (баъди соли 1875). Тақрибан 55% маблағгузории бавосита ба мамлакатҳои имрӯзаи рӯ ба тараққӣ равона карда шуда буд, ки дар байни онҳо ҳиссаи Амрикои Лотинӣ баланд буд. Дар зерсистемаи индустриявӣ селаи қариб баробар ба Аврупо ва Амрикои Шимолӣ равона карда шудаанд.

Қисми зиёди (55%) маблағгузории бевосита ба соҳаҳои ашёи хом равона карда мешуду 20% ба роҳи оҳан, 10% ба савдо

ва шабакаи тақсимотӣ таалуқ дошт. Саноати коркардабарой мавқеи калон надошт ва (15%) сармояи ин соҳа дар Аврупо ва Амрикои Шимолӣ ҷамъ оварда шуда буд. Маблағгузориҳо дар саноати истихроҷи кӯҳӣ ва кишоварзӣ аҳамияти махсус доштанд, зеро ин давраро замони «асалӣ»-и хоҷагии плантатсионӣ номида буданд.

Содироти сармояи соҳибкорӣ боиси пайдоиши истеҳсолоти байналхалқӣ гардид. Муносибатҳои муомилоти байналхалқӣ бо соҳаи истеҳсолӣ пурра гардиданд, ки он ифодаи баромади байналмилаликунонӣ ба сифати давраи нави тараққиёт буд. Тавассути ин шикасти минбаъдаи ҷудогии иқтисодии мамлакатҳо, пурзӯршавии тақсимоти байналхалқии меҳнат дар дараҷаи соҳавӣ оғоз гардид.

Низоми мустамликадорӣ, содироти сармояи қарзӣ ва соҳибкорӣ мамлакатҳо ва қаламравҳои гуногунро дар хоҷагии ягонаи том муттаҳид намуданд. Дар ин низом мустамликаю ниммустамликаҳо ба қисмати иқтисодии мустамликадорон табдил ёфта буданд, ки ба он дар мустамликаҳо таъсис додани системаи махсуси иқтисодӣ мусоидат карда буд. Дар иқтисодиёти мустамликаҳо ҷорикунии тартиби капиталистӣ ба бозори дохилӣ то ба он дараҷа алоқаманд буд, ки коргарони шуғлдошта ба маҳсулоти бахшҳои анъанавӣ талабот доштанд. Вай дар иқтисодиёти мамлакатҳои истисморшуда аз бисёр ҷиҳат ҷинси бегона буд. Умуман ҳолати такрористеҳсолии мустамликаҳо давоми раванди такрористеҳсолии метрополияҳо буд.

Васеъшавии ҳаракати байналхалқии сармояи соҳибкорӣ бо пурзуршавии мубодилаи савдои якҷоя мегузашт. Ҳаҷми содироти ҷаҳонӣ аз соли 1840 то соли 1870 ва аз соли 1870 то соли1913 дар ҳар кадом давра 4 баробар зиёд шуд. Ҳиссаи он дар МУД-и мамлакатҳои ғарб то ба 12,9% (соли 1913) зиёд гардид (дар Аврупои Ғарбӣ 18%, ИМА 6,4%). Мубодилаи савдоӣ аз ҳама бештар дар мамлакатҳои револютсияи саноатиро дертар аз сар гузаронида суръатнок буд.

Бозорҳои асосии содиротии охири асри XIX ва аввали асри XX мамлакатҳои индустриявӣ буданд. Аврупо мавқеи ҳукмрон дошт (66,7% дар соли 1870). Соли 1913 ҳиссаи он то ба 62% содироти ҷаҳонӣ паст фаромад. Ҳиссаи мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ қариб 20% буд. Савдо дар мустамликаҳо дар иқтисодиёти мамлакатҳои тараққикарда мавқеи калон надошту



он фақат 15% содиротро ташкил медод. Дар содироти маҳсулотҳои маснуотӣ нақши мамлакатҳои ҳозираи рӯ ба тараққӣ нисбатан зиёд буд. Ин нишондиҳандаҳо дар ҳар мамлакат аз ҳам фарқ доштанд. Қариб 60% содироти худро Британия ба мамлакатҳои рӯ та тараққӣ равона мекард.

Дар сохтори молии савдои ҷаҳонӣ молҳои ашёи хомӣ бартарӣ доштанд (соли 1890 – 68%, соли 1913 – 62,5%). Сиёсати савдоӣ дар ибтидои асри XIX симои протексионистӣ дошт. Британия афзалиятнокии саноатиро, баъди ҷанги напалеонӣ, таъмин намуда, мубориза ро бахри савдои озод ва барҳамдиҳии он оғоз намуд. Камшавии монеаҳои савдоӣ дар Аврупои Ғарбӣ дар соли 1960, баъди бастани шартномаи савдоии англисӣ-фаронсавӣ, вақте ки дар чунин шартномаҳо низомномаи ба тартиботи миллӣ мусоидаткунандаро дохил карданд, оғоз ёфта буд. ИМА баъди ҷанги шаҳрвандӣ ба сиёсати ивазкунии содирот гузашт. Дараҷаи миёнаи тариф дар молҳои маснуотӣ дар солҳои 1866-1883 45%-ро ташкил дод. Солҳои 80-ум дар Аврупо тадриҷан пурзӯршавии чораҳои протексионалистӣ мушоҳида карда мешуд.

Сиёсати савдоӣ дар зерсистемаи индустриявӣ соли 1913 чун ҷазираи байни бахри протексионизм тавсиф карда мешуд. Дар мамлакатҳои рӯ ба тараққии ҳозира вазъият баракс буд. Кушодагии хоҷагии онҳо дар бисёр ҳолатҳо натиҷаи ҷорикунии мустамликавӣ буд, ки талаботи асосии онро таъминкунию дастрас будан ба тамоми молҳои мамлакатҳои мустамликавӣ ташкил медод. Дар мамлакатҳои тобеънабуда ҳанӯз дар нимаи аввали асри XIX «қоидаи 5%» ҷорӣ карда шуда буд ва он чунин маъно дошт, ки тарифҳо набояд аз 5% нархи мол боло бошанд.

Озодии савдо барои мамлакатҳои ғарб аксар бо ёрии ярок таъмин карда мешуд. Савдои озод дар Чин бо ёрии қувваи ҳарбӣ таъмин карда шуда буд (дар вақти ҷанги афюнии Британия соли 1839-1842) ва баъд Британия ва Фаронса солҳои 1856-1860. Савдогарони Британӣ соли 1767 ба Чин 1000-2000 халтағӣ афюнро (аз Бангола) мекашонданд. Ибтидои асри XIX бо вуҷуди манъи афюн ба Чин, ба он ҷо овардани афюн се баробар афзуд. Баъди он, ки қочоқро манъ карданд, ба муқобили Чин қувваи ҳарбиро ба кор бурданд. Аз ҳамон вақт сар карда «капитализми кокаинӣ» тараққӣ карду миқёси он ҳаҷми бузургро гирифт.

Охирҳои асри XIX афзоиши иқтисодӣ мушоҳида гардид. Болоравии пуртуғёни илму техника дар қувваҳои истеҳсолкунандаи мамлакатҳои ғарб дигаргуниҳои куллӣ ба вуҷуд овард. Қабл аз ҳама базаи энергетикии истеҳсолот тағйир ёфт, ки дар он газро энергияи барқӣ танг карда бароварда буд. Суръати афзоиши МУД ба ҳар сар аҳолӣ аз 0,1% солҳои 1830-1870 дар солҳои 1870-1913 то ба 1,4% расид.

Қувваи ҳаракатдиҳандаи болоравии иқтисодӣ истеҳсолоти саноатӣ буда ҳаҷми он дар солҳои 1870-1913 чор баробар зиёд шуд. Ибдитои асри XX саноати вазнин аз рӯи суръати афзоиш аз саноати сабук пеш гузашт. Агар соли 1850 таносуби саноати сабуку вазнин дар мамлакатҳои ғарб 4,7:1-ро ташкил дода бошанд, пас ин таносуб дар соли 1900 то ба 1,7:1 паст фаромад. Саноат, аз сабаби самти ашёи хомӣ доштани савдо, ба таври ночиз дар тақсимоти меҳнати дохили соҳавӣ иштирок дошт. Дар ин давра афзоиши иқтисодӣ асосан васеъшавии савдоро ба миён овард.

Тараққиёти хоҷагии ҷаҳон гуногунмавҷ буд. Дар мамлакатҳои ҷануб солҳои 1830-1870 истеҳсол ба ҳар сари аҳолӣ кам шуд. Ба қутбчудошавии фаъолияти саноатӣ зиёд гардид. Ҷануб деиндустриалӣ гардид. Солҳои 1860-1913 ҳиссаи мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ дар истеҳсолоти саноатӣ аз 1/3 ҳисса то ба камтар аз 10% паст фаромад. Соли 1913 МУД-и мамлакатҳои саноатӣ аз ҳаҷми истеҳсолоти мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ ду баробар беш ва ба ҳисоби ҳар сар аҳолӣ бошад – 3,5 баробар буд.

Маълумотҳои бавосита оиди афзоиши аҳолии шаҳр ба ин шоҳиданд. Дар байни асрҳои Миёнаю Давраи Нав дар Ҳиндустону Эрон ва Миср қариб 20% тамоми аҳолӣ дар шаҳрҳо истиқомат дошт. Ибтидои асри XX ҳиссаи аҳолии шаҳр дар Ҳиндустон қариб ду баробар – то 10,8, дар Миср – то 15% паст шуда, дар Эрон дараҷаи қаблина (21%) нигоҳ дошта шуд.

Сабаби асосии деурбанизатсия дар Шарқ вайрону пастшавии фаъолияти савдоӣ-саноатӣ дар зери таъсири воритоди молҳо буд. Ҳамсафи ҳатмии ингуна тағйиротҳо аграрикунонии аҳолӣ, гузаштани қисми истеҳсолкунандагони майда ба кори парвариши растаниҳои содиротӣ буданд. Ба тақсимоти байналхалқии меҳнат дохилшавон, мамлакатҳои тобеъ аз шакли олӣ ва соҳаҳои анъанавӣ (фаъолияти мануфактурӣ-косибӣ) маҳрум гардида, ба сатҳи пасти аграрӣ-



ашёи хомӣ ҳамроҳ гардиданд. Сабаби ҳалкунандаи ин қафомонӣ мавқеи мустамликавӣ - тобеии онҳо буд, ки онҳоро аз имконияти қабули чораҳои танзими ҳифзи бозори худ ва тараққии саноати вазнин маҳрум месохт. Инро тараққиёти иқтисодии Ҳиндустон тасдиқ менамояд.

Маълумотҳо оиди сохтори иқтисодии Ҳиндустон баъди ҷанги наполеонӣ ва то охири солҳои 50 асри XIX аз мамлакати саноати коркардабаройӣ ба мамлакати содиркунандаи ашёи хом табдилёбии онро нишон медиҳад.

Ҷадвали 1.1

**Сохтори молии содиротии Ҳиндустон дар солҳои 1814-1857**

| Солҳо | Пилла | Пахта | Нашъа | Қанд | Индиго | Газворҳои пахтагин |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1814 | 13,3 | 8,0 | - | 3,0 | 20,0 | 14,3 |
| 1857 | 2,9 | 15,6 | 32,7 | 4,3 | 6,0 | 2,9 |

Дар охири асри XVIII дар Ҳиндустон содироти нашъа (афюн) ва пахта афзалияти якуминдараҷаро пайдо намуданд. Ҷанги шаҳрвандӣ дар ИМА селаи пахтаи амрикоиро ба Англия пушонид. Охири соли 1860 Ҳиндустон 42 фоизи тамоми воридоти пахтаи Англияро медод. Агар тағйирёбии тараққиёти савдои беруна ва истеҳсолоти соли 1860-1885 0,55% афзоиши миёнаи солонаи МУД-ро ташкил дода бошад, пас солҳои 1870-1900 динамикаи афзоиши иқтисодӣ алакай манфӣ буд. Дар ин вақт тақсимоти меҳнати мустамликавии ташкилёфта беҳаракат шуда буд.

Ба воситаҳои сиёсӣ такя карда, кӯшишҳои аз вазъияти ашёи хомӣ-аграрӣ халос шуданро мустамликаҳо ҳамчун вайроншавии амалии қувваҳои бозорӣ ва асоси хароҷоти муқоисавии истеҳсолот донистанд. Рақобати номаҳдуди молҳои хориҷӣ ва сармояи хориҷии бо дараҷаи баланди ғункуни аноқаманд буда, ҷамъкунӣ ва марказонидани сармоя дар мамлакатҳои ғарб ба бисёр истеҳсолотҳои анъанавӣ таъсири харобиовар расонида дар роҳи пайдоиши сармояи саноатӣ монеаи баланди сармояи хориҷиро пайдо намуд. Ин боиси дигаргуншавии таркиби сармоя гардида, гипертрофоизи (азҳад зиёд шудани) сармояи компрадорӣ, савдоӣ-судхурӣ ва ҷалобиро ба миён овард.

Даҳсолаҳои охири асри XIX чараёни ташкилёбии хоҷагии ҷаҳон ба охир мерасид. Дар ин давра тақсимоти каламравии ҷаҳон байн давлатҳои империалистӣ ба охир расид. Муомилоти байналхалқӣ, содироти сармояи соҳибкорӣ симои умумиҷаҳонӣ гирифт, хоҷагии ҷаҳонӣ ташкил ёфт.

Системаи ташкилёфтаи хоҷагии ҷаҳон аз мамлакатҳои тараққикарда ва массаи бузурги мамлакатҳои аграрӣ-ашёи хомии мустамликавию тобеъ иборат буд. Қонуниятҳои тараққии мамлакатҳои ғарб ҳадафи асосии ҷамъи муносибатҳои ҷаҳонӣ – хоҷагӣ, назби тараққиёти иқтисодиро муайян менамуданд. Онҳо мавқеи монополиро ишғол намуданд. Хоҷагии ҷаҳонӣ системаи фарққунанда ва байналмилаликардашударо дошт.

### 1.5. Ба давраҳо ҷудокунии хоҷагии ҷаҳон

Инкишофи хоҷагии ҷаҳон ва ба он дохилшавии хоҷагиҳои миллиро олимон Акопова Е.С., Воронкова О.Н. ва Гаврилко Н.Н.[1] ба чунин давраҳо ҷудо кардаанд:

I. Ташкилёбӣ ва гул-гул шукуфии империяи Рим, ки дар он замон иқтисодиёти ҷаҳони том дар асоси тараққиёти савдоии байни мамлакатҳои муайян ба ташкилёбӣ сар карда буд.

II. Марҳилаи кашфиётҳои Бузурги Ҷуғрофӣ, боиси тараққиёти савдои байналхалқӣ гардиданд. Хоҷагии ҷаҳонии ин давра маҳдуд ва соҳаи сармоягузории тоҷирӣ буд.

III. Ба охири асриXIX ва аввали асри XX тааллуқ дораду аломатҳои хоси он ба давраи империализм сабзида расидани капитализм, афзоиши муҳоҷирати қувваи корӣ ва сармоя, тараққии алоқаҳои истеҳсолии байналхалқӣ мебошанд.

IV. Аввали асри XX ва солҳои 30-юм. Аз алоқаҳои хоҷагии ҷаҳонӣ берун шавии Россия ва Муғулистон, ноустувории умумии алоқаҳои иқтисодӣ, пайдоиши ду шакли хоҷагии ҷаҳонӣ (капиталистӣ ва сотсиалистӣ) аломатҳои асосии ин давраанд.

V. Миёнаҳои асри XX, ташкилёбии хоҷагии ҷаҳонии сотсиалистӣ, азнавташкилёбӣ дар хоҷагии умумиҷаҳонӣ.

VI. Пароканда шавии системаи мустамликадорӣ (ибтидои солҳои 60-ум), пайдоиши гурӯхи калони мамлакатҳои рӯ ба

¹ Акопова Е.С., Воронкова О.Н., Гаврилко Н.Н. **Мировая экономика и международные экономическия** отношения. - Ростов - на - Дону. «Фенокс». 2000 – 416 с.



тараққӣ ва ба алоқаҳои хоҷагии ҷаҳонӣ фаъолона воридшавии онҳо.

VII. Миёнаҳои солҳои 70-ум пастшавии нақши роҳбарикунандаи ИМА дар хоҷагии ҷаҳон, зиёдшавии рақобати байни се маркази тараққиёти иқтисодии ҷаҳон (ИМА, Аврупои Ғарбӣ, Ҷопон), пайдоиши мамлакатҳои нави индустриявӣ.

VIII. Ибтидои солҳои 90 – саршавии давраи нав дар тараққиёти хоҷагии ҷаҳонӣ, пароканда шавии системаи сотсиалистӣ, пайдоиши аломатҳои ягонаии хоҷагии ҷаҳон, пайдоиши хоҷагии ҷаҳонии глобалӣ, ки иқтисодиёти мамлакатҳои тараққикарда, рӯ ба тараққӣ ва ба иқтисодиёти бозорӣ гузарандаро дар бар мегирад.

IX. Ҳудуди асрҳои XX-XXI. Ин давраи тараққиёти хоҷагии ҷаҳон бо гузариш ба сохти нави истеҳсолоти ҷамъиятӣ - постиндустриалӣ, ҷамъияти ахборотӣ-илмӣ алоқаманд аст.

Давраи ҳозираи тараққиёт иқтисодиёти ҷаҳон, қабл аз ҳама, бо симои глобалӣ доштани алоқаҳои хоҷагӣ ва байналмиллаликунонидани иқтисод машҳур аст.

В.К. Ломакин² дар китоби дарсии таълиф кардааш давраҳои тараққиёти хоҷагии ҷаҳонро ба се қисм ҷудо намудааст.

1. Солҳои 20-30 асри XX, ки симои ин давра дар тараққиёти хоҷагии ҷаҳон ба амаломадани ҳодисаҳои бӯҳронӣ мебошаду ин ҳолатҳо дар ноустувории умумии алоқаҳои иқтисодӣ, дезинтегратсияи хоҷагии мамлакатҳои ғарб зоҳир гардидаанд. Ибтидои ин ҳолатро Ҷанги Якуми Ҷаҳонӣ бо инқилоб дар Россия гузоштаанд. Гузаронидани иқтисодиёти миллӣ бо роҳи ҷанг, нобудкунихои зиёди захираҳои истеҳсолию иҷтимоӣ дар рафти ҷангҳо, ғоратгариҳои иқтисодӣ дар заминҳои забт карда шуда боиси вайроншавии алоқаҳои қаблина гардиданд.

Солҳои 1913-1919 МУД фақат 1,1 баробар афзуд. Муҳосираи иқтисодии собиқ СССР ба барқароркунии алоқаҳои хоҷагӣ дар асосҳои пешина имконият надод. Соли 1919 дараҷаи истеҳсолот дар Олмон ба 55% соли 1913 баробар буд.

Бӯҳрони иқтисодии охири солҳои 20 ва аввали солҳои 30-юми асри гузашта бо пастшудани истеҳсолот дар мамлакатҳои мутараққӣ якҷоя мегузашт. Солҳои 1929-1932 ҷамъи маҳсулоти

² Ломакин В.К. **Мировая экономика** – М.: Финансы. 1999. - 727 с

ИМА 28%, истеҳсоли саноатӣ 44,7%, дар Фаронса – мувофиқан, 11 ва 25,6, дар Олмон – 15,8 ва 40,8%, дар Англия – 5,1 ва 11,4% кам шуданд.

Солҳои 20-30 асри XX суръати афзоиши маҳсулоти ҷаҳонӣ ба ҳисоби ҳар сар аҳолӣ барбари дараҷаи солҳои 1900-1913 (1,5-1,6 дар як сол) буд. Ин нишондиҳанда дар мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ тақрибан 0,2%-ро ташкил медиҳад. Тафовут дар дараҷаи тараққиёти мамлакатҳои ҷаҳони якум ва сеюм аз 4,2 баробар зиёд буд.

Дар даҳсолаҳои байниҷангӣ зиёд будани пешниҳодоти ашёи хоми кишоварзию минералӣ, ки онро вазъи талабот ба миён оварда буд, мушоҳида гардид. Истеҳсолгарони ашёи хоми кишоварзию минералӣ даромади кам гирифта, имкониятҳои бадастории маҳсулоти саноатӣ ва маблағгузорӣ барояшон маҳдуд гардид.

Дар ҳамин давра суръати содироти ҷаҳонӣ паст шуд. Бӯҳрони иқтисодӣ анъанаи пурзӯри автаркия (такя ба захираю воситаҳои худ)-ро ба миён овард, ки ин боиси камшавии содироти молҳо дар хоҷагии ҷаҳон, пурзӯршавии аҳамияти соҳаҳои миллии истеҳсолот ва фурӯш гардид. Квотаи (ҳиссаи) содиротии мамлакатҳои пешсаф дар МУД-ашон дар солҳои 30 нисбат ба солҳои 20 1,5-2 баробар кам буд. Соли 1938 ҳиссаи содироти мамлакатҳои тараққикарда дар МУД то 3,8% паст фаромад. Дар ин давра Англия, ИМА ва мамлакатҳои минтақаи фунт стерлинг аз стандарти тиллоӣ даст кашида, дигарон онро нигоҳ доштанд, сеюминҳо назорати асъориро истифода намуда, шартномаҳои дутарафаи ҳисоботӣ бастанд. Тавассути ин савдои беруна нисбат ба истеҳсолот тезтар кам мешуд. Анъанаи ҷудогӣ то миёнаи солҳои 40 асри XX давом намуд.

2. Баъди ҷанги 2-юм ҷаҳон дар сохтори ичтимоии хоҷагӣ шикасти нав ба амал омад, ки он ба пайдоиши хоҷагии ҷаҳони сотсиалистии дар асоси дигари иҷтимоӣ-иқтисодӣ тараққикунандаю давлатикардашудаи саноат, соҳаи хизмат, коллективонии хоҷагии қишлоқ, системаи марказонидашудаи идоракунӣ дар доираи хоҷагиҳои миллӣ алоқаманд буд. Мутобиқкунии муносибатҳои иқтисодии берунаи ба муносибатҳои синфӣ асоскунанда соҳаи пеш аз ин ягонаи хоҷагии умумиҷаҳониро танг намуду вале бозори ҷаҳониро вайрон накард.



Бо тамоми ҷудокуниҳои хоҷагии ҷаҳони сотсиалистӣ ниргоҳ накарда талаботи иқтисодии мамлакатҳои сотсиалистию капиталистӣ нигоҳдории муносибатҳои иқтисодии берунаро, ки мазмуни моддӣ-техникӣ доштанд, таъмин намуданд. Симои муносибатҳои тарафайн мураккабу зиддиятнок буд. Алоқаҳои хоҷагии байни давлатҳои низоми ҷамъияташон гуногун бо зиддият ва мусобиқа якҷоя буду мусобиқа афзалият дошт. Мамлакатҳои сотсиалистӣ дар мубодилаи савдои ҷаҳонӣ мавқеи назаррас доштанд. Соли 1960 ба ҳиссаи онҳо11,7% содироти ҷаҳонӣ рост меомад, ки ин нисбат ба соли 1950 3,6% зиёдтар буд.

Давраи 2-юми тараққиёти хоҷагии ҷаҳон дар шароити афзоиши интенсивонаи баровардани сармояи соҳибкорӣ дар иқтисодиёти ҷаҳони капиталистӣ ба амал меомад. Дар ин муддат афзоиши истеҳсолоти хориҷа дар тарафҳои иҷтимоӣ-иқтисодии хоҷагии ҷаҳон таъсири асоси расонид. Дар алоқаҳои истеҳсолӣ қувваи асосӣ ширкатҳои фаромиллӣ (ШФМ) буданду онҳо ҳаракатдиҳандагони тақсимоти фардии меҳнат ба ҳисоб мерафтанд. Онҳо комплескҳои истеҳсолии байналмилалиро ба вуҷуд оварданду ин комплексҳо истеҳсоли маҳсулот, фурӯши он, ҳисобу китоб ва қарздиҳиро дар бар мегирифтанд.

Дар шароити танзимшавии минбаъдаи қаламравҳои хоҷагӣ, зиддияти ду системаи ҷамъиятӣ пурзӯршавии бо ҳам алоқамандии байни мамлакатҳои ғайри сотсиалистӣ ба амал омад. Амрико дар солҳои Ҷанги дуюми ҷаҳон аз ҷиҳати иктидори иқтисодӣ пурқувватшуда, ба азнавпайдошавии иқтисодиёти солими Аврупои Ғарбӣ ёрӣ мерасонид. Баъди ба анҷомрасии нақшаи Маршал (соли 1951) баробари пароканда шавии низоми мусталмикадорӣ барномаҳои ёрирасонӣ ба манфиати мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ дигар карда шуданд, ки ҳадафи онҳо дар системаи муносибатҳои тарафайн бо мамлакатҳои ғарб нигоҳ доштани мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ буд.

Барҳамдиҳии низоми мустамликадорӣ дар миёнаҳои солҳои 60-уми асри XX дар саҳнаи ҳаёти байналхалқӣ гурӯҳи калони мамлакатҳои рӯ ба тараққиро даъват намуд, ки онҳо то имрӯз дар хоҷагии ҷаҳонӣ мавқеи махсус доранд. Масъалаҳои гезутунди дохилииқтисодии мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ, қафомонии иқтисодии онҳо, хатари кандашавии алоқаҳои хоҷагии ташкилёфтаи байни собиқ мустамликаҳо ва

метрополияҳо омили ҳалкунандаи нигоҳдорию тараққидодани муносибатҳои «Шимол - Ҷануб» гардиданд. Ин ба воситаи ба мамлакатҳои озодшуда баровардани сармояи соҳибкорӣ ва ба амал барории барномаҳои ёрӣ дар асосҳои дутарафаю бисёртарафа гузаронида мешуд.

Солҳои 50-60 асри XX дараҷаи тараққиёти ИМА ва дигар мамлакатҳои тараққикарда бо ҳам наздиктар шуданд. Соли 1955 МУД шаш мамлакати пешсаф (баъди ИМА) 74% МУД-и ИМА, соли 1970 – 114%-ро ташкил доданд. Вале ҳар кадоми мамлакати алоҳида барои бештар наздикшавӣ ба дараҷаи тараққиёти иқтисодии ИМА қодир набуданд. Дар баробари ин бартарии умумиҷаҳонии иқтисодии ИМА ва тавлидшавии системаи бисёрқутба боис мегардид.

Бӯҳрони солҳои 70-80-уми асри XX дар хоҷагии ҷаҳон аз анъанаҳои автаркия озод буд (баракси солҳои 20-30). Солҳои 60-ум ва нимаи аввали солҳои 80-ум квотаи (ҳиссаи) содироти ҷаҳони тараққикарда на танҳо кам нашуд, балки аз 11 то 21%, ҳиссаи мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ аз 18 то 26% зиёд гардиданд.

3. Даҳсолаи охири асри XX-ро ибтидои давраи нави тараққиёти хоҷагии ҷаҳон номидаанд. Нисбат ба пештара дараҷаи ташаккулёбии қувваҳои истеҳсолии байналмиллалӣ ва дар баъзе ҳолатҳо сайёравӣ афзуда бо ҳам таъсиррасониҳои иқтисодӣ ва бо ҳам вобастагиҳо пурзӯр шуданд. Дар мамлакатҳои Аврупои Шарқӣ раванди ба давлатҳои ғарб қаринии сохторҳои иқтисодию сиёсӣ ташаккул ёфтааст. Сохтори иҷтимоии ин мамлакатҳо ва собиқ Иттиҳоди Шуравӣ дигаргун шуда, мутобиқшавии ин ба сохтори дар ғарб мавҷуд буда ба амал омадааст. Дохилшавии хоҷагии ҷаҳон ба фазои нави тараққиёт фаъолшавии ҳамкориҳои байни мамлакатҳоро ба амал оварда, пурзӯршавии ягонагии сохтори иқтисодию сиёсии онҳоро таъмин менамояд.

### 1.6. Аломатҳо ва анъанаҳои тараққиёти хоҷагии ҷаҳон

Аломатҳои хоси хоҷагии ҷаҳон дар замони ҳозира нигоҳдории суръати муътадили афзоиши иқтисодӣ, зиёдшавии нақши омилҳои беруна дар тараққиёти хоҷагӣ, умумикунонии бозорҳои молиявӣ, пурзӯршавии боҳамвобастагии иқтисодиётҳои миллӣ, деиндустриализатсия ва афзоиши соҳаи хизмат, тараққиёти ҷараёни ҳамгироии минтақавӣ мебошанд. Чун пештара диққати асосӣ ба пурзӯркунии ташаббуси хусусӣ



озодкунии ҷараёнҳои фаъолияти дохилӣ ва берунии иқтисодӣ дода мешавад. Усулҳои ҳамкории байнидавлатӣ оиди барҳарафкунии бӯҳронҳо тадриҷан муътадил мегарданд. Баландшавии диққат ба соҳаи иҷтимоӣ, аз ҷумла ба маориф ва тандурустӣ мушоҳида карда мешавад. Болоравии тулонии иқтисодӣ дар ИМА ва тадриҷан беҳтаршавии конъюнктура дар Аврупо бо мушкилиҳои молиявӣ дар ҷаҳон ва мамлакатҳои ба ном «иқтисодиётҳои гузаранда» мухолифон доштанд. Суръати баланди афзоиш нисбат ба дараҷаи муайяну зиёди нишондиҳандаҳои солҳои 80 дар мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ низ мушоҳида карда шуд. Соли 1997 шумораи мамлакатҳое, ки МУД-ашон ба ҳар сар аҳолӣ мунтазам зиёд мешавад, то ба 123 расид.

Анъанаи васеъшавиҳои суръатноки савдои байналхалқӣ нигоҳ дошта мешавад: тули солҳои 1993-2000 ҳар сол ба ҳисоби миёна афзоиши содирот дар Канада ба 11%, Италия 9%, ИМА 7%, Англия 6%-ро ташкил дод. Ғасби содиротӣ аз ҷониби «мамлакатҳои нави индустриявӣ», инчунин Ҳиндустон, Чин, Бразилия, Аргентина пурзӯр мегардид. Ҳиссаи содироти ҷаҳонӣ доимо афзуда, он ба ҳисоби миёна дар мамлакатҳои тараққикарда 27%, мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ 12% ва дар мамлакатҳои ба иқтисодиёти бозорӣ гузаранда 5,5%-ро ташкил дод. Дар мамлакатҳои алоҳидаи рӯ ба тараққӣ ҳиссаи содиротӣ аз ҳисоби миёна зиёд аст.

Вале нишондиҳандаҳои мазкур аз дараҷаи «кушодагии» иқтисодиёти мамлакати мушаххас, дараҷаи тараққиёту ба хоҷагии ҷаҳонӣ дохилшавии он дарак надода, шоҳиди самти афзоиш ҳам доштани содироти онро муайян мекунанд.

Анъанаи номусоид барои содироти молҳои тайёр мушоҳида карда мешавад. Аввали соли 1998 индекси миёнаи нархҳои ҷаҳонии молҳои тайёр аз дараҷаи соли 1980 445 зиёд шуданд, дар ин вақт нархи нафт 43%, нархи миёнаи ашёи хоми энергетикӣ – 11% паст шуданд. Анъанаи дарозмуддати пастшавии нархҳои ҳақиқии ашёи хом як чанд сабабҳоро дошт. Зиёдшавии самараи корҳои тадқиқотии геологӣ, истифодаи усулҳои нави тадқиқотӣ, ки самаранокии истифодаи захираҳои минералиро таъмин намуданд, аз қабили ҳамин сабабҳо буданд. Баландшавии ҳосилнокии меҳнат дар хоҷагии қишлоқ боиси зиёдшавии пешниҳод ва камшавии хароҷоти истеҳсолӣ гардид. Парокандашавии СССР дар солҳои 90, ки бо бӯҳрони саноати

мегузашт, истеъмоли дохилии ашёи хомро кам, ба бозори ҷаҳонӣ баровардани онро зиёд (бо нархи демпингӣ – аз нархи дохилӣ пасттар) намуд. Тавассути он бозори металлҳои сиёҳу ранга зарар дид.

Давраи ҳозираи байналмилаликунонии хоҷагии ҷаҳонӣ симои васеъшавии озодкунонии алоқаҳои иқтисодии беруна ва ҳисоботҳои байналхалқӣ ва истифодаи стандартҳои барои бисёр мамлакатҳо ягонаи технологӣ, ифлосшавии муҳити атроф, фаъолияти муассисаҳои молиявӣ, ҳисоботҳои бухгалтерӣ, омори миллӣ, маориф, маданият ва ғайраро дорад. Ба воситаи ташкилотҳои байналхалқӣ (ФВБ, ТУС) ченакҳои умумии сиёсати макроиқтисодӣ ҷорӣ карда шуда, якхелакунии талаботҳо ба сиёсати андозӣ, ба сиёсати соҳаи шуғли аҳолӣ ва ғайра ба амал омада истодааст.

Дар ҷараёни глобаликунонӣ ду анъана мушоҳида карда мешавад. Аз як тараф, дар иқтисодиёти ҷаҳон пурзӯршавии мавқеи ИМА, аз тарафи дигар марказонии иқтисодӣ ба шакл даромада истодаанд. Дар ИМА давраи нави бозсозии сохтори баландсуръат гузаронида шуда, ба маориф, илм, ахборот, технологияи оянда маблағи зиёд гузошта мешаванд. Тавассути ин вобастагӣ дигар мамлакатҳо аз ИМА ибрат мегиранд. ИМА дар самтҳои илмҳои асосӣ (фундаменталӣ) бартарӣ дорад. ИМА ҳамчун давлати ҷалбкунандаи илмҳои баргузида ба ҳисоб рафта, ширкатҳои амрикоӣ дар мамлакатҳои хориҷа тадқиқотҳо мебаранд ва барномаҳои ҳамкории илмӣ-техникии байналхалқӣ қабул карда мешаванд. ИМА стандартҳои худро дар тамоми соҳаҳо – аз қоидаҳои азхудкунии бозори молиявӣ сар карда то кинобизнесу иттилоот ба гардани дигарон бор мекунад.

Мувофиқи пурсишҳои гузаронидаи Форуми иқтисодии байналхалқӣ, ки дар он нишондиҳандаҳои 46 мамлакат баҳо дода шудаанд, ИМА дар солҳои 90-уми асри XX мамлакати аз ҳама рақобаттобовари дунё эътироф карда шудааст. Вале ба ИМА на харифони ӯ аз «Ҳафтгона», балки Сингапур, Гонконг ва мамлакатҳои хурди Аврупо наздик шуда истодаанд. Аз соли 1992 то соли 1997 Ҷопон дар ин пурсиш аз ҷои дуюм ба ҷои 9-ум фаромад. Германия аз 5 ба 14, Франсия аз 15 ба 19.

Дар тули 25 соли охир камшавии ҳиссаи шуғл дар саноати коркардабароии мамлакатҳои тараққикарда аз байн рафта истодааст. Чун анъана, сабаби асосии ин васеъ истифоданашавии технология дар як қатор соҳаҳои



меҳнатталаб ва масолеҳталаб дар хоҷагии ҷаҳон мебошад, ки дар ин соҳаҳо истеҳсолот нисбатан рақобаттобовар аст. Вале тадқиқотҳои ФБВ аз рӯи таҳлили маълумотҳои 26 мамлакат, ки дар онҳо ҳолати деиндустрияшавӣ дар вақту суръатҳои гуногун мегузашт, чунин маънидодкунии анъанавиро зери шубҳа мегузорад. Дар ИМА, масалан, қуллаи баландии шуғл дар саноати коркардабароӣ соли 1965 ба 28% рост омаду миёнаи солҳои 90-ум то ба 16% кам шуд. Дар Ҷопон камшавии ҳиссаи шуғл дар саноат аз соли 1973 оғоз ёфта, миёнаи солҳои 90-ум аз 27% то 23% кам шуд. Ҳиссаи шуғл дар соҳаи хизмат аз соли 1960 сар карда дар тамоми мамлакатҳои тараққикарда афзудан гирифт. Дар ИМА ин нишондиҳанда аз 56 фоизи соли 1960 дар миёнаи солҳои 90 то ба 73% боло шуд.

Деиндустрияшавиро ФБВ натиҷаи тараққиёти бо муваффақияти иқтисодӣ ва баландшавии сатҳи зиндагии мардум гардидаст. Вале дар тараққиёт ин ташкилот вазъияти мамлакатҳое, ки дар онҳо деинтустриявӣ натиҷаи пастшавии иқтисодӣ ва вайроншавии саноат аст (аксари мамлакатҳои иқтисодиёташон гузаранда) ба ҳисоб гирифта нашудаанд.

Яке аз аломатҳои асосии тараққиёти хоҷагии умумиҷаҳонӣ он аст, ки ин системаи ягонаи мустақили дорои қонуну қоидаҳои худ асту қисматҳояш на дар зиддият, балки дар бо ҳам алоқамандию вобастагӣ мебошанд. Чунин бо ҳам алоқамандиҳои онҳо дар системаҳои дигар (сиёсӣ, ҳуқуқӣ, идеологӣ, экологӣ ва ғайра) низ вуҷуд доранд. Вале ягонагии хоҷагии ҷаҳониро як қатор омилҳои объективӣ: амали конунҳои иқтисодии барои ҳамаи мамлакатҳо умумӣ, новобаста аз дараҷаи тараққиёти иқтисодӣ ва ё сохти иқтисодии онҳо (масалан, қонуни талабот ва пешниҳодот); комёбиҳои илму техника, ки ҳиссиёти тараққии пешқадами қувваҳои истеҳсолкунандаро дар тамоми мамлакатҳо бедор мекунанд, муайян менамоянд. Асоси хоҷагии умумиҷаҳонӣ тақсимоти байналхалқии меҳнат аст, ки он байналмилаликунонии ҳаёти хоҷагӣ ва рафти интегратсияро метезонад.

Маълум аст, ки байналмилаллигардонии ҳаёти хоҷагӣ наздикшавии хеле зиҷу бо ҳам пайвастагиҳои хоҷагиҳои миллиро пешбинӣ намуда, интегратсияи иқтисодӣ давраи сифатан нави байналмилаллигардонӣ аст. Вай гузаронидани сиёсати иқтисодии байни давлатии мувофиқ кардашуда, якҷояшавӣ ва бо ҳам омезиши фаъолиятҳои истеҳсолӣ,

сармоягузорӣ, молиявӣ-тиҷоратӣ, илмӣ-техникии мамлакатҳои алоҳидаро пешбинӣ менамоянд. Ҳамаи ин ба ташкилёбии инфраструктураи умумиҷаҳонӣ, бо ягҷоягии системаҳои нақлиётию коммуникатсионӣ мусоидат мекунад.

Иқтисодиёти ҷаҳони ҳозира симои зарурии ҳалли якҷояи масъалаҳои глобалии ҳозираро бо роҳи якҷоякунии қувваи тамоми мамлакатҳоро дорад.

Дар баробари системаи тому ягона будан, хоҷагии ҷаҳон зиддиятҳои дохилӣ низ дорад, ки онҳо зиддиятҳои байни гурӯҳҳои мамлакатҳо мебошанд. Гурӯҳи якуми зиддиятҳо байни се маркази тараққиёти иқтисодии ҷаҳонӣ, се минтақаи ҷаҳон – НАФТА, ИА, РОУО (минтақаи Осиё – уқёнуси Ором) вуҷуд доранд. Моҳияти ин зиддият – рақобати ҷиддии байни онҳо дар бозорҳои ҷаҳонӣ. Мақсади онҳо – кӯшиши тангкунии рақиб аз бозори ҷаҳонӣ ё, баракс, хоҳиши нигоҳдории мавқеи худ дар бозор.

Гурӯҳи дуюми зиддиятҳо – зиддият байни гурӯҳи мамлакатҳои «Шимол» ва «Ҷануб», ки «Шимол» мамлакатҳои тараққикарда, «Ҷануб» мамлакатҳои рӯ ба тараққиро дар бар мегиранд. Моҳияти ин зиддиятҳо – аксари мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ аз рӯи бисёр нишондиҳандаҳои иқтисодӣ алакай қариб ба дараҷаи мамлакатҳои тараққикарда расидаанду кӯшиш доранд, ки дар хоҷагии ҷаҳон ҷои муносибро ишғол намоянд. Мамлакатҳои Шимол аз ин ҳолат ҳазар мекунанд.

Гурӯҳи сеюми зиддиятҳо – зиддияти байни «Шарқ» - «Ғарб», ки Ғарб мамлакатҳои тараққикардаю, Шарқ мамлакатҳои собиқ сотсиалистиро муттаҳид кардаанд. Моҳияти зиддияти онҳо – парокандашавии ҷаҳони сотсиалистӣ. Мамлакатҳои ин лагер тарзи хаёти автаркиягиро аз сар гузаронида бошанд, пас дар айни ҳол мақсади онҳо дохилшавии фаъоли умумиҷаҳонӣ ба бозори ҷаҳонӣ буда, ба он мекӯшанд, ки дар он бо маҳсулоти худ ҷои намоёнро ишғол намоянд. Вале мамлакатҳои тараққикарда барои дар арсаи иқтисодиёти ҷаҳон пайдошавии мамлакатҳои нави рақобатчӣ манфиатдор нестанду барои ҳамин ҳам ҳар гуна монеаҳоро ба миён меоранд.

Дар охир, ин зиддияти байни мамлакатҳои нави индустриявӣ ва мамлакатҳои тараққикарда мебошад.

Дар чунин ҳолат вазъият бо ҳолатҳои пешина умумияти зиёде дорад, зеро мамлакатҳои нави индустриявӣ низ ба муқобили мамлакатҳои тараққикарда барои ҷой дар бозори



ҷаҳонии молу хизмат мубориза ҷиддӣ мебаранд. Зиддият байни мамлакатҳои нави индустрияввию рӯ ба тараққӣ низ мавҷуд аст. Тамоми зиддиятҳои номбаршуда ягонагӣ, томии хоҷагии ҷаҳониро вайрон намекунанд. Зеро, чи тавре, ки маълум аст, зиддият сарчашмаи ҳаракат аст. Ҳар кадом зиддияти мавҷуда ва нав пайдошударо ҳал намуда, хоҷагии ҷаҳонӣ симои иқтисодиёти ҳозираи глобалиро мегирад, ки он дар:

- пайдоиши ширкатҳои бузурги беҳудуд, табдилёбии ШФМ ва Бонкҳои фаромиллӣ ба қисматҳои шаклпайдокунандаи хоҷагии умумиҷаҳонӣ;
- тезу тундшавии рақобат то ба миқёси рақобати умумиҷаҳонӣ ва якҷоя ба сабзида расидани он ба ҳамкориҳои умумиҷаҳонӣ;
- ноилшавӣ ба дараҷаи сифатан нави байналмилалигардии хоҷагии умумиҷаҳонӣ, ки бо ду самт – ҷаҳоникунии бозорҳо, яъне пайдоиши бозори ягонаи умумибашарӣ ва пайдоиши самтҳои интегратсионии иқтисодии минтақавӣ мегузарад, зоҳир мегардад.

Ибтидои асри XXI тараққии хоҷагии умумиҷаҳонӣ ба пайдоиши Назарияи глобаликунонӣ овард, ки он мутобиқан дар тамоми соҳаҳои фаъолияти инсон истифода бурда мешавад. Ҳоло дар хусуси глобалигардии фазои ҳуқуқӣ, иқтисодиёту шинохткорӣ ва ғайраҳо сухан меронанд.

Дар гардишҳои илмӣ мафҳуми глобалигардӣ ҳамчун вазъи сифатан нави иқтисодиёти ҷаҳон ворид ва мустаҳкам гардидааст.

Муқобилони назарияи глобалигардӣ қайд кардаанд, ки дар ибтидои асри XX ҳам дараҷаи кушодагии иқтисодиёти миллӣ нисбати ибтидои асри XXI пасттар буд. Вале ин даъво асоси кофӣ надорад. Дар сохтори хоҷагии халқи мамлакатҳои тараққикарда ҳиссаи молҳои илмталаби ба технологияи ахборотӣ алоқаманд то рафт зиёд мешавад. Он чӣ, ки ҳама гуна ширкат дар ҳама гуна қисми дунё ба амал бароварда метавонад, бе мавҷудиёти воситаҳои ҳозираи алоқа имконнопазир аст.

Яке аз аломатҳои хоси глобалигардӣ мутобиқан ба мамлакатҳои ҷануб он ҳисобида шудааст, ки баракси ибтидои асри XX на танҳо ноҳияҳои назди сарҳадӣ, балки тамоми

каламрави курраи замин ба доираи хоҷагӣ ҷалб карда шудаанд. Оғози асри XXI милиардҳо одамони ҷаҳони рӯ ба тараққӣ ба фаъолияти пешқадами хоҷагӣ ҷалб карда шудаанд. Дар хусуси он, ки глобаликунонӣ бо қадамҳои «глобалӣ» мегузарад, он далел шоҳид аст, ки самти ҳақиқӣ ва ифодаи молиявии он (системаи молиявӣ-бонкӣ) дар миқёси миллию байналхалқӣ то рафт якхела шуда истодааст.

Қатъи назар аз он, ки глобалигардонӣ раванди умумиҷаҳонист, оқибати он дар қисмҳои тараққикардаю рӯ ба тараққии ҷаҳон хусусияти хоси худро дорад. Чун пешравиҳои умумиҷаҳонии илмию технологӣ, боиси пурзӯршавии рақобати байналхалқӣ мегардад. Беҳуда нест, ки дар тамоми соҳаҳои иқтисодиёт раванди якҷояшавию фурубарии ширкатҳо, дар як қатор мавридҳо бошад, баръакс, ҷудовавии ширкатҳо ба мақсади таъминкунии мавқеъ дар ин ё он соҳаи иқтисодиёт ба амал омадааст. Умуман, рафти бозсозии сохтори иқтисодиёти миллӣ ба мал омада, соҳаю соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиёт ба фишори доимоафзояндаи рақобатчиёни хориҷӣ дучор омадаанд.

Дар мамлакатҳои тараққикарда дар миёнаи асри XX давраи постиндустрия оғоз ёфта, то рафт пурқувват гардид ва ҳолдонҳо тахмин кардаанд, ки ин ҳолат, эҳтимол аломати (анъанаи) асосии хоҷагии ҷаҳон дар ибтидои асри XXI бошад. Постиндустрия гуфта гузариш аз ҷамъияти индустриявӣ ба ҷамъияти баъди индустриявиро номидаанд.

Қисми зиёди таърихи башарият ба давраи ҷамъияти то индустриявӣ тааллуқ дорад, ки симои асосии онро афзалиятнокии самти аввалин дар иқтисодиёт (хоҷагии қишлоқу ҷангал, шикору моҳидорӣ) ташкил медиҳад. Самти аввалин то имрӯз дар иқтисодиёти бисёр мамлакатҳои сусттараққикарда бартарӣ дорад.

Рафти фаъолшавии индустриякунонӣ, ки дар асри XVIII оғоз ёфта буд, дар мамлакатҳои тараққикарда тақрибан дар нимаи аввали асри XX ба охир расида, дар мамлакатҳои постсотсиалистӣ ва баъзе мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ дар охири асри XX. Самти асосии иқтисодиёти индустриалӣ самти дуюмин (саноату сохтмон) буд.

**Моҳияти индустриякунонӣ.** Қатъи назар аз он, ки дар аксар мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ имрӯз ҳам ҷараёни индустриякунонӣ фаъолона мегузарад, барои хоҷагии ҷаҳонии



ҳозира бо суръати тез афзудани ҳиссаи самти сеюмин (хизмат) дар иқтисодиёт мушоҳида карда мешавад. Масалан, дар ИМА дар ин самт 75% аҳолии аз нигоҳи иқтисодӣ фаъол, дар Россия беш аз 50% машғуланд.

Афзоиши тези ин самт, қабл аз ҳама, аз ҳисоби илм ва хизматрасониҳои илмӣ, маълумот, маданият ва санъат, нигоҳдории тандурустӣ, тарбияи ҷисмонӣ, хоҷагии манзилӣ-коммуналӣ ва хизматрасонии маишӣ, таъминоти иҷтимоӣ, индустрияи истироҳат ба амал меояд. Барои гурӯҳҳои мазкури соҳаҳои самти сеюм чизи умумӣ он аст, ки онҳо нисбат ба дигар соҳаҳои хизмат (нақлиёту алоқа, таъминоти моддӣ-техникӣ, фурӯшу тайёркунӣ, қарздиҳӣ, молиявӣ ва суғуртавӣ) бештар ба истеҳсолу паҳнкунии донишҳо ва хизматрасонӣ ба аҳолӣ майл доранд, на ба соҳаҳои истеҳсолоти молӣ. Соҳаи калони хизмат низ ҳамон соҳаҳои анъанавие шуда мондаанд, ки онҳо аз аввал то имрӯз бештар майли ба одамон хизматрасонӣ доранд (савдо, хуроки омма, идоракунии давлатӣ (якҷоя бо ташкилотҳои «зуроварӣ»)).

Дар ҷамъияти то индустриявӣ захираҳои асосии иқтисодӣ бонга-риҳои табиӣ, қабл аз ҳама, заминҳои кишоварзӣ буданд. Муносибатҳои иқтисодӣ дар асоси соҳиби замин будан ва коркарди он қарор доштанд. Дар ҷамъияти индустриявӣ бошад, сармоя захираи асосӣ шуда монд, ки вай ҳам дар шакли воқеӣ (воситаи истеҳсолот) ва ҳам дар шакли пулӣ амал мекунад. Муносибатҳои иқтисодӣ дар ин давра, аз бисёр ҷиҳат, дар асоси соҳиби сармоя будан ва истифодабарии он қарор доранд.

Дар ҷамъияти постиндустриалӣ захираҳои асосӣ дониш ва меҳнат мебошанд. Муносибатҳои иқтисодиро дар ин ҷамъият аз бисёр ҷиҳат, қобилияти бавуҷудорию истифодабарии донишҳои нав муайян мекунанд. Аз ҳамин сабабҳо ба ҳосилкунии дониш ва ба вуҷудоварандагону дорандагони дониш (қувваи кории баландихтисос, эҷодкор ва аз ҷиҳати ҷисмонӣ солим) диққати асосӣ дода мешавад. Камолоти маърифатнокии ҷамъият нешомади муҳими ҳаёти хоҷагӣ шуда мемонаду худи ҳаётро навовариҳои доимӣ муайян мекунанд. Диққати баланд ба донишҳо ва ахборотҳо боиси он гардидаст, ки ҷамъияти постиндустриялиро бисёр вақт ҷамъияти иттилоотӣ меноманд.

Дар мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ глобаликунонӣ, бо вуҷуди он, ки боиси тезшавии афзоиши иқтисодӣ мегардад, дар баробари ин таъсири калони нохуш мерасонад, зеро

истеҳсолоти миллӣ ба озодкунии зиёди тартиботи иқтисодии беруна таёр нест.

### 1.7. Нишондиҳандаҳои асосии тараққиёти хоҷагии ҷаҳон

Таҳлили вазъи иқтисодии ҷаҳон истифодаи як қатор нишондиҳандаҳоро тақозо менамояд. Ин нишондиҳандаҳо бояд динамика ва вазъияти онро ифода намоянд. Нишондиҳандаҳои асосӣ дар миқёси олам маҳсулоти умумии дохилӣ (МУД) эътирф гардидааст. Ин нишондиҳанда ҳаҷми умумии молу хизматҳои дар қаламрави тамоми мамлакатҳои ҷаҳон истеҳсол карда шударо, қатъи назар аз мансубияти корхонаи дар он ҷо амалкунанда, дар муддати вақти муайян, ифода мекунад. Бахисобгирии маҳсулоти ниҳоӣ, хисоботи такрории ашёи хом, нимтайёру дигар масолеҳо, сӯзишворӣ, энергия ва хизмати дар рафти истеҳсолот истифодашавандаро рад мекунад.

Дар ҳар кадом мамлакати алоҳида маҳсулоти умумии дохилӣ дар асоси ҳисоби миллӣ ҳисоб карда мешавад. Вай аз ҷамъи қоидаҳои ҳисобкунии фаъолияти иқтисодии дар миқёси байналхалқӣ эътирофгардида иборат буда, алоқаҳои асосии макроиқтисодии самтҳои дохилию берунии хоҷагии миллиро ифода мекунад. Ҳисобкуниҳои натиҷаҳои фаъолияти хоҷагӣ аз рӯи се шарт: истеҳсолӣ, истифодабарӣ ва даромад гузаронида мешаванд.

Аз рӯи шарти истифодабарӣ дар МУД мувофиқан арзиши ҷамъи маблағгузорӣ, истеъмоли давлатию хусусии молу хизмат дохил карда мешаванд. Маблаггузории асосӣ, захираҳо, истеҳсоли нотамомро дар бар мегиранд.

Аз рӯи шарти истеҳсолот МУД аз рӯи арзиши илова кардашуда ё маҳсулоти софи шартии соҳаҳои алоҳида ҳисоб карда мешавад. Вай аз фарқи байни арзиши ҷамъи маҳсулот ва ҳаҷми хароҷоти ҷории истеҳсолӣ, яъне арзиши дар ҷараёни истеҳсолот ба ин ё он давраи истеҳсолот гузаронида шуда иборат асту аз музди меҳнат, ба маҳсули истеҳлоки (амортизатсияи) фондҳои асосӣ гузаронида шуда, даромад, андозҳо таркиб меёбад. Охирин аснои ҳисобкуниҳо бо нархи ҷорӣ ба ҳисоб гирифта мешаванд. Ба нишондиҳандаҳои ҷамъбастии системаи ҳисоботи миллӣ на фақат натиҷаи фаъолитяи дар соҳаҳои хоҷагӣ машғул буда, балки хизмати сохтори давлатӣ, артиш, полис ва ғайра низ шомиландва аз рӯи хароҷот ба ҳисоб гирифта мешаванд. Ба ин нишондиҳандаҳо



дигар ҳаҷмҳое, ки аз рӯи онҳо баҳодиҳии маҳсулоти шакли пулӣ нагирифтаанд (пули шартии иҷораи хонаҳои алоҳида, фоизи шартии қарзу заём) ҳам дохил карда мешаванд.

МУД-ро низ аз рӯи даромад ҳисоб мекунанд. Вай гӯё ба се қисм тақсим мешавад (вобаста ба омили истеҳсолот): а) даромади шахсони меҳнати кироя, музди кори коргарону хизматчиён, новобаста аз мавқеи онҳо, чудо карда мешаванд; б) даромади ширкат – хусусию давраги;      в) даромадҳои хизматӣ ва даромади мустақилона шуғлдошта (косибон, духтурон ва ғайра) ҳисоб карда мешаванд.

Бо МУД нишондиҳандаи даромади миллӣ алоқаманд аст, ки он ҳамчун МУД тахти истеҳлок, тарҳи андозҳои бавосита ва ҷамъи ёрирасониҳо ҳисоб карда мешавад. Нишондиҳандаи даромади миллӣ тақрибан ба мафҳуми даромади миллии истеҳсолшуда мувофиқ меояд.

Маҷмӯи даромадҳои ба ихтиёри мамлакат даромада ҳамчун фарқи байни маҳсулоти дохилии соф ва бақияи даромадҳои корхона ва шаҳрвандони мамлакат дар хориҷа ва даромади хориҷиён дар мамлакат ҳисоб карда мешавад. Ин нишондиҳанда тақрибан ба мафҳуми даромади миллии истифодашуда мувофиқ меояд.

Нишондиҳандаи маҳсулоти умумии ҷаҳон (МУҶ) фаъолнокии умумиро дар ҷаҳон ва мамлакатҳои алоҳида ифода мекунад. Аз тарафи дигар, қисмҳои таркибии он соҳаҳои асосӣ ва омилҳои тараққиёти иқтисодиро фаро мегиранд. Дида баромадан аз рӯи қисмҳои тақрибии асосии истифодаи МУҶ онди самтҳои асосии талабот, таҳлили МУҶ аз рӯи истеҳсолот бошад, тағйиротҳои чӣ сохтори тамоми хоҷагӣ ва чӣ соҳаҳои асосиро нишон медиҳанд, МУҶ имконият медиҳад, ки мавқеи мамлакат ва минтақаро дар истеҳсолоти ҷаҳонӣ, ҳосилнокии меҳнати ҷамъиятӣ дар даврахои гуногун муайян карда шаванд. Вале онро ба сифати нишондиҳандаи иқтидори намудҳои алоҳидаи истеҳсолот, дараҷаи технология ё некӯаҳволии аҳолӣ истифода бурдан мумкин нест.

Ҳаҷми МУД дар сатҳи миллӣ бо нархҳои ҷорӣ ва доимии яқон сол чен карда мешавад. Фарқи байни ин ченкуниҳо хеле куллӣ шуданаш мумкин аст. Миқдори МУД ё МУД бо нархи ҷорӣ нисбат ба МУД-и ҳақиқӣ тезтар меафзояд. Тафовут дар суръати афзоиш бо ивазкунии нарх вобаста аст. Афзоиши МУД-и ҳақиқӣ ҳамчун нишондиҳандаи тараққиёти иқтисодӣ дониста

мешавад. Суръати баланд аксар нишонаи қувваи иқтисодӣ ҳисобида мешавад.

Ҳисобкунии МУД бо асъори ягона – доллари ИМА бо курси ҷорию ивазнашаванда гузаронида мешавад.

Яке аз роҳҳои гуногуни ҳисобкунии МУҶ бо истифодаи коэффитсиенти муқоисавии қобилияти харидории асъор асос мекунад, ки он бо таносуби нархи молҳои яккелаи ҳар кадом мамлакат муайян карда мешавад. Ҳаҷми МУД дар асоси методҳои номбурда муайян карда шуда байни ҳамдигар фарқ мекунанд. Ҳисобкунӣ дар асоси афзалияти қобилияти харидорӣ боиси пастшавии нишондиҳандаҳои мамлакатҳои тараққикарда мегардад (20-40%). Баҳодиҳии МУД бо қобилияти харидорӣ мавқеи зерсистемаҳоро дар хоҷагии ҷаҳон ба куллӣ тағйир медиҳад. Ба хиссам мамлакатҳои тараққикардаи Ғарб 55% МУҶ (бо курби ҷории асъор – 75%) рост омада, ҳиссаи мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ то 43% боло мешавад.

Фарқият дар баҳодиҳии **МУҶ нишон медиҳад, ки ягон** нишондиҳандае нест, ки намудҳои гуногуни фаъолияти иқтисодиро дар мамлакатҳои гуногун якхела ба ҳисоб гирад. Дурустии ҳар кадом усул ба мақсади **таҳлил** вобаста аст. Истифодаи курби ҷории асъор аснои **муайянкунии МУҶ** маълумотҳои фоиданоки ҳангоми **муайянкунии** селаи байналхалқии молу хизматҳо, **ҳаракати сармоя** дар байни мамлакатҳо, дараҷаи қарзи беруна ва **пардохтро** таъмин менамояд.

Дар омори СММ аснои **ҳисобкунии МУД ва МУҶ курби** асъор аз калавиши нарх **тоза карда шударо истифода** мебаранд. Усулҳои ҳисобкунии МУД дар асоси қобилияти харидориро ФВБ ва ТҲИТ (ташкилоти ҳамкории иқтисодӣ ва тараққиёт - ОЭСР) истифода мебарад.

### 1.8. Назарияи системаи иқтисодии глобалӣ

Хоҷагии ҷаҳон ҳамчун **системаи глобалӣ** давраи таърихӣ буда, тараққиёбанда ва динамикист. **Инкишофи** тадриҷии он, гузариш аз як марҳила ба марҳилаи дигар асосҳои назариявиро дар мадди аввал гузошт. Ин асосҳо тағйиротро шарҳ медиҳанд. Таърихан хоҷагии ҷаҳон ҳамчун системаи хоҷагиҳои миллӣ ё гурӯҳҳои онҳо донистa мешуд. **Бинобар он**, мавқеи хоҷагии миллӣ дар системаи ҷаҳонӣ дар маркази таҳлили бисёр назарияҳо меистад.



Далели **умумии ин назарияҳо** аз он иборат аст, ки хоҷагиҳои **миллӣ дар ҷаҳон мавқеи** нобаробарро ишғол менамоянд. **Ба қатори назарияҳои** пешсафи системаи глобалӣ **назарияи империализм ва неоимпериализм**, модернизатсия ва неоэволютсионизм, назарияи вобастагӣ назарияи системаи ҷаҳонӣ, **тарзи истеҳсолот, бо** ҳам вобастагӣ, ҳарифи дохил мешаванд.

1. **Назарияи империализм ва** мустамликадории нав сохтори **ҷаҳонро ҳамчун** муборизаи байни давлатҳои пешсаф баҳри бозори нав, сарчашмаи ашёи хом, соҳаи сармоягузорӣ, баҳри пурзӯркунии таъсири сиёсию маданӣ маънидод мекунанд. Зери **мафҳуми империализм** ҳамон даврaи тараққиётро мефаҳманд, ки дар он ҳукмронии монополияҳо ва сармояи молиявӣ **барқарор шуда, сармоябарорӣ** аҳамияти асосӣ пайдо намуд, **тақсимоти ҷаҳон байни** трестҳо оғоз ёфта, тақсимоти **қаламравҳо байни мамлакатҳои** калони капиталистӣ ба охир расид. **Асосгузори ин назария** О. Бауэр, Р. Гилфердинг, В. Ленин **буданд. Ин назария** якчанд шоҳаҳо дорад.

2. **Назарияи такмилдиҳӣ** аз он сар мезанад, ки тамоми **мавҷудиятҳо дар таърихи** ҷамъияти инсонӣ гуногунанд. **Назария ба фарқиятҳо** дар фаҳмиши чизҳои анъанавӣ ва **муосиразамон асос мекунад. Вай** гузариш ва афзоиши ҳозираи **иқтисодиро бо бойгариҳои** фарҳангӣ алоқаманд мекунад. **Ҷамъиятҳои анъанавиро** фардҳо идора мекунанд, ки онҳо ба **тағйиротҳо тайёр нестанд.** Ҷамъияти ҳозираро фардҳо идора мекунанд, **ки онҳо назарияҳо ва** чизҳои навро зери таъсири **тафаккури оқилона ва таҷрибаи** амалӣ истифода мебаранд. **Асосгузорони методологии** ин назария М. Вебер, Т. Пирсон ва Ш. **Эйзенштадт мебошанд.**

3. **Назарияи тараққии** системаи глобалии дар солҳои 60-**70-уми асри XX назарияи** вобастагӣ буд. Ин назарияро гурӯҳи **иқтисоддонҳо ва** сотсиологҳои Америкои Лотинӣ ба миён **оварданд. Дар хамон** давра зери таъсири инқилоби Куба, соли 1959 **доктринаи капитализми** миллӣ ва модернизатсияи **интегралӣ таъсири худро** гум карданд. Тарафдорони он оммаро аз **қурбониҳо баҳри ташкили «ҷамъияти** бозори идеалӣ» ва **капитализми аз ноқисҳо озод** дар асоси милликунонӣ ва **истиқлолият даъват намуданд.**

4. **Назарияи системаи ҷаҳонӣ** баробари Назарияи сеюм ба таври мустақилона баромад карда, вай ба тағйиротҳои

динамикии тақсимоти меҳнат асос мекард ва дунёро ба мамлакатҳои марказӣ, гирду атрофӣ ва ниматрофӣ тақсим намуданд. Дар ин Назария ба таҳлили мамлакатҳои ниматроф (мамлакатҳои Ирландия, Португалия, мамлакатҳои Балкан, собиқ СССР) ҷои асосӣ ҷудо карда мешуд.

5. Аз миёнаи солҳои 70-уми асри XX масъалаи иқтисодиёти ҷаҳон ба Назарияи бо ҳам вобастагии хоҷагии миллӣ, ки ба байналмилаликунонии истеҳсолот, таъсири фарқияти пешрафти илмӣ-техникӣ ба бозсозии сохторӣ асос мекунанд, зич алоқаманд карда мешуд. Масъалаи боҳамвобастагӣ ва зиддияти дараҷаҳои гуногун – глобалӣ, байни марказу атроф, дохили зерсистема дида баромада мешавад.

**Саволҳо ва супоришҳо:**

1. Фарқиятҳо дар фаҳмиши хоҷагии ҷаҳон чӣ гунаанд?
2. Аломатҳои асосии системаи хоҷагии ҷаҳониро шарҳ диҳед.
3. Ченакҳои асосии ба зерсистемаҳо ҷудокуниро муайян намоед.
4. Фарқиятҳо дар ҳисобкунии МУД дар асоси қурби асъорӣ ва симои қобилияти харидории асъор чӣ гунаанд?
5. Фарқияти мафҳуми «бозори ҷаҳонӣ» ва «хоҷагии ҷаҳон» дар чист? Нуқтаи назари худро асоснок кунед.
6. Аломатҳои асосии даврaҳои тараққии хоҷагии ҷаҳонро кушоед.

Анъанаҳои ҳозираи тараққиёти хоҷагии ҷаҳон кадомҳоянд



# БОБИ II. ИҚТИДОРИ ХОҶАГИИ ҶАҲОН

Таҳкурсии иқтисодиёти ҳар кадом мамлакати алоҳида ва тамоми хоҷагии ҷаҳонро омилҳои истеҳсолӣ (захираҳои иқтисодӣ) ташкил додаанду инҳо қабл аз ҳама захираҳои табиӣ, меҳнатӣ, воситаҳои истеҳсолоту молиявӣ, соҳибкорӣ, илмӣ мебошанд. Ҳамаи ин захираҳо дар якҷоягӣ иқтидори иқтисодиёти миллӣ, минтақавӣ ё иқтисодиёти ҷаҳон номида шудаанд.

## 2.1. Иқтидори табиӣ-захиравии хоҷагии ҷаҳон

Захираҳои табиӣ асоси моддии иқтисодиёти ҷаҳон буда, онҳо аз ибтидои саршавии фаъолияти меҳнатии инсон то имрӯз ва минбаъд предмети меҳнат шудаанд. Давраи ҳозираи камолоти хоҷагии ҷаҳон ба истифодаи доимоафзояндаи захираҳои табиӣ зич вобаста аст. Маҳз зиёдшавии истифодаи онҳо хоҷагии ҷаҳони ҳозираро аз гузашта фарқ мекунонад. Дар баробри ин, раванди мураккабшавии бо ҳам таъсиррасониҳои табиату ҷамъият, васеъшавии ҷараёнҳои махсуси табиӣ-антропогенӣ, ки онҳо маҳсули таъсири техникӣ ба табиат мебошанд, мушоҳида карда мешавад. Бинобар он, омӯзиши иқтидори табиӣ-захиравии хоҷагии ҷаҳон, минтақаву мамлакатҳои алоҳида, таҳлили системавӣ дар хоҷагӣ истифодабарии бойгариҳои табиӣ, ба вуҷуд овардани тасавурот оиди самаранок азхудкунии онҳо аҳамияти бузург пайдо кардааст.

Пайваста ба ин, истеҳсолу истеъмоли захираҳои табиӣ симои глобалӣ пайдо намудаасту он ба восити тақсимоти байналхалқии меҳнат тамоми мамлакатҳои ҷаҳонро фаро гирифтааст. Аз ин рӯ, дар микёси ҷаҳон оиди таъмин будани аҳолии курраи замин дар замони ҳозира, ояндаи наздику дур муҳокимаронииҳои доманадор рух дода истодаанд. Авҷгирии муҳокимаю пешгӯиҳоро харобу камшавии захираҳои баъзе намудҳои канданиҳои фоиданок, ки дар як қатор минтақаҳои дунё ба амал омадааст, боис гардидааст.

Мафҳуми «захираҳои табиӣ» ҳар хел маънидод карда мешаванд, ки бо ҳар кадоми маънидодҳо наистода фақат ҳаминро гуфтан лозим меояд, ки захираҳои табиӣ ҷузъи табиии воснати мавҷудияти ҷамъияти инсонанд. Инҳо захираҳои сатҳи

замин, канданиҳои фоиданок, захираҳои об, шароитҳои иқлими мусоид, қувваи шамол, захираҳои биологӣ ва ғайраҳо мебошанд.

Иқтидори табиӣ-захиравии хоҷагии ҷаҳон шарти зарурии (вале на ҳатмии) тараққиёти иқтисодӣ мебошанд. Комёбиҳои пешрафти илмӣ-техникӣ боиси он гардида, ки таъсири омилҳои табиӣ-захиравӣ ба иқтисодиёти мамлакатҳо (қалб аз ҳама мамлакатҳои тараққикарда) нисбатан сусттрар гардидаст. Даҳсолаҳои охир суръати тараққиёти мамлакатҳо зиёд гардидааст, ки дар қаламравии онҳо канданиҳои фоиданоки зарурӣ вуҷуд надоранд (Ҷопон, Сингапур, Кореяи Ҷанубӣ). Вале дар шроитҳои дигари баробар мавҷудияти захираҳои гуногуни бисёр ба дорандагони онҳо афзалиятҳои иловагӣ дода метавонанд. Захираҳои минералӣ дар иқтисодиёти аксари мамлакатхо нақши калонро бозида, яке аз сарчашмаҳои асосии боигарию даромад гардидаанд. Кашфиётҳои минералҳо, хулаҳо ва методҳои нави истихроҷу ҷудокунии фузулотҳо аз маъданҳо ба тараққиёти саноат ва истеъмолот таъсири муҳим расонидаанд.

**Таснифи захираҳои табиӣ.** Дар амалияи ҷаҳон аснои муайян кар-дани захираҳои табиӣ, аз рӯи дараҷаи тақсимоташон, якҷанд категория-ҳоро истифода мебаранд. Дар Россия чор категорияи захираҳоро фарқ мекунанд (A,B,$C_1$, $C_2$). Ба категорияи А захираҳоеро мансуб донистаанд, ки онҳо пурра тадқиқ карда шудаанд. Ба категорияи В захираҳое, ки ҳудуди онҳо тақрибан муайян карда шудаанд, дохил мешаванд. Категорияи $C_1$ захираҳои дар ҳолати умумӣ тадқиқ карда шуда (захираҳояшон дар асоси баҳисобгирии маълумотҳои экстраполяция ба ҳисобгирифта шудаанд – аз рӯи қабатҳои хуб маълумбуда) мебошанд. Захираҳои дар асоси тадқиқоти ибтидоӣ тахминан муайян кардашуда (эҳтимолӣ) ба категорияи $C_2$ дохил карда мешаванд. Захираҳои геологии пешгӯишуда-ро низ фарқ мекунанду онҳоро захираҳои имконпазир меноманд.

Дар мамлакатҳои дигари ҷаҳон таснифи дигарро истифода мебаранд: тадқиқшуда ё ҳақиқӣ, ки аз нигоҳи истифодабарӣ дар айни замон аз ҷиҳати техникӣ дастрасу аз нигоҳи иқтисодӣ самараноканд: захираҳои геологӣ, эҳтимолӣ, ки онҳо дар асоси ҳисботҳои назариявӣ муқаррар карда шуданду истифодаи онҳо дар дараҷаи имрӯзаи техника ва аз нигоҳи иқтисодӣ истифодабариашон ба мақсад мувофиқ нест.



Вобаста ба симои духела доштанашон (пайдоиши табиӣ доштану аҳамияти хоҷагӣ, иқтисодӣ доштанашон) захираҳои табииро хеле гуногун тасниф кардаанд.

1. Тасниф аз рӯи пайдоиш. Захираҳои табиӣ дар муҳити табиӣ пайдо мешаванд (дар об, атмосфера, пушиши наботӣ ё хокӣ ва ғайра) ва дар фазо бо ҳам мувофиқоии муайянеро пайдо менамоянду дар маҷмӯъҳои табиӣ-қаламравӣ тағйир меёбанд. Дар асоси ин онҳоро ба ду гурӯҳ: захираи гуногуни табиӣ-қаламравӣ ҷудо кардаанд.
2. Тасниф аз рӯи намуди истифодаи хоҷагӣ: захираҳои истеҳсолоти саноатӣ ва захираҳои истеҳсолоти кишоварзӣ.
3. Тасниф аз рӯи аломати тамомшавӣ: захираҳои тамомшаванда ва захираҳои тамомнашаванда.

Ба гурӯҳи якум тамоми намудҳои захираҳои минералӣ ба гурӯҳи дуюм захираҳои биологӣ (оламӣ наботону ҳайвонот), захираҳои икқлимӣ, обӣ мансубанд.

## 2.2. Захираҳои ашёи хоми минералӣ ва сӯзишворӣ

Захираҳои эҳтимолӣ-геологии ашёи хоми сӯзишворию минералӣ аз 12,5 трлн. тонна зиёдтар ба ҳиоб гирифта шудаанду дар дараҷаи имрӯзаи истихроҷ онҳо бояд то 1000 сол басанда бошанд. Инҳо захираҳои ангишт (60%), нафту газ (27%), инчунин торфу сланетсҳои сӯзанда мебошанд.

**Ангишт.** Дар байни захираҳои сӯзишворӣ-энергетикӣ миқдори захираҳои ангишт бештар буда, захираҳои умумиҷаҳонии он беш аз 3,5 трлн. тонн, захираҳои бовариноқаш – 1,8 трлн. тоннаро ташкил медиҳанд.

Конҳои ангишт дар 75 мамлакат тадқиқ карда шудаанд, ки конҳои калонтаринаш дар ИМА (445 млрд. тонн), Чин (272 млрд. тонн), Россия (200), ҶАҶ (130 млрд. тонн), Олмон (100 млрд. тонн), Австралия (90 млрд. тонн), Англия (50 млрд. тонн), Канада (50 млрд. тонн), Ҳиндустон (29 млн. тонн) ва Лаҳистон (25 млн. тонн) ҷойгиранд.

Дар ҳолати давом додани дараҷаи ҳозираи солонаи истихроҷ (4,5 млн. тонн) захираҳои тадқиқ карда шудаи ангишт то 400 сол басандаанд.

Гуфтан лозим аст, ки др баъзе мамлакатҳо (Аврупо, Россия) қабатҳои ангишти дар сатҳи болоӣ хобанда пурра истифода шудаанду истихроҷ дар чуқуриҳои 1000 метр дар замони ҳозираи техникаю технология самаранок нест. Фақат

конҳои бо усулҳои кушод истифодашаванда самараноканд. Истихроҷи 1 тонна ангиштсанг (ангишти аз ҳама зиёд гармидиханда) дар Олмон нисбат ба ангишти аз ҶАҶ ворид мекардагиашон се баробар қиматтар аст (якҷоя бо нархи кашониданаш).

**Нафт.** Захираҳои тадқиқшудаи нафт дар солҳои 90-уми асри XX ба 270-300 млрд. тонна, захираҳои эҳтимолӣ ба 840 млрд. тонна баробар буданд. Солҳои охир захираҳои бовариноки нафт зиёд карда шудаанд (солҳои 80-ум тақрибан 80 млрд. тонна, соли 1998 – 139,7 млрд. тонна). Пайваста ба ин, захираҳои эҳтимолӣ (прогнозӣ) аз сарчашмаҳои ғайрианъанавӣ – сланетсҳои сӯзандаю регҳои битуминозӣ 750 млрд. тоннаро ташкил медиҳанд.

Мувофиқи маълумотҳои соли 1998 захираҳои нафт дар ҷаҳон чунин ҷойгиршавӣ доштанд: Арабистони Саудӣ – 25,4%, Ироқ – 11,0%, АМА – 9,4%, Кувайт – 9,3%, Эрон – 9,1%, Венесуэла – 6,8%, Россия – 4,8%, Чин – 2,4%, ИМА – 2,4%.

Ҳоло, ҳар сол, дар ҷаҳон қариб 3 мдрд. тонна нафт истихроҷ мешавад ва захираҳои он (дар ҳамин дараҷаи истихроҷ) то 45 сол мерасонанд. Мамлакатҳои содиркунандаи нафт (ОПЕК) ҳаҷми ҳозираи истихроҷро то 85 сол нигоҳ дошта метавонанд, аз ҷумла Арабистони Саудӣ – 90 сол, Кувайт ва АМА - қариб 140 сол, ИМА 10-12 сол, Россия 23 сол.

Пешгӯиҳоро оиди бо тезӣ тамомшавии захираҳои нафтро ҳаёт чандин бор рад намуд. Нимаи дуюми асри XX захираҳои калони нафт дар мамлакатҳои халиҷи Форс, шимоли Африқо, Ғарби Сибир, Аляска, баҳрҳои Шимолу Каспий, уқёнуси Яхбастаи Шимолӣ кафшу тадқиқ карда шуданд. Он чизро ҳам қайд кардан ҷоиз аст, ки дараҷаи имрӯзаи техники истихроҷ имконияти 30-35% истихроҷро додаст.

**Гази табиӣ.** Захираҳои гази табиӣ дар солҳои охир бештар тадқиқу муайян карда шуданд. Ҳоло миқдори онҳо ба 144 трлн $м^3$ расонида шудаанд. Зиёдшавӣ ҳам аз ҳисоби кафшу тадқиқу конҳои нав дар Сибир ва баҳри Баренс ва ҳам аз ҳисоби ба захираҳои бовариноқ табдилдиҳии захираҳои геологӣ ба амал омадааст.

Мувофиқи маълумотҳо калонтарин ҳафзаҳои гази тадқиқшударо Россия (39,2), Осиёи Ғарбӣ (32,0%), Шимоли Африқо (10%), Америкаи Лотинӣ (5,1%), Америкаи Шимолӣ (5,0%) ва Ғарби Аврупо (4,0%) доро мебошанд. Солҳои охир



конҳои гази табиӣ дар Осиёи Марказӣ низ кашф шудаанд. Ибтидои соли 1998 захираҳои газ чунин ҷойгир буданд (млрд. $м^3$): Россия – 47600, Эрон – 21200, ИМА – 4654, Алҷазоир – 3424, Туркманистон – 2650, Норвегия – 3800, Қазоқистон – 1670, Нидерландҳо – 1668, Ливия – 1212, Англия – 57%.

Истихроҷи солонаи гази табиӣ дар дуенё 2,2 трлн. $м^3$-ро ташкил додааст захираҳои тадқиқшуда дар ин ҳаҷми истихроҷ барои 71 сол басандаанд.

**Гидроэнергетика.** Иқтидори захираҳои обӣ ба захираҳои минералӣ мансуб набуда, вале онро ба захираҳои сӯзишворӣ баробар донистан равост.

Иқтидори иқтисодии захираҳои обии ҷаҳонро ба 9,7-9,8 трлн. кВт/с (ҳамон қисме, ки айни ҳол истифодабарнашон самара меорад) баробар донистаанду аз он фақат 21% мавриди истифода қарор дорад. Дараҷаи истифодаи захираҳои энергияи обӣ дар мамлакатҳои марказу ғарбии Аврупо (70%), Америкаи Шимолӣ, Россия (38% ва 20%) назаррас аст.

**Маъданҳои металлӣ.** Металлҳо асоси тараққиёти индустрияи вазнин буда, дар байни онҳо металлҳои сиёҳу ранга истеъмоли васеъ доранд. Захираҳои маъдани оҳан (металлҳои сиёҳ) аҳамияти муҳим доранд ва захираи он ба 600 млрд. тонна, аз ҷумла захираҳои тадқиқкарда шудааш ба 260 млрд. тонна баробар дониста шудааст. Конҳои калонтарини маъдани оҳани дунё насиби Бразилия, Австралия, Канада, Россия, Чин, ИМА, Ҳиндустон, Шветсия грдидаанд. Истихроҷи солонаи ин маъдн дар ҷаҳон 0,9-1 млрд. тоннаро ташкил додаасту мегӯянд, ки захираҳо барои 250 сол кифояанд.

Аз металлҳои ранга дар ҷаҳон захираҳои маъдани мис, бокситҳо, қурғошиму руҳ, тиллою нуқра, сурма, қалъагӣ ва ғайраҳо зиёданд. Захираҳои геологии маъдани мис ба 860 млн. тонна, аз ҷумла тадқиқ карда шудаашон 450 млн. тонна буда, онҳо бештар дар Ҳиндустон, Замбия, Конго, ИМА, Россия, Канада ҷойгиранд. Истихроҷи солонаи ҷаҳонии маъдани мис ба 8 млн. тонна баробар буда, захираҳои тадқиқшудаи он (дар ҳамин ҳаҷми истихроҷ) барои 55 сол басанданд.

**Захираҳои заминӣ.** Майдони умумии курраи Замин ба 510 млн. $км^2$ баробар буда, аз он 149 млн. $км^2$ ба ҳиссаи хушкӣ рост меояд. Майдони умумии фонди замини ҷаҳон ба 134 млн. $км^2$ баробар аст.

Дар структураи фонди замини чахон заминхои коркарданӣ 11% (шудгорӣ, боғҳо, токзорҳо), марзору чарогоҳҳо – 23%, чангалҳо – 30%, ландшафтҳои антропогенӣ (маҳалҳои аҳолинишин, минтақаҳои саноатӣ, хати наклиётӣ) – 3%, заминҳои каммаҳсул (биёбону ботлоқҳо ва ғайра) – 33%-ро ташкил додаанд.

Заминҳои кишоварзӣ, ки макони истехсоли маҳсулоти хӯрокворианд, заминҳои шудгорӣ, боғу плантатсияҳо, маргзорҳою чарогоҳҳои табииро дар бар мегиранд. Айни замон майдони умумии заминҳои кишоварзӣ ба 48,1 млн. км² (4810 млн. га), аз ҷумла, заминҳои шудгор – 1340 млн. га, маргзору чарогоҳ – 3365 млн. га-ро ташкил доданд. Заминхои шудгор дар ИМА (185 млн. га), Ҳиндустон (160 млн. га), Россия (134 млн. га), Чин (95 млн. га), Канада (46 млн. га), Қазокистон (36 млн. га), Украина (34 млн. га) бисёранд, ҳиссаи заминхои предмети меҳнат буда дар Ҳиндустон 57,1%, Лаҳистон – 46,9%, Италия – 40,3%, Фаронса – 35,3%, Олмон – 33,9%, ИМА – 19,6%, Чин – 10,3%, Россия – 7,8%, Австралия – 6,0%, Канада – 4,9%, Миср – 2,8%-ро ташкил додаанд. Дар ҳамаи ин мамлакатҳо, чун дар тамоми ҷаҳон, захираи заминҳои нав азхудкардашуда хеле кам аст (ҷангалзору заминҳои каммаҳсул). Пайваста ба ин, дар аксари мамлакатҳо захираҳои заминҳои кишоварзиро барои сохтмону дигар мақсадҳо истифода мебаранд, ки ҳар сол қариб 6 млн. га заминҳои кишоварзӣ аз кор мебароянд (тавассути истифодаи ғайри агротехникӣ). Бояд гуфт, ки солҳои охир васеъшавии майдони заминҳои хоҷагии кишлок дар Россия, Қазоқистон, Чину Канада мушоҳида карда мешавад.

Умуман, дар ҷаҳон ҳодисаҳои дегрегатсия ё бадшавии вазъи заминхои коршоям мушоҳида карда мешавад, ки иллати ин дар эрозияшавии кабатҳои мулоими хок, шуразании хок, ботлоқшавии он мебошад.

Ба фонди замин ҳолати биёбоншавии заминҳои истифодашаванда хатарнок аст. Ин ҳолат дар беш аз 60 мамлакати ҷаҳон мушоҳида гардидаасту майдони чунин заминҳо ба 9 млн. км² расидааст, ки ин баробари масоҳати ИМА ё Чин мебошад.

**Захираҳои об.** Захираҳои умумии оби курраи замин ба 1386 км³ баробар буда, 96,5% онро оби шури уқёнусҳои ҷаҳон ва 1% обҳои шури зеризаминӣ ташкил медиҳанд. Ба ҳиссаи обҳои ширин фақат 2,5% захираҳо рост меоянду аз ин дар ихтиёри



...боқимондаи захираи обҳо яххои қутбӣ мебошанд,
...онҳо инсоният қариб дхолат накардааст. Истифодаи
...аз 1100 км³ соли 1950, дар соли 1980 ба 3300 км³ ва
...1990 4100 км³ расидааст. Солҳои охир тавассути
...оиди ҳифзи захираҳои об истифодаи он сусттар
...фақат дар ИМА ҳар сол 550 км³ оби ширин истифода
...шаваду дар Россия – 100 км³.
...молгари асосии об соҳаи кишоварзист (69%). Баъд
...саноат (21%), хоҷагии коммуналӣ (6%) ва обанборҳо.
...кишлоки ҷаҳон анъанаи зиёдшавии талабот
...доштa мешавад. Чунин ҳисоб мекунанд, ки маҳз
...сабаби норасогии маҳсулоти хӯрока дар аксари
...рӯ ба тараққӣ мебошад, на кам будани заминҳои
...минтақаҳои иқлими хушк беш аз 1 млрд. аҳолӣ зиндагӣ

...истифодаи захираҳои об барои эҳтиёҷоти саноат,
...ва маишӣ дар Миср – 97,1%, Исроил – 84,4%,
...%, Италия 33,7%, Олмон – 27,1%, Лаҳистон –
...8,9%, Туркия – 17,3%, Россия – 2,7%-ро ташкил

...асосии зиёдкунии истифодаи захираҳои обӣ

...истифодабарии об аз ҳисоби ҷорӣ намудани
...обсарфакунӣ ба такроризстифодабарӣ (якчанд
...истифода бурдани об аз табиат гирифта шуда бе
...обанборҳо баровардани он).
...нерофшавии он ҳангоми фиристодан ва

...намудани истифодаи нооқилонаи об дар соҳаи

...3. Ҷойгиршавии захираҳои табиӣ

...захираҳои табиии мамлакатҳои ҷаҳон нобаробар ҷойгир
...фақат 20-25 мамлакат беш аз 5% захираҳои ҷаҳонии
...ашёи хоми минералиро доранд. Фақат якчанд
...Россия, ИМА, Канада, Чин, Австралия, ҶАҶ) дорои
...захираҳои табиӣ мебошанд. Ба ҳиссаи
...тараққикарда тақрибан 36% захираҳои ғайри
...ҷаҳон, 5% нафт, 81% истеҳсолоти саноати
...рост меояд. Дар онҳо миқдори камӣ намудҳои

захираҳои минералии захираҳои калон дошта – хромитҳо, қурғошим, рух, намаки калий, уран, боксит, маъдни оҳан ҷойгиранд.

Дар мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ 50% захираҳои минералии ҷаҳон ҷойгиранд: сӯзишвориҳо – 2/3 нафт, қариб 50% гази табиӣ ҷойгир буда, онҳо камтар аз 20% маҳсулоти саноати коркардабароиро истеҳсол мекунанд. Дар ин зерсистемаи хоҷагии ҷаҳон 90%-и захираҳои саноатии фосфатҳо, 86% қалъагӣ, 88% кобалт, беш аз 50% мисс ва некел ба ҳисоб гирифта шудаанд.

Дар мамлакатҳои Аврупои Шарқӣ миқдори зиёди захираҳои минералии тадқиқ карда шуда мавҷуд мебошанд. Базаи калони ин минтақа Россия мебошад, ки дар он 13% захираҳои ҷаҳонии нафт, 39% гази табиӣ ва ангишт, 1/3 маъдани оҳан, 70% апатит ҷойгир шудаанд. Захираҳои менералии ин мамлакат нисбат ба захираҳои ИМА се баробар, нисбат ба Чин 4,4 баробар зиёданд.

Умуман, ҳеҷ ягон мамлакати ҷаҳон тамоми намуди захираҳои минералии барои иқтисодиёти имрӯза зарур бударо надорад. Масалан, ИМА қатъи назар аз бисёрнамуд будани захираҳои минералиаш, захираҳои боксид, қалъагӣ, марганетсро ворид мекунад. ИМА фақат бо 22 намуди канданиҳои фоиданоки худӣ талаботшро қонеъ мегардонад. Захираҳои уран, вольфрам, хром, марганетсро ворид мекунад. Ин мамлакат 15-20% намуди ашёи хоми барояш лозимиро ворид менамояд. Мамлакатҳои аъзои Иттиҳоди Аврупо 70-80%, Ҷопон 90-95% намуди ашёи хоми минералии барояшон заруриро ворид мекунанд.

**Таносуби байни захираҳои табиӣ ва истеъмоли онҳо.** Олами имрӯзаро зиёд будани фарқи байни захираҳои табиии дар мамлакатҳои алоҳида ҷойгиршуда ва ҳаҷми истеъмоли онҳо дар мамлакатҳои гуногун хос аст. Мувофиқи баъзе маълумотҳо ИМА, ки дорои 4,5% аҳолии ҷаҳон, тақрибан 20% захираҳои табиии сайёраро дорост, то 40% захираҳои табиии дунё, қабл аз ҳама захираҳои сӯзишворӣ-энергетикиро, истеъмол менамоянд. Дар баробари ин, ба ҳиссаи ИМА қариб 1/3 маҳсулоти ҷаҳонии саноати истихроҷи кӯҳӣ рост меояд. 30% захираҳои истеъмолшаванда ба ҳиссаи мамлакатҳои Аврупои Ғарбӣ рост меояд. Канада ва Ҷопон, ки 9% аҳолии ҷаҳонро доро мебошанд, 20% захираҳои табиӣ насибшон гаштааст. Ҳамин тариқ,



тараққиёти мамлакатҳое, ки дорои 40% захираҳои минералианд, 70%-и ин захираҳоро истеъмол мекунанд. Ба ҳиссаи ИМА 25% истеъмоли ҷаҳонии нафт рост меояд. Ҳол он, ки ҳиссаи ин мамлакат дар истихроҷи ҷаҳонии нафт ба 12% баробар асту халос.

Дар мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ 60%-и аҳолии ҷаҳон истиқомат мекунанду онҳо дорои 35% захираҳои минералӣ мебошанд, вале фақат 16%-и ин захираҳоро истеъмол менамоянд. Дуруст аст, ки солҳои 90-уми асри XX талаботи ҷаҳон ба нафт, металлҳои сиёҳу ранга асосан аз ҳисоби мамлакатҳои нави индустриявии Осиё ва Амрикои Лотинӣ зиёд гардид. Тавассути ин ҳиссаи мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ дар истеъмоли намудҳои муҳимтарини захираҳои минералӣ ва сӯзишворӣ зиёд мегардад.

## 2.4. Нақши захираҳои табиӣ дар хоҷагии ҷаҳон

Ҷойгиршавии нобаробари захираҳои минералӣ дар курраи Замин, инчунин таъминоти нобробари мамлакатҳо бо захираҳои заминӣ ва ҷангалӣ боиси тараққии тақсимоти байналхалқии меҳнат ва, дар асоси ин, муносибатҳои иқтисодии байналхалқӣ мегардад. Ибтидои солҳои 90-уми асри XX бо роҳи содирот истихроҷ ё истеҳсоли қалъагӣ 70%, маъдани оҳан – 70%, марганест – беш аз 60%, нафт – беш аз 50%, алюминий – қариб 50%, ангишту гзи табиӣ – 11%, полиметаллҳо – 34%, қаҳва – 83%, ғалла 11% фурӯхта шуданд.

Тавассути пастравии захира- ва масолеҳталабии хоҷагиҳои мамлакатҳои тараққикарда ва тараққии истихроҷи маҳаллии канданиҳои фоиданок дар баъзе мамлакатҳои Ғарб ва воридот аз мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ ба амал омад. Дар баробари ин, индустриякунонии баъзе мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ (МНИ, ҷумҳуриҳои шарқии Осиё, Ҳиндустону Покистон) боиси хеле зиёдшавии истеъмоли ашёи хому сӯзишворӣ ва аз ин сабаб, камшавии содироти ашёи хом аз ин мамлакатҳо, зиёдшавии воридоти ин молҳо мегардад.

Дар тараққиёти савдои ҷаҳонии захираҳои табиӣ дар нимаи дуюми асри XX як қатор анъанаҳои муҳим пайдо шуданд (ниг. ҷад. 2.1).

Ҷадвали 2.1

**Ҳиссаи сӯзишвориҳои минералӣ ва хӯроквор дар содироти ҷаҳонӣ, %**

| *Номгӯи содирот* | *Соли 1985* | *Соли 2000* |
|---|---|---|
| Ашёи хоми минералӣ ва сӯзишворӣ | 21,9 | [illegible] |
| *Аз ҷумла:* | | |
| маъдан ва минералҳо | 3,7 | [illegible] |
| Сӯзишвориҳо | 18,2 | [illegible] |
| Маҳсулоти хоҷагии қишлоқ | 13,7 | [illegible] |
| *Аз ҷумла:* | | |
| молҳои хӯрока, нушокӣ, тамоку | 10,4 | [illegible] |
| ашёи хоми ғайрихӯрока | 3,3 | [illegible] |

Камшавии ҳиссаи молҳои сӯзишворӣ-ашёи хоми дар савдои ҷаҳонро камшавии масолеҳ ва энергияталабии истеҳсолот дар мамлакатҳои тараққикарда боис гардид. Дар баробари камшавии нисбии содироти ашёи хоми коркарднашуда содироти ашёи хоми махсус тайёр кардашудаи сифати баланд ва нимфабрикатҳо тараққиёт ... пайдо мекунад.

Камшавии содироти хӯроквориро оид ... худтаъминкунӣ дар як қатор минтақаҳои калону мамлакатҳо (Аврупои Ғарбӣ, Чин, Ҳиндустон), ки пештар ... мекарданд (тавассути ба амалбарории чорабиниҳои оид ба тараққиёти хоҷагии қишлоқ, аз ҷумла бо роҳи «инқилоби сабз») боис гардид.

Дар содироти ҷаҳон пастшавии ҳиссаи ашёи хоми растанигӣ бо ҷойивкунии масолеҳи синтетикӣ, пахта ва пластмасса алоқаманд аст. Умуман, содироти ашёи хоми минералӣ, сӯзишворӣ ва хӯрокворӣ барои мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ аҳамияти махсус дорад, зеро ин гурӯҳи молҳо қисми асосии содироти онҳоро ташкил медиҳанд.

Ҳамин тариқ, захираҳои ҷаҳонии сӯзишвориҳои минералӣ хеле бузург буда, дар ҳаҷми ҳозираи истеъмол то 1000 сол кифоянд. Таъмин будан бо намудҳои гуногуни захираҳо хар хел аст. Имкониятҳои афзоиши экстенсивии захираҳои заминӣ обӣ, ҷангалии истифодашаванда ба тамомшавӣ наздиканд. Баланд бардоштани самаранокии истифодаи онҳо фақат дар



... технологияи сарфакунанда мумкин аст. Дар иқтисодиёти ... байни захираҳои инсонию табиии дар мамлакатҳои ... вучуд дошта ва ҳаҷми истифодабарии захираҳои ... минералӣ ва сӯзишворӣ дар мамлакатҳои гуногун фарқияти ... ҳосил шудааст.

Қисми зиёди захираҳои минералиро мамлакатҳои ... тараққикарда истифода мебаранду вале фақат 40% ин захираҳоро доро мебошанд.

Тавассути камшавии масолеҳ ва энергияталабии хоҷагии ... мамлакатҳои мутараққӣ, инчунин зиёдшавии истихроҷи ... захираҳои фоиданок дар дохили мамлакатҳояшон сустшавии ... зиёди тобеияти онҳо аз воридоти ашёи хоми минералӣ аз ... мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ ба амал омадааст.

**Саволҳо ва супоришҳо:**

**... таъминоти иқтисодиёти ҷаҳон бо захираҳоҳои пурра ... ақиқшудаи сӯзишвориҳои минералӣ чӣ гунааст?**

**... чаро воридоти ин сӯзишвориҳо дар баъзе мамлакатҳо ... фоиданоктар аст?**

**... ақида оиди ба наздикӣ тамомшавии захираҳои нафт ... дуруст аст? Агар не, бо мисолҳо асоснок намоед.**

**... фонди умумии замин кадом мамлакатҳо аз ҳама бештар ... замини коршоям доранд?**

**Кадом соҳаҳои хоҷагӣ ба истифодаи об талаботи зиёд ... доранд?**

**Кадом мамлакатҳо содиротчии асосии ашёи хоми минералӣ ва сӯзишворӣ мебошанд?**

## БОБИ III.
## ЗАХИРАҲОИ МЕҲНАТӢ ДАР ХОҶАГИИ ҶАҲОН

Захираҳои меҳнатӣ гуфта ҳамон қисми аҳолиро номидаанд, ки қувваи ҷисмонӣ, қобилияти ақлӣ, дониши барои ба амал баровардани фаъолияти фоидаоварро дар истеҳсолоти ҷамъияти дорост. Ба захираҳои меҳнатӣ аҳолии синну соли меҳнатӣ мансуб аст. Коркунони сину соли нафақа, ҷавонони аз синну соли меҳнати поён низ дохиланд.

### 3.1. Динамика ва сохтори аҳоли ҷаҳон

Аҳолии ҷаҳон дар асри XX аз 1,5 млрд. то 6 млрд. нафар расид. Афзоиши он дар мамлакату минтақаҳои алоҳида хеле нобаробар ба вуҷуд меомад (ҷад. 3.1).

Ҷадвали 3.1

**Афзоиши аҳолӣ дар гурӯҳҳои асосии иқтисодиёти ҷаҳон**

| *Гурӯҳи мамлакатҳо* | *Суръати миёнаи солонаи афзоиш* | | | | *Ҳисса дар аҳолии ҷаҳон, %* |
|---|---|---|---|---|---|
| | *Солҳои* 60-*ум* | *Солҳои* 70-*ум* | *Солҳои* 80-*ум* | *Соли* 2000 | |
| Ҳамаи мамлакатҳо | 2,1 | 1,9 | 1,7 | 1,5 | 100 |
| Мамлакатҳои тараққикарда | 1,1 | 0,8 | 0,7 | 0,7 | 15,9 |
| Мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ | 2,4 | 2,3 | 2,1 | 1,9 | 76,0 |
| Аз ҷумла: | | | | | |
| Америкаи Лотинӣ | 2,7 | 2,5 | 2,1 | 1,7 | 8,5 |
| ҶШ ва Ш. Осиё | 2,3 | 2,1 | 1,6 | 1,3 | 30,1 |
| Ба иқтисодиёти бозорӣ гузаранда | 1,2 | 0,8 | 0,9 | 0,1 | 8,1 |

Суръати афзоиши аҳолӣ дар мамлакатҳои тараққикарда дар ду даҳсолаи охир паст аст. Суръати афзоиши дар мамлакатҳои ба иқтисодиёти бозорӣ гузаранда якбора паст гардида, дар Россия, давлатҳои назди Балтика, баъзе мамлакатҳои аъзои ИДМ, Аврупои Шарқӣ камшавии табии аҳолӣ ба амал омад. Камшавии суръати афзоиш дар мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ низ руй додаст (асосан дар Шарқ ва Ҷанубу Шарқии Осиё ва Америкаи Лотинӣ).



Тавассути ин дар тақсимоти аҳолии дунё дар байни гурӯҳҳои асосии мамлакатҳо нотаносубӣ ба амал омад. Оқибати он консентратсияи зиёдшавии захираҳои меҳнатии ҷаҳон дар олами рӯ ба тараққӣ гардид. 2/3 ҳиссаи захираҳои қувваи кори ҷаҳон ба ҳиссаи мамлакатҳое рост меояд, ки дар онҳо МУД ба ҳар сар аҳолӣ аз ҳама паст аст.

**Сохтори синну соли аҳолӣ.** Сохтори синну солӣ ба ҳиссаи аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол таъсир мерасонад. Асосан ду шакли сохтори синну солиро ҷудо кардаанд. Шакли якум, ки ба аксари мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ хос аст, бо хеле баланд будани ҳиссаи наврасон ва кам будани ҳиссаи калонсолон (65 сола ва аз ин боло) фарқ мекунанд. Шакли дуюм, ки ба мамлакатҳои тараққикарда хос аст, баръакс дорои ҳиссаиками наврасону ҳиссаи зиёди калонсолон аст. Мамлакатҳои ба иқтисодиёти бозорӣ гузаранда низ ба ҳамин шакл мансубанд.

Ҷӣ ҷавоншавии демографии аҳолӣ (шакли якуми такрористеҳсолшавӣ) ва ҷӣ куҳансолшавии демографӣ (шакли дуюми такрористеҳсолшавӣ) боиси баъзе оқибатҳои манфӣ (барои динамикаи захираҳои меҳнатӣ) мегарданд. Тавассути ҳиссаи баланди кудакону наврасон дар аҳолии мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ ҳиссаи аҳолии синну соли меҳнатӣ кам аст. Дар Нигерия аз шумораи умумии аҳолӣ 48,4%-аш сину соли меҳнатӣ ва 47% сини кудакию наврасӣ (то 15 сола) мебошанд. Ҳиндустон, ки дар он ҳиссаи кудакон ба 35,2% аст, барои сохтани 130 ҳазор мактаби нав, таёркунии 400 ҳазор муаллимон, ташкили 5 млн. ҷои корӣ қодир нест.

Баръакси ин дар мамлакатҳои индустриявӣ, инчунин ба иқтисодиёти бозорӣ гузаранда пешравии демографии аҳолӣ ба вуҷуд омадааст. Мувофиқи ченакҳои СММ аҳолие, ки дар таркиби он сини 60 ва аз он боло 12%-ро ташкил медиҳанд, аҳолии аз нигоҳи демографӣ куҳансол ҳисобида мешаванд. Ин ҳисса дар Шветсия 22,1%, Олмон – 20,1%, Ҷопон – 19,9%, Россия 16,6%-ро ташкил додаст.

Пешравии демографии аҳолӣ сарбории иқтисодии ҷамъиятро вазнин мегардонад; дар аксари мамлакатҳои тараққикарда шумораи аҳолии қобили меҳнат аз шумораи нафақахӯрон андаке зиёд аст ва ин барзиёдӣ тез паст мешавад.

### 3.2. Захираҳои меҳнатӣ: ҷиҳатҳои миқдорию сифатӣ

**Аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол.** Аҳолии аз нигоҳи иқтисодӣ фаъол одамони коргар ва дар суроғи кор бударо дар

бар мегирад, яъне онҳо қисми асосии захираҳои меҳнатианд, зеро қисми дигари аҳолии қобили меҳнат ба таҳсил, кори хона ва ё дар қувваҳои мусаллаҳу дигар соҳаҳо машғуланд. Аҳолии аз нигоҳи иқтисодӣ фаъоли ҷаҳон соли 1997 2784 млн. нафар ё 47,8% тамоми аҳолии ҷаҳон, аз ҷумла, мардон – 60%, занҳо – 40%-ро ташкил медод (ҷад. 3.2).

Суръати афзоиши аҳолии аз нигоҳи иқтисодӣ фаъол, ба ҳисоби миёна аз 2% солҳои 80 дар солҳои 1990-1997 то ба 1,6% паст шудааст. Ҳиссаи асосии захираҳои меҳнатии ҷаҳон дар Осиёи Шарқӣ ва Ҷанубу Шарқӣ (35%), Ҷануби Осиё (20%) ва Африқои тропикӣ (10%) мавҷуданд.

**Дараҷаи маълумоти захираҳои меҳнатӣ.** Барои аксар мамлакатҳои тараққикардаю ба иқтисодиёти бозорӣ гузаранда фоизи зиёди аҳолии шуғлдор хос буда, онҳо маълумотҳои олӣ ва миёнаи махсус доранд.

Қатъи назар аз он, ки мамлакатҳои тараққикарда аз ҷиҳати шумораи захираҳои меҳнатиӣ нисбат ба мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ камбағаланд, онҳо аз рӯи сифатнокии меҳнатӣ шумораи мутахассисони баландихтисос, ҳаракатнокии қувваи коргарӣ афзалиятнок мебошанд.

Ҷадвали 3.2

**Захираҳои меҳнатии як қатор мамлакатҳои ҷаҳон дар соли 1997**

| Мамлакатҳо | Аҳолӣ, млн. нафар | | |
|---|---|---|---|
| | Ҳамагӣ | Аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол | Ҳиссаи занон дар аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол, % |
| Россия | 147 | 78 | 49 |
| ИМА | 268 | 110 | 46 |
| Чин | 1227 | 726 | 45 |
| Ҳиндустон | 961 | 416 | 32 |
| Бразилия | 164 | 74 | 35 |
| Нигерия | 118 | 47 | 36 |
| Покистон | 137 | 49 | 27 |
| Мексика | 95 | 38 | 32 |
| Олмон | 82 | 41 | 42 |
| Фаронса | 59 | 26 | 45 |
| Англия | 59 | 29 | 44 |



Дар мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ сифати захираҳои табииро аз бисёр ҷиҳат, аз мавҷудияти маълумоти олию миёнадор дида, бештар дараҷаи саводнокӣ муайян мекунад. Дар ин мамлакатҳо дараҷаи саводнокӣ дар миёнаи солҳои 90-уми асри XX, мардон 78,4%, занон – 60,3%-и тамоми аҳолиашонро ташкил медод. Дар ҷамъи аҳолии мамлакатҳои ҷануб ва ғарби Осиё ва Африқои тропикӣ ҳиссаи одамони бесаводу чаласавод зиёд аст. Дараҷаи пасти саводнокии аҳолӣ дар аксари мамлакатҳо паст будани ҳосилнокии меҳнатро муайян намуда, боиси консерватсияи шакли куҳнаи хоҷагидорӣ мегардад ва рафти техникиро боз медорад

**Самаранокии истифодаи қувваи корӣ.** Истифодаи захираҳои меҳнатӣ бо миқдори вақти корӣ дар як сол муайян карда мешавад (ба ҳисоби ҳар як коргар). Дараҷаи аз ҳама баланд дар МНИ (Корея – 2547 соат, Чилӣ – 2400 соат) мушоҳида шудааст. Дар мамлакатҳои тараққикарда ин нишондиҳанда андаке пасттар аст: Ҷопон – 2017 соат, ИМА – 1945 соат, Англия – 1880 соат, Россия – 1441соат.

**Маъшати шуғли аҳолӣ.** Мувофиқи тавсияи Ташкилоти Байналмилалии Меҳнат ба гурӯҳи бекорон касони 15 сола ва аз ин беш, ки дар давраи ҳисобгирӣ бекоранд, дар ҷустуҷӯи кор ва дар ҳолати ба кор сар кунианд, мансуб дониста мешаванд. Дараҷаи бекориро ҳамчун нисбати миқдори бекорон ба миқдори коргарони аз нигоҳи иқтисодӣ фаъол муайян карда мешавад. Дараҷаи бекорӣ дар мамлакатҳои тараққикарда соли 1998 (ба ҳисоби фоиз нисбати аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол) дар ИМА 4.5; дар Ҷопон – 4,3; дар Англия – 6,2%; дар Олмон – 10,9; дар Фаронса – 11,8; дар Италия – 12,0 ва дар Испания 18,8 буд.

Дар мамлакатҳои ба иқтисодиёти бозорӣ гузаранда солҳои 90-ум бекорӣ якумин бор дар шакли аёнӣ вонамуд шуда, дар як қатор мамлакатҳо ба дараҷаи хеле баланд расида буд. Соли 1998 дар Словения 14,3%, Словакия – 13,5%, Россия – 9,3%, Руминия – 8,7%, Чехия – 6,1% буд. Дар баробари ин болоравии иқтисодӣ имконият дод, ки солҳои 1997-1998 дараҷаи бекорӣ дар Булгория аз 14,4 то 14,2% дар Маҷористон аз 10 то 9,1%, дар Чехистон аз 11,6 то 10,0 кам карда шавад. Соли 1977 дараҷаи аз ҳама пасти бекорӣ дар микёси ҷаҳон дар МНИ: Таиланд (1,4%), Сингапур (1,9%), Кореяи Ҷанубӣ (2,4%) мушоҳида карда шуд, ки ин ба якчанд ҳолатҳо вобаста буд: дараҷаи баланди суръати

тараққиёти иқтисодӣ, ҳосилнокии нисбатан пасти меҳнат, системаи якумраи кироя дар баъзеи ин мамлакатҳо, инчунин дар аксари онҳо набудани системаи амалкунандаи суғуртаи иҷтимоӣ.

Дар мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ тараққиёти индустриалӣ боиси парокандагии истеҳсолоти анъанавии меҳнатталаб гардид. Тавассути ин тарзи анъанавӣ аз истеҳсолоти худ миқдори зиёди деҳқонону ҳунармандони касодшударо берун мекунанду онҳо селаи бекоронро ба вуҷуд меоранд ва дар баробари ин коргарони боқимондаро бо кор пурра таъмин карда наметавонанд. Бекории доимӣ қисми зиёди аҳолии деҳот, фақат дар нигоҳ дошта шудани тарзиҳои анъанавӣ, ҳамчун ҳолати барзиёднуфусӣ дониста мешавад. Дар як қатор мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ деҳқонони касодгардида аз деҳаҳои зиёднуфус, нобобаста ба талаботи қувваи корӣ, ба шаҳрҳо рӯ меоранд, ки ин боиси мураккабшавии масъалаҳои иҷтимоии шаҳрҳо мегардад.

**Сохтори соҳавии шуғл.** Дар мамлакатҳои тараққикарда пешравиҳо дар сохтори соҳавии шуғл аз рӯи се ҳадафи асосӣ мегузарад:

1. Ҳиссаи аҳолии дар соҳаҳои кишоварзӣ ва ҷангал шуғл дошта ба дараҷаи минималӣ расида, соли 1997 дар Англия – 2,5%, ИМА – 3,1%. Олмону Шветсия – 5,6%, Канада – 4,7%, Нидерландҳо – 5,0%; Фаронса – 8,0% ва Ҷопон – 10,0%-ро ташкил дод.

   Дар мамлакатҳои дараҷаи минёнаи тараққиёти индустрия дошта ҳиссаи шуғл дар кишоварзӣ зиётдар аст (дар Испания – 15,0%, дар Юнон – 29,5%).
2. Доимо пастравии ҳиссаи шуғл дар соҳаҳои саноату сохтмон. Соли 1997 дар Ҷопон 31,4%, Италия – 3,8%, Фаронса – 32,0%, Англия – 36,6%, ИМА – 27,9%, Канада – 26,0% буд.
3. Ҳиссаи шуғл дар соҳаи хизмат то рафт зиёд мешавад. Соли 1998 ин ҳолат чунин буд: дар ИМА – 59%; Канада, Англия - 57%; Шветсия – 59,5%; Фаронса – 52,0%; Ҷопон – 50%, Италия – 44,7%.

Дар мамлакатҳои ба иқтисодиёти бозорӣ гузаранда чунин анъана ба роҳ монда шудааст:

1) афзоиши тези шуғл дар соҳаи хизмат;
2) камшавии шуғл дар соҳаи саноату сохтмон;
3) нигоҳдории ҳиссаи калони шуғл дар кишоварзӣ ва ҷангалпарварӣ. Соли 1998 ин ҳолат дар Россия – 14,9%, Руминия – 28,0; Лаҳистон – 27,0; Маҷористон – 15,0; Словакия –12,0; Чехия 11,0%-ро ташкил додааст.



Дар зерхоҷагии ҷаҳонӣ рӯ ба тараққӣ қисми зиёди аҳолии шуғл дошта дар хоҷагиҳои қишлоқу ҷангал ҷамъ омадааст: дар Индонезия 56%, Покистон 51%, Миср 35%. Танҳо дар МНИ ва мамлакатҳои навтараққикарда ҳиссаи шуғл дар кишоварзию соҳаи ҷангал ба нишондиҳандаи мамлакатҳои ба иқтисодиёти бозорӣ гузаранда наздик аст (соли 1998 дар Корея 18%, Бразилия 25%, Тайланд 16%).

Ҳиссаи шуғл дар саноату сохтмони мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ баланд нест. Соли 1998 дар Мисру Покистон ба 20%, Индонезия 13%, Кореяи Ҷанубӣ 35%, Бразилия 23% баробар буд.

**Сохтори касбии қувваи корӣ.** Тағйирот дар сохтори касбии қувваи корӣ аз бисёр ҷиҳат пешравиҳоро дар сохтори касбӣ муайян мекунад, ки ин дар тағйирёбии таносуби миқдори шуғли касбҳои мухталиф, пайдоиши касбҳои наву аз байнравии касбҳои кӯҳна зоҳир мегардад.

Анъанаҳои дар ин соҳаи муҳим амалкунанда дар тамоми мамлакатҳо истифодашаваии ҳиссаи касби кишоварзӣ ва зиёдшавии коркунони соҳаи хизмат мебошад. Чӣ қадаре, ки дараҷаи тараққиёти мамлакат баланд бошад, ин анъан ҳамон қадар зиёдтар зоҳир мегардад.

Мутахассисони (коргарони дорои маълумоти олӣ ва миёнаи махсус) дараҷаи аз ҳама тез афзояндаи аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол дар мамлакатҳои тараққикардаю постсотсиалистӣ ва МНИ мебошанд. Миқдори коргарони баландихтисоси соҳаҳои илмталаб махсусан бо суръати калон зиёд шуда истодааст. Аз ҷиҳати миқдор дараҷаи хизматчиён дар сохтори касбии мамлакатҳои тараққикардаю ба иқтисодиёти бозорӣ гузаранда ва МНИ дуюмин мебошад. Мураккабшавии системаи умумии алоқаҳои хоҷагӣ ва афзоиши селаи ахборотӣ зарурияти таҳлил ва коркардбароии ахборотҳоро ба миён овард, ки ин боиси якбора зиёдшавии шумораи хизматчиён ва ҳиссаи онҳо дар аҳолии шуғлдор гардид.

Шуғли коргарони соҳаи хизмат дар тамоми мамлакатҳо ҳамчун натиҷаи рафти постиндустриякунонӣ ҳам ба тариқи мутлақ ва ҳам нисбӣ зиёд мешавад.

Коргарони саноату сохтмон, нақлиёт (коргарони индустриявӣ) дараҷаи аз ҳама сершумори касбии аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол дар мамлакатҳои тараққикардаю постсотсиалистӣ мебошанд. Вале дар ҳарду гурӯҳи мамлакатҳо камшавии ҳиссаи ин дараҷаи шуғл ба амал омадааст, ки сабаби он ба соҳаи хизмат гузаштани коргарон аст. Дар асоси пешрафти техникӣ таркиби техникӣ таркибии касбии коргарони индустриявӣ низ ба таври куллӣ тағйир меёбад. Дар мамлакатҳои тараққикарда раванди ивазшавии қувваи кории нимкасб бо пурракасбдор ва аз истеҳсолот беруншавии касбҳои оммавии қаблина (шахтиёру дузандагон, дуредгарон ва ғайра) ба амал меояд.

Дар баробари ин шумора ва ҳиссаи қувваи кории касбнок меафзояд. Пешравиҳо дар сохтори қувваи корӣ ҳалли аввалини масъалаи таёрии касбӣ ва аз навтаҳсили кадрҳоро дар мамлакатҳои тараққикардаю ба иқтисодиёти бозорӣ гузарандаро мувофиқан ба тағйирёбии мазмуни меҳнат, пайдоиши оммавии касбҳо ва тахассусҳои нав, ба миён овардааст. Дар ИМА тавассути бозсозии сохтории иқтисодиёт ҳар сол аз истеҳсолот аз 1 то 2 миллион коргарон берун карда мешаванд, ки азнавтайёркунии касбии онҳо хеле мушкил аст (махсусан коргарони солхурда). Дар мамлакатҳои ба иқтисодиёти бозорӣ гузаранда солҳои 90-ум азнавомӯзонии оммавии коргарони касбии системаи бозорӣ ниёзманд буда ба амал омад.

**Бозори ҷаҳонии меҳнат ва миграцияи байналхалқии қувваи корӣ.** Бозори ҷаҳонии меҳнатро содироту воридоти қувваи корӣ ба вуҷуд меоранд. Алҳол бисёри мамлакатҳо қувваи кории хориҷиро ё ҷалб мекунанд ва ё мигрантҳои меҳнатиро ба хориҷа мефиристанд. Агар ба раванди миграцияи байналхалқии меҳнат соли 1970 64 мамлакат ҷалб шуда бошад, пас ин рақам соли 1997 ба 105 расидааст.

### 3.3. Мафҳум ва намудҳои миграцияи байналхалқии қувваи корӣ

Миграция меҳнатӣ (берунӣ)-и байналхалқӣ (миграцияи қувваи корӣ) ҷойивазкунии аҳолӣ ба воситаи сарҳади давлатӣ бахри муносибати меҳнатӣ ба соҳибкорони мамлакати дигар аст. Миграцияи беруна ба шумораи аҳолӣ таъсири калон мерасонад. Миқёси миграцияи меҳнатӣ доимо афзоянда буда, дар он қариб тамоми мамлакатҳо ҷалб шудаанд. Миграцияи



байни давлатии меҳнатӣ симои бемисл гирифта, шакли муқарарии ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодии ҷаҳонӣ имрӯза гаштааст. Ибтидои солҳои 90-уми асри XX шумораи одамони мигрант қариб 30 млн. нафар буду бо аъзоёни оилаашон ва иштирокчиён миграцияи маҳақӣ (фарнталёрҳо), мавсимӣ ва иммигрантҳои пинҳонӣ 4-5 баробари ин рақам зиёд буданд.

Имконияти миграцияи байналхалқии қувваи кориро фарқиятҳои миллии музди кор ба вуҷуд овардааст. Зарурияти ҳаракати муҳоҷирии меҳнати кироя аз мамлакат ба мамлакатро нобаробарии маълумот, барзиёднуфусии нисбӣ дар арсаи ҷаҳонӣ боис шудаанд. Қувваи корӣ аз мамлакати аз он ғанӣ буда ба мамлакати аз сармоя бой буда ҳаракат мекунад. Беш аз нисфи миграцияи байналхалқӣ аз мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ баромада, 2/3 қисми онҳо дар мамлакатҳои индустриявӣ сарпаноҳ мебаранд. Селаи нави мигрантҳо ба ин мамлакатҳо ба номутаносибиҳои сифатии бозори меҳнати онҳо алоқаманд аст. Селаи миграцияи меҳнатӣ дар давоми тулонӣ дигаргун гаштааст. Асри XIX миграцияи байналхалқӣ ба мамлакатҳои камсармояи мустамликадор, қабл аз ҳама Америкои Шимолӣ, Австралия нигаронида шуда буд. Миграцияи оммавӣ дар ноҳияҳои алоҳидаи ҷаҳон боиси пайдоишу тараққии ҷамъияти муҳоҷирон дар он ҷойҳо гардид ва он ба тараққиёти системаи хоҷагии ҷаҳонӣ қувват бахшид. Ҷойивазкунии иммигрантҳо, воситаҳои истеҳсолот ва захираҳои молиявӣ боиси пайдоиши гурӯҳи давлатҳои муҳоҷирӣ дар нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX гардиду ҳадафи асосии тараққиёти ҷамъиятии онҳоро давлатҳои аврупоӣ муайян менамуданд. Дар ин давра муҳоҷирии зиёди аҳолӣ аз Чину Ҳиндустон ба Ҷанубу Шарқии Осиё ва ноҳияи укёнуси Ҳинд ба амал омада буд.

. Нимаи дуюми асри XX марказҳои нави ҷалбкунандаи имигрантҳо пайдо шуданд. Эммиграция аз мамлакатҳои қафомонда ба мамлакатҳои тараққикарда зиёд шудан гирифт. Маркази тавоноии ҷалбкунандаи эммиграция Аврупои Ғарбӣ гардида вай аз макони эмиграция ба маркази ҷалбкунандаи қувваи корӣ табдил ёфт. Ибтидои солҳои 50-уми асри XX дар мамлакатҳои аъзои ИА қариб 15 миллион нафар коргарон-мигрантҳо ва аъзоёни оилаҳои онҳо зиндагӣ мекарданд. Миёнаи солҳои 70-уми ҳамин аср дар минтақаи халиҷи Форс маркази калони иммиграция ташкил ёфта, ибтидои солҳои 90-ум 70% коргарони ин ҷоро хориҷиён ташкил дода буданд. Дар

ин маркази ба худ хоси ҷалбкунандаи иммигрантҳо, ки симои шовинистӣ дошт, давлати Исроил ташкил карда шуд (соли 1947). 2/3 ҳиссаи аҳолии он аз ҳисоби селаи мигрантҳо (бештар аз собиқ ИҶШС) зиёд гардид. Дар Амрикои Лотинӣ маркази ҷамъкунии қувваи корӣ Аргентина, Бразилия ва Венесуэла буданд (аз 5 то 8 млн. нафар).

Макони асосии эмигратсияи қувваи корӣ дар Осиё мамлакатҳои Ҳинустону Покистон, Филиппин, Малайзия дар Шарқи Наздик – Ливон, Урдун, дар Африқо – Марокаш, Алҷазоир, Тунис, Гана, Мали, Чад, Гвинея, Мозамбик, дар Амрикои Шимолӣ – Мексика, дар Аврупо – Лаҳистон, Португалия, Италия, Ирландия буданд. Солҳои 90-уми асри гузашта мамлакатҳои ҷануби Аврупо – Юнон, Италия, Испания аз мамлакати соф мигратсия ба мамлакати холис мигратсия (НЕТТО – мигратсия) табдил ёфтанд.

Айни замон чунин намудҳои мигратсияи меҳнатиро ҷудо кардаанд:

1) Барнагарданда, ки аснои он мигрантҳо ба дигар мамлакат баҳри истиқомати доимӣ меравaнд;
2) Муваққатан – доимӣ, ки мигратсия ба муҳлати ая 1 то 6 сол маҳдуд аст;
3) Мигратсияи мавсимӣ, ки ба муҳлати кутоҳ баҳри коркунӣ дар соҳаҳои хоҷагии симои мавсимӣ дошта (кишоварзӣ, моҳидорӣ, соҳаи хизмат) ба амал меояд.
4) Мигратсия маҳакӣ – дар як рӯз омада рафтан ба минтақаи дигар. Одамони барои кор аз сарҳади давлатӣ гузарандаро коргари фронталёрӣ номидаанд;
5) Пинҳонӣ – ғайриқонунӣ ба дигар мамлакат баҳри корёбӣ рафтан ё дар асоси қонунӣ (бо таклифи шахсӣ) рафтану дар он ҷо бо роҳи пинҳонӣ кор пайдо намудан;
6) «Фирори ақлҳо» (утечка умов) – мигратсияи байналхалқии кадрҳои баландихтисос (олимон, мутахассисони нодир, баъзан «ситораҳои» санъату варзиш).

**Самтҳои мигратсияи байналхалқии қувваи корӣ**. Нимаи дуюми асри XX якчанд марказҳои ҷалби қувваи корӣ пайдо гардиданд:

**1. Аврупои Ғарбӣ.** Ибтидои солҳои 90-уми асри XX дар ин ҷо беш аз 20 млн. имигрантҳо ба қайд гирифта шудаанд. Мамлакатҳои баландтараққӣ (Олмон, Фаронса, Белгия, Голандия, Швейсария ва дигарон) қувваи кориро аз ҷануб,



шарқ ва маркази Аврупо (Испания, Португалия, Лаҳистону Маҷористон, собиқ Югославия), Туркия, мамлакатҳои Араб ҷалб менамоянд. Коргарони эммигранти ин минтақа дар миёнаи солҳои 90 (ҳар сол) 180 млн. нафарро ташкил дод. Имигрантҳо ба сифати коргар омада дар Люксембург – 30%; дар Швейсария – 29,6; Олмон – 8,0; Белгия – 7,5; Австрия – 6,2; Шветсия – 5,8; Фаронса – 5,2; Англия – 3,4%-и тамоми коргаронро ташкил медиҳанд.

Айни замон, мамлакатҳои Аврупои Ғарбӣ кӯшиши боздории мигратсияи меҳнатиро аз мамлакатҳои ғайри аъзои Иттиҳоди Аврупоӣ аз чунин нигоҳ ба миён овардаанд:

- зарурияти ҷорикунии технологияи сарфаи меҳнат;
- ҷойгиркунии истеҳсолоти меҳнаттaлаб дар мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ ва ба иқтисодиёти бозорӣ гузаранда, ки дар онҳо музди меҳнат нисбатан паст аст;
- норозигии табақаи нисбатан пасти аҳолӣ, махсусан коргарони баландкасб, рақобат дар бозори меҳнат аз ҷониби эммигрантҳо.

**2. Мамлакатҳои истихроҷкунандаи нафт дар Ғарби Осиё.** Пайдоиши ин марказ ба миёнаи солҳои 70-уми асри XX рост меояд. Шумораи умумии коргарон дар ибтидои солҳои 90-ум 5-6 млн. нафар буд. Коргарон бештар аз мамлакатҳои араб (Миср, Сурия, Яман) ва Ҳиндустону Покистон, Корея ва Филиппин мебошанд. Дар мамлакатҳои халиҷи Форс дар дунё аз ҳама миёдтарин коргарони хориҷӣ (дар шумораи умумии коргарони ин ҷо) мушоҳида карда шудааст (дар Қатар – 92%, АМА – 89%, Кувайт – 86%, Умон – 70%, Арабистони Саудӣ – 60%, Баҳрайн – 51%).

**3. ИМА ва Канада.** Шумораи умумии коргарони беруна (мигрантҳо) дар ин минтақа, дар миёнаи солҳои 90-уми асри XX қариб 7 млн. нафар буд (ҳар сол 900 ҳазор нафар меоянд). Мигратсияи меҳнатӣ ба ИМА аз ду шоха иборат аст: қувваи кории пастихтисос (асосан аз Мексика, ҳавзаи баҳри Кариб, Филиппинҳо) ва коргарони баландихтисос (аз Аврупои Ғарбӣ, Россия, Ҳиндустон).

Мақсади муҳимтарини сиёсати эммигратсияи ИМАва Канада васеъкунии омадани селаи менеҷерҳо, мутахассисони баркамол, коргарони баландихтисос, инчунин инвесторҳо мебошад.

Микёси миградсияи меҳнатиро доираи (ҳадди) хеле сахти ҳиссаи эмигратсионӣ барои мамлакат ва гурӯҳи касбӣ муайян мекунад. Мувофиқи қонунгузории ИМА (соли 1990) ҳар сол ба мамлакат 140 ҳазор коргарони хориҷӣ роҳ дода мешаванд, ки онҳо асосан мутахассисони баландихтисос ва олимони ихтисосҳои нодир мебошанд.

**Оқибаҳои иқтисодии миграсияи қувваи корӣ.** Миграсияи қувваи корӣ ба вазъи демографӣ ва иқтисодиёти мамлакатҳои алоҳида таъсири муҳим мерасонад. Тавассути он як қатор мамлакатҳои тараққикарда ба такрористеҳсолшавии пасти аҳолӣ таъсир расонида, онро муътадил гардониданд. Солҳои 80-уми асри XX ҳиссаи иммиграсия дар афзоиши умумии аҳолии Канада, Австралия, Фаронса аз 25% зиёд, дар ИМА 50% буд. Нимаи дуюми ҳамин солҳо Ливия 1/10, Мексика қариб 1% аҳолии худро бой доданд. Демографи машҳури Фаронсавӣ А. Совӣ эммигратсияро ба марг баробар кардааст.

Миграсияи байналхалқӣ ба ҳайати сину солӣ ва ҷинсии аҳолии мамлакатҳо таъсири назаррас дорад.

Таъсири миграсия ба мамлакатҳо аз нигоҳи иқтисодӣ аҳамияти мусбӣ дорад. Мамлакатҳои қувваи кории берунаро (эммигрантҳоро) қабулкунанда, онҳоро ҳамчун омили муҳими тараққиёти истеҳсолот, махсусан соҳаҳое, ки коргарони маҳалӣ рағбати коркунӣ надоранд, истифода мебаранд.

Муҳаққиқони меҳнатӣ муайян кардаанд, ки эмигратнҳо дар аксари мамлакатҳо ба корҳои вазнин, зарарнок, каммузд, машғуланд. Дар Аврупои Ғарбӣ ҳиссаи хориҷиён дар чунин соҳаҳо хеле зиёд буда, то 70% қувваи кориро ташкил додааст. Ҳатто ҳолатҳое мавҷуданд, ки бе ҷалбкунии иммигрантҳо кори муътадили баъзе соҳаҳо – сохтмон, саноати автомобилсозӣ, соҳаи хизмат – номумкин мегардад.

Омадани қувваи кории хориҷӣ ба мамлакатҳои тараққикарда имконият медиҳад, ки беягон зарар коргарони маҳаллиро ба соҳаҳои баландтехнология гузаронанд. Коргарон-имигрантҳо дар аксари мамлакатҳо ҳамчун сарчашмаи муайян дар лаҳзаҳои бадшавии конъюнктураи иқтисодӣ (хориҷиён якумин шуда аз кор маҳрум мегарданд) қабул карда мешаванд.

Соҳибкорони мамлакатҳои қувваи кориро воридкунанда аз имигрантҳо боз дар он фоида мегиранд, ки иммигрантҳо тайёранд ҳама гуна кори каммуздро қабул кунанд. Ин имконият медиҳад, ки зиёдшавии музди кори коргарони маҳаллӣ



боздошта шавад. Дар аксари мамлакатҳои мутараққӣ бозори дукаратаи меҳнат амал мекунад, ки дар яке он хариду фурӯши қувваи кории миллӣ – коргарони баландихтисосу баландмузд – дар дигараш – коргарони хориҷии ба корҳои вазнину беэътибор розӣ буда ба амал меояд.

Мамлакатҳои тараққикарда мутахассисони баландкасби техникиро (барномачиҳо, электрончиҳо, олимони соҳаи табиатшиносӣ) бо хоҳиши том қабул мекунанд. Дар чунин ҳолат онро ба назар мегиранд, ки ин гурӯҳи коргарон рақобатнокии маҳсулоти онҳоро баланд ва азхудкунии истеҳсолоти навро имконпзир мекунанд.

Иммиграсияи кадрҳои баландихтисос ба мамлакатҳои қабулкунанда имконият медиҳад, ки воситаҳои хеле зиёди кадртайёркуниро сарфа намоянд. Аз ҳисоби ҷалбкунии мутахассисони хориҷӣ ИМА дар соҳаи маълумот ва илм (дар солиҳои 1965-1990) на кам аз 15 млрд. доллар сарфа намудаад.

Ҷиҳати манфии иммиграсия дар он зоҳир мегардад, ки дар бозори меҳнат қувваи кории пастихтисос меафзояду ин боиси пастшавии музди кори ҳақиқии ҳамин гуна коргарони маҳаллӣ мегардад. Мамлакатҳои содиркунандаи қувваи корӣ, дар навбати худ, як қатор фоида мегиранд. Онҳо аз ин ҳисоб даромади иловагӣ (дар шакли пулфиристонӣ) мегиранд. Баъзе мамлакатҳои содиркунандаи қувваи корӣ миқдори зиёди асъори хориҷиро ба ҳамин восита ба даст меоранд. Масалан, ибтидои солҳои 90 асри XX даромад аз ҳисоби эммигрантҳо дар як сол дар Португалия 3,6%; Миср – 3,5; Испания – 2,6; Ҳиндустон – 2,4; Покистон – 2,4; Туркия – 2,2; Исроил – 1,5%-и МУД-ро ташкил додааст.

Ҷамъи умумии пулҳои аз хориҷа фиристонидашудаи мигрантҳои меҳнатӣ (ба ватанашон) 40 млрд. долларро ташкил додааст. Пайваста ба ин, дар баробари пулфиристонӣ, эммигрантҳо аснои ба ватан баргашта бо худ пасандозу воситаҳои истеҳсолиро меоранд, ки маблағи (нархи) он ба миқдори пулҳои пешакӣ фиристодаи онҳо қариб баробар аст. Дар баробари ин, эммиграсияи меҳнатӣ одатан бо «фирори ақлҳо» якҷоя мегузарад, ки дар он шумораи зиёди коргарони баландихтисосу маълумотнок иштирок доранд. Чунин шакли эммиграсия симои бознагардандагӣ дошта, боиси сустшавии иқтидори интелектуалии мамлакати содиротчӣ мегардад.

**Танзими давлатии муҳоҷирати берунаи меҳнатӣ.** Мақсади танзими давлатии муҳоҷирати меҳнатии аҳолӣ ноил шудан ба микёси лозимии иммиграция барои мамлакати қабулкунанда, инчунин аз селаи умумӣ интихоб карда гирифтани иммигрантҳои иқтидорӣ мебошад.

Танзими муҳоҷирати берунаи меҳнатӣ ба воситаи созишномаҳои ду ва бисёртарафаи байнидавлатӣ ба амал бароварда мешавад. Ин созишномаҳо миқдори мигрантҳо, дар баъзе мавридҳо, синну сол, ҷинс, касб, авҳоли саломатӣ ва ғайраро муайян мекунанд.

Мамлакатҳои воридкунандаи қувваи корӣ чунин намуди маҳдудиятҳоро истифода мебаранд:

- ихтисоси касбӣ (мавҷудияти диплом, собиқаи муайяни корӣ аз рӯи ихтисос);
- меъёри синну сол;
- ҳолати саломатӣ (манъи нашъамандон, беморони СПИД ва касалиҳои рӯҳӣ);
- маҳдудияти иҷтимоӣ ва сиёсӣ (манъи аъзоёни ҳизбӣ тоталитарӣ, шахсони ҷинояткорӣ дар маҳбас буда).

Муайян кардани меъёри муҳоҷирон методи танзими давлатии миграция мебошад, ки он аз барқароркунии қонунии оиди ҳиссаи мутлақи қувваи кории хориҷӣ дар доираи иқтисодиёт, корхона ва соҳаҳои алоҳида иборат аст. Бо мақсади роҳ надодан ба иммигрантҳои минтақаву мамлакатҳои «нохонда» (номаъқулбуда) давлатҳои воридотчӣ миқдори омадани хориҷиён аз мамлакатҳои муайянро муқаррар кардаанд.

Танзими иқтисодии муҳоҷирати меҳнатӣ инҳоро дар бар мегиранд:

- хақдиҳӣ ба иммигрантҳо барои бо кор таъминшавӣ;
- қабули аввалини иммигрантҳое, ки ба иқтисодиёти мамлакат маблағ мегузоранд;
- андоз ба соҳибкороне, ки меҳнати иммигрантҳоро истифода мебаранд;
- маҳдудкунии муҳлати истиқомати коргарони хориҷӣ дар мамлакати қабулкунанда.

Дар мамлакатҳои қабулкунандаи қувваи корӣ маҳдудиятҳои касбию соҳавии истифодаи қувваи кории хориҷӣ дар шакли манъкунӣ амал карда метавонад. Маҳдудиятҳои



дигар дар шакли касби афзалиятнок амал мекунанд, ки дар коргарони хориҷӣ истифода бурдан мумкин аст (касби нодир, мутахассисони синфи баланд, коргарони соҳаҳои нави баландтехнология, коргарони барои корҳои вазнин, зараровар, каммузд, беэътибор, довталаб). Манъкунонии аниқ касберо, ки шуғли хориҷиён манъ аст, бо таври ошкоро нишон медиҳанд.

Зери таъсири (фишори) иттифоқҳои касаба ва ҳизбҳои сиёсӣ, ки онҳо муҳоҷирати меҳнатиро сабаби асосии бекории аҳолии маҳаллӣ меҳисобанд, мамлакатҳои тараққикарда барономаҳои ҳавасмандкунии реэмиграция (рафтану бозгаштан)-ро ба амал мебароранд. Дар доираи ин барномаҳо ё музддиҳии пулиро ба иммигрантҳо (аснои бо хоҳиши худ аз кор бардушкунӣ ва ба ватан баргардӣ) ё тайёркунии махсуси касбии коргарони хориҷаро ба кор мебаранд. Масалан, Фаронса баргаштани муҳоҷирони Африкоиро ба ватанашон ҳавасманд мегардонад.

Барномаи ёрии иқтисодии мамлакатҳои тараққикарда ба минтақаҳои эммиграцияи оммавӣ (дар мамлакати донор сохтани корхонаҳои нав бо мақсади боздории селаи нави муҳоҷирати меҳнатӣ, пешниҳодкунии қарз ба иммигрантҳое, ки дар ватани худ корхона сохтан мехоҳанд) ба ҳамин самт равона карда шудаанд.

**Оқибатҳои глобалии муҳоҷирати байналхалқии қувваи корӣ.** Ҷойивазнамоии байналхалқии қувваи корӣ, аз як тараф, омили тавонои тараққиёти иқтисодист. Миграция аз нав тақсимкунии захираҳои меҳнатиро, мувофиқи талаботи мамлакатҳои босуръат тараққикунанда, таъмин намуда, боиси муттаҳидшавии аҳолии фаъол дар марказҳои асосии иқтисодӣ мегардад, ки имконият медиҳад, ноҳияҳои наву захираҳои табиии онҳо аз худ карда шуда, ба болошавии некуаҳволии моддӣ ва дараҷаи касбии даҳҳо миллион одамон боис шавад. Муҳоҷирати байналхалқии аҳолӣ дар тараққиёти иқтисодию демографии мамлакатҳои алоҳида (ИМА, Канада, Австралия, қисман ҶАҶ, Аргентина) нақши калон мебозад. Масалан, аҳолии Исроил аз бисёр дараҷа, аз ҳисоби шумораи иммигрантҳо зиёд мешавад.

Аз тарафи дигар, муҳоҷирати аҳолӣ ба калоншавии аз ҳад зиёди шаҳрҳо дар мамлакатҳои қабулкунанда, пиршавии демографӣ меорад. Мутобиқшавии мигрантҳо дар шароити нав ҳамеша бо мушкилиҳои зиёд, баъзан зиддиятҳо (дар асоси

халқияту махфӣ) мегузарад. Натиҷаи эмигратсияи оммавӣ ба камшавии шумораи аҳолӣ сабаб (демопулятсия) шуда метавонад, ки ин ҳолат дар Ирландия, Юнон, Португалия (қатъи назар аз дараҷаи баланди афзоиши табиии аҳолӣ дар ин мамлакатҳо) рух додааст.

Ҳамин тавр, захираҳои меҳнатӣ аҳолии синни меҳнатӣ, нафақахӯрони коргар ва наврасони коргари аз синни меҳнатӣ хурдро дар бар мегирад. Тавассути фарқиятҳо дар афзоиши аҳолӣ дар тақсимоти аҳолӣ дар байни гурӯҳҳои асосии мамлакатҳо номутаносибӣ пурзӯр шудааст, ки ин боиси сарҷамъшавии захираҳои меҳнатӣ дар мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ мегардад. Ҳам ҷавоншавии демографии аҳолӣ ва ҳам пиршавии демографии он барои динамикаи захираҳои меҳнатӣ ҳолатҳои нохушанд.

Аҳолии аз нигоҳи иқтисодӣ фаъол аз аҳолии шуғлдор ва бекорони дар суроғи кор буда иборат буда, ҳиссаи он дар шумораи умумии аҳолии калонсол (15 сола боло) дар сатҳи 60 то 70% (дар мамлакатҳои тараққикардаю ба иқтисодиёти бозорӣ гузаранда) ва аз 45 то 50% (дар мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ) калавида меистад.

Дар сохтори соҳавии қувваи корӣ ҳиссаи шуғлнокӣ дар соҳаи хоҷагии қишлоқу ҷангал то рафт кам ва дар соҳаи меҳнати фикрӣ, дар мамлакатҳои тараққикарда дар соҳаи хизмат зиёд мегардад.

Ба қатори бекорон аҳолии бекормонда, дар суроғи кор буда ва ба коркунӣ омода будаpo мансуб донистаанд. Дараҷаи бекориро ҳамчун таносуби миқдори одамони унвони бекорӣдошта ба шумораи аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол муайян мекунанд.

Бозори ҷаҳонии меҳнат аз содироту воридоти қувваи корӣ иборат аст. Мафҳуми мигратсияи байналхалқии (берунаи) қувваи корӣ аз ҷойивазкунии аҳолӣ бавоситаи сарҳади давлатӣ, бахри дохилшавӣ ба муносибатҳои меҳнатӣ бо соҳибкорони дигар мамлакат иборат аст. Мигратсияҳои доимӣ, муваққатӣ-доимӣ ва мавсимиро фарқ мекунанд. Нимаи дуюми асри XX якчанд марказҳои ҷалбкунии мигратсияи байналхалқии меҳнатӣ – Аврупои Ғарбӣ, ИМА ва Канада, мамлакатҳои содиркунандаи нафт дар Осиёи Ғарбӣ ба вуҷуд омаданд.



**Саволхо ва супоришхо:**

1. Номутаносибии байни тақсимоти захираҳои меҳнатӣ дар мамлакат ва минтақаҳои ҷаҳон дар чӣ ифода меёбад?
2. Барои тараққиёти ҳозираи Ҳиндустон ҳиссаи кудакон ва наврасон дар сохтори синну солии аҳолӣ афзалият аст ё не?
3. Кадом қисми аҳолиро захираҳои меҳнатӣ номидаанд?
4. Мигратсияи берунаи аҳолӣ чист?
5. Намудҳои мигратсияи меҳнатиро шарҳ диҳед.
6. Мамлакатҳои тараққикарда баҳри боздоштани иммигратсияи меҳнатӣ кадом чораҳоро истифода мебаранд?
7. Мамлакатҳои қабулкунандаи иммигрантҳо чӣ гуна фоида мегиранд?
8. «Фирори ақлҳо»-ро чӣ ба вуҷуд овардааст?

# БОБИ IV.
# ЗАХИРАҲОИ МОЛИЯВИИ ХОҶАГИИ ҶАҲОН
## 4.1. Мафҳум ва моҳияти захираҳои молиявӣ

Захираҳои молиявии ҷаҳон ҷамъи захираҳои молиявии тамоми мамлакатҳо, ташкилотҳои байналхалқӣ ва марказҳои молиявии байналхалқии дунё мебошанд. Дар маънои маҳдуд, ҳамаи захираҳое, ки дар муносибатҳои иқтисодии байналхалқӣ иштирок мекунанд, яъне захираҳои молиявии шахсони фардӣ, ширкату ташкилотҳои миллӣ ва байналхалқӣ, захираҳои молиявии хоҷагии халқ мебошанд. Ҷойгиршавии онҳо дар мамлакатҳои ҷаҳон нобаробар аст, ки ин дар ҳаракати онҳо дар байни мамлакатҳо зоҳир мегардад. Ҳаракати захираҳои молиявӣ дар шакли ҳаракати сармоя зоҳир гашта, дар баробари ин як қисми ин захираҳо дар хизматрасонии пардохт банд аст, ки он дар миқёси дунё дар шакли муносибатҳои асъорӣ-ҳисоботии байналхалқӣ намудор мегардад. Дар амалия, асосан мо шакли ҳаракати пулро дар байни мамлакатҳо мебинем. Ин ҳаракат доимист ва миқдори захираҳо дар бузургии муайян дар байни мамлакатҳои амалиёти иқтисодии беруна дошта тақсим шудааст. Қисми онҳо ба захираҳои тиллоасъорӣ меафтаду қисми дигарашро ба хориҷиён дар шароити имтиёзӣ дар ашкли ёрӣ ва қисми асосиаш дар бозори ҷаҳонии молиявӣ харида ва фурӯхта мешавад. Механизми ин азнавтақсимкунӣ мураккаб аст.

Чун қоида, захираҳои асосии молиявӣ дар мамлакатҳои тараққикарда макон доранду соҳибони онҳо шахсони алоҳида, ширкатҳо, ташкилотҳо ва ҳукуматҳо буда, онҳо қисми асосии захираҳои тиллоасъории ҷаҳон, бозорҳои молиявиро ихтиёрдорӣ мекунанд ва ҳомиёни қарзу ёриҳои молиявии ҷаҳон мебошанд.

Бозори имрӯзаи молиявӣ аз ҷамъи ташкилотҳои молиявӣ иборат буда, он ба сифати миёнарави азнавтақсимкунандаи захираҳои фаъоли молиявӣ дар байни қарздеҳону қарзгирон, фурӯшандагону харидорони захираҳои молиявӣ баромад мекунанд. Бозори ҷаҳонии молиявӣ ба бозори асъорӣ, хизмати суғуртавӣ, аксия, қарзӣ ҷудо мешавад ва ин бозорҳо дар навбати худ ба ҷузъҳои тангтар тақсим мешаванд. Масалан, бозорҳои қарз – ба бозорҳои қоғазҳои қимматноки дарозмуддат, бозори қарзи бонкӣ. Аз нигоҳи муҳлати муомилот



бошад, бозори пулӣ (кутохмуддат) ва бозори сармоя (дарозмуддат)-ро фарқ мекунанд.

Агенти асосии бозори ҷаҳонии молиявӣ бонкҳои фаромиллӣ, ширкатҳои байналмилалӣ ва маблағгузорони гуногуни дигар мебошанд. Сохторҳои ҳукуматӣ ва ташкилотҳои байналхалқӣ низ нақши назаррас доранд, ки ҷойгиркунии қарздиҳии худро ба хориҷиён ба амал мебароранд. Дар бозори ҷаҳонии сармоя шахсони фардӣ ба воситаи маблағгузорони гуногун амал мекунанд. Ин ташкилотҳо асосан фондҳои нафақа, ширкатҳои суғурта ва фондҳои маблағгузорӣ мебошанд.

Яке аз сармоягузорони асосӣ дар ҷаҳон фредҳои шарикӣ буда, ҳаққи аъзогии саҳмгузорони худро ҷамъ менамоянд ва ин фонд ҳаҷми хеле бузург дорад. Соли 1998 ҳаҷми фаъоли он қариб 4 трлн. доллар буд. Маркази калони молиявии ҷаҳон ҷои асосии аз як ҷой ба ҷои дигар нигаронидани захираҳои молиявӣ мебошанд, ки дар он савдои фаъоли молиявӣ байни мамлакатҳо миқёси махсусан бузург доранд. Ин марказҳо асосан Ню-Йорк, Чикаго дар Амрико, Лондон, Франкфурт, Париж, Сурих, Женева Люксембург дар Аврупо, Токио, Сингапур, Гонконг, Баҳрайн дар Осиё мебошанд, ки онҳо қисми зиёди маблағи фаъоли бозори ҷаҳонии молиявиро дар худ ҷамъ намудаанд.

Бозорҳои тавлидшудаистодаи сармоя дар мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ ва ба иқтисодиёти бозорӣ гузаранда арзи ба вуҷуд омадан кардаанд. Инҳо бозорҳои Лаҳистон, Чехия, Маҷористон, Россия дар Аврупо; Ҳиндустон, Индонезия, Кореяи Ҷанубӣ, Малайзия, Таиланд, Тайван, Филипинҳо, Чин бо Гонконг дар Осиё; ҶАҶ дар Африқо; Аргентина, Бразилия, Венесуэлла, Мексика, Чилӣ дар Амрикои Лотинӣ мебошанд. Соли 1996 ҳаҷми софи сармоя дар ин бозорҳои ҳаҷмашон хеле хурд аз 200 млн. доллар (дар як сол) беш буд.

Дар амалияи имрӯзаи муносибатҳои иқтисодии байналхалқӣ шаклҳои мухталифи ҳаракати воситаҳо аз як мамлакат ба мамлакати дигар амал мекунанд: ба восита бонк гузаронидани пул, чеки бонкӣ, вексел, аккредетиви ҳуҷҷатӣ ва факторинги байналхалқӣ. Аксари мавридҳо ин ҳисобу китобкуниҳо ба мубодилаи як асъор ба дигараш ба амал бароварда мешавад, ки ин ҳолатро муносибати асъорӣ-ҳисоботӣ номидаанд. Чунин мубодилот дар бозори асъор хеле калон буда, амалиёти ҳаррӯзаи хариду фурӯш ба 1,5 трлн. наздик аст. Амалиёткунандаи асосии бозори асъор ва

деривативӣ (инструментҳои молиявӣ – аксия, облигатсия, асъор), бонкҳои тиҷоратӣ, бонкҳои марказӣ мебошанд. Бозори ҷаҳонии деривативҳо (инструментҳои молиявӣ) ва бозори асъор зич алоқаманд буда ҳаҷми воситаҳои он ба 50 трлн. доллар баробар аст. Намуди аз ҳама паҳншудаи древатив опсионҳо, свопҳо, фючерҳо мебошанд.

Бозори ҷаҳонии қарз ҳаҷми хеле васеъ дорад ва аз ин сабаб онро бо қисми бозори ҷаҳонии қарзи қоғазҳои қимматнок ва бозори ҷаҳонии қарзи бонкӣ ҷудо кардаанд. Дар қисми аввала чунин қоғазҳои қимматбаҳо, мисли вексел, облигатсия (шахси давлатӣ) муомилот доранд. Қисми дуюм ба қарзҳои молиявии гуногун, займ ва қарзҳо махсус гардонида мешавад. Қарзгирандагон дар ин бозор ширкатҳо, бонкҳо, ҳукуматҳои мамлакатҳо буда, қарздеҳон – ташкилотҳои гуногуни молиявӣ-қарзӣ мебошанд. Ҳаҷми ин бозорҳо ба 40 трлн. доллар наздик аст.

Бозори ҷаҳонии қарзи бонкӣ аз бисёр ҷиҳат ба захираҳое такя мекунанд, ки онҳо аз як мамлакат ба бонки мамлакати дигар мегузаранд. Ин захираҳо мансубияти миллии худро гум карда, фақат баҳри муносибатҳои иқтисодии байналхалқӣ хизмат мекунанд. Ин захираҳо бештар дар шакли доллар ва асъорхои аврупоӣ дар шакли депозит дар бонкҳои нав нигоҳ дошта шуда баромад мекунанд ва аз ҳамин сабаб номи евроасъорро гирифтаанд. Онҳоро баъзан бо номи асъори асосии чунин активҳо – евродолларҳо талаффуз мекунанд. Ҳаҷми бозори евродоллар ба 10 трлн. доллар наздик аст, ки аз 2/3 ҳиссаи онро доллари амрикоӣ ташкил додааст. Ҳамон қисмати қарзҳои бонкие, ки ба евродоллар такя мекунанд, бозори евродоллар номида мешаванд. Қарздиҳандагони фаъолро евробонк, қарзгирандагонро еврозайм, дар ин бозор қоғазҳои қимматноки чопшударо евроқоғаз (еврооблигатсия, евронота ва ғайра) меноманд.

Воситаҳои асосии евробозор еврооблигатсия (евробондҳо) мебошанд, ки онҳоро манбаи молиявии бонки байналхалқӣ номмида, бо хоҳиши қарздгирандагони (эмитентони) хориҷӣ чоп карда мешаванд. Воситаи дигари муҳими евробозор евроқарз аст, ки онро қарзгирандагон аз синдикати бонк ташкилкарда мегиранд.

Бозори ҷаҳонии аксия низ калонҳаҷм буда, он тақрибан 20 трлн. долларо ташкил додааст, ки дар он ҳиссаи мамлакатҳои



тараққикарда зиёд аст. Нашри аксия ба ҳамаи мамлакатҳои тараққикарда хос нест. Масалан, дар Олмон, Фаронса ва Италия ширкатҳо аз рӯи анъана барои ин мақсад истифодаи қарзи бонкиро афзал медонанд.

Дар бозори ҷаҳонии қоғазҳои қимматнок (бозори молиявӣ) натанҳо аксия ва қоғазҳои қиматноки қарзӣ, инчунин намудҳои нави қоғазҳои қимматнок – шаҳодатнома оиди соҳиби аксияи ин ё он ширкат бударо фурӯхта мешаванд. Онҳо бо он мақсад чоп карда мешаванд, ки худи аксия аз мамлакат берун нараваду гирифтори маҳдудият нагардад.

Айни ҳол раванди глобаликунонии савдои аксия ба амал омадааст. Вале ҳоло ҳам амалиёти хариду фурӯши аксияҳо дар бозорҳои миллӣ ҳаҷми калон надорад.

Умуман захираҳои молиявӣ захираҳои иқтисодии ҷаҳонии аз ҳама зиёд глобаликунонида мебошанд. Дар ин бора муомилоти бузург дар баъзе қисматҳои бозори ҷаҳонии молиявӣ, қабл аз ҳама, дар бозори ҷаҳони асъор ва деривативҳо, инчунин иштироки доимоафзояндаи ғайрирезидентҳо дар бозори қарзу аксияҳо гувоҳанд. Дараҷаи баланди глобаликунонии захираҳои молиявӣ ба он вобаста аст, ки инҳо намудҳои аз ҳама серҳаракати захираҳои иқтисодӣ мебошанд.

## 4.2. Истифодаи захираҳои молиявӣ

Глобаликунонии захираҳои молиявиро оқибатҳои хушу нохуш хос аст. Муътадилгардонии ҳолати норасогиҳои молиявӣ дар миқёси ҷаҳон, пурқувватшавии рақобатнокӣ дар бозори молиявии миллӣ, арзоншавии хизмати молиявӣ, норасо (дефитсит) набудани захираҳои сармоя аз қабили оқибатҳои хуши глобаликунонии захираҳои молиявӣ мебошанд.

Таҷрибаи ҳаётӣ собит намудааст, ки ҷиҳатҳои нохуши глобаликунонии захираҳои молиявӣ пурзуршавии номуътадилии бозорҳои молиявии миллӣ мебошад ва ин ҳолат аз он ба вуҷуд меояд, ки бӯҳронҳои молиявӣ ба амал омада ба дигар мамлакату минтақаҳо таъсир мерасонанд ва тавассути либераликунонии бозорҳои молиявии миллӣ, ин ҳолат боиси дастрасшавии ин бозорҳо ба «пулҳои тафсон» мегардад. Оқибати дигари нохуш вобастагии зиёди иқтисодиёти ҷаҳон ба сармояи молиявӣ (пулӣ) мегарданд, на ба сармояи ҳақиқӣ (бахши ҳақиқии иқтисодӣ). Моҳияти ин аз он иборат аст, ки алоқамандии тарафайни сармояҳои пулию ҳақиқӣ сармояи пулӣ

ба сармояи ҳақиқӣ камтар тобеъ шуда мемонад ва ҳатто аз он бештар афзалият пайдо мекунад, ки тавассути он вазъи иқтисодиёти миллӣ то рафт бештар ба вазъи молиявӣ вобаста шуда мемонад.

Пайваста ба ин, глобаликунонии захираҳои молиявӣ боиси он мегардад, ки қувваи таъсири ҳукумати миллӣ ба иқтисодиёти миллӣ суст мешавад. Дар як вақт дар тамоми мамлакатҳо таъсири ширкатҳои фаромиллӣ, ҷаллобии байналхалқӣ ва маблағгузорони байналхалқӣ ба бозорҳои молиявии миллӣ пурзӯр мегардад.

Ширкатҳои фаромиллӣ (ШФМ) ба иштирокчии фаъоли амалиёти бозорҳои молиявӣ табдил ёфтаанд. ШФМ ҳамчун содиротчӣ ва воридотчии асосии молу хизмат дар ҷаҳон мизоҷони калони бозорҳои асъор ва деривативҳо шудаанд. Қатъи назар аз он, ки бонкҳои тиҷоратӣ дар ин бозорҳо барои манфиати худ амалиёт мегузаронанд, вале онҳо амалиёти асосии асъориро бо супориши мизоҷони худ, қабл аз ҳама бо супориши ШФМ ба амал мебароранд. Таъсири ШФМ бештар дар бозори қарзу аксия назаррас аст.

ШФМ маблағгузории худро, бештар бо мақсадҳои дарозмуддат ба амал мебароранд. Асоси ШФМ-ро сармояҳои бевоситаи ба лоиҳаҳои дарозмуддат гузошта шуда ташкил медиҳанд.

Дар шароити имрӯза ҳодисаи ба аҳамияти ҷалобии молиявии ҷаҳонӣ аз будаш зиёд баҳо додан мушоҳида карда мешавад. Бо вуҷуди ин онҳо барои бозори ҷаҳонии сармоя ҳисшаванда мебошанд. Дар амалияи молиявӣ ҳамон амалиётеро ҷалобӣ номидаанд, ки иштирокчиёни он умеди аз тағйирёбии нишондиҳандаҳои молиявӣ (курси асъор, фоизи қарзӣ котировкаи аксия ва ғайра) даромадгирӣ доранд. Қисми зиёди «пулҳои тафсон»-ро аз марказҳои молиявӣ ба гирду атроф ва ба қафо гузаронида, соҳибони онҳо на танҳо ҷустӯҷуи ҷои аз ҳама сердаромадро ба роҳбарӣ мегиранд, балки инчунин тағйирёбии нишондиҳандаҳои дар боло номбаршударо интизор мешаванд. Ана ҳамин қисми «пулҳои тасфон» пули ҷалобӣ мебошанд.

Амалиёти молиявии байналхалқие, ки мақсади даромадгирӣ (аз ҳисоби тағйирёбии нишондиҳандаҳои молиявӣ) доранд, инчунин бевосита тағйирдиҳии ин нишондиҳандаҳоро мақсади худ мекунанд, ки инҳо амали ҷалобианд. Онҳо мақсад мегузоранд, ки курси мубодила ва



нархи аксияро паст намоянд, то ки аксияҳои арзоншударо бо курси мубодилаи барояшон фоидаовар харида гиранд. Барои чунин амалиёт даҳҳо ва садҳо млрд. долларро равона кардан мумкин аст, вале амалиётҳои ҷалобӣ ҳамон вақт муяссар мешаванд, ки ба он дигар маблағгузорҳои аз имконияти ба амалоии нишондиҳандаҳои молиявӣ ба воҳима омада ҳамроҳ шаванд. Дар натиҷа кори ҷалобон оғоз нашуда симои мавҷнок гирифта, дар бозори молиявӣ воҳима сар мезанад.

**Бӯҳрони молиявӣ.** Бӯҳрони молиявӣ дар мамлакатҳои алоҳида ба амал омада, ба бӯҳрони молиявии митақавӣ ва глобалӣ табдил ёфта метавонад, ки он боиси минтақавигардонӣ ва глобликунонии хоҷагии ҷаҳон мегарданд. Бӯҳрони молиявии солҳои 1992-1993 дар Итиҳоди Аврупо, солҳои 1994-1995 дар Америкаи Лотинӣ ва соли 1997 дар Таиланд оғозёфта аксари мамлакатҳои Шарқӣ ва Ҷанубу Шарқии Осиёро дарёб намуда, баъд ба дигар мамлакатҳо ва минтақаҳо паҳн гардид.

Бӯҳрони молиявӣ намудҳои гуногун дорад: бӯҳрони асъорӣ, ки боиси девалватсияи асъори миллӣ мегардад; бонкӣ, ки дастгирии молиявии давлатии бонкҳоро талаб мекунад; қарзӣ, ки ба тезу тундшавии масъалан қарзи дохилӣ ё беруна вобаста аст ва бӯҳрони системавӣ, ки тамоми системаи молиявии мамлакатро фаро мегирад.

Сабабҳои бӯҳрони молиявӣ асосан чунинанд: сиёсати макроиқтисодии беасос, системаи сусти молиявии миллӣ, шароитҳои номусоиди беруна (масалан, пастшавии нархи молҳои асосии содиротӣ) курси нодурусти мубодила (одатан баланд шуда), ноороми сиёсӣ.

**Инфлятсия (беқурбшавии пул).** Беқурбшавии пул таърихи қадима дорад ва дар асрҳои сипарӣ шуда ба давраҳои завол хос буд. Барои муътадилгардонии он давлатҳо воситаи молиявӣ надоштанду ба эммиссияи (баровардани пулҳои қоғазӣ, қоғазҳои қиматнок) пулӣ рӯй меоваранд. Вале дар шароити амали пулҳои металлӣ, ё озодона (бо тилло) ивазшаванда, баробарвазнӣ барқарор карда мешуду афзоиши нархҳо қатъ мегардид.

Дасткашии бисёр мамлакатҳо аз стандарти тиллоӣ (баъди ҷанги якуми ҷаҳон) қимматии устувори пешинаро барҳам дода, ба ихтиёри давлат воситаи тавоно – эмиссияи пулро дод, ки ба воситаи онҳо давлат метавонист хароҷоти буҷетро ба таври системавӣ зиёд намояд. Эҳтиёҷ ба хароҷоти буҷетӣ бошад, дар

асри XX ба тарви доимӣ меафзуд ва тавассути ин норасогии буҷети давлатӣ ва инфлятсияи ба вай алоқаманд барои мамлакатҳои ҷаҳон ҳодисаи муқаррарӣ гардид. Дар шароити имрӯза сухан бештар на дар хусуси набудани норасогии буҷети давлатӣ, балки оиди ҳаҷми он меравад. Зеро инфлятсия дар асри XX ҳодисаи ғайримунтазам не, балки ҳодисаи систематикӣ гашта буд.

Чоряки охири асри XX камбудии буҷети давлатӣ дар мамлакатҳои ФВБ (фонди асъори байналхалқӣ) дар дараҷаи аз 1,3 то 5,6% (нисбати МУД) мекалавид. Ҳол он, ки дар мамлакатҳои алоҳида вай хеле бештар буд. Бо вуҷуди ин, охири асри XX майли камшавии ин анъана мушоҳида карда шуд. Дар баъзе мамлакатҳо, аз ҷумла дар мамлакатҳои постсотсиалистӣ ҳолати профитсит (нисбат ба хароҷоти буҷет зиёд будани даромади он) мушоҳида карда шуд. Эҳтимол кардаанд, ки сабаби ин ҳолат аз ҷониби ҳукуматҳо ёд гирифтани беҳтар идоракунии захираҳои худ мебошад.

Баъди пастшавии камбудии буҷети давлатӣ ҳодисаи пастшавии беқурбшавии пул оғоз ёфт. Ин пастшавӣ соли 1970 15%-ро ташкил медод ва дар мамлакатҳои тараққикарда (соли 1996-1998) то ба 1-4% дар мам-лакатҳои рӯ ба тараққӣ 5-7%, постсотсиалистӣ ба 10-25% баробар буд.

**Бӯҳрони қарзи байналхалқӣ.** Яке аз масъалаҳои ҷиддии амали иқтисодиёти глобалӣ бӯҳрони қарзи байналхалқӣ мебошад, ки вай дар солҳои 80-90-уми асри XX авҷ гирифта буд. Қарзи байналхалқӣ соҳаи ҳамаро фарогирандаи иқтисодиёти ҷаҳон гардида, тамоми шаклҳои ғункуниро дар байни ширкату мамлакатҳо аз нав тақсим менамуд. Истифодаи воситаҳои қарз дар хоҷагии ҷаҳон ҳодисаи хос гардид.

Бӯҳрони қарзи байналхалқӣ, ки оғози он моҳи августи соли 1982 ҳисобида шудааст, аксари мамлакатҳои рӯ ба тараққиро ба коми хеш кашид. Дар ибтидо, дар ҳамин вақт Мексика аз уҳдаи адои қарзи берунаи худ набаромаданӣ шуд ва як қатор мамлакатҳои Америкаи Лотинӣ ба вай ҳамроҳ шуда, оиди бас кардани адои як қисми қарзашон эълон намуданд. Бо ҳамин, ин ҳодиса аз илати минтақавӣ ба ҷаҳонӣ табдил ёфт.

Сабабҳои пайдоиши бӯҳрони қарзи байналхалқӣ бисёранд. Тағйирёбиҳои шакли қарздиҳӣ, зиёдшавии нақши ШФМ дар қарздиҳӣ, пешравии сохтор ва вобаста ба он афзоиши талабот ба маблағи хориҷӣ, тағйироти раванди



такрористеҳсолкунӣ дар хоҷагии ҷаҳон, талабот ба кредит баҳри пардохти қарз, «гурехтани» сармоя ба хориҷа ва ғайра сабабҳои асосии бӯҳрони қарзи байналхалқианд.

Ёриҳои молиявӣ, қарзҳои бо шарти тиҷоратӣ гирифташударо ҳатман пардохтан лозим меояд. Ҳамаи онҳо қарзи беруна буда, бори гарони давлатӣ мебошанд ва онҳоро қарзи расмӣ (давлатӣ) меноманд. Ин қарзҳоро худи давлат мегирад ё ки барои баргардонидани қарзи ширкатҳо, шахсони алоҳида, фирмаҳои мамлакатҳои худ гарав мегиранд. Дар мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ ва постсотсиалистӣ ин қарзҳои давлатӣ зиёдтаранд.

Ҳаҷми умумии қарзҳои расмӣ ва хусусии дар ҷаҳон ҷамъшуда аз 2,5 трлн. доллар зиёданд. Тақрибан аз 1/7 ҳиссаи қарзи берунаи давлатӣ ба ҳиссаи мамлакатҳои аз ҳама қафомонда рост меояду боқимондааш – ба ҳиссаи мамлакатҳои дигари рӯ ба тараққӣ ва постсотсиалистӣ.

Қарздорони калонтарини ҷаҳон Бразилия, Мексика (тақрибан 170 млрд. долларӣ), Чин (120), Индонезия (110), Ҳиндустон (100), Аргентина (90), Туркия (75 млрд. долл.) мебошанд. 15%-и қарзро ташкилотҳои байналхалқӣ ва боқимондаашро бонкҳои хусусӣ, фирмаҳо ва ҳукуматҳои хориҷа додаанд.

Гаронии қарзи берунаро бо нишондиҳандаҳои зиёде муайян мекунанд. Асоситаринашон нисбати ҷамъи қарзи беруна ба МУД-и мамлакатҳои қарздор мебошанд. Дар аксари мамлакатҳои қафомонда ҳаҷми қарзи беруна аз ҳаҷми МУД хеле зиёд аст. Дар Мексика 70%, Бразилия –24; Аргентина – 33; Ҳиндустон – 28; Чин – 17; Лаҳистон – 36; Чехия – 37; Маҷористон – 73; Украина – 11; Россия –38%. Мегӯянд, ки таносуби аз 80% зиёдбуда хатарнок аст. Нишондиҳандаи дигар таносуби қарзи беруна ва ҳаҷми содироти молу хизмат мебошад. Аксари мамлакатҳои аз ҳама қафомонда барои пардохти қарзи берунаашон бояд якчанд сол тамоми даромади содиротиашонро равона кунанд – Никарагуа – 13 сол, Гвинея-Бисау – 19 сол.

Таносуби нишондодашуда барои Мексика 170%, Бразилия – 270%, Аргентина – 320%, Ҳиндустону Индонезия – беш аз 200%, Чину Таиланд – қариб 80%, Россия – 127%, Украина – 49%. Ҳудуди 200% (2 сол) хатарнок ҳисобида шудааст.

Нишондиҳандаи аз ҳама муҳим нисбати андозаи пардохти қарзи беруна ба ҳаҷми содироти молу хизмат ҳисобида мешавад. Ин Нишондиҳанда муайян мекунад, ки чи қадар пули аз содирот ба даст омадаро мамлакат барои пардохти қарз равона мекунад. Ин нишондиҳанда дар мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ ва постсотсиалистӣ дар нимаи дуюми солҳои 90 ба 17% наздик буд, аз ҷумла дар мамлакатҳои аз ҳама қафомонда – 15%. Дар Мексика ин нишондиҳанда 35%, Бразилия – 41, Аргентина – 44, Ҳиндустон – 24, Индонезия – 37, Таиланд – 11,5, Туркия – 22, Чин 9, Лаҳистон – 6,5, Чехия – 8, Маҷористон – 41, Украина – 6, Россия – 7%-ро ташкил додааст. Ҳудуди 20% хатарнок аст.

Бори гарони қарз боиси он шуда метавонад, ки мамлакат дар ҳалқаи қарз бимонаду қисми зиёди қарзи нав мегирифтагиаш барои пардохти қарзи қаблина равона карда шавад. Чунин вазъият дар аксари мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ мушоҳида карда мешавад.

Баъзе мамлакатҳо, чи тавре, ки дар боло гуфтем, аз пардохтани қарзи берунаашон даст кашиданд. Чунин ҳолат дар Туркия соли 1875, дар Мисру Перу – соли 1876, Юнон – соли 1893, Бразилия – соли 1898 ва соли 1914, Россия соли 1917 рух дода буд.

Барои он, ки қарзи байналхалқӣ ба масъалаи тезу тунди иқтисодӣ табдил наёбад, мамлакати қарздор бояд қарзашро фаъолона идора ку-над. Ин чунин маъно дорад, ки барои пешгирӣ намудани бӯҳрони қарзӣ як қатор чораҳоро андешида, ба амал барорад. Ин чораҳо иқтисодӣ, сиё-сӣ, иҷтимоӣ ва инчунин чораҳо оиди таъмини амнияти иқтисодӣ буда ме-тавонанд. Шарти асосии гузаронидани идоракунии сиёсии қарзи беруна чунин имконияти истифодабарии қарзи беруна мебошад, ки мамлакат бояд ҳам ба ҳалли мақсад ва ҳам камкунии қарзҳоро таъмин намояд. Чунин сиёсат дар охири асри XIX ва аввали асри XX дар ИМА ва солҳои баъди ҷангӣ дар Кореяи Ҷанубӣ самараи хуб дода буд.

Солҳои 70-80-уми асри XX масъалаи қарз ба бӯҳрони ҷаҳонӣ табдил ёфт. Дар чунин шароит қарздеҳону қарздорон ба чунин хулоса омаданд, ки агар онҳо бо ҳамдигар гузариш накунанд, қарздорон муфлис мешаванду қарздеҳон аз онҳо ягон қисми қарзи худро гирифта ҳам наметавонанд.

Барои ҳамин ҳам, бахри муътадил гардонидани масъалаи қарзи беруна реструктурикунонӣ (азнасозӣ)-и онро пеш



гирифтанд, ки он дар доираи клуби Париж (ташкилоти ғайрирасмии иборат аз якчанд мамла-катҳои қарздиҳандаи ҷаҳон)дар асоси нақшаҳои гуногун (вобаста ба вазъи иқтисодии мамлакатҳои қарздор ва талаботи мамлакатҳои қарзди-ҳанда) гузаронида мешавад. Аз рӯи яке аз ин нақшаҳо (шарти Неаполӣ) агар қарздорон дар тули се сол барномаи ФБВ ва ББТ-ро дар ҳаёт тат-биқ намоянд, имконияти нисфи қарзро вогузоркунӣ ё камкунии фоизи он пайдо мешавад. Ин имконият медиҳад, ки пардохти ҳарсолаи қарз ним баробар кам шавад. Шарти Хюстонӣ, ки он барои мамлакатҳои қарздори МУД-ашон ба ҳар сар аҳолӣ дар дараҷаи миёна аст, имконият медиҳад, ки қарздорон ба аксияи ширкатҳои миллӣ ё асъори миллӣ пардозанд.

Сохтори қарзҳои тиҷоратӣ, дигар қарзу ссудҳои мамлакатҳои қафомонда ба воситаи Ассотсиатсияи байналхалқии тараққиёт муайян карда шуд. Барои мамлакатҳои дараҷаи миёнаи тараққиёт ин амалиёт аз рӯи «Нақшаи Брейдӣ» (бо номи шахси соли 1986 онро пешниҳодкарда, вазири молияи ИМА) гузаронид шуд. Шарти «Нақшаи Брейдӣ» аз он иборат аст, ки мамлакатҳои қарздор сиёсати иқтисодии аз ҷониби ФБВ ва ББТ муайянкарда шударо гузаронанд. Мувофиқи нақша мамлакати қарздор метавонад қисми қарзи худро ба таври нақд аз ҳисоби воситаҳои ташкилотҳои молиявии байналхалқӣ харида гирад ё онро бо облигатсияи дарозмуддати давлатӣ табдил диҳад ва ё онро бо асъори миллӣ бо ҳуқуқи истифодаи асъори миллӣ барои хариди аксия иваз кунанд. Ҳамаи ин амалиётҳоро дар як вақт паси ҳам гузаронидан мумкин аст. «Нақшаи Брейдӣ» дар асоси ҳамон ресохторкунонии қарзи беруна меистад, ки он дар доираи клуби Лондон (ташкилоти ғайрирасмии бонкҳои қарздеҳии байналхалқӣ) меистад. Қаздорӣ аз рӯи қарзҳои савдоӣ ва пардохти авансӣ дар доираи клуби Токио аз нав карда мешавад.

Дар доираи клуби Париж якчанд млрд. доллар қарзи беруна реструктурӣ кунонида шуд, аз рӯи «Нақшаи Брейдӣ» – беш аз 200 млрд. долл. (мамлакатҳои Амрикои Лотинӣ ва постсотсиалистӣ). Ин имконият дод, ки қарздорон то як андоза масъалаи қарзашонро сабуктар кунанд.

**Саволхо ва супоришхо:**

1. Чаро сармояро ба сармояи ҳақиқӣ ва пулӣ ҷудо кардаанд?
2. Ченаки ҷудокунии бозори ҷаҳонии молиявӣ ба якчанд бозорҳои сармоя кадомҳоянд?
3. Ҳаҷми аз ҳама калонро кадом бозори молиявӣ доро аст? Сабабҳояшро нишон диҳед.
4. Қоғазҳои дар бозори қарз гардишкунанда кадомҳоянд?
5. Мафҳумҳои «евродоллар», «евробозор» чи гуна пайдо шудаанд?
6. Нақши мусбӣ ва манфии ШФМ дар бозори молиявии ҷаҳонӣ дар чӣ зоҳир мегардад?
7. Нақшаи ресохторкунонии қарзи берунаро номбар карда, ба онҳо тавсиф диҳед.
8. Оқибатҳои иҷтимоӣ-иқтисодии танзими қарзи беруна кадомҳоянд?
9. Оё ҳоло ҳам бӯҳрони қарзи байналхалқӣ вуҷуд дорад? Минтақаҳои асосии онро номбар кунед.



# БОБИ V.
# ЗАХИРАҲОИ СОҲИБКОРИИ ҶАҲОН
## 5.1. Мафхуми захирахои сохибкорӣ

Дар шароити имрӯзаи тараққиёти хоҷагии ҷаҳонӣ захираҳои соҳибкорӣ захираи муҳими иқтисодӣ гардидаанд. Вале ин захираҳоро дар аксари мамлакатҳои дунё дар шакли пинҳонӣ истифода мебаранд.

Захираҳои соҳибкорӣ (иқтидори соҳибкорӣ, қобилияти соҳибкорӣ, соҳибкорӣ) қобилияти ташкилкунии самараноки бо ҳам таъсиррасониҳои дигар захираҳои иқтисодӣ – бо ҳам таъсиррасонии самаранокии меҳнат, сармоя, замин, дониш бахри ба амал барории фаъолияти хоҷагӣ мебошад. Ин захираҳо дар соҳаи истеҳсолоти моддӣ, яъне аснои идоракунии фаъолияти фирмаҳо, ташкилотҳо ба амал бароварда мешавад. Таркиби ин захираро соҳибкорон, инфраструктураи соҳибкорӣ (институтҳои бозорӣ, этика ва маданияти он) ташкил медиҳанд.

Соҳибкорон дорандагони ширкату соҳиби моликияти ширкат, инчунин ҳамон ташкилотҳои бизнесӣ мебошанд, ки соҳибмулку идоракунандаро дар ҳастии як шахс ифода мекунанд. Мафҳуми «соҳибкор»-ро бо ду маъно фаҳмидан мумкин аст: капиталисти соҳиби корхона ва шахси кордон (уҳдабаро), корчаллон. Аз ин нигоҳ соҳибкор ин шахси ба ташкили ҷараёнҳои иқтисодӣ (дар микродараҷа) машғулбуда мебошад. Аксари соҳибони ширкатҳо дар идоракунии ширкат иштироки бевосита надоранд. Бисёри менеҷерҳои қисми поёнӣ асосан иҷрокунандагони оддӣ мебошанд, на ташкилотчии ҷараёнҳои иқтисодӣ. Аз ин нигоҳ онҳоро соҳибкор гуфтан норавост. Чиновникҳои (мансабдорони) идораи давлатиро низ ба қатори соҳибкорон мансуб намедонанд.

Иқтисоддони машҳури Амрикоӣ, ки аслу насаби австралиягӣ дорад (Иозеф Шумпетер) дар доираи назарияи худ «Вайроншавии бунёдӣ» (капитализм истеҳсолоти нави самаранокро ташкил намуда, истеҳсолоти бесамараи кӯҳнаро нест мекунад) нақши асосиро дар соҳибкор мебинад. Соҳибкор навигариҳо, назария ва чораҳои нави ташкилиро дар ҳаёт татбиқкунон ва дар бозори хатару воҳимаи худ ба амал бароварда, бо ҳамин вай ба амал барорандаи навигариҳо ба ҳисоб меравад. Чунин фаъолияти навҷӯӣ (хароҷоткунӣ аз давраи тадқиқот то ба истеҳсолот ҷорикунии чизи нав)-и соҳибкор, мувофиқи ақидаи Шумпетер, ҳаракатдиҳандаи асосии

тараққиёти иқтисодиёт аст. Аз рӯи ақидаи ӯ қобилияти соҳибкорӣ ин қобилияти беҳамто ва аксар ошкорнашудаи ҳаракати навҷӯӣ ба воситаи бизнеси хатарӣ мебошад.

Қисми дигари таркибии захираҳои соҳибкории ин ё он мамлакатро инфраструктураи бозорӣ ташкил медиҳад, яъне чунин институту меъёрҳои иқтисодиёти бозорӣ, мисли биржа, ширкатҳои суғуртаю аудиторӣ, фирмаҳои консултатсионию ҳуқуқӣ, судҳо, бахшҳои иқтисодии давлатӣ, қонунгузориҳои хоҷагӣ.

Яке аз қимматҳои муҳими иқтидори соҳибкории миллӣ ахлоқ ва маданият, худи руҳи соҳибкории ҷамъият аст. Агар ахлоқи соҳибкорӣ ба фиребдиҳии ҳариф роҳ надиҳаду маданияти соҳибкорӣ таърихи қадима дошта бошад ва аксари ҷамъият ба он кушанд, пас чунин вазъият боиси фаровонии захираҳои соҳибкорӣ дар мамлакат мегардад.

Умуман, ҳар қадар соҳибкорони маълумотноку ботаҷриба дар ин ё он мамлакат зиёд бошанд захираҳои соҳибкорӣ ҳамон қадар фаровон буда инфраструктураи бозорӣ тараққӣ карда, решаи ахлоқию маданни соҳибкорӣ чуқур гашта, руҳи ҷамъият ба соҳибкорӣ на танҳо одилона мегардад, балки аз тахти дил ба соҳибкорӣ машғул шудан мекӯшанд. Чунин ҳолат аксаран дар оламҳи тараққикарда мавҷуд буда аксари онҳо захираҳои соҳибкориро садҳо сол парваридаанд ва ё мероси маданияти соҳибкории қадимаанд.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ инро ҳам собит намуд, ки қобилияти соҳибкорӣ аз ҳама бештар дар ҳамон мамлакатҳо самараноктар ба амал бароварда мешавад, ки дараҷаи либераликунонии фаъолияти хоҷагӣ ба самараи баланди институтҳои давлатӣ ва дастгирии фаъоли давлатии соҳибкории хурду миёна ва сиёсати ҳавасмандкунии рақобат дар бозори дохилӣ мувофиқат намояд.

### 5.2. Афзоиши аҳамияти захираҳои соҳибкорӣ дар шароити глобаликунонӣ

Дар шароити имрӯзаи глобаликунонию либераликунонии фаъолияти хоҷагӣ, ки ба соҳибкорони хурду миёна захираҳои меҳнатӣ, табиӣ, пулию ақлии мамлакатҳои аз онҳо дур буда ва ҳатто молу бозори фурӯши онҳо дастрас аст, захираҳои соҳибкорӣ то рафт аҳамияти калон пайдо мекунанд. Ин ҳолат ба он вобаста аст, ки:



1. Баробари зиёд шудани дастрасии захираҳои иқтисодии мамлакатҳои гуногуни ҷаҳон дар ҳаёти хоҷагӣ аҳамияти захираҳои табиӣ ва сармоя не, балки захираҳои меҳнатӣ (аниқтараш, захираҳои меҳнатии ихтисоснок) ва махсусан, донишу захираҳои соҳибкорӣ меафзояд. Ин аз он сабаб аст, ки дар шароити имрӯза ин ду захираҳо аз воситаҳои ба онҳо харҷшуда боздеҳии аз ҳама зиёд доранд;
2. Ҳатто ширкати ба бозори беруна алоқа надошта, аз фишори рақобати хориҷӣ дар бозори дохилӣ азият мекашад ва барои он, ки ба ин рақобат тобовар бошанд бояд дараҷаи менеҷментро доимо баланд бардорад. Ба ибораи дигар, иқтидори соҳибкории худро бояд самараноктар истифода барад.

Акнун омили ҳалкунандаи истеҳсолот менеҷмент шуда мемонад. Мавкеи ин ё он мамлакатро дар рақобат маҳз менеҷмент муайян мекунад. Захираҳои соҳибкорӣ махсусан барои фирмаҳои дар бозори беруна доимо ва фаъолона амалкунанда (ШФМ) хеле муҳим аст.

Иқтисоддони амрикоӣ Майкл Портер дар асоси тадқиқоти худ ба хулоса омадааст, ки дар мамлакат дараҷаи баланди рақобатнокиро аксар ҳамон соҳаҳое ноил мешаванд, ки дар он ҷо имконияти истифодаи хусусиятҳои миллии рақобатнокиро баланд бардоранда дар ташкилу идоракунии фирмаҳо вуҷуд доранд. Дар Италия инҳо соҳаҳои истеҳсолоти хурду ғайристандартӣ, дар Олмон соҳаҳои баландтехнологияи дорои муҳандисони маълумотноки имтиёзнокии баланди истеҳсолӣ дошта мебошанд. Дар Ҷопон ҳамон соҳаҳое рақобаттобоваранд, ки онҳо байни коргарон кооператсияи баландро (якдилиро) талаб мекунанд.

Беш аз садҳо соҳаю зерсоҳаҳои мамлакатҳои гуногунро таҳлил намуда, М. Портер хулоса намудааст, ки фирмаҳои дар рақобати байналхалқӣ тобовар чунин бахшҳои фаъолият хоҷагиро истифода намуданд: инноватсия, беист беҳтаркунии ташкилотчигии худ ва муносибати глобалӣ доштан ба фаъолияти хоҷагӣ. Ин рафтор чунин маъно дорад, ки фаъолияти хоҷагиро на танҳо дар бозори дохилӣ, балки дар тамоми ҷаҳон ба амал баровардан зарур аст (вақте, ки рақобатнокии фирма ба ин имконият медиҳад).

**Иқтисодиёти пинҳонии ҷаҳон.** Ҳама гуна фаъолияти иқтисодии аз ҷониби мақомотҳои расмӣ ба қайд гирифта

нашуда, ё ба ибораи дигар, ҳамон самти иқтисодие, ки дар ҷамъият бар хилофи меъёрҳои ҳуқуқӣ ва қоидаҳои расмии ҳаёти хоҷагӣ ташкил ёфтаанд, иқтисодиёти пинҳониро ифода мекунанд. Вай се қисми мустақилро дар бар мегирад:

1. Иқтисодиёти «ғайрирасмӣ» - и бо қонун манъ карда нашудаи фаъолияти иқтисодӣ, ки дар доираи онҳо истеҳсоли хизмату молҳои омори расмӣ ба қайд нагирифта ҷой дорад ва аз андоз пинҳонанд. Ин қариб дар тамоми соҳаҳои иқтисодиёт имконпазир аст.
2. Иқтисодиёти «махфӣ» (ғайрикушод, сиёҳ) – асосан тамоми намуди фаъолияти иқтисодӣ, ки қонун манъ кардааст. Агентҳои иқтисодӣ, ки ба истеҳсол ё фурӯши маҳсулоту хизмат (истеҳсоли яроқ, нашъамандӣ), инчунин ҳуқуқи ба амалбарории намуди фаъолиятро надоштагон (масалан, духтурони бе литсензия), баъзан ба ин гурӯҳ рэкет, дуздӣ, роҳзанӣ дохиланд.
3. Иқтисодиёти «бардурӯғ» (сохта, қалбакӣ) – иқтисодиёт порахурӣ ва ҳама гуна қаллобӣ, ки ба гирифтан ва додани пул алоқаманд аст; фаъолияти гирифтани фоидаи беасос ва имтиёз (аз ҷониби агентҳои иқтисодӣ) дар асоси алоқаҳои ташкили ришвахӯрӣ низ дохиланд.

Ду фаъолияти охир аз якумаш бо он фарқ мекунанд, ки онҳо МУД-ро ба вуҷуд наорварда, балки онро аз нав тақсим мекунанд. Аз ин лиҳоз баъзан онҳоро якҷоя ҳам мекунанд.

Ба иқтисодиёти пинҳонӣ бо якчанд роҳҳо баҳо медиҳанд:

Бо роҳи сиёсати монетаристӣ, ки аз нигоҳи хатогӣ баҳо дода мешавад. Дар иқтисодиёти ғайрирасмӣ пардохту ҳисобу китоб ба таври нақд сурат мегирад. Бинобар он диққати асосӣ ба таносуби байни ҳаҷми пули нақд ва пасандози бонкии то дархостӣ, ҳиссаи банкнотҳои баландноминалӣ дар ҳаҷми умумии муомилоти пулӣ, инчунин пешравӣ дар ҳиссаи пули нақд дар муомилот равона карда мешавад.

Муносибати «Палермо» (методи италянӣ) ба муқоисаи ҳаҷми даромади эълонкарда шуда бо ҳаҷми хариди молу гирифтани хизмати пулакӣ дар миқёми мамлакат ё минтақа, инчунин аз шахсони алоҳида асос мекунад.

Иқтисоди пинҳонӣ дар ҳама гуна мамлакат мавҷуд аст. Шаклҳои он дар ин ё он дараҷа дар сохтори тамоми шаклҳои моликиятдорӣ вуҷуд доранд (қатъи назар аз мавҷудияти иқтисодиёти бозорӣ).



Ба микёс ва афзоиши иқтисодиёти пинҳонӣ чунин омилҳо таъсири назаррас доранд: гаронии андозситонӣ; ҳаҷми даромади ба даст омада; микёси бекорӣ; вазъи умумии иқтисодиёт; нақш ва андозаи маҳдудкунӣ барои бизнес; самаранокии институтҳои ҳокимияти давлатӣ.

Паҳншавии иқтисодиёти пинҳонӣ ба вазъи умумии иқтисодиёт, дараҷаи зиндагии аҳолӣ, фаъолияти хоҷагии аз маҳдудкунии давлатӣ бароянда, инчунин имконияти онро пахшкунии иқтисодиёти пинҳонӣ вобастагӣ дорад. Ин иқтисодиёт дар давраҳои бӯҳрон ва таназзул, камшавии даромади софи аҳолӣ ва афзоиши бекорӣ, афзуншавии гаронии андоз ва манъкунии давлатию маҳдудкунии бизнес, инчунин сустшавии аппарати давлатӣ паҳн мешавад. Дар мамлакатҳои тараққикарда сабаби асосии иқтисодиёти пинҳонӣ дараҷаи баланди андоз мебошад. Масалан, дар мамлакатҳои Аврупои Ғарбӣ 40-50% моҳонаи шаҳрвандон меравад. Меҳнати кироян ғайриошкор дар Аврупои Ғарбӣ бештар дар сохтмону соҳаи хизмат паҳн шудааст. Дар иқтисодиёти пинҳонии ин мамлакатҳо асосан коргароне шуғл доранд, ки онҳоро ҳирси зиёдшави даромад ором намегузорад ва онҳо аз андозситонӣ пинҳонанд. Чунин шуғл на даромади асосӣ, балки даромади иловагӣ, ёрирасонро таъмин менамояд ва аксар муваққатӣ аст. Индикатори (санҷидани) иқтисодиёти ғайрирасмӣ дар ин мамлакатҳо таносуби даромади декларатсиянашудаи МУД мебошад. Мувофиқи баҳодиҳии соли 1997 дараҷаи пинҳоншавӣ аз андозсупории даромад дар мамлакатҳои ИА аз 7 то 16%-ро ташкил медод.

Умуман, дар мамлакатҳои тараққикарда ҳиссаи иқтисодиёти пинҳонӣ 5-10%-и МУД, дар Италия, Испания, Юнон 20-30%-и МУД-ро ташкил медиҳад.

Дар мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ ҳиссаи иқтисодиёти пинҳонӣ аз 5 то 35%-и МУД-ро ташкил медиҳад. Ба ин бахш корхонаҳои хурди як-ду кас шуғл дошта, инчунин савдогарони алоҳидаю косибони шаҳрҳо дохиланд. Дар бахши ғайрирасмии ин мамлакатҳо бештар аз 300 млн. нафар аҳолӣ, аз ҷумла қариб 75 млн. нафар дар корхонаҳои хурдтарини саноатӣ шуғл доранд, ки ин аз шумораи коргарони ошкор амалкунанда зиёд аст.

Исбот шудааст, ки дар бахши ғайрирасмӣ аксар суръати афзоиш нисбат ба саноати хурд ва махсусан саноати калон

зиёдтар аст, ки инро ба сераҳолии шаҳрҳо (дар мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ) алоқаманд мешуморанд. Барои аксари ин мамлакатҳо рафтан ба иқтисодиёти пинҳонӣ аз он сабаб аст, ки харҷи риояи қонунҳои амалкунанда дар хочагидории мавҷуда аз фоидаи мақсади ноилгашта зиёд аст.

Коргарони бахши ғайрирасмӣ дар мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ истеҳсоли молу адои хизматро асосан на дар бозор, балки барои супориши мушаххас (бо истифодаи усули аз ҳама паст) ба амал мебароранд. Ин одамон даромади доимии паст, аксаран дар намуди табиӣ доранд.

Ин бахш мавқеи худро дар соҳаи саноати коркардабароии меҳнатталаб пурзӯр мекунад. Ба ин гуна соҳаҳо саноатҳои бофандагӣ, дузандагӣ, чармгарӣ, қолинбофӣ ва ғайра мансубанд. Аксари коргарон дар якчанд ҷойҳо кор мекунанд (бе қайдгирии расмӣ) ва аз андозситонӣ сар мекашанд (барои даромади иловагӣ).

Хизматрасонии оддӣ, савдои номуташаккил қисми дигари иқтисодиёти пинҳонӣ буда, аз он сабаб ба вуҷуд меояд, ки иқтисодиёт аз уҳдаи таъмини шуғл (дар соҳаҳои ҳозира) баромада наметавонад.

Таҷрибаи мамлакатҳои ба иқтисодиёти бозорӣ гузаранда собит намудааст, ки чӣ қадаре, ки пастравии иқтисодиёт чуқур бошад, дараҷаи фаъолнокии ғайрирасмӣ ҳамон қадар баланд аст. Дар мамлакатҳои Марказ ва Шарқи Аврупо ҳаҷми иқтисодиёти пинҳонӣ ба нишондиҳандаҳои Аврупои Ғарбӣ муқоисашаванда аст. Фаъолнокии ҷиноятҳо дар ин мамлакатҳо аз иқтисодиёти ғайрирасмӣ дида хеле камтар аст. Дар Лаҳистон, ки солҳои 80-ум ҳиссаи иқтисодиёти пинҳонӣ дар МУД 4-7% ва соли 1993 аз 17-18% зиёд буд, аз ибтидои болоравии иқтисодиёташ ин нишондиҳанда ба пастравӣ оғоз намуд. Шаклҳои афзалиятноки савдо, косибии ба қайд гирифта нашуда, додани хона буданд.

Ҳамаи мамлакатҳои Марказ ва Шарқи Аврупо дар ибтидои ислоҳоти бозорӣ аз тараққиёти иқтисодиёти ғайрирасмӣ гӯё «чашм пушида» буданд (ҳамчун усули пасткунандаи бӯҳрони иқтисодӣ). Бахши ғайрирасмӣ дар ин давра ду вазифаи муҳимро иҷро мекунад: 1) талаботро ба молҳои истеъмолӣ ва хизмат қонеъ мегардонанд, барои онҳо омили муайянкунанда барои харидор на миқдор, балки нархи онҳо мебошад; 2) шуғли аҳолиро таъмин менамояд.



Дар мамлакатҳои аъзои ИДМ ва Назди Балтика, ки гузариш ба иқтисодиёти бозорӣ нисбатан бо мушкилиҳои зиёд дучор меомад, ҳиссаи иқтисодиёти пинҳонӣ дар МУД як қадар баландтар буд (ниг. ҷадвали 5.1).

Ҷадвали 5.1

**Ҳаҷми иқтисодиёти пинҳонӣ дар як қатор мамлакатҳо**
(% нисбат ба МУД)

| Мамлакатҳо | Ҳисса дар соли 1994 | Афзоиш дар солҳои 1985-1994, % |
|---|---|---|
| Чехия | 18 | 12 |
| Маҷористон | 29 | 1 |
| Лаҳистон | 15 | - |
| Булғория | 29 | 6 |
| Руминия | 17 | -5 |
| Украина | 46 | 34 |
| Белоруссия | 19 | 7 |
| Молдова | 40 | 26 |
| Озарбойҷон | 58 | 46 |
| Гурҷистон | 64 | 52 |
| Қазоқистон | 34 | 22 |
| Россия (соли 1996) | 40 | 28 |

**Иқтисодиёти ҷиноятӣ.** Дар байни фаъолиятҳои расман манъшуда – истеҳсолоту макорӣ ва фурӯши яроқу аслиҳа, наъша, бизнеси махфӣ, фоҳишагӣ (худфурушӣ) назаррасанд. Иқтисодиёти ҷиноӣ асосан дар доираи гурӯҳҳои ҷиноии ташкилкардашуда тараққӣ меёбад. Даромади умумии ҷинояти ташкилкардашуда дар ҷаҳон (соли 1996) ба 1 трлн. доллар баробар буд. Нисфи ин даромад дар қаламрави ИМА ба даст оварда шуд.

Қисми зиёди ин даромадро фуруши нашамандӣ бавуҷуд меорад. Дар Амрико ибтидои солҳои 90-ум ҳар сол аз ин амалиётҳо 120 млрд. долл. даромад гирифта мешуд, ки 1/3 қисми он ба ҳиссаи савдои нашамандӣ рост меомад.

Ин пулҳо аксаран барои харидани фючерсҳо дар бозори молиявӣ харҷ карда мешаванд.

**Иқтисодиёти қалбакӣ.** Ин қисмати иқтисодиёти пинҳонӣ ба фоидаи дар алоқаҳои иқтисодӣ мавқеи махсус доштани

агетҳои иқтисодӣ алоқаманд аст. Дар иқтисодиёти қалбакӣ рентаи маъмурӣ-даромадгирӣ аз ҳисоби истифодаи субъектҳои худ, ки дар идоракунии давлатӣ иштирок доранд – мавқеи асосиро ишғол намудааст (масалан, гумрукчӣ ба намуди андоз рента мерӯёнад).

Рентаи маъмурӣ баъзан дар намуди ришвахӯрӣ бо мақсади бойшавӣ дар он вақт пайдо мешавад, ки коргарони вазифадор мавқею ҳуқуқи худро ба мақсади бойшавии худ бевосита истифода мебаранд. Харида гирифтани шахсони вазифадор низ ришвахӯрӣ аст.

Ришвахӯрӣ дар байни мансабдорон аз рӯи миқдори иштирокчиёни иқтисодиёти қалбакӣ аз ҳама оммавитарин мебошад. Мувофиқи маълумотҳо миқёси порахӯрӣ дар солҳои 1983-1995 дар ҷаҳон чор маротиба афзудаст.

Мамлакатҳои аз ҳама ришвахӯрии кам дошта Зеландияи Нав, Дания, Шветсия, Финландия, Канада, Норвегия, Сингапур, Швейтсария, Голландия, Австралия; мамлакатҳои аз ҳама зиёди ришвахӯрӣ бошанд Нигерия, Покистон, Бангладеш, Чин, Ҳиндустон, Индонезия, Россия дониста шудаанд.

Дар мамлакатҳои ба иқтисодиёти бозорӣ гузаранда рентаи маъмурӣ тавассути таъминоти гурӯҳи муайяни корхонаҳо бо имтиёзҳо, ҳуқуқи зиёди мақомотҳои давлатӣ ва сохторҳои онҳо дар ҷодаи тақсимоти захираҳо, даромадҳо, моликият пайдо мешавад.

**Саволҳо ва супоришҳо:**

1. Кадом шахсро соҳибкор номидан равост?
2. Иқтидори соҳибкории мамлакат кадомҳоянд?
3. Фарқияти иқтисодиёти ғайрирасмӣ аз иқтисодиёти ҷиноятӣ дар чист?
4. Сабабҳои асосии тараққиёти иқтисодиёти пинҳониро дар зерсистемаҳои хоҷагии ҷаҳон номбар кунед.



# БОБИ VI.
# ЗАХИРАҲОИ ИЛМИИ ҶАҲОН

Иқтидори илмӣ ва илмӣ-техникии ҳар кадом мамлакат нишонаи он аст, ки он мамлакат барои тараққиёти хоҷагиаш чӣ гуна имкониятҳо дорад.

Ба иқтидори илмӣ-техникии мамлакат ду гурӯҳи омилҳои асосӣ таъсир мерасонанд: Омилҳои миқдорӣ – мавҷудияти кадрҳои соҳаи тадқиқотӣ-илмӣ, инчунин таъмин будани корҳои илмӣ-тадқиқотию таҷрибавӣ-контрукторӣ (КИТ ва ТК - НИОКР) бо воситаҳои моддӣ техникӣ, қабл аз ҳама, бо воситаҳои молиявӣ ва омилҳои сифатӣ – системаи ташкили КИТ ва ТК, афзалияти тадқиқотӣ-илмӣ, инчунин дараҷаи тараққиёти соҳаҳои бо илм хизматрасонанда.

Барои муайян кардани захираҳои илмии ҳар кадом мамлакат нишондиҳандаҳои зеринро истифода мебаранд:

- ҳиссаи хароҷотҳои КИТ ва ТК дар МУД;
- хароҷотҳои КИТ ва ТК ба ҳар сар аҳолӣ;
- ҳиссаи маблағгузориҳои буҷетӣ ба КИТ ва ТК дар ҷамъи буҷети давлатӣ;
- шумораи мутахассисони соҳаи илм ва хизматрасонии имлӣ;
- миқдори мукофотҳои байналхалқӣ (қабл аз ҳама Нобелӣ) барои комёбиҳои беҳтарини илмӣ;
- индекси иқтибосориҳо (миқдори иқтибосҳо дар корҳои илмии тадқиқотчиён);
- ҳиссаи маҳсулотҳои илмталаб дар МУД ва маҳсулоти саноатӣ. Мувофиқи андозаи муайянкардаи фонди илмии милии ИМА ба соҳаҳои илмталаб ҳамонҳое дохиланд, ки ҳиссаи хароҷоти КИТ ва ТК дар онҳо беш аз 3,5% ва ҳиссаи коркунони илмӣ на камтар аз 2,5%-ро ташкил медиҳад;
- ҳиссаи ҳамин мамлакат дар бозори ҷаҳонии технологияи баланд.

Хароҷотҳои КИТ ва ТК аз ҳама беш дар 7 мамлакати дунё ба ҳисоб гирифта шудаасту ҷамъи он ба 370 млрд. доллар баробар аст. Ҳиссаи хароҷотҳои КИТ ва ТК дар ҷамъи маҳсулотҳои дохилии мамлакатҳои тараққикарда анъанаи мӯътадилӣ дораду дар доири аз 2 то 3% қарор гирифтааст.

Ҷадвали 6.1

**Хароҷотҳои КИТ ва ТК дар мамлакатҳои пешсафи ҷаҳон, % (соли 2000)**

| Мамлакатҳо | Ҳамагӣ, млрд. долл. | Ҳисса дар МУД, % | Маблағгузорӣ ба ҳар сар аҳолӣ |
|---|---|---|---|
| ИМА | 184,7 | 2,54 | 680,9 |
| Ҷопон | 82,0 | 3,00 | 654,3 |
| Олмон | 36,4 | 2,26 | 466,6 |
| Фаронса | 27,1 | 2,34 | 466,1 |
| Англия | 21,4 | 2,05 | 364,8 |
| Италия | 12,8 | 1,13 | 221,6 |
| Россия | 5,4 | 0,86 | 36,5 |

Мамлакатҳои тараққикарда дар КИТ ва ТК нисбат ба ıамлакатҳои рӯ ба тараққӣ зиёдтар харҷ мекунанд. Вале бисёр ɪиҳатҳо ба шароити таърихӣ ташкилёбии ҳар кадом мамлакат зобаста аст (ҳиссаи харҷ ба илму техника дар МУД дар Шветсия - 3%, Исроил – 2,2%, Зеландияи Нав – ҳамагӣ 1%).

Ҳиссаи хароҷотҳои давлатӣ ба КИТ ваТК дар соли 1995 ɪар Англияю Фаронса қариб 50%, дар ИМА 36% буд. Дар ин ıамлакатҳо, махсусан дар ИМА, қисми зиёди тадқиқотҳо ɪадафи ҳарбӣ доранд, ки ин яке аз омилҳои нақши асосии ɪавлат дар маблағгузории КИТ ва ТК мебошад. Омили дигар, ıун анъана, ҳиссаи балнди тадқиқотҳои фундаменталӣ аст, ки онро дар бисёр мавридҳо давлат ба души худ мегирад.

Дар хароҷоти соҳаи илму техника, дар баъзе мамлакатҳо, фирмаҳои хусусӣ нақши намоён доранд. Ибтидои солҳои 90-ум ıз ҷамъи маблағгузориҳо ба илму техника ба ҳиссаи сектори ɪусусӣ дар Кореяи Ҷанубӣ 82%, дар Швейсария 75%, дар Шветсия 68% рост омад.

**Соҳаи КИТ ва ТК.** Дунёи имрӯзаро замони инқилоби ıлмӣ-техникӣ номидаанд, зеро ин соҳа на танҳо ҷараёни ɪстеҳсолотро рангину бобаракат кардааст, балки инчунин ба ɪамоми ҷабҳаҳои фаъолияту зиндагии инсоният дахолат ɪамудааст. Бобаракатии соҳаи илму техникаро асосан бо ɪишондиҳандаи таносуби истеҳсоли маҳсулотҳои илмталаб бо ɪароҷотҳои КИТ ва ТК муайян мекунанд. Нишондиҳандаи ɪигар – шумораи шаҳодатномаҳои ҳар сол ба муаллифон дода



шуда оиди кашфиётҳо ё патентҳо низ аз аломатҳои муҳими самаранокии тадқиқотҳои илмӣ-техникӣ мебошанд.

Ҷадвали 6.2

**Натиҷаи тадқиқотҳои илмӣ-техникӣ дар мамлакатҳои тараққикарда**

| Мамлакатҳо | Миқдори патентҳои арзаи миллӣ, соли 1995, ҳазор | Шумораи мукофотҳои Но-белӣ дар солҳои 1901-1995 |
|---|---|---|
| ИМА | 127,5 | 179 |
| Ҷопон | 335,1 | 4 |
| Олмон | 51,9 | 59 |
| Фаронса | 16,1 | 24 |
| Англия | 25,4 | 70 |
| Россия | 17,6 | 10 |
| Италия | 1,6 | 4 |

Захираҳои илмии иқтисодиёти ҷаҳон дар миқдори ками мамлакатҳо ҷамъ оварда шудаанд. Ба ҳиссаи ИМА қариб нисфи тамоми захираҳои ба КИТ ва ТК ҷудо кардашуда рост меояд. Баъди онҳо мамлакатҳои Аврупои Ғарбӣ, Ҷопон ва Россия меистанд.

Мамлакатҳои тараққикардаи хурд (Шветсия, Швейсария, Голландия ва дигарон) ба қатори пешсафони фақат баъзе самтҳои нисбатан хурди ПИТ дохил буда, аксар ба фирмаҳои дигар мамлакатҳо кооператсия шудаанд. Баъзе МНИ (Кореяи Ҷанубӣ) дар баъзе самтҳои ПИТ пешсафанд.

Иқтидори илмӣ-техникии ИМА дар ҷаҳон аз ҳама пурқувват аст. Маблағи ҷудокардаи ҳарсолаи ин мамлакат ба КИТ ва КТ аз миқдори маблағи дигар мамлакатҳои пешсафи илмӣ-техникӣ (дар якҷоягӣ) зиёд аст. Иботидои солҳои 90-уми асри XX шумораи умумии кормандони соҳаи илму техникаи ИМА ба 1 млн. нафар наздик буд. 60% тадқиқотҳои фундаменталии мамлакат дар мактабҳои олӣ ҷойгиранд. Дар байни онҳо 156 донишгоҳ нақши назаррас доранд, ки онҳо дорои базаи ҳозираи техникӣ ва кадрҳои баландихтисосанд. Донишгоҳҳои Массачусет, Стендфорд, Гарвард, Принстон ва ғайра аз ҳамин қабиланд.

Тадқиқотҳои амалӣ асосан дар саноат ба амал бароварда шуда, корҳои таҷрибавӣ-конструкториро асосан фирмаҳо ва донишкадаю лабораторияҳои махсус иҷро менамоянд.

Намуди асосии иштироки давлат дар КИТ ва ТК шатрномавӣ буда, вай дар асоси озмун (конкурс) бо донишгоҳҳо ва марказҳои тадқиқотии онҳо ва ё бо фирмаҳо баста мешавад. Дар ин кор бизнеси навҷӯӣ аҳамияти калон дошта, илмро бо соҳибкорӣ мепайвандад. Маркази он маҷмӯъҳои илмӣ-истеҳсолӣ (технопарку технополисҳо) ба ҳисоб рафта, дар технополисҳо коркарди маҳсулотҳо, технология ва масолеҳу молҳои билкул нав, инчунин санҷишу истеҳсоли хурди маҳсулотҳои илмталаб ба амал бароварда мешавад. Соли 1997 миқдори технополисҳо 105 буд. ИМА бештар аз рӯи истеҳсоли суперкомпютерҳои ҳарбӣ, истеҳсолӣ ва таъмини барномавии онҳо, истеҳсоли техникаи ҳавоию кайҳонӣ, лазеру биотехнология афзалияти калон дорад, ИМА аз рӯи истеҳсоли технологияи ҳифзи табиат, инчунин калонтарин давлати истеҳсолкунандаи маҳсулотҳои илмталаб дар ҷаҳон буда, ба ҳиссаашон 40% истеҳсоли ин маҳсулотҳо рост меояд.

Аврупои Ғарбиро яке аз марказҳои асосии илм дар ҷаҳон номидаанд. Шумораи коргарони ин соҳа 700 ҳазор нафар буда, 300 ҳазор нафари дигар дар қисматҳои Марказ ва Шарқи қитъа амал мекунанд. Мамлакатҳои пешсаф дар тадқиқотии илмӣ-техникийӣ беш аз 1% МУД-и худро равона месозанд. Соли 1997 дар Олмон 62 технополис, дар Англия 40, дар Фаронса – 30 технополис ба қайд гирифта шудаанд.

Муддати тулонӣ ин қитъа аз рӯи тадқиқотҳои оддии технологияи баланд аз ИМА ва Ҷопон қафо буду то ҳол ин ҳолат вуҷуд дорад. Хароҷотҳои КИТ ва ТК ба ҳисоби ҳар сар аҳолӣ низ нисбат ба ин ду мамлакат дар Аврупои Ғарбӣ камтаранд. Аломати фарққунандаи иқтидори илмӣ-техникии Аврупои Ғарбӣ дар он ифода ёфтааст, ки дар ин ҷо миқдори тадқиқотҳои ҳарбию кайҳонӣ нисбатан камбуда (нисбат ба ИМА) бештар симои фундаменталӣ доранд. Мамлакатҳои минтақа дар ҷодаи сохтмони истгоҳҳои барқии атомӣ, истеҳсоли доруворихо, техникаи алоқа, як қатор соҳаҳои мошинсозии нақлиётӣ пешсаф буда, дар баробари ин дар чунин соҳаҳо, мисли, истеҳсоли нақшаҳои интегралӣ ва нимноқилҳо, микроравандорҳо, биомасолеҳ қафо мондаанд.



То ибтидои солҳои 80-уми асри XX Ҷопон аз ИМА ва Аврупои Ғарбӣ аз ҷиҳати иқтидори илмӣ-техникӣ, алалхусус тадқиқотҳои фундаменталӣ қафо буд. Баъди тамомшавии омилҳои экстенсивии тадқиқоти иқтисодӣ мамлакат ба афзоиши суръатноки соҳаҳои илмталаб гузашта, бо ҳамин мақсад давлат ва ширкатҳои хусусӣ қувваи худро ба тараққии тадқиқотҳои дохилӣ равона кардаанд. То соли 50-60-уми асри XX дар мамлакат истифодаи комёбиҳои илмӣ-техникаи хориҷӣ афзалиятнок буд. Хароҷотҳои Япония ба КИТ ва ТК аз 2,1% соли 1975 дар соли 1985 – 3,1%, соли 1996 – 3,0%-и МУД-ро ташкил доданд. Чунин соҳаҳои илмталаб мисли истеҳсоли робот, электроникаи тиббӣ, системаи ахборотӣ, нақшаи интегралӣ, маъданҳои нав, нахи оптикӣ, биотехнология, соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёт гардиданд. Ҷопон аз ҷиҳати содироти компонентҳои электронӣ ва техникаи электронии истеъмолӣ мавқеи пешсафро ишғол карда аст.

Бо вуҷуди ин фирмаҳои ҷаҳон дар тараққиёти истеҳсолоти илмталаб ҳоло ҳам то як андоза ба технолгияи амрикоӣ вобастагӣ доранд.

**Алоқаҳои илмӣ-техникии ҷаҳонӣ.** ПИТ дар нимаи дуюми асри XX пуравҷ гардида, боиси хеле васеъшавии мубодилаи технологӣ дар ҷаҳон гардид. Ин мубодила бо роҳҳои гуногун ба амал бароварда мешавад:

1. Дар асоси ғайритиҷоратӣ (нашри илмӣ-техникӣ, конфронсӣ, симпозиумӣ, миграцияи олимону мутахассисон) ва ғайра ин шакл асосан дар тадқиқотҳои фундаменталӣ паҳн шудааст;
2. Дар асоси тиҷоратӣ (додан дар шароити созишномаҳои литсензионии ҳуқуқ иситифодаи кашфиётҳо – патенту литсензияҳо, ноу-хау, яъне сирри истеҳсолоту технология);

Технология ба ду гурӯҳи харидорон дода мешавад: ба фирмаҳои хориҷӣ (фирмаҳои духтарии ШФМ) ва ба фирмаҳои мустақил. Технологияи навро бештар ШФМ ба филлиалҳо ё корхонаҳои духтарии худ пешкаш менамоянд. Ба фирмаҳои мустақил асосан технологияро соҳаҳои илмнаталаб медиҳанд.

Содиркунандаи калонтарини технология дар ҷаҳон ИМА мебошад. Англия, Швейсария дар савдои литсензия салдои мусбӣ доранд. Ҷопон, ки солҳои 50-60-уми асри XX калонтарини мамлакати истифодабарандаи технология дар

ҷаҳон буд, ҳоло ҳам барои технологияи хориҷӣ пардохти зиёд дорад, вале ин ҳолат торафт камтар шуда истодааст. Чунин мамлакатҳо аз амсоли Аргентина, Бразилия, Мексика, Ҳиндустону Туркия технологияи хориҷиро харида, дар ҳаҷми хурд ба мамлакатҳои ҳамсояашон литсензия содир мекунанд.

Алоқаҳои илмӣ-техникии ҷаҳон то рафт ба савдои молҳои илмталаб омезиш меёбад. Бинобар он, ба миқёсу географияи ин алоқаҳо аз рӯи мавқеи ин ё он мамлакат дар бозори технологияи баланд ва зиёда аз ин аз рӯи маҳсулоти илмталаб баҳо додан мумкин аст.

Ҳамаи бозори ҷаҳонии маҳсулоти банландтехнологияро шартан ба 50 макротехнология ҷудо кардаанд, ки 22 тои он дар зери назорати ИМА, Олмон – 11, Ҷопон –7 мебошанд. Ҳаҷми умумии фурӯши маҳсулотҳои илмталаб дар бозори байналхалқӣ ба 2,3 трлн. доллар расидааст. Аз ин ҳаҷм, ба ҳиссаи ИМА 39%, Ҷопон – 30, Олмон – 16, Россия – камтар аз 1% рост меояд.

**Саволҳо ва супоришҳо:**

1. Соҳаҳои илмталаб кадомҳоянд?
2. Омилҳои ба ҳиссаи хароҷотҳои КИТ ва ТК таъсиррасонро дар мамлакатҳои алоҳида ҷудо кунед.
3. Самтҳои асосии ПИТ дар марказҳои асосии илмӣ-техникӣ кадомҳоянд? Бартарии ҳар кадом марказро бо ин ё он самт нишон диҳед.
4. Чаро дар ИМА, Фаронса, Англия дар хароҷотҳои соҳаи илмӣ-техникӣ ҳиссаи давлат зиёд аст?
5. Барои самаранокии корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва таҷрибавӣ-конструкториро муайян намудан кадом нишондиҳандаҳоро ба кор мебаранд?



# БОБИ VII.
# МЕХАНИЗМИ ХОҶАГИИ ҶАҲОН ВА МАСЪАЛАҲОИ ОН

## 7.1. Мафҳуми механизми хоҷагии ҷаҳон

Хоҷагии ҷаҳон ҳамчун системаи мураккаб ҳамеша дар ҳолати нобаробарвазнист. Дар он алоқамандии абадӣ вуҷуд надошта, доимо тағёирёбӣ ҳукмрон аст. Вале вай механизмеро доро аст, ки он баробарвазнии дохилиро нигоҳ дошта, қобилияти худтараққикунӣ дорад.

Пас механизми хоҷагии ҷаҳон чист? Вазифаҳои он кадомҳоянд?

Механизми хоҷагии ҷаҳон системаи ҷамъиятии ташкили қувваҳои истеҳсолкунанда (омилҳои истеҳсолот), ҷамъи шаклу усулҳои танзими раванди ҳаёти иқтисодӣ дар миқёси саёравӣ мебошад. Пайваста ба ин, вай аз асосҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ иборат аст, ки он боиси истеҳсолот, тақсимот, мубодила ва истеъмоли маҳсулоту хадамоти истеҳсолшуда мегардад. Механизми хоҷагӣ таъсироти тарафайни шаклҳои мухталифи сармояро дар аснои ба амалбароии онҳо таъмин менамояд.

Вазифаҳои ҷамъиятии механизми хоҷагии ҷаҳон чунинанд:

- ба амалбарории иқтисодии моликият, ки он дар истеҳсол ва азхудкунии арзиши изофа зоҳир мегардад. Моликиятдорӣ дар шаклҳои мушаххаси ҳаракати сармоя, рақобати дохилисоҳавию байнисоҳавӣ ба амал бароварда мешавад. Моликиятдорӣ, агар вай ба қисмҳои механизми хоҷагӣ пурра карда нашавад, худ ба худ ба амал бароварда намешавад;
- танзими таносуби истеҳсолоти ҷаҳонӣ. Зарурияти ин танзим аз он иборат аст, ки онҳо бо роҳи тамоилкуниҳои доимӣ барқарор карда мешаванд. Таносуби мавҷуда дар ҳаҷми муайян ифода меёбанд, ки он бо самтҳои муқобил тағйир ёфта метавонанд;
- ҳалли зидияти байни дараҷаи тараққии қувваҳои истеҳсолкунанда ва муносибатҳои истеҳсолӣ. Муносибатҳои истеҳсолӣ ба қувваҳои истеҳсолкунанда таъсири ҷиддӣ мерасонанд ва агар муносибатҳои истеҳсолӣ, дар шакли муайян, тағйир намеёфтанд, тараққии қувваҳои истеҳсолкунанда имконнопазир мебуд. Баробари тараққии қувваҳои истеҳсолкунанда

дар хоҷагидорӣ тағйироти муайян ба амал меояду он тағйирот ба таври қатъӣ, ба зиддиятҳои чуқур мегузарад. Бо ҳамин муносибатҳои истеҳсолӣ ба дараҷаи қувваҳои истеҳсолкунанда мутобиқ мегарданд. Вале зиддият бартарафшаванда аст ва ин боиси тараққии минбаъдаи қувваҳои истеҳсолкунанда мегардад.

Қувваи ташкилдиҳандаи хоҷагии ҷаҳонӣ кадом аст? Бозори ҷаҳонӣ, ки он доимо афзоянда аст. Бозори ҷаҳонӣ гуфта ҷамъи бозорҳои дохилӣ, хориҷӣ ва байналхалқиро мефаҳманд.

Худи бозор микёси тақсимоти меҳнатро муайян намуда, нишондиҳандаи талаботи ҷамъиятӣ мебошад. Фурӯши молу хизмат дар бозор то чи андоза ба талаботи ҷамъият ҷавоб гардонидани ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолшударо муайян мекунад. Талаботи ҷамъиятӣ бошад, то ба кадом андоза ба сохти хоҷагии дохилӣ такя мекунад ва асоснокунии онро ба бозори ҷаҳонӣ нишон медиҳад.

Звенои марказии бозор рақобат аст, ки он ба ошкоркунӣ, паҳнкунӣ ва истифодаи самараноки маълумотҳои нави қабл аз он номаълум оиди афзалиятнокиҳо, воситаҳо ва технология мусоидат мекунад.

Амали бозорро бо ҳам мувофиқоӣ ва таъсири тарафайни рақобат ва монополия муайян мекунад. Анъанаи ташкили зиддияти софи монополистӣ соҳаи баркамол ба анъанаи ташкили нав иваз карда шуд, ки асоси онро қувваҳои рақобатию монополистии бо ҳам таъсиррасон ташкил медиҳанд. Аломатҳои муҳими механизми олигополӣ бо ҳам мувофиқоии қувваҳои танзимкунанда (монополия ва рақобат) аст. Вобаста ба симои ин ё он бозор ин таносуб ҳархела шуда метавонад. Олигополия дар асоси чунон сохтори соҳавӣ пайдо мешавад, ки дар он шумораи ками ширкатҳои калон ҳукмронанд.

Воситаҳои механизми хоҷагии ҷаҳонро шаклҳои мушаххаси ҳаракати сармояи молию пулӣ дар хоҷагии ҷаҳонӣ (категорияҳои иқтисодии нархи байналхалқӣ, меъёри фоизи қарзӣ ва курси асъорӣ) ташкил медиҳанд.

Низоми нархгузорӣ қисми асосии ҳалкунандаи механизми бозорӣ мебошад. Маҳз нарх ва калавиши мунтазами он боису сабаби ҳаҷми истеҳсолот гардида, ба воситаи онҳо (ҷавобан ба талаботи ҷамъият) тағйирёбии истеҳсолот ба вуҷуд меояд.



Механизми нархгузорӣ имконият медиҳад, ки вазифаҳои асосии ба самаранокии истеҳсолот вобаста буда ҳал карда шаванд. Ин вазифаҳо: баҳодиҳӣ ба зарурияти истеҳсоли ин ё он мол ба талаботи байналхалқӣ, ҳавасмандгардонии тағйиротҳои мақсадноки истеҳсолӣ, фоидаи имконпазир ба меъёрҳои истеҳсолӣ мебошад.

Нархгузорӣ на танҳо танзимгари истеҳсолоту муомилот, балки инчунин омили ташкили истеҳсолоти ҷамъиятӣ дар микёси ҷаҳонӣ мебошад ва ин ба баробарии системаи глобалӣ мусоидат мекунад.

Нархгузорӣ дар бозори ҷаҳонӣ дар зери таъсири сабабҳои гуногунии иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ ба вуҷуд меояд. Ҳаҷми нархи молҳои байналмилалӣ вобаста ба ҳосилнокии меҳнати корхонаҳои содиротӣ дар ин ё он мамлакат тағйир меёбад. Ин боиси он мегардад, ки нархи байналхалқӣ дар мамлакатҳои тараққикарда (нисбат ба нархи миллии онҳо) баланд ва дар мамлакатҳои сусттараққикарда (нисбат ба нархи миллии онҳо) пасттар аст. Бинобар он, нархҳои ҷаҳонӣ хароҷоти миёнаи байналхалқиро не, балки хароҷоти нисбатан ками ба хароҷоти истеҳсолкунандагони асосӣ наздик бударо ифода мекунанд.

Фурӯши мол аз рӯи нархҳои ҷаҳонӣ ба мамлакатҳо ва истеҳсолкунандагони тараққикарда имконият медиҳад, ки даромади зиёд ба даст оранд. Мамлакатҳои суст тараққӣ карда бошанд, маҷбуранд, ки моли худро нисбат ба нархи миллии истеҳсолоташон паст фурӯшанд.

Дар нахгузорӣ ҳукмронии ШФМ дар бозори ҷаҳонӣ таъсири калон мерасонаду он боиси пайдоиши нархҳои монополистӣ шуда метавонад (нархи баланди монополӣ ба нархҳое, ки фурӯхта мешаванд ва нархи пасти монополӣ ба молҳое, ки харида мешаванд). Ҳадди баландтарини нархро талабот ва имкониятҳои истеҳсолӣ не, балки хатари рақобати нав муайян мекунад. Дар амалия ШФМ кӯшиши онро доранд, ки нархҳоро то ба дараҷаи бадастории даромади баландтарин муқаррар намоянд, то ки дар бозор пайдошавии рақобати нави хатарнок роҳ надиҳанд.

Нархҳои ҷаҳонию дохили аксар бо ҳам мувофиқ нестанд. Нархҳои дохилӣ дар тамоми мамлакатҳо (новобаста аз дараҷаи тараққиёти онҳо) аз нархҳои ҷаҳонӣ дида баландтаранд. Ба бозори ҷаҳонӣ истеҳсолкунандагони ба рақобат тобовар мол мебароранд.

Рафти такрористеҳсолкунии ҷаҳонӣ аз нигоҳи сохторӣ якхела нест. Вай дар соҳаю зерсоҳа, аз рӯи намуди фаъолияти соҳибкорӣ, шакли сармоя, симои молу хизмат фарқ мекунад, ки ин боиси фосиланокӣ дар ҳаракати сармоя мегардад. Маҳдудиятҳои вобаста ба норасогии сармояи субъектҳои хоҷагӣ дар ҳолати лозимӣ ба амал омада бо ёрии қарз барҳам дода мешаванд. Рафти такрористеҳсолӣ аз бисёр ҷиҳат ба талаботу пешниҳодот дар бозори сармояи қарзӣ, сиёсати хоҷагии иттиҳодияҳои қарзӣ вобаста аст, ки ин ба востаи фоизи қарз ё меъёри қарз зоҳир мегардад. Меъёри онҳо ҳамчун нисбати даромади сармояи ба қарзи додашуда муайян карда мешавад.

Дар доираи хоҷагии миллӣ пастшавии фоизи қарз талаботро ба қарз ва ба молҳое, ки аз ҳисоби маблағгузорӣ истеҳсол мешаванд, фузун мегардонад. Қимматшавии қарз бошад, баръакс, талаботро ба қарз кам мекунад, ки ин маънои камшавии талабот ба воситаҳои истеҳсолот ва маводи истеҳсолиро дорад. Дар хоҷагии ҷаҳон амали меъёри ҳисоботи баръакс аст. Тағйирёбии он сабаби ҳаракати пасандозҳои кутоҳмуддат (онҳоро пулҳои тасфон меноманд) мегардад, ки онҳо баъзан ба миллиардҳо мерасанд. Масалан, якбора болоравии меъёри ҳисоботӣ дар ИМА дар ибтидои солҳои 80-уми асри XX боиси ба ин мамлакат воридшавии селаи калони сармояи қарзӣ (420 млрд. долл.) гардид, ки ин 22% маблағгузории дохилии ИМА-ро ташкил менамуд.

Муносибатҳои иқтисодии байналхалқӣ дар аксар мавридҳо ба мубодилаи асъори як мамлакат ба мамлакати дигар вобаста аст. Таносуби мубодилаи байни асъорҳо қурби асъорро ташкил медиҳад, яъне нархи воҳиди пули миллӣ, ки дар воҳиди пулии дигар мамлакат пайдо карда мешавад.

Калавиши қурби асъор ба тағйирёбии ҳаҷми ҷисмонии содирот ва воридот, таҳаввулоти тавозунҳои (балансҳои) пардохти амалиёти ҷорӣ, ҳаҷму самти сармояи хориҷӣ таъсири калон мерасонад. Камқурбшавии асъор ба содиротчиён имконият медиҳад, ки нархи моли худро аз рӯи асъори хориҷӣ паст кунанду аснои мубодилаи он ҳамон миқдор ё зиёдтар воҳиди пули миллӣ ба даст оранд, ки ин фурӯши молҳои онҳоро зиёдтар намуда, барои зиёд кардани содироташон имконият фароҳам меорад. Дар ин ҳолат воридот мушкил мегардад. Зеро барои бадастории ҳамон миқдор пули миллӣ содиротчиёни



хориҷӣ маҷбуранд, ки нархро боло бардоранд. Ҳисобкунии олимон собит намуд, ки тағйирёбии қурби асъор то ба 10% (дар 14 мамлакати Ғарб) ҳаҷми содиротро аз 7% дар ИМА, Ҷопон, Фаронса, Шветсия то 3-4% барои дигар мамлакатҳо паст ё баланд мекунад. Тағйирёбии ҳаҷми воридот, дар ҳамон гуна шароитҳо, аз 1 то 6%-ро ташкил медиҳад. Барои танзими қурби асъорӣ дигар мамлакатҳо рӯ ба «мудохилаи коллективона» мениҳанд, яъне ба харид ва фурӯши ин ё он воҳиди пуле рӯ меоранд, ки қурби он барои ин мамлакатҳо ба таври зиёновар дигар мешавад.

Дар ҳаракати сармояи соҳибкорӣ динамикаи қурби асъор таъсири зиёд мерасонад. Баланд гардидани қурби асъор ҳавасмандиро ба маблағгузории хориҷӣ, инвеститсияро дар иқтисодиёти дигар мамлакатҳо зиёд мекунад, ки ба он асосан хароҷоти ками ба дастории қоғазҳои қимматноки хориҷӣ боис мешаванд. Пастшавии қурби асъор баракс, истеҳсолоти миллиро диққатҷалбкунанда ва ҳавасмандиро ба маблағгузории хориҷӣ кам мекунад.

Умуман тағйирёбии меъёри фоизӣ ва ҳаракати қурби асъор ба қабули қарор аз ҷониби амали иқтисодиёти ҷаҳон дар ҷодаи маблағгузорию савдоӣ, ба динамикаи нарх ва дар охири охирон ба дурнамои афзоиши иқтисодӣ дар мамлакатҳо ва хоҷагии ҷаҳон таъсири калон мерасонад. Шаклҳои мушаххаси хоҷагии дар механизми танзими хоҷагии ҷаҳон дохилбуда ба сифати қувваи бедоркунандаи ашхоси хоҷагидор бо амали муайян (бо роҳи манфиатҳои иқтисодӣ) баромад мекунанд. Фишори бозор бо ёрии талабот ва пешниҳод, нарх, фоизи қарз ба шуури соҳибкорон дар раванди такрористеҳсолкунӣ расида, боиси ташкил додани ҳаёти иқтисодии муайян мегардад. Дар ин ҳолат тағйирот дар шаклҳои муайяни хоҷагӣ ҳамчун вокуниш дар вайронкунии амалиёти ду системаи алоҳида ва соҳаҳои хоҷагии ҷаҳон баромад мекунад.

## 7.2. Сохтори механизми хоҷагии ҷаҳон

Ба структураи механизми хоҷагии ҷаҳон намояндагони дараҷаи дутарафа, бисёртарафа, минтақавӣ ва ҷаҳонӣ, хусусӣ ва байналхалқӣ – монополистӣ дохиланд. Инҳо давлат, иттиҳодияҳои ҳамгироӣ, ШФМ, БТН, картелҳои байналхалқӣ, ташкилотҳои байнидавлатӣ, иттифоқҳои соҳибкорон мебошанд.

**Давлат.** Давлат дар ҷаҳон шакли хоса дошта, вазифаҳои махсуси миллӣ ва берунаро иҷро менамояд. Вай ҳамчун соҳибкори махсуси оддӣ ва ҷамъиятӣ баромад мекунад. Вай барандаи ҳокимият буда қудрату тавоноии молиявӣ дорад, соҳибмоликият ва дорандаи воситаҳо мебошад; ба воситаи сиёсати буҷетӣ, қарзӣ, пулӣ ва асъорӣ ба бахшҳои дохилию берунии хориҷӣ таъсир мерасонад. Дар баробари усулҳои кутоҳмуддати таъсиррасонӣ ба иқтисодиёт, давлат шаклҳои мухталифи танзими дарозмуддатро истифода намуда, сиёсати сохторӣ мегузаронад, ба пешравиҳои истеҳсолӣ, барҳамдиҳии қафомонии минтақавӣ, баланд бардоштан рақобатнокии ширкатҳои миллиро ҳавасманд мегардонад. Дар ин ҷода сиёсати илмӣ-техникии давлат нақши бебаҳо дорад.

Таъсири тарафайни хоҷагиҳои миллӣ ба хоҷагии ҷаҳонӣ яке аз соҳаҳои мураккаби иқтисодиёти ҳама гуна мамлакат аст. Аз ҳамин ҷиҳат дахолати давлатӣ дар ин соҳа зарур шуда мемонад. Давлат ба воситаи сиёсати берунаи иқтисодиаш алоқаҳои иқтисодии берунаро танзим менамояд.

Сиёсати иқтисодии беруна амалиёти ба мақсад мувофиқи давлат ва сохторҳои он оид ба муайянсозии тартиботи танзими алоқаҳои иқтисодии беруна ва муносибкунии иштироки мамлакат дар тақсимоти байналхалқии меҳнат мебошад. Асоси сиёсати иқтисодии бунурмарзии давлатро сиёсати савдои беруна, сиёсат дар соҳаи ҷалб намудани сармояи хориҷӣ ва танзими маблағгузории миллӣ дар хориҷа ва сиёсати асъорӣ ташкил медиҳанд. Пайваста ба ин, сиёсати иқтисодии беруна вазифаҳои баробаркунии ҷуғрофии амалиёти иқтисодии берунаро бо давлату минтақаҳои алоҳида ҳал менамояд, ки ин ба таъмин намудани амнияти иқтисодии мамлакат вобаста аст.

Сиёсати иқтисодии беруна бо ёрии як қатор чорабиниҳо ба амал бароварда мешавад ва номгӯи ин чорабиниҳо доимо меафзояд. Инҳо асосан тарифҳои гумрукӣ ва чораҳои ғайри тарифӣ мебошанд. Сиёсати давлатии ҳимоякунии бозори дохилӣ аз рақобати хориҷӣ бо роҳи истифодаи усулҳои тарифию ғайритарифӣ протексионизм номида мешавад.

Танзими давлатии алоқаҳои иқтисодии беруна таҷрибаи ҷаҳонӣ андӯхтааст. Вазъи танзими давлатии алоқаҳои иқтисодии беруна дар шароитҳои мушаххаси миллӣ ҳархел аст. Дар мамлакатҳои сиёсати иқтисодиёти кушодаро пеша намуда давлат ба бозор аксаран ба воситаи тарифҳои гумрукӣ (ИМА) ё



барномаҳои давлатии тараққиёти сохтори хоҷагӣ (Олмон) таъсир мерасонад. Дар мамлакатҳои дигар барномаҳои таъсири фаъолона ба сохтори хоҷагӣ (бо мақсади мутобиққунонии он ба талаботи иқтисодиёти ҷаҳон) ба амал бароварда мешавад. Аз ҷумла, бо роҳи дастгирӣ намудани истеҳсолоте, ки ба қонеъгардонии талаботи баланди бозори ҳозираи ҷаҳонӣ қодир аст (Ҷопон, Фаронса, Италия). Барои ин аз як қатор воситаҳои гуногуни сиёсати иқтисодӣ истифода мебаранд. Дар баробари ин дар мамлакатҳлои сиёсати иқтисодиёти кушода ҳам ба мақсадҳои иқтисодӣ захираҳои калони иқтисодӣ сафарбар карда мешаванд. Дар ИМА бо мақсади дастгирӣ намудани содирот ва ёрӣ ба тараққиёти он ҳар сол қариб 20 млрд. долл. харҷ карда мешавад (3 млрд. долл. аз ҳисоби буҷети давлатӣ). Ин ҳангом воситаҳои буҷетӣ (40%) бевосита, яъне бо мақсади дастгирии қарзии содиротчиён харҷ карда мешаванд.

Воситаҳои ба таври оқилона баҳри ҳавасмандкунии содирот равона карда нисбат ба соҳаҳои бештар ҳадафи бозори дохилӣ дошта якчанд маротиба тезтар боздеҳ медиҳанд. Тавассути сиёсати давлатии кумакрасонӣ ба содирот дар ҳудуди солҳои 80-90-уми асри сипаришуда ИМА тавонист, ки пешсафии худро дар иқтисодиёти ҷаҳон баргардонида, онро мустаҳкам намояд ва содироти маҳсулоти баландтехнологиро хеле зиёд намояд (аз ҷумла электроникаро 2,5 баробар), салдои манфии балансн савдоро якбора (қариб 2 баробар) кам кунад.

Мамлакатҳои дар дараҷаи на он қадар баланди тараққиёти иқтисодӣ буда низ аз паси ҳамин гуна сиёсат шудаанд (масалан, МНИ), Малайзия тавассути кӯшиши ба мақсад мувофиқи давлат аз мамлакати воридкунандаи ашёи хом ба давлати содиротчии калони ҷаҳонии молҳои тайёр, аз ҷумла маҳсулоти мошинӣ-техникӣ табдил ёфт. Дар солҳои 1960 ҷамъи содироташ аз 1 млрд. доллар, дар нимаи дуюми солҳои 90-ум то ба беш аз 60 млрд. доллар афзуда, он дар ҳиссаи маҳсулоти саноатӣ то ба 87% расид, яъне 10 баробар афзуд.

Мақсади охирини чунин сиёсат дар тақсимоти байналхалқии меҳнат ҷои мусоидро ишғол кардани мамлакат ва мувофиқан болобардории дараҷаи технологии иқтисодиёт ва сатҳи зиндагии мардум аст. Мавқеи имрӯзаи Тоҷикистон шоҳиди фоиданок будани маҳз ҳамин гуна сиёсат аст.

Вазъи имрӯзаи Тоҷикистон дар хоҷагии ҷаҳонӣ, масъалаҳои гузарониданиислоҳотро дар сиёсати иқтисодии

беруна муҳим гардонидаанд. Тоҷикистон бояд ҳамон самтҳои он сиёсатро пурзӯр намояд, ки то вақтҳои охир онҳо аз маркази диққат берун буданд. Ин ҷо сухан оиди кушода будани бозори дохилӣ барои рақобати хориҷӣ бо якҷоягии ҳимояи истеҳсолотчиёни миллӣ, инчунин оиди дастгирӣ намудани содиротчиён дар бозори беруна меравад.

**Ширкатҳои фаромиллӣ.** Иқтисодиёти ҷаҳони ҳозираро раванди фаромилликунонӣ хос буда, ширкатҳои фаромиллӣ дар ин кор қувваи асосии ҳаракатдиҳанда ба ҳисоб мераванд. Онҳо иттиҳодияҳои хоҷагие мебошанд, ки аз ширкати сарвар (модарӣ, волидӣ) ва шӯъбаҳои хориҷӣ иборатанд. Сарширкатҳо аз болои фаъолияти корхонаҳои ба ҳайаташон шомил буда бо роҳи иштирок дар сармояи корхонаҳо назорат мебаранд. Дар шуъбаҳои хориҷии ширкатҳои фаромиллӣ ба ҳиссаи ширкатҳо 10% саҳм рост меояд.

Дар ҳудуди асрҳои XX-XXI фаъолияти иқтисодии беруна ба таври бемисл ривоҷу равнақ ёфт, ки дар он ширкатҳои фаромиллӣ ҳачун савдогар, маблағгузор, паҳнкунандаи технологияи ҳозиразамон ва нӯмуи мигратсияи байналхалқии меҳнатӣ баромад мекунанд. Онҳо аз бисёр ҷиҳат динамикаи сохт, дараҷаи рақобатнокии молу хизматро дар бозори ҷаҳонӣ, инчунин ҳаракати байналхалқии сармоя ва додани донишро муайян намуда, дар байналмилаликунонии истеҳсолот нақши калон мебозанд.

Омилҳои кори бобаракати ширкатҳои фаромиллиро истеҳсоли байналхалқии молу хизмат, ки аз истеҳсоли корхонаҳои авлодии ширкатҳои фаромиллӣ ва шӯъбаҳои онҳо иборатанд, ташкил медиҳад. Гувоҳ ин аст, ки охири солҳои 90-уми асри XX истеҳсолоти байналхалқии молу хизмат 7% МУД ҷаҳонро ташкил дод. Олимон ба қатори сарчашмаҳои самаранокии фаъолияти ширкатҳои фаромиллӣ инҳоро мансуб донистаанд:

- истифодаи афзалияти соҳиб будан ба захираҳои табиӣ, сармоя, дониш ва махсусан натиҷаҳои КИТТК;
- имконияти ҷойгиркунии мусоиди корхонаҳои худ дар мамлакатҳои гуногун бо назардошти ҳаҷми бозори дохилии ин мамлакатҳо, суръатҳои тараққиёти иқтисодӣ, нархҳо, нархи қувваи корӣ, нарх ва дастрас будани дигар захираҳои иқтисодӣ, тараққиёти инфраструктура ва омилҳои сиёсӣ-ҳуқуқӣ, ки дар онҳо муътадилии вазъи сиёсӣ муҳимтарин аст;
- имконияти ҷамъкунии сармоя дар доираи тамоми системаи ширкатҳои фаромиллӣ, ки ба воситаҳои қарзии шӯъбаҳои хориҷӣ ва гузариши онҳо дар ҷойҳои барои ширкатҳо аз ҳама қулайбуда дохиланд;
- бо мақсади худ истифодабарии тамоми захираҳои молиявии ҷаҳон. Ҷамъи даромади ширкатҳои хориҷии ИМА дар миёнаи солҳои 90-уми асри XX қариб ба 2 трлн. долл. баробар буданд. Сарчашмаи маблағгузории онҳо на танҳо ширкатҳои авлодӣ, балки бештар шахсони ҳуқуқию фардии мамлакатҳои қабулкунанда ва мамлакати сеюм мебошанд;
- доимо хабардор будан аз конъюнктура (вазъият)-и бозорҳои мол, асъор, молия дар мамлакатҳои ҷаҳон. Ин имконият медиҳад, ки ширкатҳои фаромиллӣ сармояи худро бар мамлакатҳое гузоранд, ки дар он шароит барои гирифтани даромади аз ҳама баланд мавҷуд асту тақсимоти захираҳои молиявӣ камхатар аст;
- сохтори оқилонаи ташкилӣ, ки зери диққати ҷиддии роҳбарияти ширкатҳои фаромиллӣ қарор дораду доимо такмил дода мешавад;
- таҷрибаи менеҷменти байналхалқӣ бо якҷоягии ташкили мӯътадили истеҳсолу фурӯш, дастгирии шӯҳрати фирма. Сарчашмаи фаъолияти ин шакли динамикист: онҳо одатан баробари афзоиши даромадҳои ширкат ва воридгардии фаъолияти он зиёд мешаванд.

**Сохтори ширкатҳои фаромиллӣ.** Ширкати сардор маркази маъмурии тамоми системаи корхонаҳои ширкатҳои фаромиллӣ буда, вазифаи он аз қабули қарор оиди якҷояшавӣ бо ширкатҳои дигар, бадастории фирмаҳои нав, барҳамдиҳии зерсистемаҳои бесамар, тартибдиҳии сиёсати дарозмуддати истеҳсолӣ, сармоягузорӣ ва масъалаҳои молиявии шӯъбаву иттиҳодияҳо, назорат аз болои молия ва КИТТК-и шӯъбаҳои хориҷӣ иборат аст.

Шаклҳои шӯъбаҳои хориҷӣ чунинанд:

- ширкати духтарии ба ҳайати ширкатҳои фаромиллӣ дохил буда дар мамлакати қабулкунанда, ки дар он

сарширкат ҳуқуқи овози ҳалкунанда дорад (аз сабаби соҳиб будан ба нисфи аксия) ва роҳбари корхона (шӯъба)-ро таъин менамояд;

- ширкати муттаҳид карда шуда (ассотсированные) – ба системаи ширкатҳои фаромиллӣ дохил буда дар мамлакати қабулкунанда, ки дар он сарширкат на камтар аз 10%, вале на беш аз 50% аксияро соҳиб аст. Ширкат ҳуқуқи назораткуниро надорад, вале дар кори назораткунӣ иштирок менамояд;
- шӯъба – намуди шӯъбаи хориҷие, ки сарширкат дар он ҳуқуқи худро пурра дорад ё ин ки шӯъба қисми корхонаи ширкатҳои фаромиллӣ аст.

Мақсаду мароми ҳар кадом ашхоси хоҷагӣ – ба дастории даромади баланд (мутлақ) ва тавассути ин васеъкунии фаъолияти хоҷагӣ мебошад. Ин боиси пайдоиши мубориза бо дигар ашхосҳои хоҷагӣ баҳри шароитҳои хубу афзоиши истеҳсолот мегардад. Муносибатҳои хоҷагӣ байни ашхосҳо муносибати рақобатист.

Дар баробари ин дар сатҳи ШФМ ташкили ба нақшагирии истеҳсолот гузаронида мешавад., шабакаи банақшагирии дохилифирмавӣ васеъ тараққӣ кардааст.

Аснои банақшагирӣ чунин омилҳо ба назар гирифта мешаванд:

- анъанаҳои умумии тараққиёти иқтисодии ҷаҳонӣ;
- тараққии бозорҳои алоҳидаи соҳавӣ ва минтақавӣ;
- шароитҳи иҷтимоӣ-маданӣ дар бозорҳои алдоҳида ва ё гурӯхи мамлакатҳои алоҳида;
- шароитҳои сиёсӣ-ҳуқуқӣ;
- муҳити табиӣ.

Чунин баҳисобгирӣ бо ёрии усулҳои маркетинги байналхалқӣ гузаронида мешавад. Маркетинг – шакли ҳозиразамони танзими бозору истеҳсолот дар сатҳи фирма ва иттиҳоди хоҷагӣ буда, вай маълумоти аниқро оиди бозор, сохт ва динамикаи талаботу хоҳиш, лаззати харидоронро дар бар мегирад. Ба ибораи мухтассар, вай ахборот дар бораи шароитҳои берунаи амалиёти ширкат аст. Ҳадафи маркетинг истеҳсоли чунин молу хизмат аст, ки онҳо нисбат ба молу хизмати рақобатнок талаботи бозорро беҳтар қонеъ гардонида тавонанд, инчунин ба истеъмолгар талаботи имконияти



назоратро аз болои фурӯштаъминкунанда таъсироти зарурӣ расонида тавонад.

Дар шароити имрӯза ШФМ-и калонтарин фаъолияти худро на танҳо дар миқёси минтақаҳо, балки дар миқёси ҷаҳон ба нақша мегиранд.

Манфиати глобалии васеъкунии истеҳсолот, мустаҳкамкунии мавқеи худ дар бозори ҷаҳонӣ, ва зиёд намудани массаи даромадро ба роҳбарӣ гирифта, ШФМ, вобаста ба таъғирёбии вазъи хоҷагӣ, муҳити иҷтимоӣ-сиёсӣ дар ин ё он мамлакат ё минтақа ҳамеша бо воситаҳои истеҳсолӣ ва молиявӣ дар миқёси тамоми хоҷагии ҷаҳонро ба ҳисоб гирифта, сармояи худро аз як мамлакат ба мамлакати дигар мегузаронанд. Беш аз 30% савдои ҷаҳонӣ молфиристии байнифирмагии ШФМ буда, на бо нархи ҷаҳонӣ, балки бо нархи трансфертии дохилифирмагӣ ба амал бароварда мешавад. Ҳамин тариқ, ШФМ, манфиати худро таъминкунон, боиси ба қисмҳои кушоду пушида тақсимшавии бозорҳо мегарданд.

**Бонкҳои фаромиллӣ.** Қисми муҳими сохтори механизми хоҷагии ҷаҳониро бонкҳои фаромиллӣ (БФМ) ташкил додаанд. Дар даврахои аввали тараққиёти иқтисодиёти ҷаҳон мавқеи асосиро бонкҳои тиҷоратӣ мебозанд. Дар даврахои миёнаи тараққиёти иқтисодӣ аҳамияти бонкҳои махсусгардонидашуда ва бозорҳои коғазҳои қимматбаҳо меафзояд. Дар байни 100 ҳазор бонкҳои хусусӣ қариб 500-тои онҳо хамчун қисми асосиро бозида онҳо дар низоми қарзи байналхалқӣ сарчашмаи асосианд.

Дар замони ҳозира талаботи ШФМ, давлат ба хизмати бонкӣ чунон афзудааст, ки ҳатто шохаҳои зиёди бонкҳои фаромиллӣ ин талаботро қонеъ гардонида наметавонанд. Аз ин сабаб ҳоло анъанаи кооператсияи байналхалқии бонкҳо пайдо шуда истифодаи тарафайни шабакаҳои шӯъбаҳои бонкӣ, ташкилч бахшҳо ба бюроҳои якҷоя дар авҷ аст. Зайёмҳое, ки бонкҳои гурӯҳӣ медиҳанд, заёмҳои дар синдикат якҷоякардашуда номида шудаанд. Дар даҳсолаҳои охир чунин намуди заёмҳо аз ҳама зиёдтар дода шудаанд.

Бонкҳои калони ҷаҳон даромади асосии худро асосан аз натиҷаи амалиётҳои биржавии қисмати бозорҳои молиявӣ мегиранд. Қисми зиёди даромади молиявии ҷаҳон (8-10 МУҶ)-ро сармоягузорони институтӣ таҳти назорат гирифтаанд.

Ҳаҷми амалиётҳои ҷаҳонии биржавӣ зиёд нест, аз рӯи ҳаҷми мутлақ ба даҳҳо млрд. долл. баробар буда он 0,2 – 4% МУҶ ташкил медиҳад.

**Ташкилотҳои байнидавлатӣ ва байналхалқӣ.** Дар алоқаҳои хоҷагӣ номутаносибӣ ва нобаробариҳо ҷой доранд. Барои амали хоҷагӣ дар сатҳи глобалӣ тараққии доимии таносуб, мавҷудияти нобаробарвазнӣ, якхела набудани аксуламали (реаксияи) як бахши система бо дигараш, кандашавии алоқаҳо хос аст. Ин хусусиятҳои худташкилёбии истеҳсолӣ зарурияти танзими раванди хоҷагӣ, истеҳсолкунии онҳоро ба миён овардааст. Чунин қувваи танзимкунанда ташкилотҳои байнидавлатӣ ва байналхалқӣ мебошанд, ки дар механизми бозорӣ ҷорӣ карда шуда, онро аз нав месозанд, ба он қисмҳои нав илова месозанд. Асоси амали ин ташкилотҳоро фаъолияти бошууронаи ҳадафи ҳисобкуниҳои дурнамо дошта ё банақшагирӣ дошта ташкил медиҳад.

Қисамати бисёртарафаи сохтори мутобиққунии байнидавлатии ҷараёни хоҷагии ҷаҳонӣ системаи дузинагӣ доранд.

Зиннаи аввалро координатсияи минтақавӣ дар доираи савдоӣ, гумрукӣ ва дигар иттиҳодияҳо ташкил медиҳанд. Дар сатҳи онҳо мувофиққунии сиёсати иқтисодӣ, амали зиддидаврагии пастшавии нарх ва дигар амалиётҳо, тартиб додани пешгӯиҳо ва барномаҳои миёнамуддати тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ба вуҷуд омада, чорабиниҳо оиди бозсозии сохтории хоҷагӣ ва муносибатҳои иқтисодии берунаи байни иштирокчиёни гурӯҳ ва ба мамлакати сеюм муайян карда мешаванд.

Зинаи дуюм-умумиҷаҳонӣ. Ташкилотҳои иқтисодии байналхалқӣ баъди ҷанги дуюми ҷаҳонӣ пайдо шудаанд. Асоси назарияти сиёсати иқтисодии баъдиҷангиро идеяҳои Ҷ. Кейнс ташкил медиҳанд, ки онҳо ифодаи худро дар ташкил додани ташкилотҳои махсусгардонидашудаи СММ – ФБА, Созишномаи генералии тариф ва савдо, ББА акс ёфтаанд.

Масъалаи муътадилгардонии системаи иқтисодиёти ҷаҳон то рафт бештар дар доираи Фонди байналхалқии асъор (ФБА) ва Бонки ҷаҳонӣ ҷамъ оварда шудааст. Онҳо имрӯз институтҳои муҳими танзими ҷараёни хоҷагии ҷаҳон гардидаанд.

Институтҳои зерсистемаи хоҷагии ҷаҳон дар танзими раванди хоҷагӣ дар хоҷагии ҷаҳон ва зерсистемаиҳои алоҳидаи



он нақши калонро мебозанд (Ташкилоти ҳамкории иқтисодӣва тараққиёт (ТҲИТ - ОЭСР), Ташкилоти СММ оид ба тараққиёти саноат – ЮНИДО ва дигарҳо), ба проблемаҳои тараққии зерсистемаҳои хоҷагии ҷаҳон машғуланд.

ТҲИТ соли 1961 таъсис дода шуда, дар фаъолияти он табдилдиҳии масъалаҳои сиёсати дохилии иқтисодии мамлакатҳои тараққикарда ва мутобиқияти онҳо мақсади асосӣ мебошанд. Ҳадафи асосии фаъолияти ин ташкилот тартиб додани Назарияи асъорӣ ва сиёсати буҷетӣ, сиёсати сохторӣ аст. ТҲИТ яке аз марказҳои танзими иқтисодии ҷаҳон аст.

Дар системаи ташкилии ба масъалаҳои тараққиёти зерсистемаҳо машғул буда институти ғайрирасмӣ – **«Ҳафтгонаи Калон»** нақши муҳим мебозад. Тавассути аҳамияташ дар зерсистемаи мамлакатҳои тараққикарда ин гурӯҳ аҳамияти умумиҷаҳонӣ дорад. Ҳафтгона солҳои 70-ум таъсис дода шуду ба ҳайати он ҳафт мамлакати тараққикарда (ИМА, Ҷопон, Олмон, Франсия, Англия, Италия ва Канада) шомиланд. Шакли фаъолияти ин гурӯҳ вохӯриҳои ҳарсола буда, мақсади асосиаш тартиб додани тавсияномаҳо оиди масъалаҳои тезу тунди иқтисодии хоҷагии ҷаҳон мебошад. Вохӯриҳои ҳарсола ҷузъи муҳими механизми мутобиққунонӣ дар хоҷагии ҷаҳонанд. Дар ин вохӯриҳо созишномаҳо оиди муътадилкунии қурби асъор ҳосил гардида, стратегияи дарозмуддати нисбати мамлакатҳои қафомонда ва даромади муъдадилдошта тартиб дода шуд.

Дар танзими соҳаҳои муайяни хоҷагии ҷаҳон ташкилотҳои соҳавии байниҳукуматӣ мавқеи назаррас доранд, ки дар байни онҳо Ташкилоти мамлакатҳои содиркунандаи нафт (ОПЕК) мақоми намоён дорад. Ин ташкилот 12 мамлакати нафт истихроҷкунандаро дар бар мегирад. Вай вазифаи картелро иҷро намуда, ҳиссаи истеҳсолии нафтро муқаррар мекунад ва аз болои иҷрои он назорат мебарад, ки моҳияти механизми танзими нархро муайян мекунад.

Ташкилотҳои соҳибкории байналхалқӣ низ дар амалиёти системаи хоҷагии ҷаҳонӣ таъсиррасонанд. Онҳо дар сатҳи хусусӣ-монополистӣ амал мекунанд. Дар сатҳи ҷаҳонӣ чунин хадамоти Комиссияи сетарафаи соли 1973 таъсис ёфта мебошад, ки дар ташкилёбии он Ҷ. Рокфеллер ҳиссагузори асосӣ аст. Ба ҳайати вай қариб 300 ширкатҳои калон, доираҳои сиёсӣ, иқтисоддонон аз ИМА, Аврупои Ғарбӣ, Ҷопон шомиланд. Хадамоти роҳбарикунандааш кумитаи иҷроя буда, 35 аъзо

дорад. Максади ин ташкилот ёрирасонӣ бо ҳамкориҳои зичи мамлакатҳои тараккикардаи саноатӣ мебошад.

Ташкилотҳои дар сатҳи минтақавӣ амалкунанда якчандто буда, аз соли 1954 инҷониб дар Билдерберг, Даввон вохӯриҳои намояндагони амрикоӣ, аврупоӣ ва роҳбарони сиёсӣ баргузор мегардад. Дар ноҳияи Уқёнуси Ором Шӯрои иқтисодии Уқёнуси Оромӣ амал мекунад ва аз намояндагони 1000 ширкатҳои калони Амрикои Шимолӣ ва Ҷанубӣ, Осиё ва Океания иборат аст. Арбобони соҳибкории минтақавӣ ба воситаи ин ташкилот амалиётҳои худро бо ҳам алоқаманд карда, масъалаҳои пухта расидаи минтақаҳои худ ва тамоми ҷаҳонро баррасӣ менамоянд.

**Иттиҳодияҳои интегратсионии ҷаҳон.** Интегратсияи иқтисодии байналхалқӣ хусусити хоси давраи ҳозираи тараққиёти иқтисодии ҷаҳон аст. Охири асри XX вай воситаи гавонои тараққиёти босуръати иқтисодиёти минтақавӣ ва болоравии рақобатнокӣ дар бозори ҷаҳонӣ гардид. Интегратсияи иқтисодии байналхалқӣ рафти якҷояшавии иқтисодии мамлакатҳои ҳамсоя дар маҷмӯи ягонаи хоҷагӣ дар асоси алоқаҳои устувори иқтисодӣ байни ширкатҳои ин мамлакатҳо мебошад.

Шаклҳои асосии интегратсияи иқтисодии байналхалқӣ аз: минтақаҳои озоди савдо, иттифоқи гумрукӣ, бозори умумӣ, иттиҳодияи иқтисодию асъорӣ иборатанд.

Бо сабабҳои объективию субъективӣ маҳз дар Аврупои Ғарбӣ ба таъсиси протсессҳои интегратсионӣ талаботи зарурӣ ба амал омада, он боиси ташкилёбии Иттиҳоди Аврупоӣ гардид. Ҳамчун иттифоқи иқтисодӣ, асъорӣ ва сиёсӣ ин иттиҳодия бешубҳа гурӯҳи аз ҳама тараққиёфтаи интегратсионӣ дар миқёси ҷаҳон мебошад.

Пули ягонаи Иттиҳоди Аврупоӣ, ки аз 1 январи соли 1999 ҷорӣ карда шуда буд, дар солҳои наздик метавонад аз бисёр ҷиҳат доллари амрикоиро ҳамчун восиати пардохтӣ-ҳисоботии байналхалқӣ танг карда барорад. Гурӯҳҳои аз ҳама аҳамиятноки интегратсионии дар қитъаи Амрико таъсисдодашуда – НАФТА (Ассотсиатсияи амрикоии шимолии савдои озод) ва МЕРКОСУР (Бозори умумии Амрикои Ҷанубӣ) мебошанд ва онҳо мумкин аст, ки дар тамоми Амрико ибтидои ташкилёбии минтақаи савдои озоди тамомиамрикоӣ гарданд (аз Аляска то ҷазираи «Оташзамин»).



Дар қитъаи Осиё гурӯҳи интегратсионии АСЕАН ва АТЭС таъсис дода шудаанд, ки онҳо шумораи зиёди мамлакатҳоро дар бар гирифта саъй доранд, ки бо роҳи бозсозиҳои таркибии иқтисодӣ аз бӯҳрони иқтисодӣ халосӣ ёбанд.

Интегратсия дар Иттиҳоди давлатҳои мустақил (ИДМ) ба чунин омилҳои объективӣ, мисли тақсимоти меҳнати дар гузашта вуҷуд дошта бо ҳам вобастагии технологӣ, бахшҳои фазои умумии маданӣ-тамаддунӣ такя намояд.

Монеаҳои асосии сари роҳи интегратсия дар ИДМ мушкилиҳои иқтисодӣ, нотамомии сохтмони системаи нави иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ғайраҳо мебошанд. Доираи ташкилии раванди интегратсиониро системаи сершохаи ҳадамотҳои Иттиҳод муайян мекунанд. Пайваста ба ин, байни мамлакатҳои аъзои иттиҳод як қатор созишномаҳои симои иқтисодӣ, сиёсӣ ва башардустӣ дошта ба имзо расонида шудаанд, ки мақсади онҳо тараққӣ додани ҳамкориҳои дохилиминтақавӣ аст.

Натиҷаҳои ҳосилшудаи интегратсия дар ИДМ зиддиятноканд. Як қатор созишномаю гуфтушунидҳо ба вуқӯъ пайваста буданд, вале на ҳамаи онҳо ба амал бароварда шудаанд. Дар баробари ин, Иттиҳод пароканда нашудааст ба мақсад мувофиқ будани ҳастиаш исбот гардида аст.

Хоҷагии ҷаҳон то як андоза танзимшаванда аст. Зеро қисми зиёди талабот дар асоси савдои дохилии фирмагии ШФМ, чораҳои протексионалии давлат, дархостҳои давлатию байни давлатӣ ва барномаҳои онҳо, амали мақсадноки ташкилотҳои байнидавлатӣ ташкил меёбад. Хоҷагии ҳозираро рақобати танзимшаванда хос аст, ки он бо рақобати озод ва танзимшаванда якҷоя амал мекунад. Ҳар ду намуди рақобат бо ҳам зич алоқамандӣ дошта аксар шакли фаъолияти хоҷагии агентҳои яккела мебошанд. Ноаёнии системаи танзимшаванда раванди танзимкуниро низ шартӣ мекунад. Аксуламали системаи иқтисодии глобалӣ ба таъсиротҳоти мухталиф яккела набуда ва самаранокии чораҳои танзимӣ ба қабул карда натавонистани системаҳо ва мувофиқоии онҳо ба талаботҳои объектвӣ вобаста аст. Системаи хоҷагии глобалӣ кӯшиши баробарвазнӣ дорад. Вале чунин кӯшиш нобаробариро инкор накарда бо он ҳамсоягӣ дорад. Тараққиёти прогресси илму техника ва байналмилаликунонии истеҳсолот ба афзоиши номуайянии такрористеҳсолкунӣ дар хоҷагии ҷаҳон мусоидат

мекунад. Чунин менамояд, ки мутобиқшавии механизми хоҷагии ҷаҳон ба вазъияти нав бояд бо роҳи тараққии танзимкунӣ, баландшавии нақши он гузарад. Чунин тараққиёт бояд дар миқёси сайёравӣ, на фақат дар миқёси байналхалқӣ ба амал ояд. Дар маърӯзаи клуби Рим соли 1991 «Инқилоби якуми глобалӣ» гуфта шудааст, ки дар нақшаи кӯтоҳмуддат қувваҳои бозорӣ эҳтиёҷмандиҳои зиёди инсонию иҷтимоиро қонеъ гардонида наметавонанд. Аксари масъалаҳои барои ҷаҳон умумӣ мутлақо ба қувваи бозорӣ итоат намекунанд ва аз ин сабаб ҳатман ислоҳот даровардан зарур аст. Б. Шнайдер ва А.Кинг (аз клуби Рим) мегӯянд, ки мақсад бояд чунин бошад, ки байни беандозагӣ ва ҳукмравогии банақшагирӣ, аз як тараф, ва худсариҳои капитализм бо тамоми сахтгириҳои он, аз тарафи дигар, баробарӣ ба даст оварда шавад.

Саволе пайдо мешавад, ки кадом омилҳо боиси пурзӯршавии анъанаи муттаҳидшавии системаҳои иқтисодӣ мегарданд? Ба ақидаи ҳолдонҳо ин омилҳо қабл аз ҳама, ҷараёни хеле дуррафти байналмилаликунонии истеҳсолоту сармоя, кушодагии иқтисодиёти миллӣ мебошанд. Онҳо ба афзоиши алоқамандии тарафайни иқтисодиётҳои миллӣ, соҳаҳо ва ширкатҳои алоҳида мусоидат намуда, мувофиқан ба байналмилаликунонии идоракунии қувваҳои истеҳсолӣ талаботи объективӣ ба вуҷуд меоранд. Талаботро бо ин умумият ва тезутундии масъалаҳои глобалӣ, симои ноустуворӣ ва зиддиятнокии тараққиёти хоҷагии ҷаҳониро чуқур мекунанд, ба миён меорад. Ҳалли якҷоя бартараф намудани фосила дар дараҷаи тараққиёти иқтисодии мамлакатҳои тараққикардаи саноатӣ ва рӯ ба тараққӣ, барҳамдиҳии бӯҳронҳои сохторӣ, мубориза ба муқобили бекурбшавӣ ва бекорӣ, ки миқёси ҷаҳонӣ гирифтаанд, талаб мекунад. Зарурати муто-биққунии сиёсати иқтисодиро анъанаи пурзӯршавии алоқамандкунонии раванди истеҳсолоти ҷаҳонӣ талаб мекунад. Аз ин рӯ, зарурати бо ҳам алоқамандкунии сиёсати давлатии зиддибӯҳронӣ ва зиддисиклӣ, гузаро-нидани истеҳсолотҳои мувофиқ дар барномаҳои тараққии иқтисодӣ, пешгирикунии чунин амалиётҳое, ки ба иқтисодиёти дигар мамлакатҳо ва тамоми хоҷагии ҷаҳон таъсири манфӣ мерасонанд, ба миён меояд.



## 7.3. Тартиботи иқтисодии ҷаҳонӣ

Тартиботи ҷаҳонӣ аз шароитҳои аниқ ифодаёфта иборат аст, ки онҳо дар асоси бисёртарафа қабул карда шуда, ба меъёрҳои тарафайни маъқул асос мекунанд, ин меъёрҳо доираи рафторҳои давлатию ғайридавлатиро дар ягон соҳаи ҷамъияти байналхалқӣ муайян мекунанд. Ин тартибот сохторҳои байналхалқӣ-танзимиро дар бар гирифтаанд, ки онҳо чунинанд:

- системаи байналхалқии асъор;
- системаи умумиҷаҳонии савдо;
- асосҳои байналхалқии андозситонӣ.

Тартиботи муътадил барои ҳамаи системаҳо фоидаовар аст. Дар дигар мавридҳо ҷараёнҳо мувофиқан ба Назарияи рақобати номукамал тараққӣ мекунанд.

Ба вазъияти тартиботи иқтисодии ҷаҳон иерархии (муносиб) хоҷагии ҷаҳон, вақте ки як мамлакат қуваваи тавоно дораду аз ин сабаб, таъғироташ нисбат ба дигароон беш аст, таъсири зиёд дорад. Ҳатто дар байни мамлакатҳои ғарб «симметрияи баркамол» вуҷуд надорад. Зеро ба ҳиссаи ИМА 45% МУД-и «ҳафтгона» рост меояд ва нишондиҳандаи миёнаро, аснои якҷоя қабулкунии қарорҳо ба инобат гирифта мешаванд, бо дараҷа ва миқёси тараққиёти иқтисодии амрикоӣ муайян мекунанд. Ҳамин тариқ, дар шароити ҳозира мутобиққунонии нишондиҳандаю музафариятҳои ИМА «нуқтаи баробарвазнӣ» дониста мешаванд, дар атрофи онҳо сиёсати дигар мамлакатҳо ва ташкилотҳои байналхалқӣ танзим карда мешаванд.

Дар ҷаҳони имрӯза дигаргуниҳои зиёде ба вуҷуд омадаанд. Дар аввалҳои асри сипаришуда тартиботи иқтисодии ҷаҳонро 6-7 метрополия ва империяҳои мустамликавии худ таҷассум мекарданд.

Тартиботи баъди ҷанги дуюми ҷаҳон амалкунанда дар афзалиятнокии ИМА побарҷо буд. Солҳои аввали баъдиҷангӣ қуллаи болои мавқеи ИМА дар иқтисодиёти ҷаҳон буданд. Тули 30-40 сол хиссаи ИМА дар даромади ҷаҳон аз 29 то 33% афзуд, ҳиссаи мамлакатҳои Аврупои Ғарбӣ, ки дуюмин пурқудратҳо буданд, аз 9 то 6% паст фаромад. Дар истеҳсолоти саноати ҳиссаи ИМАаз 37% беш буду дар захираҳои тиллоӣ – беш аз 70%. Аз сустии дигар мамлакатҳои ғарб истифода бурда ИМА мавқеи худро нисбат ба Англия дар замони аз ҳама зиёд нашъунамо доштанаш зиёдтар намуданд. Ташкили

ташкилотҳои иқтисодии байналхалқӣ (ФБВ, ГАТТ, ББАТ), васеъкунии маблағгузорӣ дар Амрикои Лотинӣ, амалиёт дар Аврупо аз рӯи «нақшаи Маршал» ба афзалиятнокии ИМА алоқаманданд.

Аломати дигари хоси тартиботи иқтисодии ҷаҳонӣ дар солҳои баъдиҷангӣ тартиботи алоҳидаи иқтисодӣ доштаи он асту ин тартибот дар доираи муносибатҳои иқтисодии дохили империяҳои мустамликавӣ вуҷуд дошт. Системаи муносибатҳои иқтисодӣ дар Аврупои Шарқӣ низ аз ҳам ҷудо буду соли 1949 Шӯрои иқтисодии ёрии ҳамдигарӣ таъсис дода шуд.

Барқароркунии хоҷагии мамлакатҳои иштирокчии ҷанг ба тараққиёти нобаробари иқтисодӣ боиси таъғиротҳо дар доираи режими амалкунандаи иқтисодӣ гардид. Мавқеи Аврупои Ғарбӣ ва Ҷопон пурзӯр гардид, ки онҳо аз рӯи бисёр масъалаҳои иқтисодии ҷаҳонӣ ба ИМА зид меистоданд. Ташкилёбии ИА боиси ташкили тартиботи алоҳидаи иқтисодӣ дар доираи бозори умумӣ гардиду он дар тартиботи иқтисодии ҷаҳон бетаъсир намонд. Дар солҳои мавҷудияти худ ИА ба блоки тавоно табдил ёфта, ба системаи савдои бисёртарафа дар зери ҳимояи ГАТТ даъват намуд. Гап дар он аст, ки иттифоқи гумрукӣ ҳатман ба манфиати мамлакати сеюм халалдор мешавад.

Бо парокандашавии империяи мустамликадорӣ мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ кӯшиш намуданд, ки системаи иқтисодии байналхалқиро ба таври куллӣ тағйир диҳанд. Онҳо маи соли 1974 ба воситаи Ассамблеяи Генерадии СММ қарори тартиботи нави иқтисодии байналхалқиро (ТНИБ) гузаронида, сентябри ҳамон сол – қарори Хартияи ҳуқуқи иқтисодӣ ва уҳдадориҳои давлатиро маъқул донист. Асоси ТНИБ-ро асосҳои баробарии давлатҳо дар муносибатҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, байналхалқӣ, истиқлолият ва назорати самараноки давлатро аз болои захираҳои хоҷагии худ ташкил медод. Дар Назарияи ТНИБ талабот оиди таносуби одилонаи нархи ашёи хому молҳои саноатӣ ва муътадилкунонии талаботи якбора ба ашёи хом яке аз ҷойҳои асосиро ишғол менамуд. Ба сифати яке аз роҳҳои додани механизми нархгузорӣ системаи индексатсия – вобастакунии нархи намудҳои муҳими ашёи хом бо нархи молҳои тайёр ва саноатӣ, додани имтиёзҳо барои содироти ин маҳсулотҳо пешниҳод карда мешуд. Ба қатори талабот пешниҳод оиди бо роҳи ёрирасонӣ дар ҳаҷми 1% МУД (аз



ҷониби мамлакатҳои тараққикарда) дохил буд. Талаботҳо оид ба таъсиси низоми додани технологияи нав ба мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ, додани ҳуқуқи назораткунӣ аз болои фаъолияти иқтисодӣ дар қаламравӣ худ, милликунонии ширкатҳои хориҷӣ низ пешниҳод карда шуданд.

ТНИБ маъқул донист, ки дар хоҷагии ҷаҳон ва муносибатҳои иқтисодии байналхалқӣ минбаъд дар зери таъсири рақобати байналхалқӣ ғайримуташакилӣ вуҷд дошта наметавонад, алоқаҳои хоҷагии ҷаҳонӣ ба танзими муайяни байнидавлатӣ ниёзманданд. Дар ин ҳолат бояд манфиатҳои мамлакатҳои ба қувваҳои стихиявии бозор гирифторшуда ба эътибор гирифта шавад.

**Тартиботи нави ҷаҳонӣ.** Солҳои 80 асри XX ИМА муносибатро ба тартиботи иқтисодии ҷаҳонии ҳамонвақта дигар кард. Доираҳои ҳукмрони ин мамлакат мегуфтанд, ки тақсимот ба ду системаи иҷтимоӣ ба масъалаҳои глобалӣ тезу тундии барнагарданда дода, гуфтушунидҳои байналхалқиро нобовар кунониданд. Мақсади чунин рафтору гуфтушунидҳо аз нав тавлидкунонии мавқеи ҳукмронии ИМА дар иқтисодиёти ҷаҳон буд. Ибтидои солҳои 1991, аснои амалиёти ҳарбии мамлакатҳои ғарб ба муқобили Ироқ президенти ИМА таклифотро оиди «Тартиботи нави ҷаҳонӣ» ба миён гузошт, ки мазмуни он асрори ниҳон буд.

Назарияи тартиботи нави ҷаҳонӣ маънидодкуниҳои мухталиф дорад. Мувофиқи якеи он назария амнияти коллективонаи бисёртарафаро дар назар дорад, ки он мутаҳидии ҳақиқии давлатҳоро оиди дастгирӣ намудани тартибот дар тамоми зерсистемаҳо (бо роҳбарии ИМА) дар бар мегирад. Чунин муносибат то ин ё он андоза аз ҷониби аксар мамлакатҳои ғарб маъқул дониста шудааст. Дар Ғарб воҳима доранд, ки пешравии ТНИ, тезу тундшавии рақобат пешравии мамлакатҳои тараққикардаро боз медорад.

Маънидодкунии дигарро бо нигоҳдории мавқеи асосии ИМА ва беҳамтоии он алоқаманд мегардонанд. Баъди парокандашавии Иттиҳоди Шуравӣ ИМА давлати ягонаи пурқуввати ҷаҳон гардид. Чунин мънидодкунӣ бо дохилшавии армияи ИМА ба Сомалӣ ва Гаитӣ (соли 1993), Югославия (соли 1996 зери байрақи СММ), агрессияи харбии мамлакатҳои пешсафи НАТО ба муқобили Югославия ва запти қисми қаламрави он (соли 1999) тасдиқ карда мешавад.

Тартиботи нави ҷаҳонӣ аз назарияи барои солҳои зиёд оиди ташкили инфраструктураи ИМА баҳри баамалбарории таъсири худ дар ҷаҳон иборат аст. Вай ба ақида дар хусуси он, ки муътадилии тартиботи иқтисодиро фақат дар мавҷудияти сохтори махсуси хоҷагии ҷаҳонӣ, ки дар он сарвари равшан ифодаёфта ҳукмрон бошад, асос мекунад.

**Саволҳо ва супоришҳо:**

1. Моҳияти мафҳуми «механизми хоҷагии ҷаҳон»-ро кушоед.
2. Вазифаҳои асосии механизми хоҷагии ҷаҳон кадомҳоянд?
3. Қувваи ташкилдиҳандаи хоҷагии ҷаҳон чист?
4. Воситаҳои (инструментҳои) механизми хоҷагии ҷаҳонро номбар кунед.
5. Механизми таъсири нархгузорӣ ва курси асъор ба иқтисодиёти ҷаҳон чи гунааст?
6. Қисмҳои сохтори механизми хоҷагии ҷаҳонро номбар кунед. Нақши онҳо дар танзими хоҷагии ҷаҳон чи гунааст?
7. Мавқеи ширкатҳои байналмилалӣ дар хоҷагии ҷаҳон (воситаҳои таъриси он) чи гуна аст?
8. Аломатҳои хоси тартиботи иқтисодии байналхалқӣ кадомҳоянд?
9. Фарқияти принсипиалии Назарияи Тартиботи нави байналхалқӣ аз тартиботи нави иқтисодии байналхалқӣ дар чист?



# БОБИ VIII. СОХТОРИ СОҲАВИИ ХОҶАГИИ ҶАҲОН

Қонунияти умумии тағйиротҳо дар сохтори соҳавии хоҷагии ҷаҳон гузариши пай дар пай аз ҳиссаи зиёди хоҷагии қишлоқу саноатҳои истихроҷу коркардабарой ба истеҳсолоти аз ҷиҳати техникӣ на он қадар мураккаб (саноатҳои сабуку хӯрокворӣ), соҳаҳои масолеҳ ва маблағталаб (металлургия, химия) ва ба саҳаҳои илмталаб, ки маҳсулотро дар асоси технологияи баланд истеҳсол менамоянд, мебошад. Ба ибораи дигар, дар рафти тараққиёти иқтисодӣ «соҳаҳои якумин» ҷои худро ба «соҳаҳои дуюмин» ва инҳо ба «соҳаҳои сеюмин» медиҳанд.

## 8.1. Пешравиҳои сохторӣ дар хоҷагии ҷаҳон

Дар иқтисодиёти мамлакатҳои ҷаҳон ҳиссаи соҳаи хизмат то рафт афзалиятноктар мегардад ва ин ҳолат махсусан дар ҷаҳони тараққиёфта назаррастар аст. Ҳиссаи соҳаҳои истеҳсолоти моддӣ то рафт паст мегардад. Дар сохтори МУД мамлакатҳои тараққикарда солҳои 60-90-уми асри XX ҳиссаи хоҷагии қишлоқ бемайлон паст гардид (аз 6,5% соли 1960 дар соли 1980 ба 4,2%, дар соли 1990 ба 3% расид). Дар қатори ин анъанаи тулонӣ, пешравиҳо ба он низ вобастагӣ доранд, ки зери таъсири тараққиёти илму техника аз соҳаи кишоварзӣ як чанд соҳаҳои нав пайдо ва ҷудо шуда, онҳо ба соҳаҳои махсуси саноатӣ ва хизмат табдил ёфтанд. Якҷоя ба ин, интегратсияи кишоварзӣ, саноат ва савдо дар комплекси агросаноатӣ, ки шакли нави алоқаҳоии истеҳсолӣ мебошад, ба амал меояд.

Ҳиссаи саноати маснуот дар МУД то дами ноил шудан ба дараҷаи муайяни даромад ба ҳар сар аҳолӣ зиёд мешавад (тақрибан ба дараҷаи мамлакатҳои тараққикарда) ва баъд муътадилшавӣ ё пастшавии он ба амал меояд. Пастшавии аз ҳама назаррас дар миёнаи солҳои 60 асри XX дар ИМА, Англия, Фаронса ба амал омад. Дар мамлакатҳои индустриякунониро оғоз намуда, як қадар дертар ҳиссаи саноати маснуот афзудан гирифт – то ибтидои солҳои 70-ум (дар Ҷопону Италия) ва баъд пастшавӣ оғоз ёфт.

Анъанаи муҳими тағйиротҳои сохтории МУД мамлакатҳои тараққикарда дар нимаи дуюми асри XX табдилёбии соҳаи ғайриистеҳсолӣ (соҳаи хизмат) ба қисми афзалиятноки иқтисодиёти онҳо мебошад. Ҳаҷми амалиётҳо дар

соҳаи хизмат дар ин мамлакатҳо аз ҳаҷми истеҳсолоти саноати маснуот зиёдтар гардид (ниг. ҷадвали 8.1).

Ҷадвали 8.1

**Сохтори МУД-и мамлакатҳои алоҳидаи тараққикарда, %**

| Мамлакатҳо | Солҳо | Кишоварзӣ | Саноат | Соҳаи хизмат |
|---|---|---|---|---|
| ИМА | 1960<br>1980<br>1996 | 4<br>3<br>2 | 34<br>30<br>28 | 58<br>62<br>78 |
| Ҷопон | 1960<br>1980<br>1996 | 13<br>5<br>2 | 37<br>32<br>32 | 45<br>53<br>60 |
| Олмон | 1960<br>1980<br>1996 | 6<br>2<br>2 | 46<br>38<br>34 | 40<br>51<br>59 |
| Фаронса | 1960<br>1980<br>1996 | 5<br>9<br>3 | 40<br>30<br>24 | 43<br>60<br>68 |

## 8.2. Тағйиротҳо дар сохтори иқтисодиёти мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ ва постсотсиалистӣ

Мамлакатҳои нави индустриявию постсотсиалистӣ ҳоло дар дараҷаи қариб якхелаи тараққиёти иқтисодианд (ҳам аз рӯи МУД ба ҳар сар аҳолӣ ва ҳам аз рӯи сохтори иқтисодӣ). Дар ҳар ду гурӯҳ ҳиссаи нисбатан баланди хоҷагии қишлоқ нигоҳ дошта шудааст (6-10% МУД) ва тадриҷан ба дараҷаи мамлакатҳои тараққикарда (2-4%) наздик шуда истодааст. Ҳиссаи саноат дар МУД дар ҳар ду гурӯҳ (25-40%) дар дараҷаи мамлакатҳои постиндустриалӣ ва ҳатто аз он зиёд аст. Ин ҳолатро дар дараҷаи на он қадар баланди тараққиёти соҳаҳои хизмат мебинанд (45-55%-и МУД).

Дар сохтори соҳавии МУД-и мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ, чун пештара ҳиссаи саноат дар МУД-и ин мамлакатҳо аксаран зиёд нест (10-25%). Ин нишондиҳанда дар мамлакатҳои содиркунандаи ашёи хоми минералӣ ва сӯзишворӣ зиёд буда, ҳиссаи саноати маснуот дар онҳо – дар ҳадди 5-15% аст.

## 8.3. Сохтори соҳавии хоҷагии ҷаҳон

Дар сохтори соҳавии саноат ҳиссаи саноати истихроҷ то рафт паст шуда истодаасту ҳиссаи саноати маснуот – зиёд. Махсусан ҳиссаи соҳаҳои мошинсозӣ ва химия меафзоянд. Дар саноати маснуоти мамлакатҳои тараққикарда ҷойивазкунии маркази вазни маблағ ва масолеҳталабӣ (металлургия, химия) ба соҳаҳои илмталаб (электроника) ба амал меояд. Ҷои холӣ шударо то рафт мамлакатҳои индустриявӣ, ки онҳо соҳаҳои анъанавии меҳнату ашёи хом талабро ба мамлакатҳои рӯ ба тараққии дараҷаҳои миёнаю пасти тараққидошта мегузаронанд, ишғол кардаанд.

Пешравиҳои сохторӣ дар хоҷагии ҷаҳон асосан дар дохили маҷмӯи соҳаҳои ташкилёфта ба амал омада, он дар тағйиротҳои таносуби дохилисоҳавӣ зоҳир мегарданд.

Афзоиши талабот, истеҳсолоти саноати маснуот бо якҷоягии васеъшавии номгӯи маҳсулотҳо мегузорад. Асоси ин равандро тақсимшавии талаботҳои истеъмолӣ, мавҷудияти тафовут дар симои он дар доираи мамлакатҳои алоҳида ташкил додааст. Саноати миллӣ васеъшавии навъҳои талаботро дар бозори ҷаҳонӣ дарёб карда наметавонад, ки тавассути он тахассуснокшавии муайяни мамлакатҳои ҷудогона ва зерсистемаҳо дар истеҳсолоти ҷаҳонӣ ва бозорҳои ҷаҳонӣ ба амал меояд. Асоси махсусгардонии байналхалқиро тақсимоти дохилимамлакатии меҳнат ташкил медиҳад. Чи қадаре, ки дараҷаи тараққиёти қувваҳои истеҳсолкунанда баланд бошад, махсусгардонии дохилимамлакатӣ ҳамон қадар зиёд аст.

Истеҳсолоти зиёд тақсимшуда ва вобастагии тарафайн байни бахшҳои фарқиятдоштаи хоҷагиҳои миллӣ барои иштироки васеи мамлакатҳо дар тақсимоти байналхалқии меҳнат пешомадҳо ба вуҷуд меорад. Байни махсусгардониҳои дохилию байналхалқӣ ҷудогии пурра мавҷуд нест. Дараҷаи баланди махсусгардонии истеҳсолот дар дохили як мамлакат на ҳамеша дараҷаи иштироки онро дар тақсимоти байналхалқии меҳнат ифода мекунад, балки онро аз бисёр ҷиҳат ҳаҷми бозори дохилӣ муайян мекунад.

Барои муайян кардани дараҷаи махсусгардонии байналхалқӣ як қатор нишондиҳандаҳоро истифода мебаранд:

1. Яке аз нишондиҳандаҳои махсусгардонии истеҳсолот ҳиссаи соҳаи як ё якчанд мамлакат дар истеҳсоли ҷаҳонии ҳамин соҳа мебошад. Бузургии нисбии гурӯҳии мамлакатҳои алоҳида ва зерсистемаҳо дар истеҳсолоту пешниҳодоти гурӯҳи молҳо аз соҳа ба соҳа тағйир меёбад. Мамлакатҳои тараққикардаи саноатӣ қисми асосии истеҳсолотро дар аксари

соҳаҳо: коғазҳо, металл, мошинасозии электронӣ, мошинасозии нақлиётӣ (без аз 70%-и истеҳсолоти ҷаҳониро) дар ихтиёри худ нигоҳ дошта меояд.

Тараққиёти истеҳсоли молҳои маснуотӣ дар зерсистемаҳои гуногун аз бисёр ҷиҳат самти сохтори махсусгардонӣ, шакли пешравиҳои сохториро муайян мекунанд. Анъана ба наздикшавии сохторҳои саноатии мамлакатҳои гуногун ба як қатор пешомадҳо такя мекунад. Даҳсолаҳои охир фарқияти байналхалқӣ дар тавсифи талабот зери таъсири «самараи намоишӣ» хеле танг шудааст.

Омили дигари байналмилалӣ ва глобаликунонии истеҳсолот пурзӯршавии нақши маблағгузориҳои бевоситаи хориҷӣ, мебошанд.

2. Зиёдгардидани монандии сохтори саноатии мамлакатҳои индустриявию рӯ ба тараққӣ бо афзоиши махсусгардонии байналхалқӣ якҷоя ба амал меояду он дар гардиши савдои беруна зоҳир мегардад. Дар ин ҳолат нишондиҳанда ва намояҳои (индексҳои) махсусгардонии байналхалқӣ аз муносибати байни ҳиссаҳо – ҳиссаи соҳа дар ҳаҷми кули содироти мамлакат, гурӯҳи мамлакатҳо ва ҳиссаи мазкури ҷаҳонӣ дар содироти умумӣ – иборат мебошад. Коэффитсиенти аз 1,5 боло аз махсусгардонии байналхалқӣ, аз 0,5 поён аз набудани махсусгардонӣ дарак медиҳад.

Мамлакатҳои тараққикарда дар нақшаи байналхалқӣ аз 28 соҳа ба 8-тои он махсус гардонида мешаванд: маҳсулоти қоғазӣ, пластмассӣ, пулод, мошинҳои электрикию ғайриэлектрикӣ, таҷҳизотҳои нақлиётӣ ва илмӣ. Кээффитсиенти махсусгардонии байналхалқӣ дар савдо бо ҳаҷми худ аз махсусгардони байналхалқии истеҳсолот фарқ карда, вай дар мамлакатҳои ғарб калон нест. Мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ махсусгардонии байналхалқиро дар савдо аз ҳисоби мамлакатҳои нави индустриявӣ зиёд намуданд, ки дар он мамлакатҳо истеҳсоли либос, пулод, таҷҳизотҳои телекоммуникатсионӣ, таҷҳизотҳои нақлиётию илмӣ самти бозори ҷаҳонӣ доранд.

Наздикшавии дараҷаи тақсимоти байналхалқии меҳнат аз бисёр дараҷа ба мигратсияи сармояи ШФМ-и ғарб вобаста аст. Солҳои 60-80 асри XX ҳосилнокии меҳнат дар мамлакатҳои ҷаҳони Сеюм 45%-и дараҷаи мамлакатҳои тараққикардаро



ташкил намуд, вале дараҷаи музди меҳнат боз ҳам пасттар 20-30%-и дараҷаи мамлакатҳои ғарб буд.

Мавқеи ду гурӯҳ мамлакатҳо дар савдои ҷаҳонӣ асосан дар як вақт бо анъанаҳои истеҳсолоти ҷаҳонии молҳои маснуотӣ дигар шудан гирифт.

Махсусгардонии байналхалқии саноати маснуоти зерсистема ё мамлакатҳо натиҷаи ниҳоии фаъолияти истеҳсолии ҷамъи ширкатҳои миллии мамлакат ё гурӯҳи мамлакатҳо мебошад. Дараҷаи баланди марказонии сармояи соҳавӣ нақши муайянкунанда доштани ширкатҳои калонтаринро дар бозори ҷаҳонӣ пешакӣ муайян намуд.

**Нархҳои ҷаҳонии маҳсулоти саноати маснуот.** Асоси нархҳои ҷаҳонии саноати маснуотро нархҳои содиротии ширкатҳои калон – истеҳсолкунандаю содиротчиёни маҳсулот ташкил медиҳад, ки ин нархҳо бо методҳои харҷи пурра ва истифодаи иқтидори истеҳсолии 75-85% ҳисоб карда мешаванд. Истифодаи нопурраи иқтидори истеҳсолӣ барои ширкатҳо таъсири калавиши муваққатии истеҳсолотро дар нархгузорӣ суст мекунад.

Усули харҷи пурра тамоми хароҷотҳоро ба хароҷотҳои пурра ва иловагӣ тақсим мекунанд. Усули иловагӣ имконият медиҳад, ки ширкат дар кадом ҳаҷми фурӯш бадастории даромади мусбатро муайян намояд. Вале аз сабаби истифодаи мушкили ин усул аксари ширкатҳо фақат усули хароҷоти пурраро истифода мебаранд.

## 8.4. Комплекси агросаноатӣ

Хоҷагии қишлоқ ва ҷангал, шикор, моҳидорӣ (соҳаҳои омехта) на танҳо қадимтаринҳо, балки инчунин аз ҳама паҳншудатарин шуғли одамон мебошанд. Дар хоҷагии қишлоқи ҷаҳонӣ қариб 1,1 млрд. одамони аз нигоҳи иқтисодӣ фаъол, аз ҷумла, дар олами тараққикарда ҳамагӣ 22 млн., дар дар мамлакатҳои ба иқтисодиёти бозорӣ гузаранда – 32 млн. (аз ҷумла дар ИДМ – 20 млн., дар марказу шарқии Аврупо – 12 млн.), дар Чин 450 – млн. ва дар мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ қариб 600 млн. нафар шуғл доранд.

Дар мамлакатҳои тараққикардаи ба иқтисодиёти бозорӣ гузаранда ва МНИ хоҷагии қишлоқи молии бештар интенсивӣ афзалиятнок аст. Дар боқимонда мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ

(ғайр МНИ) ҳиссаи зиёди хоҷагии натуралӣ (дар сектори аграрӣ-саноатӣ) нигоҳ дошта шудааст.

**Мафҳуми агро-саноатӣ.** Дар мамлакатҳои тараққикардаю постсотсиалистӣ раванди интегратсияи агро-саноатӣ ба амал омадааст, ки он якҷояшавии ташкилотҳои тиҷоратӣ, корхонаҳои кишоварзию саноатиро ифода мекунад. Тавассути ин раванд ташкилёбии комплекси агро-саноатӣ (КАС) ба вуҷуд омадааст. Ин комплекс аз системаи ягонаи корхонаҳои кишоварзию саноатии бо алоқаҳои зичу муътадили истеҳсолию тиҷоратӣ якҷояшудаю ба муносибатҳои моликиятдорӣ ё созишномавӣ асоскунанда иборат аст.

КАС тамоми занҷири истеҳсолиро дар бар гирифта, се соҳаро фаро гирифааст:

- соҳаи якум, саноат, ки барои хоҷагии қишлоқ, инчунин барои соҳаҳои ба он хизматрасон воситаҳои истеҳсолот медиҳад;
- соҳаи дуюм, худи хоҷагии қишлоқ (зироатчигию чорводорӣ);
- соҳаи сеюм, соҳаҳои боркашонӣ, коркардабарой ва фурӯши хӯрокворӣ ва ашёи хоми кишоварзӣ.

Дар мамлакатҳои тараққикарда ҳиссаи соҳаи сеюми КАС бемайлон афзуда, истеҳсолоти ҳиссаи худи хоҷагии қишлоқ то рафт паст мешавад. Умуман миёнаи солҳои 90-уми асри XX таносуби байни ҳар се соҳаи КАС дар ин мамлакатҳо 3:1:6-ро ташкил дода буд. Хоҷагии қишлоқи ИМА қариб 2% МУД-ро медиҳаду дар он қариб 2,5% қувваи кории мамлакат шуғл доранд. КАС-и ин мамлакат 18% МУД-ро медиҳад ва дар он 20% коргарон шуғл доранд.

Дар мамлакатҳои ба иқтисодиёти бозорӣ гузаранда ҳиссаи кишоварзӣ дар сохтори КАС нисбат ба мамлакатҳои ғарб хеле баланд буда, он тараққиёти сусти коркарди ашёи хом, аз ҷумла, саноати хӯроквориро ифода мекунад.

Дар мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ хоҷагии қишлоқи анъанавӣ (ё каммаҳсул) афзалият дорад. Сектори анъанавӣ аз садҳо миллион қисматҳои хурд иборат буда маҳсулотҳои хӯрокворӣ истеҳсол мекунанд. Заминкории оддӣ ҳукмрон аст, ки олоти коркарди замин олоти оддии қадима аст.

Дар баробари ин, дар аксар мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ сектори сердаромад низ ташкил ёфтааст, ки он аз парвариши



растаниҳои тропикию субпротикӣ (қаҳва, какао, чой, каучуки табиӣ, банан, найшакар ва ғ.) иборат аст ва самти содиротӣ дорад.

**Базаи технологии хоҷагии қишлоқ.** Парки трактории ҷаҳон миёнаи солҳои 90-уми асри XX тақрибан 26-27 млн. мошин дошт. Вале дар олами тараққикарда, ки қисми зиёди ин парк ба ҳиссааш рост омадааст, солҳои охир зиёд намешавад. Сабаби инро дар ноил шудан ба дараҷаи охирини техникии механизатсияи хоҷагии қишлоқ ва майл доштан на ба миқдори тракторҳо, балки ба сифату сохтори парки тракторӣ ҷустан лозим аст.

Химиякунонӣ яке аз самтҳои интенсивонии хоҷагии қишлоқ аст. Дараҷаи истифодаи нуриҳои минералӣ ба ҳар га замини шудгор дар Олмон – 418 кг, Нидерландҳо – 773 кг, Ҷопон – 387 кг-ро ташкил додааст. Дар мамлакатҳои захираҳои зиёди замин дошта ҳиссаи истифодаи нуриҳо паст аст – дар Канада – 12 кг, Австралия – 28 кг. Ба мамлакатҳои тараққикарда 85% истифодаи умумии нуриҳо, аз ҷумла, ба ИМА – 45%, Аврупои Ғарбӣ – 28%, Ҷопон – 12% рост меояд. Солҳои охир муътадилгардии истифодаи нуриҳои минералӣ, ба назар мерасад ва дар баъзе мамлакатҳо, камшавии мутлақи истифодаи он (Фаронса, Белгия, Голландия, Дания ва дигарон) ба амал омадааст. Аз нигоҳи экологӣ маҳсулоти тозаи кишоварзӣ талаботи зиёд пайдо намудааст, ки он бо ҳарҷӣ камтар истифодашавии нуриҳои минералӣ вобастагӣ дорад.

Раванди ба асоси индустриалӣ гузаронидани хоҷагии қишлоқ дар ИМА, Канада, Англия ҳануз то Ҷанги дуюми Ҷаҳон, дар аксари мамлакатҳои Аврупои Ғарбӣ ва Ҷопон – дар солҳои 50, дар ИҶШС ва мамлакатҳои Марказу Шарқии Аврупо – охири солҳои 70 рух дода буд. Мамлакатҳои баландтараққӣ ҳоло ба давраи нави бозсозиҳои истеҳсолоти аграрӣ – ба давраи биотехнонологӣ гузаштаанд, ки он аз истифодаи васеи биотехнология иборат аст.

Хоҷагии қишлоқ, ки ҳанӯз ибтидои асри XX дар ҳама ҷо соҳаи меҳнатталаб буд, дар мамлакатҳои тараққикарда дар солҳои 40-60-уми ҳамин аср ба соҳаи маблағталаб табдил ёфт. Ҳоло вай аз соҳаҳои маблағталаб ба соҳаҳои имлталаб гузашта истодааст.

«Инқилоби сабз», ки солҳои 60-уми асри сипаришуда дар мамла-катҳои рӯ ба тараққӣ оғоз ёфта буд, аз бозсозиҳои

хоҷагии қишлоқ, дар асоси агротехникаи ҳозира иборат буда се қисми таркибиро дар бар ме-гирифт – ҷорикунии навъҳои нави зироат, қабл аз ҳама ғалладонаҳо; ва-сеъ намудани заминҳои обӣ; баланд бардоштани дараҷаи механиконии хоҷагии қишлоқ, истифодаи оммавии нуруҳои минералӣ ва воситаҳои химиявии ҳифзи растаниҳо. Тавассути «Инқилоби сабз» ҳосилнокии ғалладонаҳо 2-3 баробар зиёд шуда, Чин, Ҳиндустон, Индонезия, Покистон, Таиланд ва баъзеи дигар мамлакатҳо худтаъмикунанда гардиданд.

**Сохтори истеҳсолоти ҷаҳонии кишрварзӣ.** Хоҷагии қишлоқи тамоми мамлакатҳои дунё аз ду соҳаи калону бо ҳам алоқаманд иборат аст: раставнипарварӣ ва чорводорӣ. Таносуби байни ин соҳаҳо зери таъсири пешравиҳо дар мамлакатҳои тараққикарда тағйир меёбад, ки дар ин мамлакатҳо соҳаи чорводорӣ 75-80% маҳсулоти умумии кишоварзиро медиҳад, дар ИМА – камтар (қариб 55%), дар Фаронса – 53% рост меояд. Дар Италия бошад, ин соҳа фақат 40-42% махсулоти хоҷагии қишлоқро медиҳад, сабаби ин ҳолат набудани шароитҳои табиии мусоид барои чорводорӣ аст.

**Чорводорӣ.** Дар мамлакатҳои тараққикарда ва ба иқтисодиёти бозорӣ гузаранда чорводории самти гушту ширӣ паҳн шудааст. Дар ин мамлакатҳо чорво бештар дар биноҳои махсуси чорвопарварӣ парвариш меёбанд. Хӯроки гуногунғизоро зиёдтар истифода мебаранд. Дар аксари мамлакатҳои тараққикарда зироатчигӣ барои кишти растаниҳои хӯроки чорво махсус гардонида шудааст (масалан, минтақаи ҷуворимакка-лубиёгии ИМА).

Гузариш ба методҳои индустриявӣ, беҳтаркунии базаи хӯрока, комёбиҳои селексия боиси хеле зиёдкунии маҳсулнокии чорводорӣ гардидаанд. Ширдушӣ аз ҳар сар модагов соли 1996 дар ИМА – 6,7 ҳазор кг; Дания – 6,3; Шветсия – 6,2; Ҷопон – 5,2; Россия – 2,8; Аргентина – 2,6; Чин – 1,6; Муғулистон – 0,35 кг-ро ташкил додааст. Мамлакатҳои тараққикардаи саноатӣ аз рӯи ширдушии ҳар сар гов 6 баробар ва гуштгирӣ – 1,5 баробар зиёд афзалият доранд.

Солҳои 90 ширдушии аз ҳама зиёд ба ҳар сар аҳолӣ дар Зеландияи Нав (2400 кг), Голландия (900 кг), Белоруссия (700 кг), Фаронса (490 кг), Олмон (450 кг), Россия (300 кг) мушоҳида гардид. Истеҳсоли аз ҳама зиёди гушт ба ҳар сар аҳолӣ дар Голландия (200 кг), Австралия (180 кг), ИМА (125 кг),



Аргентина (125 кг), Олмон (110 кг), Фаронса (110 кг), Россия (40 кг) ҷой дошт.

Чорводорӣ дар мамлакатҳои Шарқи Наздику Миёна, инчунин Аргентинаю Уругвай, нисбат ба зироатчигӣ афзалиятнок буда, дар онҳо аксар симои экстенсивӣ ва чарогоҳӣ дорад.

**Зироатчигӣ.** Соҳаи асосии ин бахш парвариши ғалладонаҳо буда, истифодаи онҳо дар нимаи дуюми асри XX хеле афзуд. Агар дар тули солҳои 1900-1949 истеҳсоли ғалладонаҳо аз 500 то ба 800 млн. тонна расида бошад, пас солҳои 1950-1995 аз 800 млн. то ба 2000 млн. тонна расидааст. Дар ин ҷода нақши асосиро Чин, Ҳиндустон, мамлакатҳои Ҷанубу Шарқии Осиё бозидаанд.

Мамлакатҳои тараққикарда 30% ҷамъоварии умумиҷаҳонии ғалладонаро медиҳанд. Онҳо аз рӯи ду нишондиҳанда пешсафанд: ҳосилнокии ғалладонаҳо ва ҷамъоварии онҳо ба ҳисоби ҳар сар аҳолӣ. Ҳосилнокӣ аз ҳар га ба ҳисоби миёна (соли 1990-1997) дар Ҷопон – 54, ИМА – 47, ИА – 46 сентнер/га-ро ташкил намуд. Ҳосилгундорӣ ба ҳар сар аҳолӣ дар Канада – 2125 кг, Австралия – 1320; ИМА – 1250; Фаронса – 1050; Россия – 790 кг буд.

Дар ҷаҳон 55% ғалларо одамон, 45% ҳамчун хӯроки чорво истифо-да мебаранд. Истеъмоли ғалла дар мамлакатҳо ба дараҷаи тараққиёти онҳо вобаста буда, агар дар мамлакатҳои тараққикарда 25% ғалларо барои хӯроки одамон истифода баранд, боқимондаашро барои хӯроки чорвою парранда истифода мебаранд. Дар мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ бошад, то 90% ғалладонаро ба сифати хӯроки одамон истифода мебаранд.

Дар сохтори ҷамъоварии умумии ғалладонаҳо се намуд: гандум (28%), шолӣ (26%) ва ҷуворимакка (25%) бартарӣ доранд. Дар меъёри хӯрок шолӣ (21%), гандум (20%) бартарӣ дошта, ҷуворимакка бошад, ҳамагӣ 5% аст. Зеро вай асосан ҳамчун хӯроки чорво истифода карда мешавад.

**Савдои ҷаҳонии маҳсулоти кишоварзӣ.** Ҳиссаи маҳсулоти хоҷагии қишлоқ дар содироти ҷаҳон дар 10 солаҳои охир бемайлон паст мешавад: маводҳои хӯрокворӣ аз 13% дар соли 1970 то 9% дар соли 1996, ашёи хоми хоҷагии қишлоқ аз 7 то ба 2,5% кам шудааст. Чунин камшавиро муваффақиятҳои худтаъминкунӣ дар Ғарбу Маркази Аврупо, Чину Ҳиндустон, инчунин базаи истифодаи ашёи хоми табиии хоҷагии қишлоқ,

истифода бурдани ивазкунандагон боис шудаанд. Пайваста ба ин, 10-солаҳои охир анъанаи бараъло афзоиши суръатноки савдои молҳои тайёр барои истеъмолӣ мушоҳида карда мешавад.

Дар содироти ҷаҳонии молҳои хӯрока ҳиссаи мамлакатҳои тараққикарда қариб тағйир наёфтааст (соли 1970 – 72,4%, соли 1996 – 72,1%), ҳиссаи мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ дар ҳамин давра аз 17,5% ба 20,9%, ҳиссаи мамлакатҳои ба иқтисодиёти бозорӣ гузаранда аз 9,9 то 6,6% расидааст.

Захираҳои ҷаҳонии содироти ғалла ҳар сол қариб 200 млн. тонна (10-11% ҷамъи ҳосилғундорӣ), аз ҷумла 90-100 млню тонна гандум, 60-70 млн. тонна ҷуворӣ, 15-20 млн. тонна биринҷро ташкил медиҳанд. Содиркунандагони асосии гандум ИМА, Канада, Фаронса, Австралия, Аргентина; ҷуворимакка – ИМА мебошанд.

Воридкунандагони калонтарини гандум – Чин, Ҷопон, Бразилия, Миср мебошанд. Дар содироти ҷаҳонии биринҷ Таиланд, ИМА, Ветнам, Покистон мавқеи пешсаф доранду дар воридоти он – Индонезия, Банғоладеш, Ирон, Кореяи Демократӣ, Арабистони Саудӣ, Бразилия.

Воридотчиёни калонтарини ғалла дар солҳои 70-80-ум Иттиҳоди Шуравӣ буд. Ҳаҷми миёнаи солонаи харид дар солҳои 1986-1990 32,4 млн. тоннаро ташкил дод, ки ин ба 16,9%ҷамъоварии умумии ғалла дар ҳамон солҳо баробар буд.

Содиротичиёни асосии гушти гов Австралия, Бразилия, Голландия, Канада, ИМА; Гушти гусфанд – Австралия, Зеландияи нав, гушти парранда – ИМА, Фаронса, Бразилия мебошанд. Ҳар сол ба бозори ҷаҳонӣ беш аз 5 млн. сар чорвои калони шохдор, 9-10 млн. сар хук, 15 млн. сар гусфанд ворид мегарданд. Содиркунандагони асосии чорвои зиндаи зотӣ ИМА, Канада ва мамлакатҳои аъзои ИА мебошанд. Савдои ҳарсолаи молҳои ширӣ аз 11 млн. тонна беш аст. Дар содироти шири хом Голландия, Ирландия, Дания, Фаронса; Равған – Зеландияи Нав, Голландия, Ирландия, Дания пешсафанд. Воридотчии калони маҳсулоти ширӣ Россия аст.

### 8.5. Комплекси сӯзишворӣ-энергетикӣ

**Самтҳои асосии тараққиёти комплекси сӯзишворӣ-энергетикӣ (КСЭ).** Баробари афзоиши аҳолӣ ва истеҳсолот истеъмоли захираҳои аввалини энергетикӣ меафзояд.



Истеъмоли онҳо ба ҳисоби сӯзишвории шартӣ соли 1950 3,9 млрд. тонна; соли 1960 – 4,7; соли 1970 – 6,8; соли 1980 – 8,7; соли 1990 – 10,3; соли 1997 – 11,9 млрд. тоннаро ташкил дода аст. Суръати миёнаи солонаи афзоиши истеъмоли энергия дар ҷаҳон дар нимаи аввали асри XX 2-3%, солҳои 1950-1975 бошад 5%-ро ташкил медод. Афзоиши истеъмоли захираҳои энергия аз ҳисоби афзоиши тези ҳаҷми истихроҷи нафту газ ба амал омад. Он давраро давраи «нафти арзон» номидаанд, ки дар тули солҳои 1952 то соли 1972 нархи нафт дар бозори ҷаҳонӣ ҳамагӣ 14 доллар (1 тонна) буд.

Вале соли 1973 бӯҳрони энергетикӣ пайдо шуд, ки тавассути он нархи ҷаҳонии нафт якбора ба 250-300 доллар (1 тонна) расид. Яке аз сабабҳои бӯҳрон бадшавии шароитҳои кӯҳӣ-геологии истихроҷи сӯзишворӣ: истихроҷи нафт аз шароитҳои иқлимии сахти Арктика, Сахара, Сибир, дар тунукобиҳои континентӣ буд.

Сабаби дигарро дар кӯшиши мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ медо-нанд, ки ҳадафи он истифодаи мавқеи худ (соҳиби қисми зиёди захира-ҳои нафт будан) дар ҷаҳони нафт буд (мамлакатҳои аъзои ОПЕК).

Мамлакатҳои пешсафи ҷаҳон, маҷбур буданд, ки назарияи тараққиёти энергетикаро аз нав дида бароянд. Агар то оғози бӯҳрон дурнамои истеъмоли энергия то соли 2000 -25 млрд. тонна сӯзишвории шартиро ташкил медода бошад, пас баъди бӯҳрони энергетикии солҳои 70 ба ҷониби камшавӣ майл дошт (то 12,4 млрд. тонна). Дар маркази стратегияи иқтисодӣ аз ҳамон вақт сар карда, бо энергия таъминкунӣ меистад, ки вай на танҳо камкунии истеъмоли нафт, балки инчунин бозсозиҳои сохтори соҳавии саноатро бо роҳи камкунии истеҳсолоти энергияталаб дар бар мегирифт.

Тавассути ин дар давлатҳои тараққикарда суръти миёнаи афзоиши истеъмоли сӯзишвори дар солҳои 80-ум аввалин аз 1,8% то ба 1,45% дар солҳои 1991-1997 паст фаромад. Мувофиқи дурбиниҳои солҳои 1995-2015 ин нишондиҳанда аз 1,25% зиёд намешавад. Дар баробри ин, дар мамлакатҳои постсотсиалистӣ баҳри сарфакуниҳои захираҳои энергекӣ чораҳои қатъӣ дида нашуданд. Дар мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ истеъмоли захираҳоҳои энергетикии дар аввали солҳои 90-уми асри XX нисбат ба даҳсолаҳои гузашта тезтар афзуд. Тули солҳои 1991-1997 истифодаи захираҳои энергетикӣ дар ҷаҳон ба ҳисоби

миёна 3%, аз ҷумла дар МНИ ва ОПЕК 5% афзуд. Чунин афзоиши истеъмоли энергия ба суръати баланди афзоиши иқтисодии ин мамлакатҳо, тараққиёти соҳаҳои асосии онҳо, ҷорӣ намудани технологияи энергияталаб ва гузариши оммавӣ ба нақлиёти автомобилӣ вобаста буд. Тавассути ин энергияталабии МУД дар солҳои 90-ум дар мамлакатҳои тараққикарда 0,6%, дар мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ 0,8%, мамлакатҳои аъзои ИДМ, Марказу Шарқии Аврупо 0,9%-ро ташкил намуд.

Бинобар ин, дар истеъмоли ҷаҳонии захираҳои энергетикӣ ҳиссаи ҷаҳони тараққикарда аз 59,5% охири солҳои 80-ум дар соли 1995 то ба 51% паст шуд ва мувофиқи пешгӯиҳо соли 2015 то ба 43% паст мефарояд. Бо вуҷуди он, ки истеъмоли захираҳои энергия ба ҳисоби ҳар сар аҳолӣ зиёд асту он минбаъд ҳам меафзояд, ҳиссаи мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ дар истеъмоли умумӣ аз 21,9% соли 1980 дар соли 1995 то ба 31,9% афзуд ва мегӯянд, ки ин рақам дар соли 2015 ба 40% мерасад. Ҳиссаи мамлакатҳои ба иқтисодиёти бозорӣ гузаранда (ғайр аз Чин) кам шуда, соли 2015 ба 17% мерасад. Пастравии иқтисодии солҳои 90-ум дар ин ҷо боиси пастшавии истеъмоли энергия ба ҳисоби ҳар сар аҳолӣ гардид. Агар соли 1980 дар Россия ин нишондиҳанда 5499 кг бошад, пас соли 1995 ба 4079 кг баробар буд.

**Пешравиҳо дар сохтори истеъмол.** Нимаи дуюми асри ХХ дар сохтори истеъмоли сӯзишворӣ ва энергия тағйиротҳои калон ба вуқуъ пайвастанд. Солҳои 50-60-уми ин аср ҷои ангиштро нафту газ иваз намуданд (ҷад. 8.2).

Дар истеъмоли захираҳои энергия нафт мавқеи асосӣ дорад, ангишт дар ҷои дуюм, газ дар ҷои сеюм меистанд.

Пурзӯршавии талабот оиди ҳифзи муҳити атроф баҳри камкунии ҳаҷми партовҳо ва газҳои зараровар дар атмосфера, дар оянда талабот ба ангишт ва қисман ба нафт таъсири муайян мерасонад. Ин ҷораҳо боиси болоравии нақши гази табиӣ ва сарчашмаҳои барқароршавандаи энергия низ мегарданд. Сохтори истеъмоли энергия дар гурӯҳҳои мамлакатҳо ҳар хел дигаргун мешавад.



Ҷадвали 8.2

**Сохтори истеъмоли ҷаҳонии захираҳои энергетикии аввалин (% ба ҷамъи умумӣ)**

| Солҳо / Захираҳо | 1990 | 1995 | 1997 | 2000 | 2015 |
|---|---|---|---|---|---|
| Нафт | 39,4 | 39,4 | 40,6 | 38,0 | 35,0 |
| Газ | 23,7 | 23,6 | 22,7 | 23,4 | 28,1 |
| Ангишт | 32,0 | 31,7 | 31,4 | 31,3 | 31,2 |
| Истгоҳҳои электрикии атомӣ | 2,3 | 2,3 | 2,3 | 2,2 | 2,0 |
| Истгоҳҳои электрикии обӣ ва дигар сарчашмаҳо | 2,6 | 3,0 | 3,0 | 3,3 | 3,7 |

Дар мамлакатҳои тараққикарда ҳиссаи нафт дар ҷамъи истеъмол аз 17%-и соли 1950 дар соли 1980 ба 47,5% афзуда, баъд дар соли 1997 то 45,4% паст шуд. Анъанаи пастшавии ҳиссаи ангишт амал мекунад (соли 1950 – 74%, соли 1980 – 27,4%, соли 1990 – 27,4%, соли 1990 – 26,5%, соли 1995 – 22,5%). Зиёдшавии ҳиссаи газ: соли 1980 – 20,7%, соли 1995 – 22,5%. Ҳиссаи истеҳсоли энергияи электрикии атомӣ ва дигар сарчашмаҳо аз 4,4%-и соли 1980 дар соли 1995 то 6,5% афзуд.

Дар мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ дар истеъмоли захираҳои энергия нақши асосиро ангишт нигоҳ доштааст (соли 1990 – 43%, соли 1995 – 41,9%), аз бисёр ҷиҳат аз сабаби он, ки Ҳиндустону Чин майли зиёди истеъмоли ангиштро доранд. Нафт мавқеи дуюмро гирифтааст (мувофиқан ба солҳо – 38,4; 38,7). Ҳиссаи атом, ГЭС ва дигар сарчашмаҳо аз 3,8%-и соли 1990 дар соли 1995 ба 4,6% расидааст.

Дар истеҳсоли захираҳои энергетикӣ анъанаи зиёдшавии ҳиссаи атом ва ГЭС-у дигар сарчашмаҳо мушоҳида мегардад (ҷад. 8.3).

Дар мамлакатҳои мутараққӣ афзоиши истеҳсоли ватанӣ дар солҳои 90-уми асри ХХ зиёд набуда аз ҳисоби зиёдкунии истихроҷи газ (дар ИМА, Канада, Норвегия), ангишт (дар ИМА, Австралия) таъмин гардид. Ҳиссаи нафт дар ИМА ва Англия кам шуд.

Ҷадвали 8.3

**Сохтори истеҳсоли ҷаҳонии захираҳои энергетикӣ, нисбати ҷамъи умумӣ**

| Солҳо / Захираҳо | 1990 | 1995 | 1997 | 2000 | 2015 |
|---|---|---|---|---|---|
| Нафт | 41,8 | 40,4 | 40,5 | 39,8 | 36,1 |
| Газ | 22,9 | 23,1 | 22,8 | 23,4 | 27,7 |
| Ангишт | 30,6 | 31,2 | 31,4 | 31,3 | 30,6 |
| Истгоҳҳои электрикии атомӣ | 2,2 | 2,3 | 2,3 | 2,3 | 2,0 |
| Истгоҳҳои электрикии обӣ ва дигар сарчашмаҳо | 2,5 | 3,0 | 3,0 | 3,2 | 3,6 |

Дар мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ дар солҳои 90-ум махсусан истихроҷи ангишт тез афзуд (асосан дар Чину Ҳиндустон), истихроҷи нафту газ бошад, бо суръати паст давом дошт. Чун қоида, истеҳсоли энергия дар ин мамлакатҳо аз истеъмол зиёд аст, махсусан дар ҷодаи нафт. Чунин барзиёдӣ, асосан нафт, боиси зиёдшавии таклифоти нафт баҳри фиристонидан ба мамлакатҳои тараққикарда ва пастшавии нархи нафт дар бозори ҷаҳонӣ мегардад.

Дар бозори ҷаҳонӣ нафт мавқеи пешсафро ишғол карда меояд. Миёнаи солҳои 90-уми асри XX ҳаҷми миёнаи солонаи истихроҷи он 3,3-3,4 млн. тонна буд. Ба ҳиссаи мамлакатҳои аъзои ОПЕК 43%-и ҷамъи истихроҷ рост меояд. Нисфи нафти истихроҷшуда содир карда мешавад, ки 65% содирот ба ҳиссаи ОПЕК меафдат.

Талаботи минбаъда ба нафт аз афзоиши нархи он вобаста аст. Пешгӯӣ кардаанд, ки агар нархи пасткардашудаи солҳо 90 (аз 100 доллар пасттар) нигоҳ дошта шавад, вай боиси қатъ гардидани истихроҷ дар бисёр мамлакатҳо мегардад.

Пешгӯӣ шудааст, ки истеъмоли ҷаҳонии нафт то соли 2015, ба ҳисоби миёна соле 1,5% меафзояду қабл аз ҳама афзоиш (соле 2,5%) дар мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ мушоҳида хоҳад шуд, ки ин ба ташаккулёбию тараққии саноати маснуот ва инфраструктураи ҳозиразамон вобаста аст.

Қисми зиёди иқтидори саноати нафткоркунӣ дар мамлакатҳои тараққикарда, аз ҷумла дар ИМА – 21%, Аврупои Ғарбӣ – 20, дар Ҷопон – 6% ҷойгиранд. Самти асосии нафткашонии баҳрӣ аз бандарҳои халиҷи Форс оғоз ёфта, ба



сӯи Аврупои Ғарбӣ ва Ҷопон мераванд. Ба қатори нафткашониҳои муҳим баҳри Кариб (Венесуэла, Мексика) – ИМА, Ҷанубу Шарқии Осиё – Ҷопон, Шимоли Африқо – Аврупои Ғарбӣ дохиланд. Нафт ба воситаи қубурҳо аз Канада ба ИМА, аз Сибири Ғарбӣ ва Аврупои Марказӣ ва Шарқӣ фиристонида мешавад.

Даҳсолаҳои охир саноати нафткоркунӣ бештар ба мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ рост меояд ҳиссаи онҳо аз 25% солҳои 60 дар солҳои 90-ум ба 40% расидааст.

Саноати газ сол то сол тараққӣ меёбад. Истихроҷи ҷаҳонии газ соли 1970 1 трлн. м³ буду соли 1997 ба 2,2 трлн. м³ расид, аз ҷумла дар Россия 570 млрд. м³, ИМА – 540, Канада – 155, Голландия – 84, Англия – 74, Индонезия – 83, Алҷазоир – 57 млрд. м³-ро ташкил медод. Барои афзоиши истифодаи газ дар хоҷагии ҷаҳон шароитҳои басо мусоид мавҷуданд (арзонии истихроҷ, мавҷудияти захираҳои калони тадқиқшуда, мувофиқии истифодаю содирот, тозагии экологӣ). Пешгӯӣ кардаанд, ки дар давраи то соли 2015 истеъмоли ҷаҳонии газ ба ҳисоби миёна соле 3% меафзояд.

15% гази истихроҷшуда дар ҷаҳон моли содиротисту калонтарин содиротчиён – Россия (30% содироти ҷаҳонӣ), Голландия, Канадаю Норвегия, Алҷазоир мебошанд. Воридкунандагони асосӣ – ИМА, Ҷопон, Олмон, Фаронса, Италия. Қариб 75%-и гази содиротӣ аз Индонезия – Ҷопон, Алҷазоир – Аврупои Ғарбӣ ба воситаи қубурҳо фиристонида мешаванду – 25% ба воситаи киштиҳои махсуси газкашонӣ (гази моеъ) кашида мешавад.

Саноати ангишт аз солҳои 90-ум сар карда суст шудан гирифта, аз 4,95 млрд. тоннаи соли 1990 то ба 4,2 млрд тонна дар соли 1997 расид. Истихроҷгарони калони ангишт Чин - 1160 млн. тонна, ИМА - 927, Олмон - 265, Россия - 245, Ҳиндустон - 240 млн. тонна мебошанд. 65% ангишти истихроҷшударо истгоҳҳои электрикӣ истеъмол мекунанд ва 35% он ба саноати металлургия рост меояд.

Ҳар сол 8-9% истихроҷи ҷаҳонии ангишт ба содирот меравад. Калонтарин мамлакатҳои содиркунандаи ангишт – Австралия, ИМА, ҶАҶ, Лаҳистон; воридотчиён – Ҷопон, Кореяи Ҷанубӣ, Италия, Олмон, Англия, ки онҳо аз содиротчӣ ба воридотчӣ табдил ёфтаанд, зеро истехроҷи ангишт дар Австралияи Ҷанубӣ ва Африқо се бор арзонтар аст.

Электроэнергия сол то сол тараққӣ карда истодааст. Истеҳсоли он соли 1970 ба 5,0 трлн. кВт/с, соли 1990 11,5 ва соли 1997 ба 13,4 трлн. кВт/с баробар буд. Истеҳсоли энергияи барқ дар ИМА (3600 млрд. кВт/с), Ҷопон (930), Чин (900), Россия (845), Канада (530), Фаронса (440 млрд кВт/с) зиёд аст. Ба ҳиссаи мамлакатҳои тараққикарда қариб 65%-и тамоми энергияи электрикии истеҳсолшудаи ҷаҳон, ба ҳиссаи мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ – 22%, ба ҳиссаи мамлакатҳои ба иқтисодиёти бозорӣ гузаранда – 13% рост меояд.

Дар сохтори истеҳсолоти ҷаҳонии электроэнергия 62% ба ҳиссаи истгоҳҳои электркии алобӣ, 20% - ба истгоҳҳои обӣ, 17% ба ҳиссаи истгоҳҳои атомӣ ва 1% ба ҳиссаи сарчашмаҳои нави энергия (геотермалӣ, мадду ҷазрӣ, офтобӣ, шамолӣ) рост меояд. Дар дурнамои то солҳои 2015 суръати миёнаи солонаи афзоиши истеҳсоли электроэнергия бояд 2,7%-ро, аз ҷумла дар мамлакатҳои тараққикарда 2%, дар мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ қариб 3%-ро ташкил диҳад.

### 8.6. Комплексҳои металлургӣ ва химиявӣ-ҷангалӣ

**Саноати металлургия.** Маталлургия ду соҳа: металлургияи сиёҳ ва рангаро дар бар мегирад. Металлургияи сиёҳ аз истихроҷ, тозакунии маъдани оҳан, марганетс, хром ва гудозиши чӯян, пӯлод ва прокат иборат аст.

Истихроҷи маъдани оҳан дар ҷаҳон тез меафзояд. Солҳои 50-уми асри XX истихроҷи он ба 250 млн. тонна, соли 1980 – 900 млн. тонна буд. Солҳои 90-ум бошад, ба 1 млрд. тонна расид.

Гудозиши солонаи пӯлод то миёнаи солҳои 70-ум хеле бо суръат афзуд. Солҳои 1950 – 200 млн. тонна, 1970 – 600; соли 1980 – 700 млн. тоннаро ташкил додааст. Вале солҳои бӯҳрони энергетикӣ ва ашёи хомӣ суръати афзоиш суст шуда, минбъд ҳам ин афзоиш симои ноустувор гирифт. Сабаби ин камшавии масолеҳталабии истеҳсолот, ивазкунии металл бо пластмасса ва алюминий мебошад.

Анъанаи муҳими тараққиёти металлургияи сиёҳ ҷойгиркунии он дар мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ мебошад. Соли 1990 ҳиссаи мамлакатҳои Осиё ва Амрикои Лотинӣ дар истеҳсоли ҷаҳонии металлҳои сиёҳ 21,7% буд. Соли 1997 ин рақам ба 36,0% расид. Соли 1996 Чин пешсафи ҷаҳонии истеҳсолгари пулод гардид. Кореяи Ҷанубӣ аз рӯи ин нишондиҳанда қариб ба Олмон баробар шуда, Бразилия аз



Англия ва Фаронса пеш гузаштааст. Афзоиши металлургияи сиёҳ дар мамлакатҳои «Нави азхудкунӣ» (Австралия, Канада, ҶАҶ) давом дорад, ки ин ба дараҷаи баланди таъминоти онҳо ба ашёи хому сӯзишворӣ вобаста аст.

Металлургияи ранга дар тули солҳои зиёд тараққиёти устувор дошт. Истеҳсоли ҷаҳонии металлҳои рангаи асосӣ тули солҳои 1873-1977 аз 26 то 37 млн. тонна афзудааст. Ҳоло беш аз 70 номгӯи ин металлҳо истеҳсол карда мешаванд. Ҳиссаи зиёдро истеҳсоли алюминий (45,4%), Мис (25,3%), руҳ (15,8%), қурғошим (11%) ташкил медиҳанд. Дар бозори металлҳои ранга никел, қалъагӣ, кобалт, волфрам, молибден низ мавқеи намоёнро ишғол кардаанд.

Истеҳсоли алюминий ба ҳар сар аҳолӣ дар ИМА 31,3 кг, Ҷопон – 31,6; Олмон – 24; Россия – 3 кг-ро ташкил медиҳад. Барои металлургияи рангаи мамлакатҳои тараққикарда чунин аломатҳои фарққунанда ҳастанд:

- ҳиссаи зиёдшавандаи ашёи хоми дуюмин – оҳанпора аст. Мамлакатҳои тараққикарда ба ин шаёи хом такя кардаанд, ки он солҳои 90-ум 25%-и талаботи онҳоро бо рӯҳ, қалъагӣ, 40% - бо мис, 50% – бо қурғошим таъмин намуд;
- баландкунии диққат ба гудозиши металлҳои нодир (титан, магний, германий, тантал, ниобий), аз ҷумла ба металлҳои муҳими стратегӣ;
- афзалиятнокии истеҳсоли прокат ва маҳсулоти таёр. Гудозиши металлҳои вазнин қатъиян ба мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ гузаронида шудааст;

**Саноати химия.** Дар тараққиёти саноати химияи ҷаҳон, дар 10 солаҳои охир, раванди камшавии энергия ва масолеҳталабии истеҳсолот ва пурзӯршавии илмталабии ин соҳа таъсири калон расонидаанд. Мамлакатҳои тараққикарда то рафт ба истеҳсоли маҳсулотҳои илмталаби дараҷаи баланди технологӣ (доруворихо, пластмассаҳои конструксионии баландсифат, химикатҳои таъиноти махсус барои электротехника ва ғайра) махсус гардонида мешаванд. Дар баробари ин, ҷойгиркунонии соҳаҳои анъанавӣ дар мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ ва ба иқтисодиёти бозорӣ гузаранда ба амал меояд. Масалан, миёнаи солҳои 90-ум чор мамлакати тараққикарда (ИМА, Канада, Фаронса, Олмон), се мамлакати

ба иқтисодиёти бозорӣ гузаранда (Россия, Белоруссия, Украина) ва се мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ (Чин, Ҳиндустон ва Индонезия) ба қатори «даҳгонаи» истеҳсолкунандагони нуриҳои минералӣ дохил гардиданд. Солҳои охир Мексика ва давлатҳои Халиҷи Форс низ ба қатори истеҳсолотчиёни бузург ворид шуданд.

Истеҳсоли нуриҳои минералӣ ба мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ, қабл аз ҳама, ба МНИ, мансуб аст. Миёнаи солҳои 90-ум ба ҳиссаи Чин, Тайван, Кореяи Ҷанубӣ ва Ҳиндустон беш аз 30% маҳсулоти ҷаҳонии ин намуди маҳсулот рост омад.

**Саноати ҷангал.** Беш аз нисфи ҳаҷми чубтаёркунӣ ба ҳезум рост меояд, ки ин ба истифодаи чуб ҳамчун сӯзишворӣ (дар Ҳиндустон, Индонезия, мамлакатҳои Африкою Амрикои Лотинӣ) вобаста аст. Аз тамоми чубҳои тайёркардашуда ба корхонаҳои коркарди чуб дар Россияю ИМА 80%, Шветсияю Канада – 90%, Бразилия – 25%, Ҳиндустон – ҳамагӣ 10% рост меояд. Истифодаи зиёди чуб ва коркарди минбаъдаи он (дар мамлакатҳои тараққикардаю постсотсиалистӣ) ва сӯзишворӣ (дар мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ) боис шудааст.

Истеҳсоли коғазу картон, аз ҷумла ба ҳар сар аҳолӣ нишондиҳандаи муҳими дараҷаи тараққиёти иқтисодӣ мебошад. Тамоми қоғази истеҳсолшуда ба қоғази рӯзномавию (25%) матбуотӣ ва навиштанӣ (қариб 30%), печонанда (15%) ва дигар намудҳо ҷудо карда шудаанд. Ҳисоби миёнаи истеҳсоли ҷаҳонии қоғаз ба ҳар сар аҳолӣ (45 кг қоғаз); дар Финландия 1400 кг, Шветсия – 670, Канада – 530, ИМА – 270, Ҷопон – 220, Россия – 30, Чин – 12 кг-ро ташкил медиҳад.

Дар солҳои охир истеҳсол ва истеъмоли маҳсулот аз ҳисоби коркарди молҳои чубии истифодашуда мунтазам меафзояд. Омили муҳим, дар қатори талабот ба чуб ва маҳсулоти он, талаботи экологӣ мебошад. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки суръати афзоиши истеъмоли молҳои чубин баъди соли 2000 паст мешаваду афзоиши истеъмоли қоғазу картон ва плитаҳои чубӣ зиёд мешаванд.

Аҳамияти истифодаи дубораи масолеҳи чубин, қабл аз ҳама ба зиёдшавии маҳсулоти ин соҳа ёрӣ мерасонад.

Содиротчиён ва воридотчиёни асосии молҳои чубин мамлакатҳои тараққикарда буданду мемонанд. Ба ҳиссаи фақат Канада соли 1996 17,3% савдои ҷаҳонии молҳои чубин рост омад, ба ИМА – 12,7%, Шветсия – 10%, Финландия – 8,4%,



Россияи – 2,3%. Воридотчиёни асосӣ – мамлакатҳои Аврупои Ғарбӣ, Ҷопон, мамлакатҳои Шарқи Наздик ба ҳисоб меравaнд.

### 8.7. Мошинсозии ҷаҳон

Мошинсозӣ соҳаи асосии саноати ҷаҳон буда, ба ин соҳа қариб 35% арзиши маҳсулоти саноати ҷаҳон рост меояд. Дар мамлакатҳои тараққикарда ҳиссаи маҳсулоти мошинсозӣ 32-38% арзиши истеҳсолотӣ, дар мамлакатҳои ба иқтисодиёти бозорӣ гузаранда бошад 20-25%, ва дар МНИ то 15-20% рост меояд.

**Истеҳсоли мошину таҷҳизотҳо.** То имрӯз чор минтақаи асосии мошинсозиро ҷудо кардаанд, ки дар байни онҳо аз рӯи миқёси истеҳсолӣ Амрикои Шимолӣ мавқеи асосиро ишғол кардааст (30%) ва аз рӯи истеҳсоли компютерҳои ҳозиразамон, таёраҳо, техникаи ракетӣ-кайҳонӣ ва дигар намудҳои ярқ фарқ мекунад.

Минтақаи Марказ ва Шарқи Аврупо қариб 30% маҳсулоти мошинсозии ҷаҳонро медиҳад.

Минтақаи сеюм, ки мамлакатҳои Ҷануб ва Ҷанубу Шарқии Осиёро дар бар гирифтааст, қариб 20% маҳсулоти мошинсозии ҷаҳонро медиҳад. Дар ин минтақа ҷойгиркунии истеҳсоли киштиҳо, автомобил, электроникаи маишӣ тез тараққӣ мекунад. Ҷопон қувваи худро ба истеҳсолоти илмталаб ҷамъ намуда, зерсоҳаҳои на он қадар мураккаби мошинсозиро дар МНИ ҷойгир мекунад.

Минтақаи чорумро Россия бо дигар мамлакатҳои аъзои ИДМ ташкил медиҳад. ИДМ ба гурӯҳи мамлакатҳое дохил мешаванд, ки дар онҳо номгӯи пурраи истеҳсолоти мошинӣ вуҷуд доранд. Дар ин мамлакатҳо соҳаҳои комплекси ҳарбӣ-саноатӣ, истеҳсоли нисбатан номураккаб (техникаи кишоварзӣ, дастгоҳҳои металлталаб ва таҷҳизотҳои энергетикӣ) хеле тараққӣ кардаанд. Дар баробари ин, аз рӯи соҳаҳои илмталаб, ғайри саноати авиатсионию ракетӣ-кайҳонӣ ва электроникаи маишӣ онҳо қафомонии ҷиддӣ доранд.

Мошинсозиро ба гурӯҳҳои умумӣ (35-37% истеҳсолоти мошинсозии ҷаҳонӣ), нақлиётӣ (33-35%) ва электротехникӣ (якҷоя бо электроника – 30-31%) ҷудо кардаанд. Солҳои охир соҳаи электроника бо суръати пешгузаранда, мошинсозии умумӣ бо суръати муътадил меафзояду суръати мошинсозии

нақлиётӣ паст шуда истодааст. Дар мамлакатҳои тараққикарда дар таркиби мошинсозии умумиашон истеҳсоли таҷҳизоту дастгоҳсозӣ афзалиятнок аст.

Истеҳсоли монишҳои хоҷагии қишлоқ ва таҷҳизоти номураккабро ба мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ гузаронидаанд. Дар сохтори мошинсозии нақлиётӣ афзоиши интенсивонаи автомобилсозӣ ба амал омада, истеҳсоли киштӣ ва таркиби ҳаракаткунандаҳо (поезд) кам шудааст.

Дар нимаи дуюми асри XX соҳаи автомобилсозӣ ба яке аз соҳаҳои муҳимтарини мошинсозӣ табдил ёфтааст. Истеҳсоли ҷаҳонии автомобилҳо аз 10 млн. соли 1950 дар миёнаи солҳои 90-ум ба 50 млн. адад расид. Аз ҳаҷми умумии онҳо беш аз 70% ба ҳиссаи мошинҳои сабукрав, боқимондааш ба ҳиссаи мошинҳои боркаш ва автобусҳо рост меояд. Аз рӯи истеҳсоли автомобилҳо Ҷопон дар ҷои аввал баромад. Истеҳсоли мошинҳои сабукрав якбора зиёд гардид (дар МНИ – Кореяи Ҷанубӣ, Бразилия ва мамлакатҳои ба иқтисодиёти бозорӣ гузаранда – Лаҳистон). Дар тараққиёти ин соҳа усули васлкунии автомобилҳо мақоми хос дорад. Қариб нисфи мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ корхонаҳои васли автомобил доранд. Дар соҳаи автомобилсозии Россия ва дигар мамлакатҳои аъзои ИДМ ҳиссаи баланди истеҳсоли мошинҳои боркаш ва нисбатан ками мошинҳои сабукрав мушоҳида карда мешавад. Солҳои охир ҷараёни васлкунӣ хеле васеъ паҳн шудааст.

Киштисозӣ солҳои 60-ум ва аввали солҳои 70-уми асри XX тез тараққӣ ёфт, ки ин давраро замони «нафти арзон» меномиданду талабот ба супертанкерҳо (киштиҳои азими боркаш) зиёд шуда буд. Агар соли 1960 ба об киштиҳои обғунҷоишашон 8 млн. тонна сар дода шуда бошанд, пас соли 1975 ин нишондиҳанда ба 35 млн. тонна расид. Вале дар замони бӯҳрони энергетикӣ, ки он боиси камшавии боркашонии баҳрӣ гардид, ҳаракати киштиҳо кам гардид. Дар ҳамин давра ҷойгиркунии соҳаи киштисозӣ аз мамлакатҳои тараққикарда ба мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ гузашт, истеҳсоли киштӣ дар Марказ ва Ғарби Аврупо қариб қатъ гардид. Кореяи Ҷанубӣ бошад, дар ҷаҳон ба ҷои аввал баромада, аз Ҷопон пеш гузашт. Азимтарин истеҳсолкунандагони киштӣ дар ҷаҳон Бразилия, Аргентина, Мексика, Чин, Тайван ба ҳисоб мераванд.

Дар саноати электротехникӣ сол то сол истеҳсоли таҷҳизоти электрикӣ зиёд мешавад, махсусан индустрияи



электронӣ суръатнок аст. Электроникаро ба ду зерсоҳа ҷудо кардаанд: электроникаи ҳарбӣ-саноатӣ ва маишӣ. Маркази асосии электроникаи ҳарбӣ ва саноатӣ ИМА ва Ҷопон мебошанд.

Электроникаи соҳаи маишӣ, ки ба қувваи кории арзон такя дорад, дар МНИ тараққӣ ёфт. Мамлакатҳои тараққикарда тадриҷан истеҳсоли онро қатъ гардонида, ҳамчун мамлакатҳои воридкунандаи электроникаи маишианд. Дар ИМА истеҳсоли таҷҳизоти электронии таъиноти саноатӣ нисбат ба истеҳсоли техникаи электронии маишӣ, ки онро ҳоло ворид мекунанд, чор маротиба зиёд аст.

Умуман нимаи дуюми асри XX даврае гардид, ки мошинсозӣ дигар фақат хиссаи мамлакатҳои тараққикарда набуда, дар мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ низ васеъ паҳн гардид. Ҳолати аз мамлакатҳои тараққикарда ба мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ гузаронидани истеҳсоли мошинҳои начандон мураккаб ба амал омад. Мамлакатҳои тараққикарда истеҳсоли якчанд намуди маҳсулоти меҳнатталабро азхудкарда тадриҷан истеҳсолоти маҳсулоти на он қадар мураккабро ба мамлакатҳои сусттараққӣ медиҳанд.

**Савдои байналхалқии мошину таҷҳизот.** Маҳсулоти саноати мошинсозӣ ҳамчун асоси тараққиёти дигар соҳаҳо дар бозори ҷаҳонӣ талаботи бемисл дорад ва аз ин сабаб савдои байналхалқиаш нисбатан тараққиёти босуръатро доро мебошад. Дар сохтори содироти ҷаҳонӣ ҳиссаи мошину таҷҳизотҳо ва воситаҳои нақлиётӣ ба 37% баробар асту содироти ин таҷҳизотҳо дар мамлакатҳои тараққикарда – 43%, мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ – 19%, дар ИМА, Олмон – 48%, Ҷопон – 64%, Шветсия – 44% ва Канада – 42%-ро ташкил медиҳад. Суръати тези савдои ҷаҳонии мошину таҷҳизотро такомули тақсимоти байналхалқии меҳнат, алалхусус дар Аврупои Ғарбӣ ва Амрикои Шимолӣ, камшавии якбораи «сикли ҳаёт»-и аксар намуди мошинҳо ва таҷҳизотҳо, кӯҳнашавии зиёди онҳо, ба ҳавасмандгардонии содиротӣ боис шудаанд.

Беш аз 80% савдои ҷаҳонии мошину таҷҳизотро ба ҳиссаи олами тараққикарда, 10% - ба мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ рост меояд. Яке аз анъанаҳои имрӯзаи савдои мошину таҷҳизотҳо то рафт афзудани ҳиссаи маҳсулотҳои илмталабу

мураккабтехнология мебошад ва ин анъана то рафт симои устувору зиёдшаванда пайдо мекунад.

### 8.8. Комплекси ҳарбӣ-саноатӣ

Ин комплекс аз ҷамъи иқтидорҳои истеҳсолӣ, инфраструктурӣ, сохторҳои идоракунии оиди тайёркунии маҳсулоти таъиноти ҳарбӣ дошта иборат аст. Ин соҳа захираҳои моддӣ, қувваи корӣ, фирмаҳои истеҳсолӣ, ташкилотҳои тадқиқотии ба истеҳсоли яроқу аслиҳа машғулбуда ва дигар молу хизматҳоро дар бар гирифтааст.

Дар рафти истеҳсоли маҳсулотҳои гуногуни комплекси ҳарбӣ май-донҳои санҷишӣ, лабораторияҳои илмӣ, муассисаҳои илмӣ-тадқиқотӣ, заводҳои таъмирӣ ва корхонаҳои таъмиру такмилдиҳии техникӣ ишти-рок доранд. Истеҳсоли маҳсулоти ниҳоии ҳарбӣ мавҷудияти пояи мус-таҳками энергетикӣ, захираи ашёи хом, металлҳои сиёҳ ва ранга, элек-троникаи ҳозира ва таҷҳизотсозӣ ва ғайраро талаб мекунад. Соҳаҳои комплекси ҳарбӣ ба тараққиёти инфраструктурӣ – воситаҳои алоқаю нақлиёт, сохторҳои идоракунӣ ва танзимӣ такя мекунанд. Вазъияти молиявӣ, алоқаҳои иқтисодии беруна низ нақши муҳимро мебозанд.

Ҳиссаи ҷамъи истеҳсолоти ҳарбӣ дар маҳсулоти миллии ҷаҳонӣ аз 2,5% беш набуда ҳиссаи аслиҳа ва техникаи ҳарбӣ дар савдои ҷаҳонӣ – қариб 1% аст. Вале аҳамияти базаи ҳарбӣ-саноатии ҷаҳонӣ аз доираи нишондиҳандаҳои миқдорӣ берун мебарояд.

Саноати мудофиа мунтазам такмил ёфта, аслиҳа ва техникаи ҳарбии замонавӣ истеҳсол мекунад. Компютерҳо, ҳамсафарон, системаи алоқа, воситаҳои ахбороту назорат – чи дар бозорҳои шаҳрвандӣ ва чӣ дар бозорҳои ҳарбӣ фурӯхта мешаванд.

Дар тараққиёти базаи ҳарбӣ-саноатии замони мо ду омил таъсири муайян мерасонанд: такмилдиҳии воситаҳои муборизаи ҳарбӣ (яроқи ядроӣ, техникаи ракетӣ, яроқи дақиқ) ва пешравӣ дар симои ҷангҳои замонавӣ.

**Иқтисодиёти аслиҳа.** Ҳаёти имрӯза собит намудааст, ки мамлакатҳои тараққикарда иқтидори калони ҳарбиро доро бошанд. Дар замони ҳозира дар баробари давлатҳои тавоно, мамлакатҳои дараҷаи нисбатан пасти тараққиёти иқтисодӣ дошта низ саноати ҳарбиро тараққӣ медиҳанд. Масалан,



Бразилия, Индонезия, Миср, Покистон базаи ҳарбӣ-саноатии худро мунтазам зиёд мекунанд. Нобаробарии тараққиёти иқтидорҳои умумиқтисодӣ ва ҳарбӣ-саноатӣ барои як қатор мамлакатҳои дигар низ хос аст. Афзалиятнокӣ дар соҳаи аслиҳа ва техникаи ҳарбӣ ба пешсафии истеҳсоли технологияи ҳарбӣ расонидааст. Воситаҳои шикастдиҳӣ, дар якҷоягӣ, бо базаҳои илмию истеҳсолӣ воситаҳои идоракунӣ, разветка, алоқа, ахборот асос мекунад. Мамлакатҳое, ки саноати ҳарбии худро доранд, дорои тамоми комплекси истеҳсолии яроқу аслиҳа, техникаи ҳарбӣ нестанд. Масалан, истеҳсоли ракетаҳои зиддитанкиро фақат 15 мамлакат аз худ намудаанд. Истеҳсолкунандаи асосӣ ИМА буда, баъди онҳо фирмаҳои Аврупои Ғарбӣ (Англия, Фаронса, Олмон, Италия, Шветсия) меистанд. Истеҳсоли ҷаҳонии ракетаҳои зиддитанкӣ аз 50 то 67 ҳазорро ташкил дод (соли 1990), ки арзиши онҳо ба 1,4 млрд. доллар баробар буд. Ба истеҳсоли ракетаҳо вақтҳои охир Аргентина, Чили, Эквадор, Эрон, Ироқ ва як қатор мамлакатҳои дигар оғоз намуданд. Тақрибан 30 мамлакат қобилияти истеҳсоли воситаҳои бронетанкёрӣ доранд. Истеҳсоли танкҳо, броненақлиётҳо, мошинаҳои ҳарбии пиёда кам мешаванд. Корхонаҳои ҳарбии қобилияти самолёту чархболҳои ҷангӣ истеҳсолкунанда дар миқдори ками мамлакатҳо вуҷуд доранд. Истеҳсол ва содир кунандагони ин техника ИМА, Фаронса, Илатия, Олмон ва Англия мебошанд. Бомбаандозони дурандоз ва стратегиро ИМА, Россия, Фаронса, Англия кор карда баромадаанд. Бомбаандозони дурро Чин сохтааст. Бомбаандозони стратегии байниқитъавиро ҳоло ИМА ва Россия қобилияти истеҳсолкунӣ доранд. Яроқҳои ҳозиразамон хеле мураккаб буда, коркарди минбаъда, беҳтаркунӣ ва хароҷоти иловагиро тақозо доранд. Дигаркунии воситаҳои ҳарбӣ-техникиро камкуниҳои доимии муҳлати ҳаёти насли навбатии техникаи ҳарбӣ боис мешавад. Муносибат ба баҳодиҳии самаранокии ҳарбӣ-иқтисодии муссалаҳшавӣ тағйир меёбад. Ченаки асосии камкунии хароҷоти шикасти мақсад, камкунии иштирок дар зиддиятҳои ҳарбӣ ташкилёбиҳои оддии ҳарбӣ, камкунии мутлақи бойдиҳӣ мебошанд.

Ҷадвали 8.4.

**Ҳиссаи мамлакатҳои пешсаф дар нишондиҳандаҳои иқтисодӣ ва ҳарбӣ (% нисбат ба дараҷаи ҷаҳонӣ)**

| амлакатҳо | МУД | Аҳолӣ | Хароҷоти давлатӣ | Хароҷоти ҳарбӣ | Қувваҳои мусаллаҳ | Яроқи ядроӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| МА | 21,8 | 4,6 | 18,7 | 32,1 | 7,1 | 33,1 |
| ин | 9,7 | 21,1 | 3,9 | 7,3 | 12,9 | 1,3 |
| опон | 8,1 | 2,2 | 13,6 | 5,8 | 1,1 | 0,0 |
| лмон | 5,0 | 1,4 | 9,4 | 4,8 | 1,5 | 0,0 |
| индустон | 9,2 | 16,4 | 0,7 | 0,9 | 5,6 | 0,1 |
| аронса | 3,6 | 1,0 | 8,4 | 5,4 | 2,2 | 1,4 |
| нглия | 3,3 | 1,0 | 5,3 | 3,9 | 1,0 | 1,1 |
| талия | 3,3 | 1,0 | 6,2 | 2,2 | 1,9 | 0,0 |
| разилия | 2,9 | 2,8 | 3,1 | 1,3 | 1,3 | 0,0 |
| ндонезия | 2,1 | 3,4 | 0,4 | 0,4 | 1,2 | 0,0 |

**Хароҷотҳои ҳарбӣ.** Ҳаҷми хароҷотҳои ҳарбӣ дар солҳои 90-уми асри XX дар ИМА ва Аврупо хеле кам шуданд. Ҷамъи хароҷотҳои ҳарбӣ дар давраи аз соли 1988 то 1998 аз 1350 млрд. доллар то ба 800 млрд. доллар паст фароварда шудааст. Дар баробари ин, анъанаи камкунии хароҷоти ҳарбӣ на дар ҳамаи марказҳои истеҳсоли ҳарбӣ хос аст. Дар як қатор минтақаҳо, аз ҷумла, дар баъзе мамлакатҳои Ғарб, Ҷанубу Шарқӣ ва Шимолии Осиё ҳаҷми буҷаи ҳарбӣ зиёд мешавад.

Маблағгузории супоришҳои ҳарбӣ сол то сол кам мешаванд. Масалан, шаш заводи ҳозираи авиатсионии дар Россия буда, ки қабл аз ин ҳар сол беш аз 500 самолет истеҳсол мекарданд, ҳоло дар як сол ба бозори дохилӣ 2-3 ва қариб 15 таёраро ба содирот мебароранд. Барои аксари истеҳсолкунандагони маҳсулоти ҳарбӣ сарчашмаи ягонаи воситаҳои пулӣ содироти яроқ шудааст.

**Бозори ҷаҳонии муссалаҳшавӣ.** Ин тартиби басо мураккаби алоқаҳои ҳарбӣ-иқтисодӣ аст. Савдои яроқ имконият медиҳад, ки содиротчиёни он на танҳо даромад ба даст оранд, балки инчунин ба вазъияти ҳарбӣ-сиёсии минтақаҳои ҷаҳон бо роҳи сиёсии мамлакатҳои воридкунанда таъсир расонанд, иқтидори давлатҳои иттиҳодро зиёд намоянд, намудҳои нави яроқро санҷанд, иқтидорҳои саноати ҳарбиро бо сарборӣ таъмин намоянд.



Содиротчиёни пешсафи ҳарбӣ, қабл аз ҳама ИМА, кувваи худро дар ҷодаи зиёдкунии содироти маҳсулотҳои ҳарбӣ бо тамоми роҳҳо афзун мегардонанд.

Бозори ҷаҳонии яроқ як қатор хусусиятҳо дорад. Содироти яроқ ва техникаи ҳарбӣ мамлакатҳои воридотчиро ба содиротчиён сахт вобаста карда мемонад. Харандагони яроқ ба хизматрасонӣ, гирифтани қисмҳои эҳтиётӣ, такмилу дигаркунии намунаҳои пешгирифтаашон манфиатдор шуда мемонанд.

Байни фурӯшандагону харидорони яроқ ба муддати тулонӣ созишнома баста мешавад. Хусусияти дигараш он аст, ки савдои яроқу техникаи ҳарбӣ дар асоси созишномаҳои байнидавлатӣ ба амал бароварда мешаванд. Дар баробари шакли савдои ошкор, бозори пинҳонии савдои яроқ, ки ҳаҷми калон дорад, мавҷуд мебошад. Ду намуди бозори махфии савдои яроқ – «хира» ва «сиёҳ» мавҷуданд. Дар бозори якум, яроқ бо розигии ташкилотҳои давлатӣ, вале пинҳонӣ бароварда мешаваду ҳаҷми савдо дар он ба 2 млрд. доллар баробар аст. Бозори «сиёҳ» аз баровардани яроқу техникаи ҳарбӣ бе риояи меъёр ва созишномаҳои байналхалқӣ иборат аст ва он қадар калон нест.

Солҳои 1992-2000 содироти яроқу техникаи ҳарбӣ тадриҷан муътадил гардид (ниг. ҷад. 8.5).

Ҷадвали 8.5

**Давлатҳои асосии яроқу техникаи ҳарбӣ бароранда дар солҳои 1992-2000, млн. доллар (дар қавс – ҳиссаи бозор; фоиз)**

| Солҳо / Мамлакатҳо | 1992 | 1993 | 1994 | 1995 | 1996 |
|---|---|---|---|---|---|
| ИМА | 14200 (39,5) | 15940 (44,8) | 13800 (42,2) | 15600 (42,0) | 17000 (42,6) |
| Англия | 5300 (14,8) | 4895 (14,8) | 4756 (14,5) | 7419 (20,1) | 8800 (22,1) |
| Фаронса | 4420 (12,3) | 3067 (8,6) | 3432 (10,5) | 3806 (10,1) | 5629 (14,1) |
| Россия | 2690 (7,5) | 3050 (9,4) | 2786 (8,5) | 3335 (9,6) | 3435 (8,6) |
| Исроил | 1580 (5,4) | 1540 (6,1) | 1420 (6,7) | 1240 (4,8) | 1300 (3,3) |

Эҳтимол, ИМА минбаъд ҳам мавқеи худро дар ҷодаи яроқу воситаҳои ҳарбӣ нигоҳ дорад. Содиротчии калони ҷаҳон Фаронса (ракета, системаҳои электронӣ, тайёра), Англия

(киштиҳои чангӣ, вертолёт), Олмон (техникаи ҳавоӣ, киштӣ) мебошанд. Дар байни дигар мамлакатҳо Италия, Шветсия, Испания, Исроил, Чин, Кореяи Шимолӣ мамлакатҳои Шарқи Аврупо, Россияро ном бурдан мумкин аст.

## 8.9. Саноати сабук

Саноати сабук хеле қадима буда, дар камолоти иқтисодии мамлакатҳо мавқеи назаррас дорад. Дар он ду дараҷаи иқтисодии фарққунанда ба назар мерасад. Ба дараҷаи аввал истеҳсоли маҳсулоти оммавии нисбатан арзон мансубанд, ки барои истеҳсолашон коргарони миёна ва пастихтисосро истифода бурдан мумкин аст. Барои истеҳсоли маҳсулоти соҳаи сермасриф тез ивазшавии навъҳои мол хос аст. Дар ин соҳа на дараҷаи технологӣ балки арзонии меҳнат нақши ҳалкунанда дорад. Маҳз аз ҳамин сабаб соҳаҳои меҳнатталаби саноати сабук дар мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ ва МНИ ҷойгир карда мешаванд. Тули солҳои 60-70-уми асри XX ҳиссаи ин мамлакатҳо дар истеҳсоли газворҳои пахтагин аз 20 то 40%, пойафзол – аз 10 то 45% афзуд. Зимнан солҳои 90-ум дар онҳо «самараи билярд» (гузаронидани истеҳсолоти меҳнатталаб аз МНИ ба мамлакатҳои рӯ ба тараққии қувваи кори арзон) амал мекард.

Дараҷаи дуюм ба истеҳсоли молҳои қиммат, ки истеҳсоли онҳо ихтисоси баланду техникаи мураккабро металабад, майл дорад. Чунин соҳаҳо 80%-и истеҳсоли мебел, 75%-и муина, қариб 70%-и ҷавоҳиротро истеҳсол мекунанд, ки асосан дар мамлакатҳои тараққикарда ҷойгиранд.

Соҳаҳои анъанавии саноати сабук – бофандагӣ, дузандагӣ ва пойафзол мебошанд. Ин соҳаҳо дар давраи аввали тараққиёти саноатии мамлакатҳои постиндустриявию индустриявӣ нақши асосиро бозида бошанд, вале дар айни замон дар ин мамлакатҳо ё дар ҳолати карахтианд ва ё бо суръати хеле паст тараққӣ мекунанд. Мавҷудияти рақобати пурзӯри молҳои мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ ин соҳаҳо дар мамлакатҳои тараққикарда фақат бо ҳимояи протексионизм зинда буда метавонанд.

Ашёи хоми саноати сабук дар солҳои 90-ум, тавассути афзудани ҳиссаи наххои синтетикӣ, тағйир ёфт. Дар техникаю технологияи саноати бофандагӣ пешравиҳо ба амал омад, ки онҳо қабл аз ҳама аз автоматикунонии раванди истеҳсолот



иборат мебошад. Саноати бофандагӣ аз соҳаи меҳнатталаб ба соҳаи маблағталаб табдтл меёбад. Баробари зиёдшавии таҷҳизонидани техникаталаб ба қувваи кории баландихтисос меафзояд. Афзоиши тези ҳосилнокии меҳнат дар соҳаи бофандагӣ дар мамлакатҳои тараққикарда афзалияти рақобатнокии онҳоро мустаҳкам намуда, мавқеи дунёи рӯ ба тараққиро суст намуд. Нимаи дуюми солҳои 90-ум анъанаи ҷойгиркунии саноатҳои бофандагию дузандагӣ аз мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ ба мамлакатҳои тараққикарда пайдо шуд, ки ин ба мақсади васеъкунии истеҳсоли молҳои гуногун дар наздикии бозорҳои фурӯш мебошад.

## 8.10. Нақлиёт ва алоқа

Нақлиёт ва алоқа дар бавуҷудории МУД нақши муҳимро мебозанд. Онҳо дар мамлакатҳои тараққикарда 9,5%, дар мамлакатҳои миёнатараққӣ 6,8%, мамлакатҳои камбағал – 5,45%-и МУД-ро ба вуҷуд меоранд. Чи қадаре, ки дараҷаи тараққиёти қувваи истеҳсолкунанда баланд бошанд, нақлиёту алоқа ҳамон қадар зиёдтар ба рафти иҷтимоии ҷамъият таъсир мерасонанд ва ҳамчун воситаи интенсификатсияи муносибатҳои ҷамъиятӣ баромад карда, боиси серҳаракатии аҳолӣ ва оқилона ҷойгиркунии он мегарданд.

Ҳамаи роҳҳои нақлиёт ва воситаҳои он якҷоя системаи нақлиёти ҷаҳониро ташкил медиҳанд, ки он дар асри XX ташкил ёфтааст. Дар он системаи нақлиётии мамлакатҳои иқтисодиёти тараққикарда дошта ва мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ, инчунин системаи нақлиётии минтақавиро ҷудо кардаанд.

Системаи нақлиёти минтақавӣ дараҷаи аз ҳама болои тараққиётро доро буда, он дар Амрикои Шимолӣ назаррас аст. Ба ҳиссаи он қариб 30% дарозии умумии роҳҳои нақлиёти ҷаҳон рост меояд. Ҳисси роҳҳои автомобилӣ ва қубурӣ бошад, зиёдтар аст. Аз руи нишондиҳандаи боркашонии аксар намуди нақлиёт низ дар ҷои аввал аст.

Системаи нақлиёти минтақавии Аврупои Ғарбӣ аз Амрикои Шимолӣ қафо буда (аз рӯи дарозии роҳҳои боркашонӣ) аз рӯи зиччи шабака ва тезии ҳаракат аз он пеш аст.

Ба ҳиссаи нақлиёти минтақавии мамлакатҳои аъзои ИДМ ҳамагӣ 10%-и шабаки ҷаҳонии нақлиёт рост меояд, вале аз рӯи ҳаҷми гардиши бор дар ҷаҳон дар ҷои якум аст.

Ҳиссаи нақлиёт дар МУД ҷаҳон дар доираи аз 4 то 9% калавида меистад. Ҳар сол дар ҷаҳон ба воситаи ҳамаи намудҳои нақлиёт беш аз 100 млрд. тонна бор ва 1 трлн. мусофир кашонида мешаванд. Дар кашонданиҳо беш аз 650 млн. автомобил, 40 ҳазор киштии баҳрӣ, 10 ҳазор таёра, 200 ҳазор локомотив иштирок доранд. Миқдори ин воситаҳои нақлиёт то рафт зиёд мешаванд.

Ба кори нақлиёт аз рӯи нақлиётталабии истеҳсолот баҳо медиҳанд, ки он дар таносуби байни боркашонӣ ва истеҳсолот ифода мeёбад. Соли 1996 нақлиётталабии хоҷагӣ ба ҳар 1 доллар МУД дар Амрикои Шимолӣ 1,2 т-км, дар тамоми Аврупо – 0,7; Ҷопон – 0,34; дар Россия – 5,3; мамлакатҳои Марказ ва Шарқи Аврупо – ба ҳисоби миёна – 1, 72 т-км-ро ташкил дода аст. Ин рақамҳо шоҳиди он мебошанд, ки барои нақлиётталабии сохти соҳавӣ аҳамияти ҳалкунанда доштани нақши соҳаҳои ашёи хомӣ то чӣ андоза бузург аст.

Оиди роҳҳои нақлиётӣ ҳаминро гуфтан ҷоиз аст, ки дарозии роҳҳои оҳану шоссегӣ солҳои 70-90 умуман муътадил буданд. Зиёда аз ин дар ИМА, Аврупои Ғарбӣ солҳои охир кутоҳшавии роҳҳои оҳан, тавассути рақобати нақлиёти автомобилӣ, ба амал омад. Умуман дар шабакаи нақлиёти ҷаҳон аз тағйиротҳои миқдорӣ дида тағйиротҳои сифатӣ назаррастаранд: дарозии роҳҳои оҳани электронидашуда, роҳҳои автомобилгарди болопӯш, шабакаи қубурҳои қутри калон меафзоянд.

**Сохтори боркашонӣ.** Тараққиёти нақлиёти ҷаҳониро афзоиши роҳ-ҳо, кашонидани бору одамон хос аст. Афзоиши боркашонӣ аз зиёдшавии дарозии роҳҳо беш аст. Дар амсоли ИМА гуфтан мумкин аст, ки бароба-ри тараққиёти иқтисодӣ динамикаи боркашонӣ паст мешаваду одамкашонӣ – зиёд. Дар солҳои 1940-1985 МУД 4,5 баробар афзудааст боркашонии байнишаҳрӣ – 3,9; одамкашонии байнишаҳрӣ бошад – 5,6 баробар.

Аз рӯи миқдори (вазни) борҳои кашонидашаванда дар байни тамоми намудҳои нақлиёт – автомобилӣ дар ҷои аввал буда, баъд – роҳи оҳан, баҳрӣ, қубурӣ, обии дохилию ҳавоӣ меистанд. Ҳолати консентарсияи истеҳсолоти саноатӣ боиси интегратсияи байни нақлиёти роҳи оҳан ва обии дохилӣ гардид.

Афзалияти намудҳои алоҳидаи нақлиёт дар боркашонии ҷаҳонӣ низ тағйир меёбад. Аз рӯи ҳаҷми боркашонӣ (т/км)



нақлиёти баҳрӣ бартарӣ дораду ба ҳиссаи он 60% ҳаҷми ҷаҳонӣ рост меояд. Ин ҳолати афзалиятнокӣ ба тараққии гардиши мол ва ҳисоби миёнаи дурии боркашонии баҳрӣ, ки аз 7 ҳазор км зиёд аст, вобастагӣ дорад.

Дар сохтори боркашонӣ тағйиротҳои муҳим руй доданд. Солҳои 50-70уми асри XX кашонидани борҳои моеъ бо суръати пешгузаранда афзуд. Соли 1962 онҳо аввалин бор аз нисфи зиёди ҳаҷми боркашонии баҳриро ташкил доданд. Солҳои 80-ум ҳиссаи боркашонии хушк зиёд шуд, ки ин ба пешравиҳо дар географияи истихроҷи нафт вобаста буд. Чунин дигаргунӣ боиси камшавии флоти танкерӣ гардиду миқдори киштиҳое, ки бори дигар мекашонанд, зиёд гардид.

Тараққиёти интенсивонаи нақлиёти магистралӣ ва маҳаллӣ боиси бисёрнамудшавии сохтори нақлиётӣ ва таъсиррасонии тарафайни намудҳои алоҳидаи нақлиёт гардид. Ин ҳолат тавассути ташкили боркашонии контейнерӣ муяссар гардид. Молҳои бо контейнер бор карда шуда бе бароришу фароришu мобайнӣ ба соҳибкоронашон расонида мешавад. Дар баробари ин истифодаи боркашонии контейнерӣ имконият дод, ки самаранокии истифодаи нақлиёт, ҳосилнокии меҳнат якбора хеле афзун карда шавад.

Раванди контейнеркунонӣ ва ҷорикунии технологияи пешқадами нақлиётӣ боиси боркашонии омехтаи байналхалқӣ гардид. Системаҳои интегратсионии нақлиётӣ таъсис дода шудаанд, ки кори онҳо ба таври қатъӣ мутобиқ ва бо ҳам алоқаманд карда шудааст. Боркашониҳои омехта хеле васеъ тараққӣ ёфтанд, ки дар бораи он ҳаҷми боркашонии контейнерии баҳрӣ гувоҳ аст. Солҳои 80-ум онҳо ба ҳисоби миёна беш аз 9% афзуданд.

Боркашониҳои омехтаи ширкатҳои нақлиётӣ барҳамдиҳии сегментии онҳоро водор намуда, боиси интегратсияи шоқулии индустриявии тамоми нақлиёт гардидаанд. Дар навбати худ пайдоиши ширкатҳои бисёрнамуда на танҳо бор мекашонанд, инчунин бисёр амалиётҳои дигарро иҷро менамоянд. Ин ширкатҳо ҳоло дар асоси васеи географӣ, аз дараҷаи минтақавӣ то глобалӣ амал мекунанд. Миёнаи солҳои 80-ум «Унвергрин лайни»-и тайванӣ ва «Юнайтит стейтс лайн»-и амрикоӣ ба боркашонии умумиҷаҳонии контейнерӣ гузаштанд.

**Мусофиркашонии байналхалқӣ.** Чуқуршавии алоқаҳои савдои беруна, туристӣ, илмӣ, маданӣ, иҷтимоӣ ва дигар алоқаҳо дар нимаи дуюми асри XX ба афзоиши якбораи ҳаракати байналхалқии аҳолӣ овард (ҷадвали 8.6).

Ҷадвали 8.6

**Тағйироти сохтори мусофиркашонии нақлиёти ҷаҳонӣ**

(% нисбати ҷамъи умумӣ)

| Солҳо / Намуди нақлиёт | 1950 | 1970 | 1980 | 2000 |
|---|---|---|---|---|
| Роҳи оҳанӣ | 25,6 | 15,2 | 11,8 | 10,2 |
| Автомобилӣ | 71,4 | 77,2 | 79,0 | 79,9 |
| аз ҷумла: истифодаи шахсӣ | 56,8 | 60,5 | 60,0 | 61,1 |
| Обии дохилӣ | 0,6 | 0,5 | 0,4 | 0,4 |
| Баҳрӣ | 0,8 | 0,3 | 0,3 | 0,3 |
| Ҳавоӣ | 1,2 | 6,7 | 8,5 | 9,2 |
| Мусофиркашонӣ, трлн. мусофир/км | 2,5 | 8,0 | 14,2 | 18,1 |

Мусофиркашонии байналхалқии сари нуфусӣ дар Америкои Шимолӣ 12,7 ҳазор мусофир/км; Ҷопон – 6,0; Марказ ва Шарқи Аврупо – 2,5; Шимоли Африқо – 2,0; Америкои Лотинӣ – 1,5; Россия – қариб 4,0 мусофир/км-ро ташкил додааст.

Дар мусофиркашонӣ мошинҳои сабукрави шахсӣ пешсаф буда, ҳиссаи онҳо аз 56,8% то ба 61,0% расидааст. Нақлиёти ҳавоӣ ба дараҷаи нақлиёти роҳи оҳан наздик шуда дар назди дигар нақлиётҳо афзалият доштанаш (дар суръати кашонидан) бараъло ҳис карда мешавад.

Ҳамин тариқ, дар тараққиёти нақлиёти ҷаҳон омили сифати хизматрасонии нақлиётӣ дар мадди аввал меистад, ки он пешравиҳоро дар сохтори боркашонӣ ба фоидаи тараққиёти нақлиёти автомобилию қубурӣ муайян мекунад.

**Алоқа.** Алоқа ва системаи коммуникатсионӣ қисми муҳими раванди такрористеҳсолкунӣ дар микёси глобалӣ мебошанд. Алоқа аз ҷамъи соҳаҳои дар таиноти умумӣ мутаҳидшуда – шунавонидану паҳн намудани ахборотҳои гуногун – иборат буда, мағзи системаи идоракунии рафти хоҷагӣ шуда хизмат мекунад. Мегӯянд, ки мамлакатҳое, ки воситаҳои нави ҷаҳонии алоқаро кор карда мебароянд, дар асрҳои гузашта мавқеи ҳукмронӣ доштанд. Хоҷагии ҷаҳонӣ дар роҳи тараққии давраи ахборотӣ истодааст, ки дар он алоқа, техникаи ахборотӣ ҷузъи муҳими амалкунии он мегардад. Алоқа қисми таркибии соҳаи тез тараққикарда истода бо тамоми самтҳояш, чӣ дар сатҳи миллӣ ва чӣ дар сатҳи глобалӣ, мебошад.

Дар шароити ҳозира, дар баробари воситаҳои анъанавии алоқа (радио, телефон, телеграф, телефакс) воситаҳои электронӣ истифода бурда мешаванд. Истифодаи шабакаи интернет бо суръат меафзояд, ки воситаи муҳими алоқа мебошад. Тараққиёти системаи алоқа дар ҷаҳон нобаробар мегузарад. Ба ҳиссаи ИМА қариб 40% тамоми хати телефонии ҷаҳон рост меояд.

Мисоли равшани технологияи шакли нави воситаи ахборотӣ ва алоқа ҷорикунии алоқаи нахӣ-оптикӣ мебошад. Аз ҷумла, ду хати нахӣ-оптикии зериобӣ – ба воситаи укёнуси Ором (ИМА-Гавай-Ҷопон, дарозиаш – 11,5 ҳазор км) ва укёнуси Атлантик (ИМА-Аврупои Ғарбӣ, дарозиаш 6,5 ҳазор км) сохта шудаанд. Ҳаҷми хизматрасонии алоқавии байналхалқӣ солҳои 1985 - 1995 тақрибан 5 баробар афзудааст. Суръати афзоиши хизматрасониҳо, нисбати афзоиши маҳсулоти ҷаҳон хеле зиёд буд, ибтидои солҳои 90-ум 15-20%-ро ташкил намуд. Алоқа корхонаи аз ҳама калони дунё хоҳад шуд. Фурӯши воситаҳои алоқа ва хизмати паҳнкунии ахбори симо 3,9%-и МУҶ-ро ташкил медиҳад. Зимнан, ба ҳиссаи хизмати коммуникатсионӣ беш аз 40% рост меояд.

**Дараҷаи минтақавии алоқа.** Тараққиёти бозорӣ хизматрасониҳои алоқавии миллӣ, минтақавӣ ва байналхалқиро дараҷаи тараққиёти иқтисодӣ муайян мекунад. Аз рӯи ҳаҷми ин хизматҳо соли 1992 ҷои аввалро Иттиҳоди Аврупо (35,2%), ҷои дуюми Америкои Шимолӣ (30,7%), баъд мамлакатҳои ЕАСТ (3,2%), мамлакатҳои Осиё (11,7%), мамлакатҳои Марказ ва Шарқи Аврупо (3,5%), Шарқи Наздику Миёна (3,2%), Америкои Ҷанубӣ (1,6%), Австралия ва Зеландияи нав (1,9%) ишғол намуданд. Дар хизмати байналхалқии алоқа, аз ҷумла гуфтугӯи телефонӣ, мамлакатҳои хурди тараққикардаи Аврупо (Люксембург – 424 дақиқа ба ҳар сар аҳолӣ, Шветсария – 209; Белгия – 82; Австрия – 82 дақиқа ба ҳар сар аҳолӣ) нишондиҳандаи аз ҳама боло доранд. Умуман, дар мамлакатҳои

тараққикарда ба ҳар сар аҳолӣ 21 дақиқа, дар дунё 1,3 дақиқа гуфтугӯи телефонии байналхалқӣ рост меояд.

Аксари аҳолии ҷаҳон аз телефон маҳрум аст. Соли 1993 ба ҳар 100 нафар аҳолии ҷаҳон камтар аз 10 рақами телефонӣ дар 70 мамлакати ҷаҳони сеюм камтар аз панҷ рақам рост меомад. Аз рӯи таъминот ба алоқаҳои телефонӣ Шветсия (68,3 рақами телефонӣ) дар ҷои аввал ва ЧАД (0,07 рақами телефонӣ ба ҳар сад нафар аҳолӣ), дар ҷои охир меистанд.

Бисёр мамлакатҳо нисбат ба Шветсия дида ба ЧАД наздиктаранд. Тафовути якбора на танҳо байни минтақаҳо ва зерсистемаҳои хоҷагии ҷаҳон, балки дар дохили онҳо низ мушоҳида карда мешавад. Ҳатто дар Аврупои Ғарбӣ фарқияти калон ҷой дорад. Масалан, дар Португалия ба ҳар сар аҳолӣ 32 аппарати телефонӣ, Фаронса бошад – 52 аппарат рост меояд. Қисми асосии хизмати соҳаи алоқа бозори дохилиро фаро гирифтааст.

Дар Аврупои Ғарбӣ ба онҳо 80% хизматрасонии ширкатҳои телекоммуникатсионӣ рост меояд. Қисми зиёди онҳо масофаи то 1000 км-ро фаро мегиранд.

**Таъсири алоқа дар истифодаи омилҳои истеҳсолот.** Тараққии намудҳои ҳозираи алоқа ва системаи ахборот ба минбаъд баландшавии самаранокии иқтисодиёт оварда мерасонад. Системаи ахборотӣ ва шабакаи алоқа ба ширкатҳо имконият медиҳад, ки ба миқдори зиёди маълумотҳо оиди молҳо, хизмат, фирмаҳо, бозорҳо такя намоянд. Онҳо ба тезтар ҷамъкунӣ, ғункунӣ ва низомдарорӣ, таҳлили маълумотҳо барои қабули қарорҳои оптималӣ идоракунӣ ёри мерасонанд. Мувофиқи баҳодиҳии амрикоиҳо тавассути истифоди сифатнок ва фаврии алоқа харочоти истеҳсолот 6-10%, харочоти муомилот, 7-20% кам мешавад. Самаранокии истифодабарии Системаи ахборотӣ дар дараҷаи фирмагӣ дар камшавии захираҳои моддӣ (3-4 баробар), воситаҳои гардиш (7-10%) ифода меёбад. Гуфтан мумкин аст, ки алоқа воситаи истифодаи беҳтарини захираҳои хоҷагӣ гардидааст.

Системаи алоқа, ахборот ба истифодаи қувваи корӣ таъсири муҳим мерасонад. Алакай дар замони ҳозира нархи иловагии хизмати ахборотӣ қисмати асосии нархи бисёр молҳо гардидааст. (дизайн, печонидан, реклама, тақсимот, идоракунӣ ва ғайра), ки онҳо 80%-и нархи молро ташкил медиҳанд.



Бисёр қисмҳои таркибии ахборотӣ дар мол ё хизмат муттаҳид кардани коргаронро дар ҷои махсуси кор (бахри ба амал барории хиссаи худ дар бавуҷудории мол) талаб намекунад. Онҳо ин корро дар хонаи худ ба ҷо оварда метавонанд. Чунин ҷои корӣ барои соҳибкорон бепул шуда мемонад. Чунин корҳо 5%-и гардиши Иттиҳоди Аврупо ва ташкилотҳоро ташкил додаанд. Дар дунё қариб 20 млн. телекоргар ба ҳисоб гирифта шудаанд. Мегӯянд, ки соли 2016 ин рақам аз 200 млн. мегузарад.

Гузариш ба шуғли ҷузъӣ ба меҳнати мушаххас дар асоси худшуғлӣ харочоти истеҳсолотро барои соҳибкорон кам карда, имконият медиҳад, ки ширкатҳо аз истифодаи анъанавии қонунгузориҳои меҳнатӣ даст кашанд. Барои соҳибкорон додани ҳаққи аъзогӣ бахри суғуртаи иҷтимоӣ лозим нашуда мемонад. Худи онҳо ба сифати захираҳои меҳнатии шахсӣ баромад мекунад.

Системаи телекоммуникатсионии ҷаҳонӣ имконият медиҳад, ки аз дигар мамлакатҳо бо нархи арзон қувваи кориро ҷалб намоянд.

**Дигар соҳаҳои хизмат.** Ба соҳаи хизмат инҳоро мансуб донистаанд:

- соҳаҳои анъанавӣ: нақлиёт, алоқа ва савдо;
- чунин соҳаҳои фаъолияти хоҷагӣ, ба монанди молия, қарз ва суғурта, консултатсионӣ, ахборотӣ ва дигар хизматҳои корӣ;
- соҳаҳои маданӣ-иҷтимоӣ: илму хизматрасониҳои илмӣ, маориф, тиб, тарбияи ҷисмонӣ, хизматрасониҳои иҷтимоӣ, хоҷагиҳои маишӣ коммуналӣ, санъат, маданият, сайёҳӣ ва дигар хизматрасониҳои рекреатсионӣ.

**Сайёҳӣ.** Яке аз соҳаҳои динамикаии хизмат сайёҳӣ, алалхусус сайёҳии байналхалқӣ мебошад. Шумораи сайёҳони байналхалқӣ доимо афзоянда буда, соли 1950 ба 25 млн. нафар, соли 1970 – 160; соли 1990 – 420 ; соли 1995 – 560 млн. нафар баробар буданд. Сайёҳӣ дар тамоми мамлакатҳо воситаи ба кор таъминкунист (беш аз 100 млн. нафар). Даромад аз соҳаи сайёҳӣ дар ҷамъи пули содироти молу хизмат дар ИМА 4; Англия – 5%; Фаронсаю Дания – 7-8; Италияю Швейцария – 11-12; Португалия – беш аз 20; Испания, Австрия – 35%.

**Савдои байналхалкии хизмат.** Вобаста ба дараҷаи тараққиёти соҳаи хизмат мамлакатҳои ҷаҳон ба се гурӯҳ тақсим карда мешаванд. Гурӯҳи аввал – мамлакатҳои дорои дараҷаи баланди тараққиёти хизмат-ро дар баргиранда. Гурӯҳи дуюм МНИ-вии Осиё, Америкои Лотинӣ ва мамлакатҳои ба иктисодиёти бозорӣ гузаранда, ки дараҷаи миёнаи тараққиёти соҳаи хизматро доранд. Гурӯҳи мамлакатҳои сеюм (аксари мамлакатҳо) мамлакатҳои дараҷаи пасти тараққиёти соҳаи хизмат мебошанд.

Содироти ҷаҳонии хизмат чунин нишондиҳандаҳоро дошт: соли 1970 – 0,1 трлн. долл.; соли 1980 – 0,4 трлн. долл.; соли 1997 – 1,3, яъне вай афзоиши доимӣ дошт. Солҳои 80-90-уми асри XX ба ҳиссааш 20-25%-и тамоми содироти ҷаҳонии молу хизмат рост меомад. Якҷоя бо ҳамин дар сохтори ҷаҳонии содироти хизмат тағйиротҳо ба амал омадаанд: ҳиссаи нақлиёт то рафт кам шуда (аз 35% соли 1975 дар соли 1996 ба 24% расид), ҳиссаи сайёҳӣ то рафт афзуда истодааст (мувофиқан, аз 24 то 32%). Ҳизматҳои корӣ торафт бештар паҳн мешаванд.

Дар бозори ҷаҳонии молу хизмат мамлакатҳои тараққикарда афзалият доранд. Ба ҳиссаи онҳо қариб 70%-и содирот ва тақрибан ҳамин миқдори воридоти хизмат рост меояд. Ҳиссаи ИМА 18% содироти ҷаҳонии хизматро ташкил дода дар ҳаҷми умумии содироти молу хизмати онҳо ҳиссаи хизмат ба 30% баробар аст.

Ҳиссаи мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ дар савдои ҷаҳонии хизмат тадриҷан меафзояд. Баъзеи онҳо содиротчии калони хизмат гардидаанд (Кореяи Ҷанубӣ – содиротчии муҳандисӣ-консултатсионию сохтмонӣ, Мексика – сайёҳӣ).

Мамлакатҳои ба иктисодиёти бозорӣ гузаранда дар савдои байналхалкии хизмат ҳиссаи зиёд надоранд. Содироти хизмати онҳо ҳамагӣ 4%-и ҷаҳониро ташкил додааст. Ин мамлакатҳо имконияти хеле зиёди тараққӣ додани сайёҳӣ, транзит, боркашонии баҳрӣ, хизматҳои муҳандисӣ-консултатсионию сохтмониро доранд.

Ҳамин тариқ, аз мазмуни мавзӯҳо чунин хулоса баровардан мумкин аст.

Хоҷагии умумиҷаҳонӣ аз нигоҳи сохтори соҳавӣ ба се бахш ҷудо карда мешавад: бахши якум (хоҷагии қишлоқ, шикорчигӣ, моҳидорӣ); дуюм (саноати коркардабарой) ва сеюм хизматрасонӣ). Дар иктисодиёти мамлакатҳои тараққикарда



дар даврai тараққиёти постин-дустриалӣ сектори хизмат нақши асосиро бозидааст, ки беш аз 60% МУД ба ҳиссаи он афтида ҳиссаи саноату сохтмон кам мешавад. Дар иқтисо-диёти давлатҳои постсотсиалистӣ саноат торафт нақши муҳимро аз даст дода дар МНИ нақши он дар сохтори соҳавии МУД меафзояд.

Зери таъсири ПИТ дар сохтори соҳавии хоҷагии ҷаҳон пастшавии ҳиссаи саноати истихроҷ мушоҳида карда мешавад. Дар баробари ин тараққиёти серҳаракати соҳаҳои истеҳсолоти илмталаб ба назар мерасад. Ин анъана ба мамлакатҳои тараққикарда хос аст. Махсусгардонии мамлакатҳои постсотсиалистию мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ ба соҳаҳои масолеҳ ва меҳнатталаб (нафткоркунӣ, металлургӣ, химия, ҷангал) авҷ мегирад.

Хоҷагии қишлоқи мамлакатҳои тараққикарда дар асоси индустриякунонӣ ба давраи истифодаи васеи биотехнология ворид гаштанд. «Инқилоби сабз» дар мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ, ки ҷорикунии навъҳои баландҳосили зироатҳо, обёрии васеъ, истифодаи техникаи ҳозира, нуриҳо ва воситаҳои ҳифзи зироатиро дар бар мегирад, боиси афзоиши истеҳсоли маҳсулотҳои хӯрокворӣ гардида, шиддатнокии масъалаи хӯроквориро паст намуд.

Дар комплекси сӯзишворӣ-энергетикии мамлакатҳои тараққикар-да анъанаи сарфакунии энергия пурзӯр гардида, он на танҳо камкунии истеъмоли нафтро ба сифати захираи энергия, балки инчунин бозсозии сохтори соҳавии саноатиро, аз сабаби камшавии захираҳои энергетикӣ, дар бар мегирад.

Дар саноати химиявии ҷаҳон ҷойивазкунии истеҳсолоти анъанавӣ (нуриҳои минералӣ, кислотаҳо) ба амал омадааст. Мамлакатҳои тараққикарда торафт бештар ба истеҳсоли маҳсулотҳои илмталаби дараҷаи баланди коркард (дорусозӣ, истеҳсоли платмасса ва ғайра) махсус гардонида мешаванд.

Металлургияи сиёҳу рангаи ҷаҳон то рафт бештар дар мамлакатҳои нави тараққикарда ва МНИ, мамлакатҳои постсотсиалистӣ ҷойгир карда мешаванд.

Дар соҳаи мошинсозӣ то рафт мавқеи мамлакатҳои Шарқ ва Ҷанубу Шарқии Осиё пурзӯр мегардад, ки онҳо истеҳсоли автомобил ва электроникаи мошиниро зиёд менамоянду мамлакатҳои тараққикарда диққати худро ба тараққиёти соҳаҳои илмталаб ҷалб кардаанд.

Аломати хоси комплекси ҳарбӣ-саноатии ҷаҳон пешравиҳои назаррас дар сохтори истеҳсолоти ҳарбӣ, таносуби қувваҳо ва имкониятҳои марказҳои асосии ҳарбӣ-саноатӣ мебошад.

Дар ҳолати пастшавии дараҷаи ҷаҳонии хароҷотҳои ҳарбӣ васеъшавии доду гирифтҳои ҳарбӣ ва зиёдшавии буҷетҳои ҳарбии як қатор давлатҳои Шарқи Наздик ва Ҷанубу Шарқии Осиё мушоҳида карда мешавад. ИМА ва ҳарифони онҳо коркарди насли нави аслиҳаи ҳарбиро васеъ мекунанд. Якҷояшавии ширкатҳои калони ҳарбӣ-саноатӣ ҳавасманд гардонида шуда, алоқаҳои интегратсионии тартибдиҳандагони нақшаи истеҳсоли яроқ васеъ карда мешавад. Дар коркарду истеҳсоли воситаҳои ҳозиразамони ҳарбӣ ИМА, мамлакатҳои Аврупои Ғарбӣ мавқеи асосӣ доранд. Саноати ҳарбии Чин аз нав сохта шуда, Ҷопон технологияи ҳарбии худро такмил медиҳад. ба қатори истеҳсолкунандагону содиркунандагони яроқ Бразилия, Ҳиндустон, Испания, Исроил, Кореяҳои Шимолию Ҷанубӣ ворид шудаанд. Россия ва дигар мамлакатҳои аъзои ИДМ (Украина, Қазоқистон, Белоруссия, Узбекистон) мавқеи пешинаи ҳарбии худро гум кардаанд.

Аз сабаби як қатор ҳодисаҳо рақобат дар бозори ҷаҳонии аслиҳаи ҳарбӣ тезу тунд гардидааст.

Дар тараққиёти саноати сабук анъанаии ҷойивазкунии истеҳсоли газвор, либос, пойафзол аз мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ ба тараққикарда пайдо шудааст, ки ба кӯшиши васеъкунии истеҳсоли маҳсулотҳои молҳои махсус дар наздикии бозорҳои фурӯш вобаста аст.

Дар тараққиёти системаи нақлиёти ҷаҳонӣ тарафт бештар омили сифатнокии хизмати нақлиётӣ дар мадди аввал баромадааст, ки ин шоҳиди пешравиҳо дар сохтори боркашонии автомобилӣ ва қубурӣ мебошад.

Дар бахши хизмати мамлакатҳои тараққикарда ҳиссаи соҳаҳои молиявӣ-қарзӣ, хизмати тиббӣ, маориф, муассисаҳои маданӣ-рекреатсионӣ зиёд шуда истодааст. Дар баробари ин ҳиссаи савдо бетағйир монда, аҳамияти идоракуниҳои давлатӣ ҳамчун зерсоҳаи бахши сеюм паст шудааст. Сайёҳати байналхалқӣ яке аз шаклҳои аз ҳама афзоишёбандаи муомилоти хизмат гардидааст.



**Саволхо ва супоришхо:**

1. Кадом соҳаҳои саноатро илмталаб номидаанд?
2. Кадом соҳаҳои мошинсозӣ аз мамлакатҳои тараққикарда ба мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ кучонида мешавад?
3. Кадоме аз соҳаҳои саноати сабук дар олами тараққикарда ва кадомаш дар мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ афзалият дорад?
4. Натиҷаҳои «Инқилоби сабз» дар олами рӯ ба тараққӣ чӣ гунаанд?
5. Сохтори талабот ба маҳсулоти кишоварзӣ чӣ гуна тағйир ёфтаанд?
6. Анъанаҳои асосии тараққиёти хароҷотҳои ҳарбӣ ва истеҳсоли ҷаҳонии яроқу аслиҳа кадомҳоянд?
7. Марказҳои асосии комплекси ҳарбӣ-саноатии ҷаҳонро номар карда, ба онҳо тавсиф диҳед.
8. Аломат ва хусусиятҳои бозори ҷаҳонии ҳарбиро номбар кунед.
9. Омилҳои ба ҳаракати нақлиёт таъсиррасон кадомҳоянд.
10. Дар байни соҳаҳои хизматрасонӣ аз рӯи даромаднокӣ кадомаш бартаринок аст? Чаро?
11. Омилҳои харҷи металлҳоро камкунанда кадомҳоянд?
12. Соҳаҳои истеҳсолоти илмталаб кадомҳоянд? Мавқеи онҳоро дар пешравиҳои сохторӣ шарҳ диҳед.

# БОБИ IX.
# ИШТИРОКИ МИНТАҚАВУ МАМЛАКАТҲО ДАР ИҚТИСОДИЁТИ ҶАҲОН

## 9.1. Мамлакатҳои тараққикарда дар хоҷагии ҷаҳон

Ба гурӯҳи мамлакатҳои тараққикардаи саноатӣ 24 давлати аъзои ҳамкории иқтисодӣ ва тараққиёт (ТҲИТ – ОЭСР) дохиланд.

Мамлакатҳои тараққикарда дар иқтисодиёти ҷаҳон аз рӯи тамоми ҷабҳаҳои фаъолияти иқтисодӣ мавқеи пешсафро ишғол менамоянд. Солҳои 90-ум мавқеи онҳо тавассути пешравиҳои қувваҳои истеҳсолкунанда ва якбора паст шудани ҳиссаи мамлакатҳои аврупои шарқӣ дар хоҷагии ҷаҳон хеле мустаҳкам гардид. Онҳо 32 фоизи қаламрав ва 16 фоизи аҳолии ҷаҳонро ташкил дода, беш аз 2/3 ҷамъи маҳсулоти ҷаҳонро истеҳсол менамоянд. Олами тараққикарда ба ҷаҳон таъсири ҳаматарафа дорад, вале то ҳол худро ба таври маҳдуд такрор мекунад, ки ин ҳолат боиси зиддият ва рақобат дар хоҷагии ҷаҳон мегардад. Механизми рушди мамлакатҳои мутараққӣ инсониятро ба фалокатҳои ядроӣ, экологӣ, генетикӣ наздик оварда, абадияти солимии ҳаёти инсонро дар зери хатар мегузорад.

Мамлакатҳои тараққикарда қариб дар тамоми қитъаҳо ҷойгир буда, вале аксарияти онҳо дар ватани капитализм - Аврупо воқеанд. Аз нигоҳи қаламрав бузургтарини онҳо ИМА ва Канада мебошанд, ки қариб тамоми масоҳати Америкои Шимолиро иҳота кардаанд. Австралия, Ҷумҳурии Африкои Ҷанубӣ низ дорои масоҳати калонанд (Ҷад. 9.1).

### А) Аломатҳои асосии гурӯҳбандӣ

Мамлакатҳои тараққикарда аз нигоҳи муҳити табиӣ, вазъи ахлоқӣ ва хусусиятҳои рушти таърихӣ тафовут доранд. Бо вуҷуди ин ҳамаи онҳоро аломатҳои асосии гурӯҳбандӣ хос аст. Аз ҷумлаи аз ҳама муҳимтарини аломатҳои умумӣ инҳоянд:

Ҷадвали 9.1

**Қаламрав ва аҳолии мамлакатҳои тараққикарда**

| Мамлакатҳо | Қаламрав млн. км² | Аҳолӣ млн. нафар |
|---|---|---|
| Австралия | 7,7 | 18,1 |
| Австрия | 0,084 | 8,1 |
| Белгия | 0,03 | 10,1 |
| Британия | 0,244 | 58,6 |
| Олмон | 0,356 | 81,6 |
| Дания | 0,043 | 5,2 |
| Испания | 0,508 | 35,2 |
| Ирландия | 0,07 | 3,6 |
| Исландия | 0,103 | 0,3 |
| Италия | 0,302 | 57,3 |
| Канада | 9,2 | 29,6 |
| Люксембург | 0,0026 | 0,4 |
| Нидерландия | 0,003 | 15,5 |
| Зеландияи Нав | 0,27 | 3,5 |
| Норвегия | 0,324 | 4,4 |
| ИМА | 9,3 | 263,0 |
| Финляндия | 0,338 | 5,1 |
| Фаронса | 0,551 | 58,4 |
| Швейтсария | 0,043 | 7,0 |
| Шветсия | 0,450 | 8,8 |
| Ҷопон | 0,372 | 125,3 |



1. Дар ҳамаи мамлакатҳо (ғайр аз ҶАҶ) вазъи демографӣ як хел аст, ки ба ин шакли якуми такрористеҳсолшавии аҳолию оқибатҳои ба он хосбуда («пиршавии» тадриҷии миллат ва камшавии ҳиссаи аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол) боис шудааст. Афзоиши табиӣ дар мамлакатҳои алоҳида (ба ҳисоби ҳар 1000 нафар одам) аз 2 то 12 нафар аст. Нишондиҳандаи баланд ба Австралия ва Зеландияи нав ва мамлакатҳои Аврупои Ғарбӣ, ки нисфи аҳолиашон сокини деҳот ва шаҳрҳои хурданд (Юнон, Португалия, Ирландия ва ғайра) насиб гаштааст. Дар ҳамаи мамлакатҳо анъанаи камшавии тавлид (дар шароити мӯътадил будани фавт) равшан аён мегардад, ки ин боиси ба таври мунтазам камшавии афзоиши табиии аҳолӣ мегардад. Миёнаи солҳои 70-ум дар Австрия, Люксембург ва Олмон (Германия) ин камшавӣ то ба дараҷае расид, ки фавт аз тавлид пеш гузашта, нишондиҳандаи афзоиши табиӣ аломати манфӣ гирифт. Дар аксари мамлакатҳо, махсусан дар Аврупои Ғарбӣ, ҳукуматҳо сиёсати демографӣ мегузаронанд, ки ҳадафи он ба тавлид ҳавасманд кардан аст.

2. Дар тамоми мамлакатҳо омилҳои якхелаи тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ: консентратсияи истеҳсолот ва ҳукмронии давлатӣ - монополистӣ вуҷуд дорад. Дар истеҳсолоти ҳар як

мамлакат гурӯҳи хурди монополияҳои калон (Ширкатҳои фаромиллӣ - ШФМ) роҳбарӣ мекунанд, ки дар корхонаҳои онҳо қариб 2/3 маҳсулоти саноатии соҳаҳои пешсаф истеҳсол карда мешавад, махсусан дараҷаи консентратсияи соҳаҳои навтарин – мошинасозию химия баланд буда, онҳо дар ҳар мамлакат 3-5, монополия мавқеи ҳукмронӣ доранд. Корхонаҳои калони саноатӣ, ки бо техникаи нав ҷиҳозонида шудаанд, дар агломератсияҳои калони шаҳрӣ, ки он ҷо инфраструктура ва корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва таҷрибавӣ-конструкторӣ (НИОКР) хуб тараққӣ ёфтаанд, ҷойгир шудаанд. Консентратсияи истеҳсолӣ аз паси худ консентратсияи қаламравиро меорад.

Монополияҳои миллии аз ҳама калон ба монополияҳои байналхалқӣ табдил ёфта, фаъолияти худро ба тамоми мамлакатҳо паҳн кардаанд. Дар олами рӯ ба тараққӣ онҳо сарчашмаҳои ашёи хомро соҳиб шуда, сохтмони инфраструктура, соҳаҳои металлургия, нафткоркунӣ ва дигар истеҳсолоти «ифлос»-ро ҷойгир мекунанд. Дар доираи мамлакатҳои тараққикарда монополияҳои амрикоӣ ба соҳаҳои коркардабароии (маснуотӣ) мамлакатҳои аврупоӣ талош намуда онҳоро харида мегиранд ва корхонаҳои духтарию (дочерние предприятия) филиалҳои худро таъсис медиҳанд.

Дар баробари ин, монополияҳои Аврупои Ғарбӣ маблағ (сармоя) гузории худро дар саноати ИМА, Канада зиёд мекунанд. Дар арсаи байналхалқӣ монополияҳои Ҷопонӣ низ фаъол шуда сармояи худро ба мамлакатҳои рӯ ба тараққии Осиё бештар гузошта, дар бозори ҷаҳони бо ИМА ва давлатҳои Аврупои Ғарбӣ ҷанги савдоӣ мебаранд. Дар ин рақобати тезу тунди се маркази асосии империалистӣ мавқеи ИМА суст мегардад.

Давлат нақши соҳиби моликиятро бозида, кӯшиш менамояд, ки тараққиёти хоҷагиро танзим намояд. Дар мамлакатҳои аврупоӣ, ки базаи техникии баъзе соҳаҳои саноат кӯҳна шудааст, милликунонии корхонаҳо гузаронида шуду аз нав таҷҳизонии онҳоро давлат ба ӯҳдаи худ гирифт. Дар мамлакатҳои он тарафи укёнус бештар сохтани корхонаҳои нави саноатию инфраструктура ба амал бароварда шуд. Маблағгузорӣ ва ба нақшагирии корҳои тадқиқоти илмӣ аҳамияти калон пайдо намуд.

Дар аксари мамлакатҳо сиёсати минтақавӣ гузаронида мешавад, ки ҳадафи он тараққӣ додани ноҳияҳои қафомонда,



ёрӣ ба онҳое, ки аз пастравиҳои бӯҳронӣ азият доранд, инчунин воридкунонии ноҳияҳои қабл аз ин аз худ карда нашуда ба фаъолияти хоҷагӣ мебошад. Ба сиёсати минтақавӣ бештар давлат маблағгузорӣ мекунад ва ба пешравиҳо дар ҷодаи ҷойгиркунии истеҳсолот таъсири назаррас мерасонад.

3. Ҳамаи мамлакатҳои тараққикарда (ғайри Австралия ва Канада) талаботи тамоми соҳаҳои саноати худро бо ашёи хоми минералии ватанӣ қонеъ гардонида наметавонанд. Онҳо аз хориҷ нафт, қариб тамоми намудҳои ашёи хоми маъданиро кашонанд ҳам, зери таъсири инқилоби илмӣ-техникӣ ин вобастагии онҳо сусттар гардидааст.

4. Дар ҳудуди гурӯҳи мамлакатҳои тараққикарда мезо- ва макротаркиби хоҷагӣ монанданд. Ҳиссаи саноат дар МУД ба 2/3 наздик аст, соҳаҳои ғайри истеҳсолӣ тез меафзоянд, ҳиссаи кишоварзӣ ва саноати кӯҳӣ кам мешавад. Мавқеи пешсафиро соҳаҳои наву илмталаб –электроника, нимноқилҳо, химия соҳиб гардидаанд. Дар кишоварзӣ чорводорӣ мавқеи асосиро гирифтааст. Дар зироатчигӣ бошад – зироатҳои хӯроки чорво мақоми хоса доранд.

Таркиби қаламрави хоҷагии тамоми мамлакатҳоро ноҳияҳои иқтисодии пурра ташкилёфта ташкил додаанд.

5. Ҳамаи мамлакатҳои тараққикардаро дараҷаи баланди шаҳрнишиншавӣ хос аст. Ҳиссаи аҳолии шаҳр дар мамлакатҳои Аврупои Ғарбӣ аз 50 фоиз гузашта, дар Шветсия, Белгия, Олмон ба 80-88 фоиз, дар мамлакатҳои он тарафи укёнус ба 70-75 фоиз расидааст. Шаҳрнишиншавии баланд дар афзоиши тези аҳолии шаҳрҳои калон ва қаламрави онҳо, ташкилёбии агломератсияи калони шаҳрӣ ва якҷояшавии агломератсияҳои бо ҳам наздик ифода ёфтааст. Якҷояшавии агломератсияҳои калон боиси ташкилёбии ареалҳои васеи шаҳрӣ гардидаасту шумораи аҳолии онҳо ба даҳҳо млн. нафар расидааст, Солҳои 60-ум чунин ареалҳо дар адабиётҳо ба худ номи «мегалополис»-ро гирифтанд (аз калимаи юнонӣ - маънояш «шаҳри калон»). Ҳоло мегалополисҳо дар ИМА (Бостон-Вашингтон), Англия, Ҷопон, Олмон ташкил ёфтанд. Аҳолии Босваш беш аз 40 млн. нафар буда, қад-қади соҳили укёнуси Атлантик аз қаламравии ҳафт иолот ва округи Колумбия мегузарад ва чунин шаҳрҳои калони ИМА, мисли Ню-Йорк, Филаделфия, Бостон, Вашингтонро дар бар мегирад. Мегалополиси Ҷопон (Фокайдо)

дар соҳили Уқёнуси Ором ташкил ёфта, беш аз 60 млн. нафар аҳолӣ дорад.

6. Консентратсияи аҳолӣ ва истеҳсолот дар бисёр ареалҳо ифлосшавии муҳити табиии атрофро ба вуҷуд овардааст. Дар агломератсияҳои шаҳрӣ ва атрофи онҳо шароитҳои экологӣ номусоид гардида атмосфера бо газу чангу ғуборҳо заҳролуд шуда, обҳои соҳилиро пардаи тунуки нафтӣ пушидааст, ки он организмҳои зиндаи обиро маҳв мекунад. Партовҳои саноатӣ обҳои равонро ифлос кардаанд. Норасогии обҳои нушокӣ то рафт бештар ҳис карда мешавад. Чораҳои ҳифзи муҳит ҳоло пурра аз ӯҳдаи барҳамдиҳии ин хатарҳо набаромадаанд. Барои ҳамаи ин мамлакатҳо масъалаҳои иҷтимоии шаҳрҳо ҳодисаи умумӣ гаштааст.

### Б) Тафовутҳои иқтисодӣ

Тафовут дар таркиби (сохтори) хоҷагии мамлакатҳои алоҳида бо ду гурӯҳи омилҳо муайян карда мешавад: дараҷаи дар онҳо тараққӣ кардани аломатҳои навъбандӣ, ки он қабл аз ҳама дар таркиби истеҳсолӣ ва хусусиятҳои хоси муҳити табиӣ ва вазъияти ахлоқии мамлакатҳои алоҳида ифода меёбад. Ин омил махсусан дар таркиби қаламрави хоҷагии ҳар як мамлакат равшантар айён мегардад.

Аз рӯи дараҷаи тараққиёти шакли хоҷагӣ, ҳаҷми маҳсулот ва аҳамият дар тақсимоти байналхалқии меҳнат ҳафт давлати пешсафро (ИМА, Ҷапон, Олмон, Фаронса, Англия, Италия ва Канада) ҷудо кардаанд. Боқимонда давлатҳоро олимони гуногун ба гурӯҳҳои мухталиф ҷудо мекунанд.

Имкониятҳои табиии тараққиёти мамлакатҳои калонмасоҳату хурдмасоҳат ба куллӣ фарқ мекунанд. Тафовути сохти геологӣ ва комплексҳои мухталифи табиӣ – қаламравӣ аз бисёр ҷиҳат дар қаламравҳои васеъ зоҳир мегарданд. Канадаву Австралия аз захираҳои канданиҳои фоиданоки мухталиф аз ҳама ғанитаранд. Ашёи хоми ватанӣ боиси тараққии тези ИМА гардид.

Миқёси истеҳсолоти кишоварзӣ одатан ба ҳаҷми қаламрав мутаносиб аст. Танҳо дар мамлакатҳои шимоли Аврупо ва Канада шароитҳои иқлими хунук имконият надодаанд, ки қисми зиёди қаламрави ин мамлакатҳо хуб истифода шаванд. Дар аксари мамлакатҳои дигар майдони заминҳои кишоварзӣ зиёд мебошанд. Қисми зиёди фонди заминӣ ба



интенсификатсияи хоҷгии қишлоқ ҳавасманд намекунонад (дар Австралия, Канада, қисман дар ИМА), шакли экстенсивии хоҷагӣ, нисбат ба мамлакатҳои Аврупои Ғарбӣ ва Ҷопон, васеъ паҳн шудааст. Дар Аврупо роҳи экстенсивӣ бештар на тавассути ҳаҷми замин, балки тавассути боқимондаҳои ками нишонаҳои феодалӣ, заминдории хурди деҳқонӣ ва дигар шароитҳои иҷтимоӣ нигоҳ дошта шудааст. (Испания, ноҳияҳои ҷануби Италия, Ирландия). Хоҷагии қишлоқи аз ҳама интенсивӣ хоси Англия, Нидерландия, Белгия, Олмон аст. Ҳосилнокии растаниҳо ва маҳсулнокии чорво дар ин мамлакатҳо ба дараҷаи аз ҳама баланд ноил гардидааст.

Интенсивонии кишоварзӣ дар ИМА ба таври ба худ хос гузаронида мешавад. Монополияҳо кӯшиш менамоянд, ки бо ёрии комёбиҳои илмӣ хусусиятҳои шароитҳои микротабииро бахри рӯёнидани ҳосили баланд ва беҳтаркунии сифати маҳсулот бо харҷи ками сармоя ба таври зиёд истифода баранд.

Тафовут байни мамлакатҳо ва хусусияти хоси ҳар кадоми онҳо дар «расми ҷугрофӣ»-и ҷойгиршавии аҳолию хоҷагӣ аз ҳама равшантар аст. Дар тамоми мамлакатҳо муддати дароз омили асосии муайянкунандаи консентратсияи саноат конҳои ангишту маъдани оҳан ва самти роҳҳои асосии савдоӣ буданд. Ин омилҳо дар Аврупо аз қадимулайём боиси дар марказ ҷамъшавии саноат гардиданд (дар Англия, кад-қади водии Рейн, болооби дарёи По). Дар рӯзҳои мо низ аз Маркази Англия то Шимоли Италия аралҳои васеи саноатӣ – шаҳрӣ мегузаранд, ки агломератсияшон ба айвони урбанизатсия ва индустрия кардашуда якҷоя шудаасту он қаламравҳои Англия, Нидерландия, Венгрия, Люксембург, Шимоли Фаронса, қаламрави назди Рейни Олмон ва Швейтсария, қисми водии Рейнро дар бар гирифтааст. Дар ин «айвон» қариб 2/3 аҳолии тамоми мамлакатҳои аврупоӣ, қариб ҳамаи истеҳсоли металлҳои сиёҳ, мошинасозии вазнин, воситаҳои нақлиёт, қисми зиёди корхонаҳои химия гирд оварда шудаанд.

Берун аз ҳудуди минтақаи асосии урбанизатсия саноат бештар дар пойтахтҳо ва бандарҳои калон, дар атрофи Париж, Рим, Мадрид, Стокголм, Гамбург, Марсел ва дигар шаҳрҳо ҷамъ омадаанд. Ин ҷо бештар соҳаҳои навтарини ба инфраструктураи тараққикардаю КИТ ТК такякунанда ҷойгир карда шудаанд.

Дар ИМА ва Канада роҳи асосии савдоӣ роҳҳои баҳрӣ буданд. Конҳои канданиҳои фоиданоки муқимӣ дар ноҳияҳои дохилӣ ҷойгир буданд. Бинобар ин, минтақаи ореали саноати – шаҳрӣ дар соҳилҳои баҳрӣ кашол ёфта, изҳои саноатӣ дар роҳҳои оҳани соҳилро ба дохил пайвасткунанда ҷойгир буданд. Дар ҷои коркарди канданиҳои фоиданок шаҳрҳои алоҳида бино ёфтанду қисме аз онҳо ҳоло ба коркарди аввалини ашёи хоми истихсол шуда машғуланд.

Дар Австралия ҷойгиркунии махсуси аҳолӣ ва истеҳсолот руй додааст, ки дар даҳҳо агломератсияҳои калони шаҳрии дар соҳилҳои шарқ ва ҷанубу шарқ ҷойгир буда 2/3 аҳолӣ истиқомат мекунад. Дар ҳар қадом мамлакат расми ҷойгиршавии хоҷагӣ ва аҳолӣ хусусияти хосу шакли махсуси худро дорад, ки онҳо лиқои иқтисодӣ-ҷуғрофии ҳамон мамлакатро ташкил додаанд.

## 9.2. Тавсифи умумии мамлакатҳои тараққикарда

Чӣ тавре, ки дар боло қайд карда шуд, ин мамлакатҳо дар таърихи тараққиёти худ умумиятҳо ва аломатҳои гуногун пайдо намудаанд ва аломатҳо вобаста ба шароитҳои мушаххаси даврахои тараққиёташон иваз мегардиданд.

Аз нигоҳи ҷамъиятӣ-иқтисодӣ тараққии хоҷагии онҳо ба тарзи капиталистии истеҳсолот, яъне дар ягонагию бо ҳам таъсиррасонии муайяни муносибатҳои истеҳсолию қувваҳои истеҳсолкунанда, асос мекунад. Дар ин холат асоси ба зерсистемаҳо ҷудокунии мамлакатҳоро Назарияи сохти ҷамъиятӣ, ки онро муносибати моликиятдорӣ ва вобаста ба ҳамин шакли тақсимоти маҳсулот, мубодила ва истеъмоли он муайян мекунад, ташкил медиҳад.

Тараққии муносибатҳои капиталистиро бо тезӣ паҳншавии истеҳсолоти молӣ боис шудааст, яъне ҳангоме, ки молу хизмат баҳри мубодила истеҳсол шудаанд. Муносибатҳои молӣ ба қувваи кори ҳам ҷорӣ мегарданд. Муносибати тарафайни қувваи корӣ ва капиталистӣ ҳамчун муносибати байни моликиятдору харидор ва фурӯшандаи баробар ҳуқуқ баромад дорад.

Барои даврони то капиталистӣ маҷбурияти бевосита, ғайриқтисодӣ бо меҳнат хос буд. Ғулом, крепостной аз озодии шахсӣ маҳрум буданду ба хӯҷаини худ - ғуломдору феодал тааллуқ доштанд.



Тобеияти шахсию иқтисодии коргарону деҳқонони мустақилона хоҷагидорикунандаю вале аз ҳуқуқи натиҷаи меҳнати худ маҳрумбуда тараққии қувваҳои истеҳсолкунандаро халалдор менамуд.

Тарзи капиталистии истеҳсолот маҷбурияти ғайриқтисодиро рад мекунад. Ба ивази он муносибатҳои молӣ-пулӣ расман баробарҳуқуқ меоянд. Қувваи кории аз моликият маҳрум қобилияти меҳнатии худро ба соҳиби воситаҳои истеҳсолот фурӯхта, онро бо арзиши изофа таъмин менамояд. Ба дастории фоида мақсади асосии истеҳсолот шуда мемонад, барои беҳад васеъшавии истеҳсолот имконият фароҳам меорад.

Дар баробари муносибати ҷамъиятӣ, комиссияи У. Ростоу тараққии саноати мамлакатҳои тараққикардаро аз рӯи давраҳои тараққиёт дида баромад. Ҷамъият аз рӯи дараҷаи тараққиёти иқтисодӣ бо як чанд категорияҳо ҷудо мешавад: ҷамъияти анъанавӣ, ҷамъияти гузарандаи давраи пешомадҳо, ки дар он асосҳои бозсозӣ ташкил карда мешавад; ҷамъияти болораванда ё пешраванда; ҷамъияти баркамол ё индустриявӣ; ҷамъияти дараҷаи баланди истеъмоли оммавӣ.

Давраи болоравӣ тамоми карахтиҳои анъанавиро барҳам дода, ба афзоиш роҳ мекушояд. Қувваҳои афзоиши иқтисодӣ дар ҷамъият мавқеи ҳукмрон мегиранд. Ин давраи дар мамлакатҳои тараққикарда аз ибтидои табадулотҳои саноатӣ то солҳои 20-уми асри XX давом дошт.

Баъди болоравӣ давраи тӯлонии афзоиши мустаҳкам ва такомули шакли гузариш ба камолот оғоз мекунад. Вай қариб 40 сол давом дошт. Ин давра саноатӣ ба якчанд соҳаҳо асоскунанда симои комплексӣ мегирад.

Баркамолӣ давраест, ки дар он иқтисодиёт қобилияти аз соҳаҳои анъанавӣ гузашта, аз захираҳо самаранок истифодабариро пайдо мекунад. Ҷамъияти баркамол барзиёд истеҳсолкунии доимиро нисбат ба афзоиши аҳолӣ таъмин менамояд. Симои давраи охирин он аст, ки дар он истеҳсоли молҳои истеъмоли бардавом ва хизмат нақши асосиро мебозанд. Ин давра дар Англия дар асри XIX, дар Фаронса, ИМА, Олмон ибтидои асри XX, дар Шветсия солҳои 30, дар Ҷопон солҳои 30-40 асри XX оғоз ёфтааст. Гузариш ба истеҳсоли маҳсулоти истеҳсолоти оммавӣ дар ИМА, Канада, Англия, Австралия дар солҳои 20-30 асри XX ба амал омада буд.

Назарияи давраи афзоиши ҷамъияти индустриявӣ ҷараёни ичти-моиро ба гузаштан аз ҷамъияти анъанавии қафомондаи аграрӣ, ки дар он хоҷагии натуралӣ ва иерархияи табақадор ҳукмрон аст, ба ҷамъияти тараққикардаи саноатии дорои хоҷагиҳои бозорӣ меорад. Ченаки асосии пешқадамӣ дараҷаи ба даст омадаи истеҳсолот ба ҳисоб меравад.

Мамлакатҳои тараққикарда нисбат ба дигар зерсистемаҳои хоҷагии ҷаҳонӣ ба дараҷаи хеле баланди тараққиёти иқтисодии худ фарқ карда меистанд. Аз рӯи истеҳсоли ҷамъи махсулоти дохилӣ (МУД) ба ҳар сар аҳолӣ онҳо қариб 5 баробар зиёданд (аз ҳисоби миёнаи ҷаҳонӣ). Даҳсолаҳои охир тафовути байни ин нишондиҳанда хеле зиёд гардида (соли 1962 фарқият 3,6 баробар) буд. Маълумоти дараҷаи иқтисодии тараққиёт ифодаи фақат шароитҳои махсуси нимаи асри XX набуда, балки натиҷаи тараққиёти тӯлонии ичтимоӣ-иқтисодӣ ва таърихӣ аст.

Нақши муайянкунандаи истеҳсолот барои ба дастории даромад, баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат ҳавасманд намуда, техникаи навро ҷорӣ менамояд. Миёнаи асри XIX як коргар, ки бо дастгоҳи механиконида кор мекард, баробари 180 коргаре, ки сад сол қабл аз ин кор мекард, бештар маҳсулот истеҳсол намуда, арзоншавии якбораи маҳсулотро таъмин намуд ва молҳои арзон қиммати маҳсулотҳои дигар мамлакатҳоро танг карда баровартанд.

Дар мубориза рақобатӣ касони корхонаашон миқдори зиёди молро ба арзиши паст истеҳсолкунанда ғолиб меомаданд, ки ин боиси васеъшавии истеҳсолот мегардид. Дар баробари ин рушди иқтисодиёти худро мамлакатҳои тараққикарда дар ҷаҳон аз ҳисоби ҷанг, ба дастории мустамликаҳо, истифодаи ғуломфурӯшӣ мустаҳкам намуданд.

Инқилобҳои буржуазӣ тамоми соҳаҳои ҳаёти мамлакатҳои тараққикардаро аз нав сохтанд. Дар сохтори ичтимоии ҷамъият дигаргуниҳо ба амал омаданд. Муносибатҳои синфӣ сохтори ҷамъиятро мукамал кунониданд.

Лаҳзаи ибтидоии ба синфҳо тақсимшавӣ муносибати одамон ба моликиятдорӣ ба воситаҳои истеҳсолот мебошад, зеро тақсимоти восита-ҳои истеҳсолот аз ҳамагуна истеҳсолот пеш буда, пешомади онро ташкил медиҳанд. Синфҳо аз рӯи мавқеъашон дар ташкили ҷамъиятии меҳнат ва аз ин рӯ, аз рӯи тарзи гирифтан ва тақсимоти боигарии ҷамъиятӣ фарқ



мекунанд. Даромад ҳамчун яке аз аломатҳои синф баромад менамуд.

Сохтори синфии мамлакатҳои ғарб тағйир меёфт. Миёнаи асри XIX коргарон, капиталистҳо, заминдорони калон ҷудо шуданд. Минбаъд қисми зиёди замин ба ихтиёри буржуазияи савдоӣ-саноатӣ гузашта, дар навбати худ, заминдорони калон аксионери калон шуданд. Ҳоло буржуазия, буржуазияи хурд ва коргаронро ҷудо мекунанд.

Дар ҷамъият ба ғайр аз синфҳо боз гурӯҳу табақаҳои гуногун низ вуҷуд доранд. Гурӯҳҳо ва табақаҳои аҳолии дорои аломатҳои ду синфи омехтаанд, ки ба ягон синфи муайян нисбат дода намешаванд. Табақаҳои мобайни гуногунанд. Байни онҳо гурӯҳи зиёдро зиёиён ташкил медиҳанд ва ба меҳнати ақлии дараҷаи баланд машғуланд.

Синфи коргар, буржуазия, буржуазияи хурд, табақаҳои мобайнии байни онҳо – чунин аст, сохтори синфии мамлакатҳои тараққкарда. Синфи миёнаро ҳам ҷудо намуда, ба он мутахассисони касбӣ ва техникиро мансуб медонанд.

4. Дар рафти тараққиёти ҷамъиятӣ-таърихӣ дар асрҳои XVI- XVIII дар Ғарб ҷамъияти шаҳрвандӣ ба вуҷуд омад, ки он ҷамъи шаклҳои ташкили ичтимоӣ буда, ба тамоми ҷамъият ва қисматҳои калони он паҳн шудааст. Вай аз ташкилотҳои калони мустақили ҷамъиятӣ, ки ба таври горизонталӣ алоқамананд иборат аст. Ин ташкилотҳоро ба ташкилотҳои давлатӣ ҳамроҳ шудан намемонданд, балки баъзан ба давлат муқобил меистанд.

Ҷамъияти шаҳрвандӣ тавассути барҳамдиҳии шаклҳои обшинагии муносибатҳо пайдо шудааст алоқамандии одамон ба гурӯҳҳои ичтимоӣ, ки бе онҳо зиндагӣ кардан ғайри имкон аст, вайрон шуданд. Дар натиҷа якҷояшавии шахсони алоҳида ба ташкилотҳои ҷамъиятӣ ба амал омад.

Тараққиёти ҷамъияти мамлакатҳои Ғарбро сохтори сеқабата ташкил намуд, ки асоси онро иқтисодиёти савдоӣ-капиталистии ҳамаро фарогиранда ташкил медиҳад.

### 9.3. Фарқият ва баробаршавии дараҷаи тараққиёти иқтисодӣ

Васеъшавиҳои муносибатҳои молӣ-пулӣ, пурзӯршавии қудрати сармоя монеаҳои сари роҳӣ тараққиёти қувваҳои истеҳсолкунандаро барҳам дода, талаботро васеъ намуд, фарқ ва махсусгардонии истеҳсолоту муомилотро ба миён овард.

**Суръат ва омилҳои афзоиш.** Баъди ҷанги Наполеон тамоми мамлакатҳои ҳозираи тараққикарда (ғайри Ҷопон) ҷараёни афзоиши устувори иқтисодиро аз сар гузарониданд. Солҳои 1820-1950 суръати миёнаи солонаи афзоиши МУД 23 фоиз ва афзоиши МУД ба ҳисоби ҳар сар аҳолӣ 1,25 фоизро ташкил медод, ки ин нисбат ба давраи тоиндустриявӣ 3,5 баробар зиёд аст.

Ҷадвали 9.2

**Тараққиёти иқтисодиёт дар давраҳои гуногун**
(суръати миёнаи солонаи афзоиш)

| Солҳо | Аҳолӣ | МУД ба ҳар сар | МУД |
|---|---|---|---|
| 1700 - 1820 | 0,4 | 0,2 | 0.6 |
| 1820- 1980 | 0,9 | 1,6 | 2,5 |

Суръати афзоиши иқтисодӣ дар давраҳои гуногун хеле фарқ намуд. То ибтидои асри XX 2,4 фоиз (1820-1870), 2,55 фоиз ( 1820 - 1980) баланд шуд. Солҳои 1913-1950 ин нишондиҳанда дар 1 сол ба ҳисоби миёна то 2 фоиз паст фуромад.

Асоси тараққиёти иқтисодӣ ва боигарии мамлакатҳои ғарбро меҳнати аҳолии ин мамлакатҳо ва қувваи кории кирой ташкил медод. Давраи аввали тараққиёти капитализм симои истифодаи экстенсивонаи кувваи кориро доро буд. Охири асри XIX дар Британия рӯзи кории мутлақ дар як қатор соҳаҳо то ба 14 - 16 соат мерасид.

Фақат бо шарофати афзоиши ташкилии синфи коргар муяссар шуд, ки барои камкунии рӯзи корӣ қонун қабул карда шавад.

Дар давлатҳои тараққикарда мавҷуд будани ҳирси пасти нигоҳдории арзиши қувваи корӣ бо омилҳои такмилдиҳии техникию ташкилии истеҳсолот, технологияи нав водоркунанда ба зиддият воҳӯрданд.

Чунки техникаю технологияи нав ба ҳолати ҷисмонӣ, таёрии касбии қувваи корӣ талаботҳои зиёдеро ба миён мегузоштанд.



Ба тараққиёти иқтисодӣ зиёдкунии меъёри ғункунии истеҳсолӣ ёрӣ расонид, ки он аз 7,5 – 11,5 фоизро, соли 1870, дар 10 солаҳои аввали асри XX ба 10,4 - 15,7 фоиз расида, солҳои миёнаи ҷангӣ паст шуд.

Тараққии қувваҳои истеҳсолкунанда боиси афзоиши савдои беруна гардид. Агар аз соли 1720 то соли 1920 ҳаҷми содирот 2,4 баробар афзуда бошад, пас аз соли 1820 то соли 1913 30,9 баробар афзудааст. Суръати афзоиши савдои беруна аз нишондиҳандаҳои МУД ба ҳисоби миёнаи солона 3,9 фоиз боло буд. Баробари васеъшавии мустамликадорӣ, тараққии муомилоти савдои беруна, иқтисодиёти мамлакатҳои ғарб кушодатар шудан гирифт. Британия ба сиёсати савдои озод гузашта, Олмон иттифоқи гумрукӣ таъсис дод. Вале аз соли 1820 сар карда суръати савдо паст, монеаҳои гумрукӣ зиёд шуданд. Рушди муносибатҳои содиротӣ ба таваҷӯҳи мамлакатҳои ҳамсоя вобастагӣ дошт. Алоқаҳои берунаи иқтисодӣ ба тараққиёти иқтисодӣ таъсири зиёд мерасониданд, ки ба ин афзоиши квотаи содиротӣ шоҳид аст. Ин нишондиҳанда аз 18,2 фоизи соли 1900 дар соли 1913 21,2 фоиз афзуда, соли 1929 то 18 фоиз паст фаромад.

**Тараққиёти силсилавӣ.** Тараққиёти иқтисодии мамлакатҳои сармоядор аз ибтидои асри XIX симои силсилавиро пайдо намуд, ки он дар бӯҳрони давраги и барзиёдистеҳсолкунӣ ифода меёфт. Ин ҳолат нахустин бор дар Британия ( соли 1851) рух дод.

Аз соли 1857 бӯҳронҳо як қатор мамлакатҳоро, дар баъзе мавридҳо тамоми мамлакатҳои капиталистиро ба гирдоби худ кашиданд. Дар ин мамлакатҳо пастшавии зиёди суръати афзоиш солҳои 1930-32, 1945 - 46 ба вуқӯъ пайвасту дар 16 мамлакат пастшавии МУД соли 1930 - 5,7 фоиз, соли 1931 - 6,4 фоиз, соли 1932 - 6,6 фоиз, соли 1945 - 1,8 фоиз, 1946 - 11,1 фоизро ташкил намуд. Ҳодисаҳои дигари бӯҳронҳо мӯътадил буданд. Дар давраҳои солҳои 1870 то соли 1913 се ҳолати камшавии истеҳсолот ба вуқӯъ пайваст: соли 1976 - 0,7 фоиз, 1893 - 1,1, 1908 - 3,6, 1914 – 2,4 1919 - 1,4, 1920 - 0,0, 1921 - 1,0 фоиз.

Симои силсилавии истеҳсолот барзиёд истеҳсолии сармоя, ки ҳирси даромади онро ба вуҷуд меорад ва мувофиқи ин, васеъкунии зиёдатии, истеҳсолотро ифода мекунад. Камшавии бӯҳронии истеҳсолот ба барқароркунии оммавии сармоя асос

мегузорад. Онҳо асоси силсилавӣ ва калавишҳои давраги иқтисодиро ташкил дода, аз болоравии дараҷаи қувваҳои истеҳсолӣ, мутобиқшавии сармоя ба шароити нави такрористеҳсолкунӣ дарак медиҳанд. Ҳамин тариқ бӯҳронҳо ҳалли пурзӯронаи зиддияти такрористеҳсолкунӣ (байни истеҳсолу истеъмол, истеҳсолу муомилот) мебошанд.

**Тараққиёти нобаробар.** Чи дар давраи бақароршавии тарзи капиталистии истеҳсолот ва чи дар давраи баркамолии он мавқеи мамлакатҳои алоҳидаи Ғарб дар дохили зерсистема ва дар хоҷагии ҷаҳонӣ вобаста ба тараққиёти нобаробари иқтисодиёти онҳо тағйир ёфт. Ин асосан дар ҳархела будани суръати тараққиёти тамоми қисмҳои зерсистема - макроиқтисод, соҳаҳо, корхона зоҳир мегардад. Инро он чиз муайян мекунад, ки ҳар кадом сохтор қисмҳои ҳархелаи байни ҳам алоқаманду вале мустақилияташон нисбат ба зери таъсирии нобаробари иқтисодӣ ченкуниҳои бисёрандоза дорад. Тафовут дар суръати афзоиш метавонад дараҷаи тараққиётро дар ин ё он зерсистема ё зиёд, ё баробар кунад. То нимаи 2-юми ари XX дар байни мамлакатҳои тараққикарда анъанаӣ зиёдшавии тараққиёти нобаробари иқтисодӣ афзалият дошт. Солҳои 1890 - 1913 дараҷаи тафовутнокӣ дар ҳосилнокии меҳнат, ки омили муҳими баландкунии афзоиши истеҳсолот аст, нисбати мамлакати пешсаф боҳисоби миёна 0,43 буд. Ин анъана солҳои 1913- 1950 пурзӯр шуд: дараҷаи тафовут то 0,7 баланд шуд. Фақат дар панҷ ҳолат наздикшавии дараҷаи ҳосилнокии меҳнат - дар Канада, Фаронса, соли 1890 - 1913; Норвегия, Шветсия ва Швейтсария - соли 1913 - 1950 ба амал омад. Вале ин ҳолат хеле мӯътадил буд.

**Маркази қувваҳо.** Тӯли ду асри охир се мамлакати пешсаф вуҷуд доштанд, ки онҳо рушди техникиро муайян намуда, дар ҳосилнокии меҳнат мавқеи пешсафӣ доштанд. Аз соли 1850 то ибтидои асри XIX Голландия пешсаф буд.

Аввали асри XIX пешсафи иқтисодиёти ҷаҳон Англия шуд, ки он ҷо пешравиҳои калони техника дар саноатҳои газвори пахтагин, ангишт ва металлургияи сиёҳ ба амал омаданд. Қариб 2/3 ҳиссаи содироти Англияро газвор ташкил медод. Даромади калон аз саноати бофандагӣ боиси тараққиёбии муносибат ба навоварӣ дар иқтисодиёти Англия ва баъд дигар мамлакатҳо гардид. Афзоиши ҳосилнокӣ нисбат ба



Голландия зиёд буд, сохтори саноати Англия ба бахшҳои тезтараққикунанда ҷамъ оварда шуда буд.

Дар мамлакат соҳаи хизмати тараққикарда пайдо шуда имконият дод, ки иқтисодиёти кушода ва мавқеи мустамликадории Англия нигоҳ дошта шаванд.

Вале аз рӯи суръати афзоиши воситаҳои асосӣ Англия аз ИМА ва баъд аз Фаронса қафо монд. Афзоиши сусти воситаҳои асосӣ бо норасогии ғункунӣ муайян карда нашуда, он ба баромада рафтани сармоя алоқаманд буд. Ин баромад аз ҷамъи барориши сармояи олмонию фаронсавӣ зиёд буд. 3/4 ҳиссаи содироти сармоя ба империяҳои мустамликавии Англия ва Амрикои Лотинӣ, қариб 20 фоиз ба ИМА равона карда шуда буд. Ҳаҷми сармоягузории хориҷӣ дар соли 1984 аз ҳаҷми МУД 1,5 буда, даромад аз онҳо қариб 1/9 ҳиссаро ташкил дод. Солҳои 90 асри XIX Англия ҷои истеҳсолии худро ба ИМА дод, вале то солҳои 50 асри XX дар Аврупои Ғарбӣ мавқеи пешсаф дошт.

Баромади ИМА ба сифати пешсафи иқтисодӣ тавассути кӯшиши зиёдкунии сармоягузорӣ, тараққии бозори дохилиро ба амал овард.

Дараҷаи маблағгузории истеҳсолӣ соли 1860 дар ИМА нисбат ба Англия ду баробар зиёд буда, ибтидои асри XX ба 16 фоизи МУД расид. Солҳои 1890 - 1913 сармоягузорӣ ба ҳисоби ҳар як коргар дар ИМА нисбат ба Янглия 3 баробар тезтар афзуд. ИМА дорои захираҳои бузурги заминӣ ва минералӣ буду дуруст истифодабарии онҳо ба васеъкунии роҳҳои нақлиёт ва бозори дохилӣ мусоидат намуданд. Аҳолии мамлакат тавассути иммигратсия ва тавлиди зиёд афзуд. Сохтори иқтисодиёти амрикоӣ нисбат ба англисӣ ҳозиразамонтар буд. Ҳосилнокии меҳнат низ нисбат ба Англия ду баробар беш буд.

Дар иқтисодиёт ширкатҳои азими идоракунии касбидошта пайдо шуда, ба навҷорикунӣ диққати махсус доданд. Дар донишгоҳҳои асосӣ шӯъбаи тадқиқотӣ таъсис дода шуданду барои кор аз Аврупо олимони барҷаста даъват карда шуданд. Соли 1921 ба корҳои тадқиқотӣ 0,2 фоизи МУД ҷудо карда шуд.

Зиёдкунии миқёси бозор аз ҷиҳати тараққии сохтор ва қаламрав нақши муҳим бозид. Соли 1818 Флорида, солҳои 1840- 1850 1/3 қисми Мексика, соли 1867 Аляска ва ҷазираҳои Алеут ба ИМА ҳамроҳ карда шуданд.

Дар ҳудуди асрҳои XIX ва XX мустаҳкамшавии мавқеи иқтисодии Олмону Фаронса ба назар расид. Солҳои 50-60-уми асри XX Олмон аз рӯи истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ аз Фаронса пеш гузашта, баъдтар Англияро ба қафо гузошт ва баъди ИМА дуюмин давлати индустриявии ҷаҳон гардид. Охири солҳои 60-уми асри XIX баъди ҷанги шаҳрвандӣ дар Ҷопон тараққиёти босуръати саноатӣ оғоз ёфт. Хусусияти хоси ивдустриякунонии Ҷопон он буд, ки давлат дар сохтани саноати фабрикӣ бевосита, махсусан, корхонаҳои калони индустриявии вазнин иштирок варзид. Вале ба суръати баланди тараққиёти саноат нигоҳ накарда аввали асри XX Ҷопон, мамлакати аграрӣ буд. Бозори дохилиаш танг буда доираҳои ҳукмрон васеъкунии онро дар баъзе қаламравҳои нав медиданд.

Охири асри XIX ва аввали асри XX дар дараҷаи тараққиёти мамлакатҳои индустрияви тағйиротҳои куллӣ ба амал омаданд. Тӯли солҳои 1820-1989-ум, МУД-и онҳо ба ҳар сари аҳолӣ 14 баробар афзуд, дар Британия - 8 баробар, дар Ҷопон - 2 баробар. Тӯли қариб 100 сол, аз соли 1820 то соли 1920 МУД ба ҳар сари аҳолӣ беш аз 2,9 баробар, аз соли 1913 то 1950 - 1,6 баробар афзуд.

Нобаробариҳои ҷаҳишноки тараққиёти иқтисодӣ ба ду ҷанги ҷаҳонӣ алоқманд буданд. Ҷангҳо мавқеи ИМА-ро боз ҳам мустаҳкамтар намуданд. Зеро дар қаламрави онҳо амалиётҳои ҷангӣ набуду ширкатҳо хеле бой гардиданд. Нобаробарии тараққиёт боиси тағйиротҳои мавқеъ ва нақши мамлакатҳои алоҳидаи зерсистема дар хоҷагии ҷаҳонӣ гардиданд.

Пешравиҳо дар таносуби қувваҳо ва зиддиятҳои иқтисодию тақсимоти қаламравии ҷаҳон оварданд. Тарзи асосии тақсимоти қаламравӣ бакорбарии қувваи ҷангӣ буд.

### 9.4. Анъанаи баробаркунии дараҷаи тараққиёт

Дар шароитҳои баъдиҷангӣ механизми таъсири нобаробарӣ як катор аломатҳои навро гирифт. Нимаи 2-юми асри XX раванди наздикшавии дараҷаи ҳосилнокии меҳнат пурзӯр гардид. Коэффитсиенти наздикшавии дараҷаи ҳосилнокии меҳнат дар солҳои 1951 -1973 2,11 буда солҳои 70-80 то ба 1,32 паст шуд. Солҳои 50-60 асри XX суръати аз ҳама баланди афзоиши ҳосилнокии меҳнат, МУД дар Австрия, Олмону Италия, Финландия, Ҷопон ва аз ҳама паст дар Австралия, Канада, Норвегия, Швейсария, Шветсия ва ИМА



мушоҳида гардиданд. Натиҷаи муҳимтарини ин ҳолат сустшавии нисбии ИМА дар зерсистемаи индустриявии хоҷагии ҷаҳонӣ буд. Ҳиссаи онҳо дар МУД истеҳсоли саноатӣ, муомилоти савдо ва маблағгузории хориҷӣ хеле кам шуд.

Иқтидори иқтисодии Ҷопон якбора баланд шуда, вай ба давлати 2-юми иқтисодӣ табдил ёфт. Баъди мағлубшавӣ дар ҷанг Ҷопон тақрибан чоряк аср қафо монд. Вале бо суръати аз ҳама баланд тараққикунон, дар муддати кӯтоҳ аз Англия, Фаронса ва Олмон пеш гузашт.

Тараққиёти тези дигар мамлакатҳо боиси он гардид, ки мавқеи афзалиятноки маркази қувваи амрикоӣ дар байни мамлакатҳои Ғарб ва умуман ҷаҳон пешсаф гардид.

Дар муносибати динамикии қувваҳо байни маркази фаъолнокии корӣ «иқтисодиёти дуюм» таъсир мерасонад, ки он аз комплекси корхонаҳои хориҷии ШФМ иборат аст. Аз соли 1960 истеҳсоли хориҷии ШФМ яке аз воситаҳои асосии мубориза баҳри бозори беруна шуда монд. Ҳаҷми «бозори дуюм»-и амрикоӣ аз ҳаҷми истеҳсолоти Олмон, Фаронса, Италия 2-3 баробар зиёд буда, танҳо аз МУД Ҷопон қафо мемонад. Дохилшавии ШФМ дар хоҷагии миллии дигар мамлакатҳо бо мамлакатҳои ватани ШФМ воситаҳои муайян таъсиррасонии иқтисодию сиёсӣ (ба ракобат) медиҳад ва аз ин дар навбати аввал ИМА истифода мебарад.

Таъсири марказҳои асосии фаъолияти иқтисодӣ ба воситаи ҳаракати сармоя, савдои беруна, муносибатҳои асъорӣ ба тамоми олам паҳн гардид. Таъсири зиёди ИМА ба Амрикои Лотинӣ, Аврупо ба Африқо, Ҷопон ба мамлакатҳои Оеиё - Укёнуси Ором афзун гардид. Таъсири марказҳо ба раванди такрористеҳсолкунии ҷаҳон ва сиёсати ҷаҳонӣ ассиметрӣ буд, ки ин ба гуногунии вазни иқтисодӣ, сиёсӣ ва ҳарбии онҳо вобаста буд. Олмону Ҷопон ҳамчун қувваҳои минтақавӣ баромад доранд. Худи онҳо дар соҳаи манфиати сармояи Амрикоӣ дар системаи муайяни созишномаи ҳарбӣ-сиёсӣ мебошанд. Дар соҳаи ҳарбӣ ИМА пешсаф буда, дорои бартарии ҳарбӣ мебошад. Вай шабакаҳои глобалии базаю объектҳои ҳарбиашро дар Аврупою Ҷопон низ ҷой кардааст.

### 9.5. Модул ва шаклҳои асосии тараққиёти мамлакатҳои индустриявӣ

Хусусиятҳои таърихӣ, боҳамоӣ ё интихоби омилҳои гуногуни афзоиши иқтисодиёт шакли тараққиёти мамлакатҳои

тараққикардаро муайян карданд. Инҳо капитализми мустамликавии метрополияҳои империяи мустамликадорӣ, капитализми рентагии Австралия, Канада, капитализми Эндогении мамлакатҳои Шимол мебошанд. Омилҳои истеҳсолот дар доираи шароитҳои мухталифи бо таносуби намудҳои мухталифи қувваҳои сиёсию иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар муносибатҳои тарафайни онҳо муайяншаванда, истифода мешаванд. Ба ин муносибати давлат ва соҳибкорӣ (сиёсати сохтори саноатӣ, илмӣ-техникӣ ва роҳҳои таъминкунии рақобатнокӣ ва амнияти иқтисодӣ), ташкили амали бозор, хусусиятҳои миллии фаъолияти хоҷагӣ, системаи идоракунии дохили фирмагӣ, муносибатҳои меҳнатӣ, тайёркунии кадрҳо, маълумотҳои гуногун, қисмҳои координатсионӣ дохил мешаванд.

Ҳар кадом қувваи иҷтимоӣ-иқтисодӣ қиммати худро дорост: дар бозор – интихоби озод, мустақилият, рақобат; дар давлат – ҳокимият, назорат, тақсимоти вазифа; дар қонун, синфҳо – иштирокчигӣ, ҳамовозӣ; дар ширкатҳо – ҳарифӣ, ҳамфикрӣ; дар қавмҳо (қабила) - мансубият, эътиқод, ӯҳдадории тарафайн, фоида, боварӣ. Ҳамаи ин тоифаҳо бо ҳам алоқаманд буда, ба якдигар таъсир мерасонанд.

Ташкили ҷараёнҳои иқтисодӣ, сохтор ва усулҳои бо ҳам таъсиррасонии институтҳои мухталиф ба иқтисодиёти миллӣ аломатҳои хоси муайян медиҳанд. Якҷоя бо ҳолати иҷтимоӣ-маданӣ ва сиёсӣ онҳо барои таъсиррасонӣ ба пӯёи афзоиши иқтисодӣ ва тараққиёт муҳит пайдо мекунанд. Ҳамаи ин якҷоя нотакрории низоми хоҷагиро ташкил медиҳанд. Дар ин ҳолат тараққии қувваҳои истеҳсолкунанда, ҳархелагии суръати тараққии мамлакатҳои алоҳида аз бисёр ҷиҳат ба шакл, усул, воситаҳои танзими равандҳои такрористеҳсолкунии ҷамъиятӣ вобастагӣ дорад. Маҳз онҳо тамоми пешравиҳоро дар қувваҳои истеҳсолкунанда инъикос намуда, ба тараққиёти онҳо фазо муҳаё мекунанд. Ҳамчун низоми иқтисодии идорашаванда, механизми хоҷагӣ дар сатҳи миллӣ дар доираи ҷамъият амал карда, зери таъсири шароитҳои иҷтимоӣ-маданӣ ва институтҳои сиёсӣ-ҳуқуқӣ иваз мешаванд.

Мувофиқи нақши самтҳои алоҳидаи хоҷагидорӣ (давлат, тартиби сохтории бозор) як қатор модулҳои тараққиёти иқтисодиро ҷудо кардаанд.



**Модули либералӣ.** Амали хоҷагии ИМА дар даҳсолаҳои охир ба бозори танзимшаванда алоқаманд аст. Қисми марказии он афзалияти моликияти хусусӣ нисбат ба моликияти давлатӣ ва баробарии ҳалли хусусӣ дар соҳаи истеҳсолот, сармоя, фурӯш, истифодаи қувваи корӣ мебошад. Ҳукумат дар баъзе ҳолатҳо дар ҷараёни макро- ва микро-иқтисодӣ нақши фаъолро мебозад. Сохторҳои миллӣ ва маҳаллии ҳокимият бахши хусусиро ба воситаи қонунгузорӣ ва чораҳои маъмурӣ ба мақсади таъсири рақобат, нармкунии афтидани бозор ё муҳофизати манфиати гурӯҳҳои муайян танзим менамоянд. Амали ИМА дар ҷодаи истифодаи қувваи корӣ аломатҳои фарқноки худро дорад; набудани ҳизби коргарии оммавӣ, таҷрибаи созишномаи меҳнатӣ бастан дар сатҳи корхона, устувории индивидуализми иқтисодӣ аснои афзалнокии ширкатҳои калон, дар иқтисодиёт, дараҷаи пасти мутаҳидии коргарони кироя, ғайримарказонии тартиби ҳаракатҳои касбӣ, симои гуногунии муносибатҳои меҳнатӣ барои инкишофи ягонагии қувваи кори мусоидат намекунанд.

Созишномаҳои коллективӣ ба мӯҳлати яксола имзо карда шуда, амалияи намоябандӣ (индексатсия) қариб тамоман истифода бурда намешавад. Суръати тағйироти музди кор дар шартнома вобаста ба шароити аснои имзои он мавҷуд буда дохил карда мешавад. Бинобар он ҳамагуна тағйиротҳои макроиқтисодӣ дар динамикаи музди кор ифода намеёбанд. Шартномаҳои меҳнатӣ дар ширкатҳои гуногун ва соҳаҳои гуногун на барои як давра, балки ба муддати се сол тақсим карда мешаванд, аснои имзои шартномаи коллективӣ комёбии дигар иттифоқҳои касабаро дар соҳаи иҷтимоӣ ба эътибор мегиранд. Бозори амрикоии меҳнат симои сахти музди кори аслиро дорад. Мутобиқшавии соҳибкорон ба бахши фаъолнокии корӣ аз ҳисоби тағйиротҳои шуғл ба амал меояд. Яке аз мавқеҳои ҷолиби диққат дар бозори қувваи кори ИМА тафовути зиёд дар дараҷаи музди кор аст. Баръакси дигар мамлакатҳо, дар ИМА парокандагии афзояндаи музди кор ба дараҷаи маълумот алоқаи бевосита дорад. Ширкатҳои ИМА асосан мекӯшанд, ки рақобатнокии худро ба воситаи засеъкунии имкониятҳо, боздории афзоиши музди кор, камкунии гарави шуғл ва камкунии андози ба маблағгузории сохти суғуртаи иҷтимоӣ таъин шуда баланд бардоранд. Сустшавии нақши иттифоқҳои касаба на танҳо натиҷаи

тағйироти сохтори соҳавии иқтисодиёт, балки инчунин натиҷаи пастшавии дараҷаи иҷрои ҳақиқии қонунгузории меҳнатӣ мебошад. Соли 1990 зери таъсири системаи шартномаҳои меҳнатии коллективӣ дар ИМА танҳо 18 фоиз қувваи корӣ ворид гардид, ки ин нисбат ба 17 мамлакати аъзои ташкилоти тараққии иқтисодӣ кам аст. ИМА мамлакати ягонаест, ки дар он шахсони кироягир коргарро бо ихтиёри худ қабул ва сабукдӯш мекунанд. Соли 1946 қонун оиди танзими шартномаҳои меҳнатӣ қабул карда шуд, ки он ба номи ТАФТА - ХАРТЛИ маълум буда он ҳуқуқи иттифокҳои касабаро маҳдуд мегардонад. Вай имкониятҳои манъи иттифокҳои касабаи фаъолияташон зарарнок донисташавандаро пешбинӣ мекард.

Ин шакли модули тараққиёти иқтисодиро ба модулҳои либералӣ ва дарвинистӣ тавсиф медиҳанд. Ба ин шакли дараҷаи пасти ҳаракати иттифокҳои касаба, гуфтушунидҳо оиди музди кор, қонунгузории маҳдуди меҳнатӣ, набудан ё маҳдуд будани музди кори минималӣ, сиёсати кам инкишоф ёфтаи шуғли аҳолӣ хосанд. Дар баробари ИМА ин шакл дар Канада паҳн шуда ба ин шакл Белгия, Фаронса, Ирландия, Италия, Англия наздик шуда истодаанд, вале дар ин ҷо устувории музди кору шуғл мушоҳида карда мешаванд. Барои ин мамлакатҳо ҳаракати пурзӯру вале пастшудаистодаи иттифокҳои касаба, гуфтушунидҳои гуногунмиқёси созишномаҳои меҳнатӣ, қонунгузории васеи меҳнат хосанд. Ин модули либералӣ - ислоҳотӣ аст.

**Модули корпоративӣ** (иттиҳодиявӣ). Ин модул аз системаи бозори танзимӣ иборат аст, ки дар он шаклҳои интенсивии иштироки давлат мавҷуданд. Ин шакл ду зершакл - демократӣ ва иҷтимоӣ - дорад.

Корпоративизми демократӣ дар мамлакатҳое, ки дар сари ҳокимияташон сотсиал-демократҳо буданд, афзалиятнок ва дараҷаи соҳибкории давлатӣ хеле баланд аст. Дар Шветсия ва камтар дар Австрия то мамлакатҳои Шимол паҳн шудааст. Дар ин система ба афзоиши иктисодӣ ва некӯаҳволии умумии иҷтимоӣ бо воситаи ба низомдарории манфиатҳои ҷамъиятию шахсӣ бо ёрии ҷамъи сохторҳои миллӣ ҳамкориҳо ба амал бароварда мешаванд.

Падидаи алоҳидаи модули номбурдаи тараққии иқтисодӣ корпоративизми шахрӣ буда, он аз танзими истифодабарии захираҳо дар Ҷопон иборат аст. Вай низ бо иштироки фаъоли



давлат дар таъминоти фаъолноки корӣ дар мамлакат аснои кам будани ҳиссаи он дар қисмати сохибкорӣ фарқ мекунад. Яке аз хусусиятҳои бозори меҳнат бастани шартномаи якбора оиди тамоми соҳаҳо дар сатҳи дохили фирмагӣ мебошад. То се қисми пардохти меҳнат дар шакли пулӣ, боқимонда дар як сол ду маротиба дода мешавад. Бозори Ҷопонии меҳнат ба тағйироти нарх ва вазъи хоҷагӣ хуб мутобиқат карда метавонад. Ташкили он ба баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат ва васеъшавии талаботи дохилӣ ҳавасманд мегардонад. Модули ҷопонӣ аз рӯи касбдигаркунии қувваи корӣ ба модули пешина наздик буда, барои баланд бардоштани он бо роҳи таёрии беисти касбӣ кӯшиш карда мешавад.

**Модули иҷтимоӣ - бозорӣ.** Ин модул нисбат ба модули либералӣ дида ба корпоративӣ наздиктар мебошаду он дар Олмон амал мекунад. Вай дастгирии доимии одамони мушкилии иҷтимоӣ доштаро дар капитализми танзимнашаванда пешбинӣ мекунад. Инҳо ҷавонон, фермерҳо, оилаҳои камбизоат, инчунин фирмаҳои хурду миёнаи ба фишори ширкатҳои калон тобнаовар мебошанд. Дар хоҷагии майли иҷтимоӣ дошта фаъолияти калони иқтисодии давлат бо ҷамъиятӣ оиди таъмини некӯаҳволӣ омехта мешавад.

Модулҳои тараққиёти иқтисодии номбар шуда чизи доимӣ набуда онҳо ҳамеша дар таъғирёбианд.

### 9.6. Бозори дохилӣ ва тараққиёти иқтисодӣ

Тараққиёти иқтисодиро аз бисёр ҷиҳат симои чуқурии тақсимоти ҷамъиятии меҳнат, ки дар ҷараёни он тараққии бозори дохилӣ ба амал меояд, муайян мекунад. Шароити амали бозори дохилӣ ба самаранокии истеҳсолот таъсир мерасонад. Бозори дохилӣ системаи мубодилоти дохили хоҷагии миллӣ ба бахши содироту воридот буда, ҳамчун қисми ибтидоии тамоми системаи амали хоҷагии ҷаҳонӣ баромад мекунад. Вай алоқаҳои дохилиро, ки миқёсу шаклҳои таъсири тарафайни ҷамудҳои мухталифи истеҳсолоти ба таркиби хоҷагии халқ дохилбударо ифода мекунанд, дар бар мегирад. Алоқаҳои беруна ба иштироки хоҷагии миллӣ дар иқтисодиёти ҷаҳон хизмат намуда, таҳлили бозорҳои дохилии қувваҳои ҳаракатдиҳандаи раванди хоҷагиро дар ҳар кадом мамлакати алоҳида ва, дар дараҷаи муайян, дар зерсистемаҳо нишон медиҳад.

Микёси бозорҳои дохилии аксари мамлакатҳои тараққикарда, ки бо ҳачми МУД муайян карда мешавад, дар байни тамоми мамлакатҳои дунё чудошуда меистанд. Фақат аснои дар асоси қобилияти харидории асъор ҳисоб кардани чамъи маҳсулот онҳо андаке сусттар менамоянд. Ин нишондиҳандаи иқтисодӣ аз чамъи мамлакатҳои тараққикарда фақат ба шаштои онҳо мансубият дорад. Ҳаҷми МУД-ро ҳамчун нишондиҳандаи ҳачми бозорҳои дохилӣ ҳисобида, қайд кардан чоиз аст, ки як қатор мамлакатҳои хурд ба дарачаи болои интернатсионаликунонии фаъолияти хочагии худ фарқ карда меистанд. Масалан, квотаи содиротии Белгия 70 фоизи МУД, Ирландия - 67 фоиз, Нидерландҳо - 52, Австрия - 40, Швейцария, Дания- 37 фоиз МУД-ро ташкил медиҳад. Аз ин нигоҳ ҳачми бозори дохилии мамлакатҳои хурд нисбати МУД калон нест ва он аз бисёр чиҳат аз бахшҳои муайяни бозорҳои чаҳонӣ вобастагӣ дорад. Дар мамлакатҳои калони тараққикарда қисми хоричӣ дар истеҳсолоту фурӯши МУД 20-30 фоиз, дар ИМА ва Чопон - 10-15 фоиз аст.

Нишондиҳандаи дигари ҳачму дарачаи тараққиёти бозори дохилӣ даромад ба ҳар сари аҳолӣ аст. Ин нишондиҳанда дар мамлакатҳои тараққикарда аз дарачаи миёнаи дунёӣ 5 баробар зиёд аст. Ҳачми бозор аз миқдори хизматрасонӣ ба истеъмолгарон вобастагӣ дорад, ки истеҳсолоти дохилӣ ба талаботи онҳо равона карда шудааст. Чӣ қадаре, ки истеъмолгарон зиёд бошанд, имконияти тараққиёти бозори дохилӣ ҳамон қадар васеъ аст. Аз ин чиҳат миқдори аҳолӣ ченаки муайяни иқтидори истеъмолӣ ва истеҳсолии чамъият буда метавонад. Аксари мамлакатҳои тараққикарда аз нигоҳи шумораи аҳолӣ ба мамлакатҳои хурду миёна мансубанд (ғайр аз ИМА ва Чопон), миқдори на он қадар зиёди аҳолӣ, дар баробари дарачаи баланди тараққиёти қувваҳои истеҳсолкунанда ва махсусгардонии истеҳсолот, ба иштироки фаъол дар ТБМ мусоидат намуда, ҳиссиёти иштирокро дар интегратсияи иқтисодӣ бедор менамояд.

Аломати хоси бозори мамлакатҳои тараққикарда қонеъгардонии тамоми аҳолӣ бо молҳои истеъмолӣ аст. Ба ҳисоби миёна ҳиссаи меҳнати кироя дар ин мамлакатҳо 85 фоиз аҳолии қобили кор, аз чумла дар Британия ва ИМА 90 фоизро ташкил медиҳад.



Ҳачми бозори дохилӣ аз алоқамандии байни зеркисмҳо ва соҳаҳои иқтисодиёт, аз талаботу қисмҳои маҳсулоти охирини онҳо вобастагӣ дорад. Дар мамлакатҳои тараққикарда бозори дохилӣ дарачаи баланди молфиристониҳои байнисоҳавию дохилисоҳавиро дорост. Омили асосии алоқаҳои байнисоҳавӣ интегратсияи шоқулӣ (вертикалӣ) мебошад, ки он ба пурзӯршавии вобастагии раванди такрористеҳсолкунӣ дар ҳар кадом соҳа ба соҳаи дигар, чӣ дар чодаи талабот ва чӣ дар чодаи пешниҳодот меорад.

Яке аз нишондиҳандаҳои муҳими тараққии бозори дохилӣ дарачаи тараққиёти муносибатҳои пулии бозор аст, ки ифодакунандаи он муносибати (таносуби) ӯҳдадории қарзии дохили мамлакат ба МУД мебошад. Нимаи аввали солҳои 90 қарзҳои гирифтаи мамлакатҳои тараққикардаи Ғарб аз 100 фоиз МУД зиёд буд (солҳои 50-ум 60 фоиз буд).

Дар баробари ҳачми умумии бозорҳо таркиб ва симои истеъмол аҳамияти муҳим дорад, ки он аз истифодаи арзиши истеъмолӣ иборат аст. Вай аз талаботи истеҳсолию истеъмолӣ таркиб меёбад.

Талаботи истеҳсолӣ ба раванди истеҳсолот дохил буда, истеҳсоли воситаҳои истеҳсолот, истифодаи қувваи корӣ, яъне харчи энергияи чисмонию фикрии онро дар бар мегирад. Талаботи ғайриистеҳсолӣ берун аз истеҳсолот ба амал меояд. Дар ин ҳолат истифода ё истеъмоли охирини предмети истеъмолӣ ба амал меояд. Ҳамин тариқ дар раванди истеъмоли истеҳсолӣ маҳсулот ба вучуд оварда шуда, дар раванди ғайри истеҳсолӣ онҳо истеъмол карда мешаванд. Талаботи истеҳсолиро вазъи соҳаи истеҳсолӣ муайян мекунад. Чамъи талаботи истеъмолӣ - талаботи пулии шахсони фардист. Дар навбати худ, талаботи истеҳсолию истеъмолӣ аз бахшҳои хусусию давлатӣ вобастагӣ доранд. Муддатҳои тӯлонии таърихӣ камшавии ҳиссаи истеъмоли шахсии МУД ба амал меомад. Соли 1820 вай, эҳтимол 85 фоиз, аввали солҳои 90 асри XX 61 фоизи МУД-ро ташкил дод. Даҳсолаҳои охир бошад истеъмоли шахсӣ бо суръати баланд афзуд.

**Таркиби институтии бозорҳои дохилӣ.** Амали бозорҳои дохилиро нафақат талаботу пешниҳод, балки инчунин таркиби институтию ташкилӣ, симои муносибатҳои тарафайни контрагентҳо муайян мекунад. Таркиби институтии бозорҳо яъне чамъи субъектҳои хочагидорикунанда, чиҳатҳои соҳавӣ,

ҳаҷмӣ ва иҷтимоӣ дорад. Пеш аз ҳама таркиби ҳаҷми он аҳамиятнок буда, он тавассути консентратсия ва махсусгардонии истеҳсолот ба вуҷуд омада, дар таносуби муайяни корхонаҳои ҳаҷмашон гуногун тавсиф карда мешавад. Инҳо ширкатҳои калону калонтарин, миёна, хурд, бахши кооперативӣ мебошанд.

Таркиби институтионии бозори дохилӣ симои муносибатҳои тарафайни субъектҳоро дар мубодилаи махсулоту хизмат муайян мекунад. Шартан, онҳоро ба самтҳои махфӣ ва ҳимояшуда, ки дар он муносибатҳои ғайритиҷоратӣ мавҷуд аст, инчунин бахши кушода ё рақобатӣ, ки амалиётҳои чаканагӣ, кӯтоҳмуддат ва бозори сиёҳро дар бар мегирад, ҷудо кардаанд. Шакли бозори ҳимоякардашуда ба шаклҳои мухталифи ҳимоя аз рақобат такя мекунад. Бахшҳои ҳимояшуда дар ИМА 95 фоиз соҳаи ҳарбӣ, саноати кайҳонӣ 90 фоиз, саноати атомӣ 75 фоиз, аэронавтика, электроникаи касбӣ 65 фоиз, дорусозӣ 30 фоиз ахборотиро дар бар гирифтааст.

## 9.7. Мамлакатҳои тараққикарда дар истеҳсолоти ҷаҳон

Мамлакатҳои тараққикардаи ҷаҳон дар тамоми ҷабҳаҳои иқтисодиёти ҷаҳон мавқеи пешсафро ишғол менамоянд. Алхусус баъди дигаргуниҳои солҳои 90-уми асри XX ин мавқеъ мустаҳкам гардид.

Афзоиши иқтисодии онҳо тӯли 25 соли охири аср симои мӯътадили дошт ва аз соли 1970 то соли 1995 ҳаҷми истеҳсолот 1,9 баробар афзуд, ки ин аз ду даҳсолаи қаблина 1,5 баробар кам аст. Афзоиши аз ҳама боло бошад насиби мамлакатҳои хурд гардида буд.

Анъанаи афзоиши иқтисодиро омилҳои истехсолот, бо якҷояги ғункунии сармоя ва истифодаи қувваи фикрӣ муайян намуданд, ки онҳо дар пӯёи ҳосилнокӣ ифода ёфтанд. Ҳосилнокӣ аз миқдору сифати захираҳои барои истеҳсоли ҳамин маҳсулот зарур буда вобаста аст. Вай истифодаи самаранокӣ захираҳоро ифода мекунад. Барои баҳо додан ба истифодаи самаранок якчанд нишондиҳандаро истифода мебаранд ва ҳоло нишондиҳандаи *ҷамъи ҳосилнокии омилӣ* пахнщудатарин асту вай аз таносуби ҳаҷми маҳсулоти истеҳсол карда шуда ба нишондиҳандаи харҷи сармоя ва меҳнат иборат аст.



Онро одатан ҳамчун тафовути байни суръати афзоиши истеҳсолот ва суръати миёнаи захираҳои истифодашуда, ҳиссаи онҳо дар даромад ҳамчун омил ҳисоб мекунанд.

Тараққиёти иқтисодии мамлакатҳои Ғарб дар шароитҳои мушаххас ба амал бароварда мешуд. Таъсири хароҷотҳои ҳарбӣ, ки дар нимаи аввали солҳои 80 асри XX афзуда буданд бе шубҳа аст. Соли 1970 онҳо 5 фоиз, соли 1983 - 5,5 фоиз ва фақат солҳои 90 то 3 фоизи МУД-ро ташкил доданд.

Баландшавии якбораи нархи ашёи хом дар бозори ҷаҳонӣ таъсири зӯр расонида, боиси азнавтақсимкунии балансиі савдо ва пардохт, пайдоишу зиёдшавии дефитситҳои беруна гардид. Тағйиротҳои шароитҳои дохилию берунӣ масъалаи молиявии давлатиро мураккаб намуданд. Норасоии буҷетӣ хеле афзуда, солҳои 1960 - 1970 2,3 фоиз, солҳои 1983 – 1986 4.1 фоиз, солҳои 1993-1995 3,0 фоизи МУД-ро ташкил намуданд.

Масъалаҳои норасоии буҷетиро афзоиши тези хароҷотхо ба амал оварданд. Онҳо аз 28 фоизи соли 1960 дар соли 1994 ба 50 фоизи МУД расиданд (дар Шветсия - 69 фоиз, Белгия, Фаронса, Италия, Нидерландҳо - 55 фоиз). Зиёдшавии норасоии буҷет ба афзоиши қарзи давлатӣ овард, ки он аз 40 фоизи соли 1980 дар соли 1995 ба 70 фоиз ва аз ин зиёд расид.

Ҳамаи ин ба пастшавии суръати афзоиш боис гардид. Суръати афзоиши МУД ба ҳар сар аҳолӣ дар солҳои 80 бештар ба амал омад. Мамлакатҳои тараққикарда аз рӯи суръати афзоиш аз як қатор мамлакатҳои дигар қафо монданд. Солҳои 1986 - 1995 афзоиши миёнаи солонаи МУД ба ҳар сар аҳолӣ дар ин мамлакатҳо тақрибан 1,8 фоиз зиёд гардид, ки ин нисбат ба ҳамингуна нишондиҳандаи мамлакатҳои Осиё беш аз 3 баробар, нисбати мамлакатҳои Шарқи Наздику Миёна ва Амрикои Лотинӣ хеле паст буд. Баъди чунин ҳолатҳо дар мамлакатҳои тараққикарда дигаргуниҳои тараққиётӣ ба амал омаданд, ки онҳо дар ташкили базаи нави техникии истеҳсолот зоҳир гардиданд. Ин шарти асосии гузариш ба модули нави тараққиёти иқтисодӣ буд.

Мавқеи мамлакатҳои тараққикарда дар истеҳсолоти ҷаҳонӣ ба таври гуногун тағйир ёфт. Ҳисоби МУД аз рӯи нархи ҷорӣ нишон дод, ки ҳиссаи онҳо дар солҳои 70 кам, вале солҳои 80-90 афзудааст (соли 1960 - 67,8 фоиз МУД, соли 1980 68, соли 1990 72,3, соли 1996 77 фоиз МУД). Мавқеи ин мамлакатҳо

ҳангоми ҳисобкунии МУД дар асоси қобилияти харидории асъор чунин аст: 1990 - 55,7 фоиз, соли 1997 - 52 фоизи МУД.

Қувваи ҳаракатдиҳандаи афзоиши иқтисодӣ соҳаи хизмат гардид, то солҳои 90 ҳиссаи мамлакатҳои тараққикарда дар истеҳсолоти саноатӣ паст шуд, ки ин ба болоравии чараёни индустриякунонӣ дар мамлакатҳои сотсиалистӣ ва рӯ ба тараққӣ вобаста буд. Солҳои минбаъда тавассути камшавии истеҳсол дар саноати маснуот дар мамлакатҳои ба иқтисоди бозорӣ гузаронда мамлакатҳои индустриявӣ ҳиссашонро дар ин чода зиёд намуданд. Дар баъзе соҳаҳо мисли металлургияи сиёҳ, мошинсозии умумӣ, металлкоркунӣ, нисбати рақобатнокӣ, пастравӣ ба амал омад ва эҳтимол минбаъд ҳам пасттар шавад. Зеро ин соҳаҳо дарачаи миёнаи техникӣ дошта, дар мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ инкишоф меёбанд.

Қатъи назар аз тағйиротҳои афзалнокии нисбӣ (муқоисавӣ) мамлакатҳои тараққикарда мавқеи пурзӯри худро дар истеҳсолоти саноатҳои сабуку хӯрокворӣ нигоҳ доштанд. Ба ҳиссаи онҳо қариб 60 фоизи истеҳсоли чаҳонӣ рост меояд (соли 1965 – 69 фоиз, соли 1985 – 60, соли 1990 - 57 фоиз). Анъанаи умумӣ дар тағйироти мавқеи онҳо истеҳсоли молҳои анъанавиро тадричан кам карда, диққати асосиро ба истеҳсоли молҳои навтарину дигаргуншуда равона карданд.

Зерсистемаи мамлакатҳои тараққикарда дар истеҳсоли маҳсулотҳои кишоварзӣ мавқеи асосиро аз даст надодааст. Механиконии соҳаҳои аграрӣ ва истефодаи тамоми комёбиҳои илму техника дар хоҷагии қишлоқ ба афзоиши самаранокии истеҳсоли маҳсулот, ки аз афзоиши аҳолӣ пеш гузаштааст, таъсири ҳалкунанда расонид.

## 9.8. Мамлакатҳои тараққикарда дар муносибатҳои иқтисодии байналхалқӣ

Тараққии мамлакатҳои индустриявӣ ба соҳаҳои беруна зич алоқаманд аст. Зеро сармоя танҳо миқёси таъсири худро васеъ намуда тараққӣ карда метавонад, алоқаҳои берунаи иқтисодӣ доираи бозори дохилиро васеъкунон ба беҳсозии номутаносибҳои ичтимоӣ-иқтисодӣ таъсир расонида метавонанд. Аз ҳисоби муносибатҳои берунаи иқтисодӣ одатан камкуниҳои хароҷотҳои истеҳсолӣ ва баланд бардории самаранокии онро ба даст меоранд.



**Кушодагии иқтисодиёт.** Қариб 1/5 ҳиссаи МУД ин зерсистемаи иқтисодиёти ҷаҳон ба берун баровaрда шуда, тақрибан ҳамин қадар қисми МУД аз ҳисоби воридот таъмин карда мешавад. Миёнаи асри XIX қариб 90 фоизи маҳсулот ва хизмати ширкатҳо истеҳсолнамуда аз ҳисоби ашёи хом, қувваи кории аз радиуси 150 км оварда шуда ва дар ҳаминҷо фурӯхта шуда таъмин карда мешуд. Имрӯз аз нисф зиёди ширкатҳо маҳсулоти худро берун аз ҳудуди худашон истеҳсол карда мефурӯшанд, қариб нисфи ашёи хом ва маҳсулотҳои мобайниро аз воридот мегиранд, ё берун аз ҳудуди ширкатҳои духтариашон.

Коэффитсиенти кушодагии иқтисодиёт ё нисбати муомилоти савдои беруна ба МУД дар нимаи дуюми асри XX зиёд гардид. Кушодагии иқтисодиёт аз ҳама бештар мамлакатҳои хурдро хос асту тараққи қувваҳои истеҳсолкунанда дар онҳо кайҳо боз аз ҳудуди бозори дохилиашон бурун рафтааст. Дар онҳо ҳиссаи содироту воридот аз нисфи ҷамъи маҳсулоташон беш аст. Бояд қайд намуд, ки дар як қатор мамлакатҳо ва махсусан собиқ метрополияҳои империяи мустамликадорӣ, ин нишондиҳанда дар ибтидои асри XX нисбати солҳои охири аср баланд буд. Дар Британия вай 45 фоиз, дар Ҷопон 30 фоиз, дар Фаронса 35 фоиз буд, ҳоло бошад, мувофиқан 42, 14, 35 фоиз МУД-ро ташкил медиҳад. Бинобар он, фақат миёнаи солҳои 90 кушодагии иқтисодиёти ин мамлакатҳо аз дарачаи ибтидоии аср пеш гузашт, ки он бо усулҳои иқтисодӣ ба даст оварда шуд.

Тараққии муносибатҳои иқтисодии байналхалқии замони мо, афзоиши таъсири анъанавии зиддиятноки иқтисоди кушодаро муайян мекунад. Аз як тараф, интернатсионаликунонии ҳаёти хоҷагӣ қувват гирифта, аз тарафи дигар, мавқеи мамлакатҳои алоҳида бахри соҳиб шудан ба мавқеи фоидаовар дар хоҷагии ҷаҳонӣ зиёд мешавад.

Дар қисмати алоқаҳои байналхалқӣ ҳаракати сармоя мақоми марказиро ишғол менамояду вай тараққии дигар шаклҳои муносибатҳоро муайян мекунад. Мамлакатҳои индустриявӣ ҳамчун пояи асосии гузориши сармояи соҳибкорӣ ва қарзӣ (ссудӣ) баромад мекунанд (95 - 75 фоиз). Тақрибан 90 фоизи сармояи қарзии бозорҳои байналхалқӣ дар бозори ин мамлакатҳо ҷойгир аст.

Дар ҷаҳон имрӯз мавқеи мамлакатҳои тараққикарда дар ҳаракати захираҳои молиявӣ тағйир ёфт. Солҳои 90 онҳо содиротчии воситаҳо (дар ҳаҷми 50 млрд. доллар дар як сол) ва солҳои 80-ум ин мамлакатҳо нетто - воридотчии захираҳои молиявӣ буданд (15 млрд. доллар дар як сол).

Яке аз сарчашмаҳои асосии қарздиҳӣ ИМА буд, Ҷопон инчунин Британияю Олмон қарздиҳандагони содиқ буданд. Ба селаи ҳаракати сармоя байни ИМА ва Ҷопон кариб 3 ҳиссаи селаи ҷаҳонии захираҳои молиявӣ рост меояд. Ҳол он, ки то солҳои 80 Ҷопон мамлакати воридотчии сармоя буду ИМА то охири солҳои 70 содиротчии соф. Селаи калони сармоя дар шакли сармояи бевосита ва портфелӣ ҳаракат мекунаду онҳо омили муҳими тараққии иқтисодӣ гардидаанд. Ба ин зиёд шудани суръати афзоиши маблағгузории бевосита нисбат ба суръати афзоиши савдои беруна ва МУД (солҳои 80 - 3 ва 4 баробар), фаъолшавии амалиёти қариб тамоми мамлакатҳо оиди ҷамкунии маблағи бевоситаи хориҷа ва глобалкунонӣ бо тавасути ширкатҳои байналхалқӣ гувоҳ аст. Маблағгузориҳои бевоситаи хориҷӣ на танҳо омили мустақили тараққии иқтисодианд, балки инчунин ба пӯё ва сохтори савдо, додани технология ва воситаҳои молиявӣ дараҷаи зиёди таъсиррасонӣ доранд.

Мавқеи маблағгузории хориҷӣ баъди соли 1960 афзуд. Ширкатҳои амрикоии саноати маснуот фаъолияти байналхалқиашонро, алалхусус дар Аврупои Ғарбӣ якбора фаъол намуданд. Соли 1970 селаи умумии маблағгузории бевоситаи хориҷӣ ба 13 млрд. доллар расид. Содирот аз ИМА 7,5 млрд доллар ё ки 60 фоизи ҳаҷми умумиро ташкил дод. Содирот аз тамоми ин мамлакатҳо аз 99 фоизи умумии селаи маблағгузории бевосита беш буд.

Даҳсолаҳои охир мавқеи мамлакатҳои тараққикарда камтар тағйир ёфтааст. Арафаи соли 1995 ҳиссаи онҳо то 85 фоиз паст фаромад. Анъана дар ҳаракати сармояи бевосита бо афзоиши даромади миллӣ хеле зич корелятсия мешавад. Ҳисси асосии сармоягузорӣ ба мамлакатҳои тараққикарда равона карда мешавад ва ҳиссаи онҳо дар солҳои 80-ум аз 74 фоиз, дар солҳои 1986-1990 то 84 фоиз боло шуд. Солҳои 90-ум аҳамияти мамлакатҳои саноатӣ ҳамчун сарчашмаи сармоягузорӣ паст шуд. Сабаби ин дар як қатор мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ ва мамлакатҳои ба иқтисоди бозорӣ гузаранда гузаронидани



ғайридавлаткунонии моликият ва барқароркунии назорати фирмаҳои Ғарб аз болои корхонаҳо зиёд буданд.

Яке аз аломатҳои муҳими ин давра ба сарчашмаи калони сармоягузорӣ табдилёбии ИМА буд. Соли 1970 маблағгузории хориҷӣ дар ИМА фақат ба 17 фоиз ҳаҷми сармоягузории хориҷиаш баробар буд. Соли 1989 ин таносуб ба 90,6 фоиз расида, охири соли 1995 то ба 80 фоиз паст фаромад.

Сармоягузории бевосита ба мамлакати қабулкунанда таъсири якхела надошт. Таъсири мусбиаш аз бисёр дараҷа ба воситаи додани технология ва дигар активҳое, ки боиси зиёдкунии ҳосилнокӣ, беҳкунии самараи захираҳои истифодашаванда ва баланд бардории дараҷаи камолоти иқтисодӣ мегарданд, зоҳир мегардид. Маблағҳои бавоситаи хориҷӣ боиси болобардории касби коргарони маҳаллӣ (бо роҳи истифодаи онҳо дар корхонаҳои ШФМ) мегардад.

Таъсири манфии сармояи хориҷӣ ба мамлакатҳои қабулкунанда бавосита ва бевосита аст. Таъсири бавоситаи он аз қувваҳои бозории ШФМ ва қобилияти истифодаи қуввам худ баҳри таъминкунии даромади монополӣ дар гузаронидани даромад ба мамлакати дигар пайдо шуда метавонад. Таъсири бавосита бо роҳи фишор ба сиёсати иқтисодӣ ва бо ҳамин таъмин намудани худ бо қарз ҳимояи протексионистӣ аз воридот ба амал меояд.

Якҷоягии таъсири ҷиҳатҳои манфию мусбати сармоягузории бевоситаи хориҷӣ аз мамлакат ба мамлакат дар давраҳои гуногун дигар шуда метавонад.

**Ёрии иқтисодӣ.** Қариб 19 фоизи тамоми захираҳои молиявиро ёрии иқтисодӣ ташкил додаасту он ёрӣ ба мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ ва ба иқтисоди бозорӣ гузаранда расонида мешавад. Онро расман ҳамчун маблағгузории расмии тараққиёт тасниф намуда, ба ду зернамуд ҷудо кардаанд - ёрии расмии тараққиёт ва маблағгузории дигарии расмӣ. Тафовути байни онҳоро бо шартҳои пешниҳодкунии воситаҳо муайян мекунанд. Аз ҳама бештар воситаҳои ёрии расмии тараққиёт имтиёзнок, камтар маблағгузории дигари расмӣ буда, вале охирин нисбат ба қарзи аз бозори сармоя гирифта фоиданоктар аст. Дар байни намудҳои гуногун ҷои асосӣ насиби ёрии расмии тараққиёт гаштааст, ки ба ҳиссаш 4/5 воситаҳо рост меояд.

Дар замони ҳозира ҳамаи мамлакатҳои тараққикарда ёрирасонанд. Онҳо ёриро аз ҳисоби буҷет медиҳанд. Ҳиссаи

зиёди ёрӣ ба мамлакатҳои Скандинавия рост меояд (то 1 фоиз МУД). Умуман мамлакатҳои Ғарб ба ёрии иқтисодӣ 0,3 фоиз МУД-ро равона мекунан, ва ин нишондиҳанда дар даҳсолаҳои охир камтар шудааст. Қариб 60 фоизи ёрии иқтисодӣ дар шакли тӯҳфа дода мешавад. Калонтарини ёрирасонҳо Ҷопон буда, ёрии он ба беш аз 13 млрд. доллар расида аст. Солҳои 90 суръати афзоиши ёрии иқтисодӣ якбора суст гардид. Солҳои 1988 - 1990 ҳисоби миёнаи солонааш 1,4 фоиз, солҳои 1982-1987 - 2.1 фоиз буд.

Ёрии иқтисодиро дар намуди гуногун мегиранд. Тақрибан 1/4 ҳиссаи ёрии ҳамаи мамлакатҳо дар шакли молу хизмат расонида мешаванд. Ин қисми ёрӣ ба мамлакатҳои қабулкунанда нисбат ба амалиётҳои савдоӣ 15 фоиз қимматтар меистад. Ёрии иқтисодӣ баъзан барои ба амал барории лоиҳаҳои калон, қабл аз ҳама, ба сохтмони нақлиёт, энергетика, алоқа равона карда мешавад. 12 млрд. доллар қарз ҳар сол ба консултатсия, лоиҳакашӣ, тайёркунии кадрҳо равона шуда, 90 фоиз ба музди кори консултантҳои мамлакатҳои ёрирасон сарф карда мешавад.

Маблағгузориҳои давлатӣ аз рӯи барномаи ёрии иқисодӣ мавқеи мамлакатҳои ёрирасонро дар савдои ҷаҳонӣ мустаҳкам намуда, барои ширкатҳо бозор пайдо мекунад. Мувофиқи нишондиҳандаҳои оморӣ самараи мусбии ёрирасонӣ ба балланси пардохти мамлакатҳои қарздеҳ аксаран ба ҳаҷми воситаҳои ёрӣ баробар ё аз он бештар аст.

**Савдои беруна.** Ҳаракати сармоя мавқеи худро бештар дар муомилоти савдои беруна меёбад. Вай нисбати истеҳсоли молҳо ва хизмат зиёдтар афзоиш дорад. Зиёдшавии бештари савдо дар солҳои 50-60 мушоҳида карда шуд, ки суръати миёнаи афзоиши солона нисбати солҳои 1913 - 1950 аз 9 фоиз зиёд буд. Баъди соли 1973 суръати болоровӣ ду баробар паст шуд, вале ин аз суръати давраи то ҷангӣ зиёд буд. Васеъшавии савдои беруна то 1 фоизи афзоиши МУД-ро дар ҳар як давра, аз ҳисоби сарфаи миқёс ва махсусгардонӣ, таъмин менамояд. Тараққиёти савдои беруна дар олами тараққикарда нобаробар буда, ин нобаробарӣ боиси тағйирёбии мавқеи ҳар кадоми онҳо дар содироту воридот мегардад. Ҳиссаи онҳо дар содироти ҷаҳон чунин аст: соли 1970- 71 фоиз, 1981 - 61 фоиз, соли 1990 - 75.5 фоиз, соли 1995 - 69 фоиз.



Суръати аз ҳама болои афзоиши содирот дар Ҷопон ва аз ҳама паст дар Британия буда, фарқият дар савдо ба ҳисоби ҳар сар аҳолӣ нисбат ба МУД зиёд аст.

Васеъшавии соҳаи хизмат дар иқтисодиёти ҷаҳон зиёдшавии ин соҳаро дар муносибатҳои иқтисодии байналхалқӣ муайян намуд. Ҳиссаи он то ба 21,5 фоиз боло шуд (соли 1982 - 17,7 фоиз). Аз ҳама беш суръати содироти хизмати соҳибкорӣ ва дар байни онҳо хизмати телекоммуникатсия, таъминоти барномавӣ боло буд. Ба ҳиссаи мамлакатҳои тараққикарда қариб 90 фоизи ин намуди содирот рост меояд. Хизматрасонандагони асосии соҳибкорӣ ИМА, Британия, Фаронса, Нидерландҳо буда, онҳо содиротчиёни софанд. Олмон, Италия ва Ҷопонро соф воридотчӣ номидаанд.

Дар содироти мол мавқеи мамлакатҳои тараққикардаи Ғарб, тавассути болоравии мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ, суст гардид. Мавқеи мамлакатҳои тараққикарда дар бозорҳои киштӣ, дастгоҳ, газвор, металлҳои сиёҳ паст шуд. Дар аксари онҳо ҳиссаи маҳсулотҳои баланд технология зиёд гардид. Дар солҳои 80 ҳиссаи ин маҳсулотҳо дар ИМА аз 28 то 31 фоиз, дар Ҷопон аз 25 то 35 фоиз, дар Олмон аз 17 то 18 фоиз боло баромад. Ҳиссаи маҳсулотҳои технологияи мӯътадил дар ИМА кам, дар Ҷопону Олмон зиёд шуд. Ҳиссаи маҳсулотҳои насттехнология дар ҳамаи мамлакатҳо паст фаромад.

Дар байни молҳои саноатӣ маҳсулотҳои соҳаи электроника ва технологияи ахборотӣ мавқеи хоса доранд. Ҳиссаи онҳо дар содироти саноатӣ дар тули солҳои 1980-1993 аз 7,8 то 14,3 фоиз афзуд. Содиротчиёни асосии ин молҳо ИМА ва Ҷопон буда, ҳиссаашон аз 40 фоиз беш аст. Ҳиссаи Аврупои Ғарбӣ – 28 фоиз. Умуман ба ҳиссаи мамлакатҳои тараққикарда 72 фоизи содироти молҳои электроникӣ ва технологияи ахборотӣ рост меояд.

Тавассути РИТ дар сохтори талаботу воридоти мамлакатҳои тараққикарда тағйиротҳо руй доданд. Солҳои 70-80 зиёдшавии воридот дар истеъмоли умумии онҳо аз 9,0 ба 20 фоиз афзуд.

Қатъи назар аз афзоиши нақши воридот дар истеъмол аз гурӯҳи алоҳидаи молҳо, ҳиссаи мамлакатҳои Ғарб дар воридоти ҷаҳонии баъзе намудҳои молҳои ашёи хом, қабл аз ҳама, сузишвориҳо ва баъзе металлҳои ранга паст шудааст. Дар ҷараёни анъанаи умумӣ афзоиши ҳиссаи воридоти мошин ва

дастгоххо, воситахои наклиёт ва металлхои сиёх нигох дошта шудааст.

Аломати хоси сохаи мубодилаи технология пурзўршавии муомилот байни худи мамлакатхои тараккикарда ва афзоиши хиссаи онхо дар ин кисмати хочагии чахон мебошад. Хиссаи ин мамлакатхо ибтидои солхои 70-ум 85 фоиз ва охири солхои 80-ум 90 фоизро ташкил дод. Баромади 7 мамлакати пешсаф дар бозори чахонии моликияти интелектуалй аз 1,3 то ба 59 млрд. доллар афзуд. Ин баромад асосан аз хисоби ИМА буд. Ба хиссаи ИМА дар соли 1970 1,1 млрд ва соли 1991 14,3 млрд. доллар рост омад. Кисми зиёди мубодилаи технологй дохили фермагй аст.

Хамин тарик, гуфтан равост, ки мавкеи олами тараккикардаи са-ноатй дар бозори чахон гувохи он аст, ки интернатсионалии хаёти хоча-гии онхо сар задааст. Мавкеи онхо дар бозорхои имрўзаи молу хизмат дар аксари бахшхо бартаринок аст. Шароитхои савдо бехтар гардида-анд. Таносуби нархxои содиротию воридотй асосан ба фоидаи онхост.

Солхои 80 нисбатан камшавии танкисй баланси пардохт оиди амалиёти чорй ба амал омада, солхои 90 салдои он мусбй гардид. Ин хангом дар гурўхи мамлакатхои пешсаф салдои манфй дар ИМА (1,2 - 2.0 фоизи МУД), Олмон (0,5-1 фоизи МУД), Англия (0,3-1.8 фоизи ЧМД), Канада ( 0,6 - 4,0 фоизи МУД) мушохида карда шуд.

Чадвали 9.3

**Хиссаи мамлакатхои тараккикарда дар содироту воридоти чахонй (фоиз)**

| Гурўхи молхо | 1980 | 1985 | 1990 | 2000 |
|---|---|---|---|---|
| **Содирот** | | | | |
| Хўрокворй | 64,4 | 61,5 | 67,7 | 66,7 |
| Ашёи хоми кишоварзй | 61,2 | 64,5 | 63,8 | 60,3 |
| Сузишворй | 18,3 | 21,9 | 28,7 | 31,3 |
| Маъдану металл | 67,5 | 64,5 | 56,8 | 55,3 |
| Газвор | 61,3 | 52,7 | 49,1 | 42,0 |
| Химикатхо | 87,1 | 83,2 | 82,6 | 79,3 |
| Мошину вос. наклиёт | 85,0 | 82,3 | 84,2 | 76,4 |
| Металлхо | 85,7 | 77,9 | 69,2 | 63,1 |
| Молхои дигар | 80,1 | 76,2 | 74,5 | 70,0 |
| **Воридот** | | | | |
| Хўрокворй | 61,4 | 63,0 | 71,0 | 68,2 |
| Ашёи хоми кишоварзй | 68,3 | 67,5 | 66,7 | 61,6 |
| Сузишворй | 75,3 | 68,2 | 61,3 | 61,4 |
| Маъдану металл | 79,1 | 73,1 | 71,0 | 63,7 |
| Газвор | 69,7 | 70,8 | 71,0 | 63,8 |
| Химикатхо | 63,8 | 65,1 | 67,8 | 65,0 |
| Мошину вос. наклиёт | 59,5 | 65,6 | 67,6 | 65,0 |
| Металлхо | 56,3 | 56,9 | 58,1 | 61,0 |
| Молхои дигар | 72,2 | 73,9 | 72,9 | 67,5 |



Хусусияти мухими иштироки ин мамлакатхо дар ТБМ пеш аз хама рушди иктисодиро дар доираи худи ин зерсистемахо нишон медихад. Байни давлатхои тараккикарда алокамандии холати уфукй, селаи молу сармоя, технология вучуд дошта, он дар дохили чузъхои иктисодиёт, дар ду самт, ба амал меояд. Ин холатхо ба хамгироии байни мамлакатхо дар сатхи минтакавй мусоидат намуда, боиси тараккиёти ассиметрии (номувозинатй) системаи хочагии чахонй мегардад. Зерсистемаи мамлакатхои тараккикарда, кабл аз хама, ду зерсистемаи дигарро ба манфиати худ истифода мебарад.

### 9.9. Сиёсати иктисодии мамлакатхои тараккикарда

Дар мамдакатхои тараккикарда якбора ду холати ибтидоии ташкилй амал мекунад: танзими озоди бозорй ва максаднок (хусуси, олигополй, монополй ва давлатй). Онхо аз хамдигар бо методхои таъсирашон ба хочагй ва минтакаи таъсиррасониашон фарк мекунанд. Сиёсати икти-содй кисми таркибии сиёсати дохилй ва беруниашон буда, дар тараккиёти худ конуниятхои амалкунии системаи хочагиро ифода мекунанд. Сиёсати иктисодй максад ва воситахои ба дастории накшахоро ифода мекунад. Максадхои сиёсат асосй, стратегй ва чорй, конъюнктурй шуда метавонанд. Стратегия ва си ёсати иктисодй дар зери таъсири омилхои дохилию берунй, кабл аз хама, зери таъсири пешравихо дар кувваxои истехсолй, дарачаи таксимоти байналхалкии мехнат, чамъияткунонии истехсолот ва сармоягузорй, яъне шароитхои умумии истехсолотро муайянкунанда ташкил мeёбанд. Тағйиротхо дар тараккиёти чахон, чобачогузории кувваxои ичтимой-иктисодй ва сиёсй низ ахамияти мухим доранд.

Дар стратегияи иқтисодии солҳои 50-60-ум чор самт муайян шуда бу-данд, ки онҳо ба худ номи «чоркунҷаи маги»-ро гирифтанд. Онҳо бадаст-ории афзоиши муътадили иқтисодӣ, шуғли баланд, устувории нарх ва баробарвазнии баланси пардохтро пешбинӣ менамуданд. Самтҳои асосии сиёсати иқтисодӣ ба ақидаҳои Ҷ.М. Кейнс асос мекарданд.

Содҳои 50-60-ум афзоиши иқтисодӣ нисбати солҳои қаблина на танҳо суръатнок буд, балки хеле муътадил ҳам гардид. Дар ин давра ба иқтисодиёт 2 қувва - талаботи дохилӣ ва сиёсати зидди сиклӣ таъсир мерасониданд. Онҳо боиси баробарӣ дар ҳаракати сармоя гардиданд.

Таъмин намудани афзоиши иқтисодӣ вазифаи тақсимоти натиҷа-ҳои афзоишро ба миён гузошт. Дар аксарияти мамлакатҳо сиёсати таш-кили «давлати манфиати умум» пеш гирифта шуд, ки мақсади он ба та-моми аъзоёни ҷамъият хуқуқи гуногуни иҷтимоӣ додан буд. Инро бо ро-ҳи тақстмоти адолатонаи даромад ба даст овардан лозим буд. Некуаҳво-лии индивидуалӣ ба сифати яке аз масъалаҳои асосии тараққии иҷтимоӣ-иқтисодӣ ба миён гузошта шуд. Дар бисёр мамлакатҳо аксари захираҳо ба афзоиши некуаҳволии иҷтимоӣ равона карда шуданд. Ингуна сиёсат боиси тараққиёти иқтисодӣ дар солҳои 50-60-ум гардида, қисми асосии да-ромади аҳолӣ дар ин солҳо музди кор ва дигар намуди музддиҳӣ гардид.

Пайваст ба ин сиёсати «шуғли пурра» васеъ мегардид. Дар баъзе мамлакатҳо дараҷаи бекорӣ муқаррар карда шуд (дар ИМА 1-4 фоиз, дар дигарҳо 1-1,5 фоиз). Барномаи шуғл таъсиррасониро ба сифатнокии қувваи корӣ, баланд бардории таёрии маълумотнокӣ ва касбии аҳолиро низ пешбинӣ менамуд. Сиёсати «шуғли пурра» вазифаи сиёсиашро иҷро намуд.

Ба мақсади таъмин намудани тараққиёти иқтисодӣ ва иҷрои вазифаҳои иҷтимоӣ аксари мамлакатҳо ба роҳи банақшагирии иқтисодӣ гузаштанд. Ба нақшагирӣ якчанд қисматҳоро дар бар мегирифт. Инҳо пешгӯиҳои кутоҳ ва дарозмуддат, тартиб додани мақсад ва ба миёнгузории вазифаҳои калони иқтисодӣ, системаи чораҳои давлатӣ оиди ба амалбарории онҳо буданд. Ба нақшагирӣ ва пешгӯикуниҳо бештар дар Аврупои Ғарбӣ ва Ҷопон паҳн гардиданд.

Дар афзалияти сиёсати иқтисодӣ инқилоби илмию техникӣ мавқеи намоёнро ишғол намуд. Онро омили хеле муҳими афзоиши иқтисодӣ, қисми муҳими рақобатнокии



ширкатҳоро муайянкунанда меҳисобиданд. Пажуҳишгоҳҳо ва лабораторияҳои тадқиқотии давлатӣ, ширкатҳои давлатию нимдавлатии ба муассисаҳои тадқиқотӣ ёрирасону ҷорикунандаи навигариҳо ташкил карда шуданд. Солҳои 60-ум 50 фоизи ҳароҷотҳои илмию тадқиқотӣ ба ҳиссаи давлат рост меомад.

Умуман дар стратегия ва сиёсати умумихоҷагии мамлакатҳои тараққикарда дар солҳои 50-60-ум ба мӯътадилгардонии ҷойгиркунии захираҳо ва тақсимоти даромад ва умуман фаъолнокиҳои умумии иқтисодӣ аҳамияти якумдараҷа дода мешуд. Ба амалбарории ин мақсадҳо ба истифодаи воситаҳои сиёсати пулӣ, идоракунии талабот баҳри камкунии калавишҳои давраи фаъолияти корӣ алоқаманд буд.

Дар мамлакатҳои Аврупои Ғарбӣ ва Ҷопон буҷет дар кори банақшагирии иқтисодӣ нақши ҳалкунанда бозида, маблағгузории давлатӣ ва қарзии барои дар амал тадбиқ намудани барномаҳои иқтисодӣ зарур бударо таъмин намуданд.

Баробари пурзӯршавии ҳаракати байналхалқии сармоя сиёсати пулӣ бештар барои танзими қарзҳои беруна истифода бурда мешуд. Сиёсати буҷетӣ вазифаи таъмини назоратро аз болои талаботи дохилӣ иҷро менамуд. Байналмилаликунонии сармояи бонкҳо самараи сиёсати миллии пулиро суст намуд. Аксари мамлакатҳо сиёсати пулию буҷетиро барои танзими тараққиёти иқтисодӣ истифода мебурданд.

Дар рафти ба амалбарории «чоркунҷаи магӣ» мамлакатҳои ин-дустриявӣ ба натиҷаҳои назаррас ноил гардида, камшавии бекории ом-мавӣ, афзоиши бемайлони МУД ва савдои байналхалқиро ноил гаштанд.

Солҳои 80-ум дар сиёсати иқтисодии мамлакатҳои тараққикарда тағйиротҳо руй доданд. Назарияи монетаризм хеле паҳн гардид, ки ин натиҷаи якбора тезшавии беқурбшавии пул дар мамлакатҳои Ғарб дар солҳои 70-ум буд. Муносибатҳои бозорӣ набзи пурқувват пайдо намуда, чораҳои танзими анъанавии қувваи худро аз даст додан гирифтанд.

Монетаристҳо зиёдшавии баробари захираи пулро шарти асосии таъмини баробарии дохили мамлакат дониста, калавиши озоди курси асъориро шарти баробарвазнии беруна меҳисобиданд. Истифодаи кутоҳмуддати воситаҳои пулӣ нолозим ва ҳатто номумкин дониста мешуд. Солҳои 80-ум дар тамоми мамлакатҳои тараққикарда сиёсати сохторӣ

афзалиятнок ҳисобида мешуд, ки он тамоми қисматҳои иҷтимоӣ, илмӣ-техникӣ, сиёсати регионалиро ба мақсади ягона - баланд бардоштани рақобатнокӣ ва мустаҳкамкунии мавқеи ин ё он мамлакатро дар хоҷагии ҷаҳон тобеъ мекунонид.

Нақши воситаҳои танзим тағйир ёфт. Баҷои усули буҷетӣ-андозӣ усули қарзӣ-пулӣ ба ҷои аввал баромад. Амалиёти зидди беқурбшавии пул бо маҳдудкунии хароҷотҳои давлатӣ якҷоя мегузашт. Озодии қисматҳои хоҷагӣ зиёд карда шуд. Ҳисси андозҳо ба даромад паст карда шуд.

Яке аз аломатҳои асосӣ дар сиёсати иқтисодии солҳои 80-ум ғайридавлаткунонии моликияти давлатӣ ва маҳдудкуни мавқеи давлат буд. Дар тамоми мамлакатҳо ҳиссаи корхонаҳои давлатӣ дар истеҳсоли МУД аз 9 фоизи соли 1982, дар соли 1988 то ба 7 фоиз паст гардид. Дар Олмон, Шветсия, Англия хароҷотҳои давлатӣ аз дараҷаи солҳои 70-ум кам буд. Ҳиссаи музди кор паст шуда, дар ИМА соли 1970 61 фоиз даромади оилаҳоро музди кори сардори оила ташкил медод. Соли 1980 то ба 52 фоиз паст фаромад.

Сиёсати солҳои 80-ум оиди бозори меҳнат аз кӯшиши пурзӯркунии рақобатнокии иқтисодиёт бо роҳи аз кор дуркунии коргарони корашон каммаҳсул иборат буд. Ин боиси дар бозори меҳнат зиёдшавии пешниҳодот, нигоҳдории ҳосилнокии меҳнат гардид.

Ба амалбарории сиёсати иқтисодӣ дар ҷодаи баландбардории рақобатнокии хоҷагӣ ба хулосае овард, ки дараҷаи танзими давлатӣ аз дараҷаи муайян паст фаромада наметавонад.

### 9.10. Самти асосии сиёсати берунаи иқтисодӣ

Афзоиши тези алоқаҳои хоҷагии ҷаҳонӣ дар нимаи 2-ми асри XX боиси васеъ ва баландшавии нақши алоқаи берунаи иқтисодӣ гардиданд. Сабаби ин аз доираи сикаи муомилот берун шудану қариб тамоми рафти такрористеҳсолкуниро фаро гирифтани ҷараёни байналмилалигардонӣ буд. Барои аксари мамлакатҳои индустриалӣ алоқаҳои берунаи иқтисодӣ аз ҳолати итоатӣ ба ҳолати муайянкунанда сабзида расиданду рақобатнокии мамлакат, қобилияти беҳтаркунии мавқеи худ дар хоҷагии ҷоҳонӣ, ба дастории мавқеи нав омили ҳалкунанда гардид.



Самти сиёсати берунаи иқтисодӣ ба ҳалли вазифаҳои ба истифодаи фоидаи ТБМ алоқаманд нигаронида шуд. Бо ёрии он давлатҳо кӯшиш менамуданд, ки шароитҳои иқтисодию сиёсиро, ки сармояи миллиро ба мутобиқшавии тағйиротҳо дар бозори байналхалқӣ сабук менамуданд, таъмин намоянд.

Самти умумии сиёсати солҳои 50-60-ум дар системаи алоқаҳои беруна ҷойгиркунонии чор чизи асосӣ буд:

1) системаи пулии ба доллар асоскунанда;
2) системаи савдоии тарифӣ;
3) шабакаи шартномаҳо оиди ёрирасонӣ;
4) курси ба қайдгирифтаи асъорӣ.

Давлатҳо қувваи худро тадриҷан ба васеъкунии озодии гаъсири сармояи миллӣ дар бозори байналхалқӣ ва ҳавасмандкунии фаъолияти берунаи иқтисодӣ равона намуданд. Дар ҷодаи ҳаракати сармоя сиёсат ба васеъкунии бозорҳои ...одиротӣ, таъминкунии фиристонидани ашъёи хому захираҳои ...нергетикӣ, муҳаёкунии шароити аз ҳама беҳтари амали ...иқтисодӣ равона карда шуд. Ҳамаи мамлакатҳо ҷонибдори ...зодии ҳаракати сармоя буданд.

**Ду анъанаи солҳои 70-90-ум.** Мамлакатҳои тараққикарда ...ар ин давра мубталои бӯҳрони даврагӣ ва сохторӣ ва ...олоравии якбораи беқурбшавии пул буданд. Онҳо системаи ...оситаҳои кушоди ҳимояи бозори дохилиро дар соҳаи алоқаҳои ...оҷагии ҷаҳонӣ ҷорӣ намуданд.

Дар тӯли солҳои 80-90-ум ду анъана дар муносибатҳои ...қтисоди беруна равшан намудор гардиданд - протексионизм ва ...айронкунии танзим. Анъанаи аввал дар зиёдшавии монеаҳо, ...нъанаи дуюм дар соҳаи қарзу асъор зоҳир гардиданд. ...авассути ин дар сиёсати иқтисодии беруна духелагӣ зиёд ...ардид, ки он дар мақсадҳои эълоншуда ва чораҳои ба амал ...ароянда зоҳир гардид. Пайваста ба ин дар солҳои 90 сиёсати ...авдоии ин мамлакатҳо торафт аз сиёсати иқтисодиашон дуртар ...егардид.

Дар сиёсати иқтисодӣ муносибатҳои асъорӣ мақоми ...аркaзиро ишғол намуд, ки он ба рафти такрористеҳсолкунӣ ...аъсири калон дорад. Нақши доллари амрикоӣ дар ...униосибатҳои иқтисодии байналхалқӣ афзуд.

Дар маркази диққати сиёсати берунаи иқтисодии солҳои ...0 самти пурзӯркунии ҳамон бахшҳо меистод, ки онҳо ...обастагии дигар мамлакатҳоро муайян мекунанд. Сиёсати

берунаи иқтисодӣ вобаста ба ҳамин бо сиёсати сохторӣ якҷоя мешавад, ки он дар навбати худ бо мазмуни нав пур шуда, воситаи таъсири фаъол дар мавқеи мамлакатҳо дар тақсимоти байналхалқи меҳнат мегардад.

**Саволхо ва супоришхо:**

1. Амалиётҳои умумӣ ва фарқноки мамлакатҳои тараққикарда кадомҳоянд?
2. Тафовутҳои модул ва шаклҳои асосии тараққиёти иқтисодии мамлакатҳои тарақикардаро баён намуда, амали онҳоро дар мамлакатҳои алоҳида нишон диҳед.
3. Вазъияти бозори дохилӣ ва нақши он дар тарақиёти МУД чӣ гуна аст?
4. Нишондиҳандаҳои тарақии бозори дохилӣ кадомҳоянд?
5. Тафовути байни маблағгузориҳои бевосита ва портфелӣ кадомҳоянд.
6. Аломатҳои фарқноки сиёсати иқтисодии мамлакатҳои тарақикардаро то солҳои 50-60 ва дар солҳои 80-90 асри XX баён кунед.



# БОБИ X.
# МАМЛАКАТҲОИ РӮ БА ТАРАҚҚӢ ДАР ХОҶАГИИ ҶАҲОН
## 10.1. Тавсифи умумӣ

Ин зерсистемаи хоҷагии ҷаҳонро дар давраҳои гуногун ҳар хел ном мебурданд – мамлакатҳои «қафомонда», «озодшуда», «сусттараққикарда». Даҳсолаҳои охир онҳоро «мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ», «мамлакатҳои рӯ ба инкишоф» меноманд. Шумораи онҳо хеле зиёд (4/5 тамоми мамлакатҳои ҷаҳон) мебошад, ки дар онҳо беш аз 77% аҳолии сайёра зиндагонӣ мекунанд. Вазъи иҷтимоӣ-иқтисодиашон қафомонда буда, он ба қисми зиёди аҳолии дунё таъсир расонидааст. Ба ин зерсистема тамоми мамлакатҳои Осиё (ғайри Ҷопон), тамоми мамлакатҳои Африко (ғайр аз ҶАҶ) ва мамлакатҳои Америкаи Лотинӣ мансубанд. Аломати хоси назарраси ин мамлакатҳо симои хеле гуногуни тараққиёт, шароитҳо ва боигариҳои табиии мухталиф мебошанд. Вобаста ба ин, як қатор аломатҳои дигари монанд онҳоро ба гурӯҳи мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ муттаҳид кардаанд. Умумияти ин аломатҳо решаи таърихӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ дорад.

Аломатҳои асосии мамлакатҳои рӯ ба тараққиро чунин ифода намудан мумкин аст:

1. Дар симои имрӯзаи аксари ин мамлакатҳо нақши тараққиёти таърихашон, ки он ба гузаштаи мустамликавию ниммустамликавии онҳо алоқаманд аст, намудор аст. Аксари мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ солҳои 50-60-уми асри XX истиқлолият ба даст овcovered. Мамлакатҳои Америкаи Лотинӣ бошад, дар нимаи авали асри XIX ба он ноил шуданд.
2. Дар ин зерсистема то имрӯз қувваҳои истеҳсолкунандаи гуногун – то индустриявӣ, индустриявӣ бо ҳам амал мекунанд. Тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодиашон суст мегузаранд.
3. Гуногуншаклии қувваҳои истеҳсолӣ боиси мавҷудияти сохтори иҷтимоӣ-иқтисодии гуногунтарзӣ гардидааст. Гуногунсохторӣ аз мавҷудияти як қатор бахшҳои хоҷагӣ иборат буда, онҳо ба шакли истеҳсолотҳои патриархарӣ-обшинагӣ, майдамолӣ, кооперативӣ ва монополистӣ амал мекунанд. Алоқаҳои хоҷагии байни ин шаклҳо маҳдуд аст.

Шаклҳои гуногун ду бахши алоҳида – анъанавӣ ва ҳозиразамонро ташкил доданд.

4. Тараққиёти суст ва қафомонӣ аломати хоси мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ буда, сусттараққигӣ дар якхела набуданӣ сифат ва аз нигоҳи услуб бетартиб будани ҷамъияти аз институтҳои мухталифи иқтисодию ғайриқтисодӣ иборат буда, зоҳир гардидааст. Қафомондагӣ вазъи хоҷагии ин мамлакатҳоро нишон медиҳад ва дар дараҷаи пасти тараққиёти омилҳои истеҳсолот ифода меёбад.
5. Қафомонӣ вобаста будани ин мамлакатҳоро ба олами тараққикарда нишон медиҳад. Тараққиёти иқтисодии мамлакатҳоро на талаботи худашон, балки манфиати метрополияҳо муайян мекунад.
6. Мамлакатҳои рӯ ба тараққиро аз мамлакатҳои тараққикарда сохтори иҷтимоии ҷамъиятӣ фарқ мекунонад. Сохтори иҷтимоии мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ аз синфҳо, ғайрисинфҳо (ахлоқӣ, динӣ, табақагӣ ва ғ.) ва буруназсинфӣ (табақаи алоқаҳои танзимиро бо истеҳсоли ҷамъиятӣ гумкарда) иборатанд.
7. Мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ то ҳол шакли обшинагии иҷтимоиётро барҳам надодаанд.

Мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ ҳамчун мавҷудиёти махсуси иҷтимоӣ-иқтисодӣ зери таъсири хоҷагии ҷаҳонӣ то рафт дигаргун шуда, аз ҷиҳати дараҷаи тараққиёт гуногундараҷа мебошанд.

Дар байни онҳо мамлакатҳои содиркунандаи нафт зергурӯҳи устувори муваффақияти назаррас ба даст оварда мебошанд. Муҳандисон, кадрҳои илмӣ-техникӣ, коргарони касбноки хориҷаро ҷалбкунон, таҷҳизотҳои ҳозиразамонро истифода бурда, онҳо тавонистанд, ки сохтори хоҷагии худро дигар кунанду сатҳи зиндагӣ ва маълумоти аҳолии худро боло бардоранд.

Миқдори зергурӯҳи мамлакатҳои нави индустриявӣ (МНИ) то рафт меафзояд. То миёнаи солҳои 80-уми асри XX ба ин зергурӯҳ фақат мамлакатҳои хурду миёна мансуб буданд. Сохтори ин зергурӯҳ ва ҳиссаи он дар хоҷагии ҷаҳон, баробари аз ҷониби Аргентина, Бразилия, Мексика, Ҳиндустону Покистон фаъолона гузаронидани сиёсати содироти саноатӣ тағйир ёфт.



Вале дар мамлакатҳои сусттараққикарда акси ин ҳол мушоҳида карда мешавад. Ин мамлакатҳо дорои беш аз 500 млн. нафар аҳолӣ буда, аксаришон дар Тропикаи Африқо ҷойгиранд. Ин мамлакатҳо дараҷаи аз ҳама пасти даромад (ба ҳар сари аҳолӣ)-ро доро буда, ба ҳиссаи саноаташон то 10-13% МУД рост меояд. Нишондиҳандаи иҷтимоияшон хеле паст мебошад.

Ин мамлакатҳоро ба хоҷагии ҷаҳон содироти маҳсулоти анъанавӣ, асосан махсулоти кишти тропикӣ, маъдан алоқаманд мегардонад. Дар баробари ин, ҳаҷми содироти берунаи мамлакатҳои қафомондаи Африқо дар тӯли солҳои 1970-1999-ум, зери таъсири рақобати ҳамин гуна молҳои дигари мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ, қариб 50% кам шудааст. Кӯшиши онҳо бахри аз ҳисоби васеъкунии содирот пӯшонидани кусури нархҳои пастшуда боиси «афзоиши вайронкунанда (харобкунанда)», пурзӯршавии монотахассусӣ ва боз ҳам зиёдшавии вобастагии онҳо аз вазъи бозори ҷаҳонӣ мегардад.

Дараҷаи пасти ҳамгироияшон дар хоҷагии ҷаҳон боиси оддигардонии хоҷагии онҳо, табиикунонии шакли муомилот гардида, ба пайдоиши усулҳои бозорӣ халал мерасонад.

Тараққиёти нобаробари иҷтимоӣ-иқтисодӣ қисман аз давраи мустақилшавӣ мерос мондааст. Васеъшавии истеҳсолоти саноатӣ дар метрополияҳо боиси дар мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ афзудани саноати истихроҷ гардид. Зеро фоизи ками маъдан метрополияҳоро маҷбур намуд, ки саноати истихроҷро дар шафати захираҳо созанд.

Соли 1938 дар 12 мустамлика ва қаламравҳои тобеъ 73,3% саноати мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ ҷойгир карда шуда буд.

Ҷадвали 10.1

**Динамикаи МУД бар ҳар сар аҳолӣ**
(ба ҳисоби миёна дар як сол, %)

| Мамлакат ва минтақа | 1975-1990 | 1991-2000 | МУД ба ҳар сар аҳолӣ, долл. |
|---|---|---|---|
| Ҳамаи мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ | 1,7 | 3,3 | 1250 |
| Мамлакатҳои Араб | 0,1 | 0,5 | 2220 |
| Шарқи Осиё | 7,1 | 7,1 | 1140 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| Америкои Лотинӣ | 0,1 | 1,9 | 3830 |
| Ҷануби Осиё | 1,6 | 3,6 | 490 |
| Тропикаи Африқо | -0,9 | -0,4 | 530 |

Ба тағйиротҳои вазъи иқтисодии мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ омилҳои мухталиф таъсиррасонанд. Инҳо фаъолият дар микёси хоҷагии миллӣ, мавҷудияти захираҳои минералӣ, муносибат ба баамалбарории стратегияи тараққиёт, шароити савдои байналхалқӣ, вазъияти демографӣ, бори гарони қарзи беруна мебошанд.

Ин мамлакатҳо модулҳои ҳархелаи тараққиёти иқтисодиро истифода бурда, бо роҳҳои мухталиф тараққӣ мекарданд. Афзоиши баланди тараққиётро меъёри баланди ғункунӣ, истифодаи технологияи ҳозиразамон, ҳосилнокии баланди меҳнат таъмин намуданд.

Барои баъзе мамлакатҳо вазъи геополитикӣ нақши муҳим бозид. Алалхусус солҳои 50-70-уми асри XX Малайзия, Тайланд, Тайван, Кореяи Ҷанубӣ дар мубориза ба муқобили тобеиализм нуқтаи такягоҳ буданд. Дар ин мамлакатҳо тартиботи диктаторӣ ё ба ҳамин монанд ҳукмрон буд ва аз ин рӯ онҳо дар маркази манфиатҳои иқтисодии мамлакатҳои Ғарб буданд. Ба ҳиссаи онҳо қариб нисфи сармояи қарзии барои мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ ҷудо кардашуда рост меомад.

Мавқеи ҳархела доштани мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ дар таснифи онҳо ба гурӯҳҳои муайян ифода меёбад. Барои таснифи онҳо ченакҳои мухталифро истифода бурдаанд: мавқеи географӣ (минтақау субминтақаҳо), дараҷаи истеҳсолоти саноатӣ ва ҳиссаи он дар содирот, дараҷаи тараққиёти иқтисодиёт, қобилияти худтараққикунӣ.

Имрӯз чунин таснифи мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ маълум аст:

Мамлакатҳои нави индустриявӣ (МНИ), ки мамлакатҳоти нисбатан дараҷаи баланди тараққиёт доштаро дар бар мегираду онҳо аз рӯи сохтори бахши саноатӣ бисёрсоҳаанд. Соҳаи пешсафи хоҷагиашон саноати маснуоти серсоҳа асту содироташонро молҳои тайёри саноатӣ ташкил медиҳанд. Дар ин гурӯҳ раванди ҷамъкунии сармоя ва истеҳсолот, ташкилёбии сармояи молиявӣ, пайдоиши ШФМ дар авҷ аст.



Аз нигоҳи дараҷаи тараққиёти иқтисодӣ мамлакатҳои рӯ ба тараққиро ба се гурӯҳ ҷудо кардаанд: мамлакатҳои дараҷаи баланд, миёна ва пасти даромаднок. Мамлакатҳои содир ва воридкунандаи нафт, дараҷаи баланди қарзро низ фарқ мекунанд. Мамлакатҳои дараҷаи миёнаву баланди даромаднокӣ дошта нисбатан кам буда, даромаднокиашон аз 750 долл. зиёд аст.

Гурӯҳи махсусро мамлакатҳои аз ҳама қафомонда ташкил додаанду СММ 48 мамлакати ҷаҳонро ба ин гурӯҳ мансуб донистаанд, ки 33 тои онҳо дар Африқо ҷойгир мебошанд. Дар онҳо 10,3% аҳолии ҷаҳон зиндагӣ мекунанд, онҳо фақат 0,6% маҳсулоти ҷаҳонро истеҳсол мекунанд. 73% қувваи кориашон дар кишоварзӣ шуғл дорад, 38% МУД ба ҳиссаи хоҷагии қишлоқ рост меояд.

Ҳамин тариқ, зерсохтори мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ ду гурӯҳи аз нигоҳи дараҷаи тараққиёти иқтисодӣ мухолиф – МНИ ва мамлакатҳои аз хама қафомондаро дар бар гирифтааст.

## 10.2. Нақши давлат дар иқтисодиёт

Барои аксар мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ иштироки фаъоли давлат дар иқтисодиёт хос аст. Қафомонӣ, норасоии доимии захираҳои пулӣ, вобастагии яктарафа аз хоҷагии ҷаҳон, зарурияти ҷалбкунии сармояи хориҷӣ бахри дигаргунсозиҳои иқтисодӣ нақши давлатро ба таври объективона пурзӯр намуданд. Ҳиссаи давлат дар МУД, ба ҳисоби миёна, 11% буд. Давлат таъсири худро дар соҳаи иҷтимоӣ низ зиёд намуд.

Пурзӯркуни мақоми иқтисодии давлатро нақшаи дурнамо, ки дар бисёр мамлакатҳо қабул карда шуда буданд, мусоидат намуданд. Тӯли солҳои 1950-1980 беш аз 300 нақша тасдиқ карда шуда буд. Вале на ҳамаи онҳо амалӣ гардиданд. Дар баробари ин, баъзеи ин мамлакатҳо, мисли Ҳиндустон, то ҳол нақшаҳои 5-соларо ба амал мебароранд, ки онҳо боиси афзоиши саноат ва инфраструктура мегарданд.

Дар мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ бо мақсади мустаҳкам намудани буҷети давлатӣ ва беҳтаркунии идоракунии корхонаҳо, ғайридавлатикунонӣ гузаронида шуд. Вале миқдори пули он аз миқдори чашмдошт кам буд. Сабаби асосиаш будани сармояи маҳаллӣ ва кам будани маблағгузории хориҷӣ мебошад.

### 10.3. Ғункунии сармоя

Баландбардории ҳиссаи ғункунӣ дар МУД шарти зарурии тезонидани тараққиёт аст. Ин ҳолатро дар мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ маҳдудияти захираҳои дохилӣ ва зарурияти дар як вақт ҳал намудани вазифаҳои сармояталаб мушкил мегардонанд. Бо вучуди ин, аксари мамлакатҳо ҳиссаи ғункуниро дар МУД аз 15-17%-и соли 1950 то ба 30% дар соли 1990 расониданду вале дар мамлакатҳои қафомонда аз 15% боло нашуд. Ба афзоиши ҳиссаи ғункунӣ дар МУД дарачаи баланди беқуршавии пул (36% дар солҳои 80-ум) монеъ мешуд. Ба дарачаи ғункунӣ камшавии даромад аз содирот (тавассути камшавии талабот дар бозори чаҳонӣ) низ таъсири манфӣ расонид.

### 10.4. Дарачаи некӯаҳволии мардум

Дар мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ масъалаи ичтимоӣ тезу тунд мешавад, ки яке аз сабабҳои он баланд будани дарачаи афзоиши аҳолӣ аст (ба ҳисоби миёна 1,9% дар як сол). Барномаҳои камкунии таваллуд дар аксари мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ пурра натичаи дилхоҳ надоданд (ғайр аз Чин). Дар баробари ин, ислоҳоти аграрии номунтазами пай дар ҳам ва истифодаи техникаи ҳозира аз кишоварзӣ озодшавии қувваи кориро тезонида, боиси зиёдшавии урбанизатсия гардиданд. Шаҳрҳо бошанд, миқдори зиёди аҳолиро бо чои кор таъмин карда наметавонанд. Тавассути ин армияи бекорон то рафт афзуда, аз 25 то 38% аҳолии қобили меҳнатро ба доми худ кашидааст, ки ин ба 1 млрд. кас баробар аст.

Қисми зиёди аҳолии мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ камбағаланду аксаран дар деҳот истиқомат мекунанд. Дар Гана, Кения, Ҳиндустону Тайланд 80% аҳолии деҳот камбизоатанд. Дар ин мамлакатҳо 31% аҳолӣ дар як рӯз даромади камтар аз як долларро доранд. Дар Тропикаи Африқо ин нишондиҳанда ба 48%, дар Ҳиндустон ба 52,5% баробар аст. Даромад нобаробар тақсим шудааст. Бекории оммавӣ, камбағалӣ ва қашшоқии аҳолӣ талаботи пардохтии дохилиро маҳдуд намуда, боиси пастшавии истеҳсолот мегардад.

### 10.5. Муҳимияти савдои беруна

Тараққиёти иқтисодии мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ ба хочагии чаҳон вобастагии зич дорад. Ҳамгироӣ ва тадричан ғулобаликунонии хочагии чаҳон зарурияти зиёдкунонии



кушодагии хочагиҳои миллиро пурзӯр менамояд. Иштирок дар савдои чаҳонӣ яке аз шартҳои зарурии ба дасторҳои захираҳои молиявӣ ва технологӣ баҳри таъмини афзоиши иқтисодӣ мебошад. Савдои берунаи мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ симои афзоиши баланд ва таъғироти муҳими сохтори молӣ дорад. Аломати сифатан нави содироти онҳо афзоиши ҳиссаи маҳсулоти тайёри саноатӣ мебошад. Дар география савдои берунаи онҳо низ пешравиҳо назарасанд. Яке аз аломатҳои он вассеъшавии ҳачми савдои байниҳудии мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ аст. Аз охири солҳои 80-уми асри XX ин чониб ин мамлакатҳо аз рӯи афзоиши суръати савдои беруна аз олами тараққикарда пешанд.

Самаранокии содироти ашёи хом то рафт камтар шуда истодааст. Зеро камшавии энергия-, масолеҳ-, ва меҳнатталабии истеҳсолот, паҳншавии масолеҳи синтетикӣ, самаранокии баланди бахши аграрӣ дар мамлакатҳои тараққикарда талаботро ба молҳои ашёи хом (маҳсулотҳои кишоварзию саноати истихроч) кам намуданд. Ҳиссаи ин молҳо дар савдои чаҳонӣ аз 34%-и соли 1970 дар охири солҳои 90-ум то ба 20% паст фаромад. Тавассути ин нархи аксари намудҳои ашёи хом дар бозори чаҳонӣ паст шуд ва ин анъана бардавом аст.

Нархҳои ҳақиқии ашёи хоми энергетикӣ аз солҳои 50 то 90-уми асри XX паст шуданд. Нархи молҳои тайёр дар давраи солҳои 1980-1998 10,5 баробар афзуда, нархи ашёи хом, сӯзишворӣ ва хӯрока 12% паст шуда аст.

Кӯшиши мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ дар чодаи пур намудани чои даромади аз даст рафта (тавассути пастшавии нархҳо дар бозори чаҳонӣ) аз ҳисоби зиёдкунии ҳачми истеҳсолу содироти ашёи хом боиси «афзоиши харобкунанда», яъне боиси минбаъд пастшави нарх ва дар охир камшавии даромад мегардад. Содироти молҳои саноатӣ калиди тараққиёт аст. Ҳамаи ҳолатҳои баёншуда кӯшиши мамлакатҳои рӯ ба тараққиро баҳри афзунгардонии содироти молҳои тайёр зиёд намуда, бо ҳамин мавқеи худро дар хочагии чаҳон мустаҳкам мегардонанд. Ин мамлакатҳо ҳиссаи худро дар содироти саноатии чаҳонӣ аз 6%-и соли 1950 дар соли 1995 ба 24,3% дар соли 2000 ба 29,8% расониданд.

Мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ дар чодаи содироти молҳои тайёр ба монеаҳои гуногун дучор мегардиданд, ки ин монеаҳо дар якчоягӣ «неопротексионизм» ном гирифтааст. Мамлакатҳои

## 10.3. Ғункунии сармоя

Баландбардории ҳиссаи ғункунӣ дар МУД шарти зарурии тезонидани тараққиёт аст. Ин ҳолатро дар мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ маҳдудияти захираҳои дохилӣ ва зарурияти дар як вақт ҳал намудани вазифаҳои сармояталаб мушкил мегардонанд. Бо вуҷуди ин, аксари мамлакатҳо ҳиссаи ғункуниро дар МУД аз 15-17%-и соли 1950 то ба 30% дар соли 1990 расониданду вале дар мамлакатҳои қафомонда аз 15% боло нашуд. Ба афзоиши ҳиссаи ғункунӣ дар МУД дараҷаи баланди беқуршавии пул (36% дар солҳои 80-ум) монеъ мешуд. Ба дараҷаи ғункунӣ камшавии даромад аз содирот (тавассути камшавии талабот дар бозори ҷаҳонӣ) низ таъсири манфӣ расонид.

## 10.4. Дараҷаи некӯаҳволии мардум

Дар мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ масъалаи иҷтимоӣ тезу тунд мешавад, ки яке аз сабабҳои он баланд будани дараҷаи афзоиши аҳолӣ аст (ба ҳисоби миёна 1,9% дар як сол). Барномаҳои камкунии таваллуд дар аксари мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ пурра натиҷаи дилхоҳ надоданд (ғайр аз Чин). Дар баробари ин, ислоҳоти аграрии номунтазами пай дар ҳам ва истифодаи техникаи ҳозира аз кишоварзӣ озодшавии қувваи кориро тезонида, боиси зиёдшавии урбанизатсия гардиданд. Шаҳрҳо бошанд, миқдори зиёди аҳолиро бо ҷои кор таъмин карда наметавонанд. Тавассути ин армияи бекорон то рафт афзуда, аз 25 то 38% аҳолии қобили меҳнатро ба доми худ кашидааст, ки ин ба 1 млрд. кас баробар аст.

Қисми зиёди аҳолии мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ камбағаланду аксаран дар деҳот истиқомат мекунанд. Дар Гана, Кения, Ҳиндустону Тайланд 80% аҳолии деҳот камбизоатанд. Дар ин мамлакатҳо 31% аҳолӣ дар як рӯз даромади камтар аз як долларро доранд. Дар Тропикаи Африқо ин нишондиҳанда ба 48%, дар Ҳиндустон ба 52,5% баробар аст. Даромад нобаробар тақсим шудааст. Бекории оммавӣ, камбағалӣ ва қашшоқии аҳолӣ талаботи пардохтии дохилиро маҳдуд намуда, боиси пастшавии истеҳсолот мегардад.

## 10.5. Муҳимияти савдои беруна

Тараққиёти иқтисодии мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ ба хоҷагии ҷаҳон вобастагии зич дорад. Ҳамгироӣ ва тадриҷан гулобаликунонии хоҷагии ҷаҳон зарурияти зиёдкунонии



кушодагии хоҷагиҳои миллиро пурзӯр менамояд. Иштирок дар савдои ҷаҳонӣ яке аз шартҳои зарурии ба дастории захираҳои молиявӣ ва технологӣ баҳри таъмини афзоиши иқтисодӣ мебошад. Савдои берунаи мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ симои афзоиши баланд ва таъғироти муҳими сохтори молиро дорад. Аломати сифатан нави содироти онҳо афзоиши ҳиссаи маҳсулоти тайёри саноатӣ мебошад. Дар география савдои берунаи онҳо низ пешравиҳо назарасанд. Яке аз аломатҳои он вассеъшавии ҳаҷми савдои байнихудии мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ аст. Аз охири солҳои 80-уми асри XX ин ҷониб ин мамлакатҳо аз рӯи афзоиши суръати савдои беруна аз олами тараққикарда пешанд.

Самаранокии содироти ашёи хом то рафт камтар шуда истодааст. Зеро камшавии энергия-, масолеҳ-, ва меҳнатталаби истеҳсолот, паҳншавии масолеҳи синтетикӣ, самаранокии баланди бахши аграрӣ дар мамлакатхои тараққикарда талаботро ба молҳои ашёи хом (маҳсулотҳои кишоварзию саноати истихроҷ) кам намуданд. Ҳиссаи ин молҳо дар савдои ҷаҳонӣ аз 34%-и соли 1970 дар охири солҳои 90-ум то ба 20% паст фаромад. Тавассути ин нархи аксари намудҳои ашёи хом дар бозори ҷаҳонӣ паст шуд ва ин анъана бардавом аст.

Нархҳои ҳақиқии ашёи хоми энергетикӣ аз солҳои 50 то 90-уми асри XX паст шуданд. Нархи молҳои тайёр дар давраи солҳои 1980-1998 10,5 баробар афзуда, нархи ашёи хом, сӯзишворӣ ва хӯрока 12% паст шуда аст.

Кӯшиши мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ дар ҷодаи пур намудани ҷои даромади аз даст рафта (тавассути пастшавии нархҳо дар бозори ҷаҳонӣ) аз ҳисоби зиёдкунии ҳаҷми истеҳсолу содироти ашёи хом боиси «афзоиши харобкунанда», яъне боиси минбаъд пастшави нарх ва дар охир камшавии даромад мегардад. Содироти молҳои саноатӣ калиди тараққиёт аст. Ҳамаи ҳолатҳои баёншуда кӯшиши мамлакатҳои рӯ ба тараққиро баҳри афзунгардонии содироти молҳои тайёр зиёд намуда, бо ҳамин мавқеи худро дар хоҷагии ҷаҳон мустаҳкам мегардонанд. Ин мамлакатҳо ҳиссаи худро дар содироти саноатии ҷаҳонӣ аз 6%-и соли 1950 дар соли 1995 ба 24,3% дар соли 2000 ба 29,8% расониданд.

Мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ дар ҷодаи содироти молҳои тайёр ба монеаҳои гуногун дучор мегардиданд, ки ин монеаҳо дар якҷоягӣ «неопротексионизм» ном гирифтааст. Мамлакатҳои

тараққикарда, дар баробари боҷи воридотӣ, квота, аксизҳо, маҳдудиятҳои ғайритарифиро (системаи лицензияи сифат ва амнияти маҳсулот, мувофиқати санитарӣ-гигиенӣ ба стандарт ва ғайра) ба кор мебаранд.

Норасогии захираҳои молиявии дохилӣ, зарурияти истифодаи донишҳои ҳозира дар рафти тараққиёт боиси талабот ба ҷалбкунии сармояи хориҷӣ гардиданду ҳаҷми он ба 1,5-2 трлн. долл. расидааст. Маблағгузории хориҷӣ узви асосии стратегияи тараққиёт чи дар намуди ёрии давлатӣ ва чи дар намуди сармояи хусусии хориҷӣ гардидааст.

Дар ҷамъи маблағгузории бевоситаи дар ҷаҳон ғуншуда фақат 20% ба мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ рост меояд. Ҷараёни солонаи сармояи хусусии хориҷӣ аз 18 млрд. доллари солҳои 1986-1991 дар солҳои 1997 ба беш аз 67 млрд. долл. расид. Маблағгузории бевоситаи хориҷӣ дар мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ нобаробар тақсим шудааст. 80% асосии вай дар мамлакати Амрикои Лотинӣ, Ҷануб ва Ҷанубу Шарқии Осиё ҷамъ оварда шудааст.

Сармояи портфелӣ асосан дар мамлакатҳои рӯ ба тараққии пешсаф ҷой дода мешавад. Солҳои пеш аз бӯҳронӣ ҳаҷми он дар МНИ-и Ҷанубу Шарқии Осиё 3,4% МУД-и ин мамлакатҳоро ташкил медод.

### 10.6. Қарзи берунаи мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ

Норасогиҳои доимии захираҳои дохилӣ, салдои манфии баланси савдои беруна ва норасогии буҷет боиси зарурияти қарзгирии дарозмуддат гардиданд. Дар ибтидо қарздиҳандагони асосӣ давлатҳои тараққикарда, ташкилотҳои молиявии байналхалқӣ (ФВҶ, БУҶ), Бонкҳои байналхалқӣ, минтақавӣ буданду онҳо қарзро бо фоизи паст (баҳри ба амал барории лоиҳаҳои мушаххас) медоданд. Вазъият зери таъсири «буми» нафтӣ (солҳои 70) дигар шудан гирифт, ки он замон нархи нафт 10 баробар афзуда буд. Тавассути ин, даромади мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ як чанд баробар афзуда, хароҷоти аксари мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ (нафтворидкунандагон) барои воридоти сузишворӣ афзуд, ки ин боиси тезу тундшавии норасогии пардохт ва афзоиши манбаи қарзи беруна гардид. Бонкҳои ғарб имконият пайдо намуданд, ки фоизи меъёрро боло бардоранд. Аз соли 1973 то соли 1982 қарзи мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ аз 130 млрд. то 700 млрд. долл. расид ва



имкониятҳои маҳдуди содироти онҳо ба баргардонидани қусури бойдоданиҳо имкон надоданд. Пардохти қарзи берунаи доим афзоянда қарзгирии навро тақозо намуд. Қарз, ки соли 1975 8% МУД-и мамлакатҳои рӯ ба тараққиро ташкил дода буд, охири солҳои 80 ба 28-30% расида, фақат солҳои 90-ум паст шудан гирифт (соли 1991 - 38,6%, 1995 – 36,4, 1997 – 31,6% ва 1998 – 32,6%). Дар мамлакатҳои алоҳида қарз нисф ва ҳатто зиёдтари МУД-ро ташкил дод: дар Мексика - 63%; Филипинҳо – 66%; Венесуэла 51%; Аргентина 49%; дар мамлакатҳои қафомондатарин ба 70% наздик шуд.

Ҳаҷми қарзи берунаи олами рӯ ба тараққӣ ибтидои солҳои 90-и асри XX ба беш аз 1,3 трлн., соли 1995 ба 1,7 трлн. ва соли 1998 ба 1,84 трлн. долл. расид.

Вазъияти ноустувор давлатҳои қарздорро водор намуд, ки бо иштироки фаъоли ФБВ баҳри ҷустуҷӯи роҳи халосшавӣ аз бӯҳрони қарз ба гуфтугушунид оғоз намоянд. Тавассути ин соли 1998 бо клуби Париж созишнома ба даст оварда шуд, ки ин созишнома азнавсозии сохтори қарзи байналхалқиро пешбинӣ намуда, мӯҳлати пардохти қарзро 2-5 сол дароз намуд (то соли 2003). Бонкҳои тиҷоратӣ дар доираи «нақшаи Брейди» (соли 1989) розӣ буданд, ки аз 75 то 100% қарзро гузар кунанд (қабл аз ҳама мамлакатҳои қафомондатарини Африқо) ФБВ ва БУҶ гаравгони пардохти боқимондаи қарзҳо баромад карданд.

Ҳамин тариқ, қатъи назар аз мушкилию зиддиятҳои афзоиш, стратегияи нопайдарпаи иҷтимоӣ-иқтисодӣ, мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ дар тараққиёти миллӣ пешравиҳои муҳим ба даст оварда, мавқеи худро дар иқтисодиёти ҷаҳон беҳтар намуданд. Ҳиссаашон дар истеҳсоли ҷаҳонии МУД аз 22%-и соли 1950 дар соли 1996 то ба 31% расид. Суръати афзоиши МУД дар ин мамлакатҳо даҳсолаҳои охир нисбат ба олами тараққикарда зиёд буд, вале аз нигоҳи ба ҳар сар аҳолӣ чунин пешравӣ дар аксари онҳо дида нашуд.

Истеҳсоли саноатӣ аз 7-8%-и солҳои 50-ум дар соли 1970 ба 12%, дар солҳои 90-ум ба 24%-и истеҳсолоти саноатии ҷаҳон расид. Дуруст аст, ки афзоиш асосан дар мамлакатҳои Шарқ ва Ҷанубу Шарқии Осиё ба амал омада, дар мамлакатҳои Тропикаи Африқо ва Амрикои Лотинӣ қариб дар дараҷаи пешина буд. Мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ мавқеи худро дар истеҳсоли газвор, либоси тайёр (38%-и истеҳсоли ҷаҳонӣ), чарму муина (43%), тамоку (40%) пурзӯр намуданд. Тараққиёти

сохтори нави истеҳсолӣ – воситаҳои нақлиётӣ, электронӣ, прокат, нурии химиявӣ, коркарди нафт барояшон аломати муҳим буд.

Вале суръати афзояндаи глобаликунӣ ва паҳншавии комёбиҳои илму техника рақобатро дар бозори ҷаҳонӣ тезу тунд намуда, афзалияти нисбии саноати ин мамлакатҳоро суст мегардонад. Ба ин қабл аз ҳама қувва кории арзон мансуб аст.

Дар сектори аграрӣ, ки аксари аҳолӣ дар он машғул аст, тағиротҳо низ гуногунанд. Норасогии хӯрокворӣ вуҷуд дорад. Аҳолии мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ 4/5 ҳиссаи аҳолии ҷаҳонро ташкил додаасту вале онҳо ҳамагӣ 1/3 хӯрокаи ҷаҳонро истеҳсол мекунанд. Дар содироти ҷаҳонии хӯрока ҳиссаи ин мамлакатҳо аз 30%, дар воридот аз 26% беш нест.

Дар соҳаи кишоварзӣ як қатор мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ ба пешравӣ ноил гардиданд. Ҳиндустону Покистон «инқилоби сабз»-ро истифода бурда (агротехникаи беҳтар, навъҳои селексионии тухмӣ), худро бо ғалладона таъмин намуданд. Вале мамлакатҳои Тропикаи Африқо давра ба давра аз норасогии маҳсулоти хӯрока азият мекашанд (аз илати зиёд будани афзоиши табиии аҳолӣ – ба ҳисоби миёна 2,8% дар як сол), пастҳосилӣ, фалокатҳои табиӣ низ сабабгоранд.

Барои соҳаи хизмати ин мамлакатҳо паҳншавии оммавии намудҳои анъанавии хизмат, асосан бизнесҳои хурду хурдтарин ва маҳдудияти бахши молиявӣ-қарзӣ хос аст. Суръати баланди афзоиши МУД дар мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ тафовутҳои сифатиро дар дараҷаи даромад ба ҳар сар аҳолӣ бо мамлакатҳои тараққикарда барҳам дода натавонист. Нишондиҳандаи он ба ҳисоби миёна қариб 2,4 ҳазор доллар (барои аксари онҳо), 24,9 ҳазор доллар (барои тараққикардаашон)-ро ташкил дод.

Бекорию қашшоқии омавӣ вуҷуд дорад. Умуман мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ ҳамчун умумияти муайян дар хоҷагии ҷаҳонӣ, қафомониро бартараф карданд.

**Саволҳо ва супоришҳо:**

1. Умумият тафовути мамлакатҳои рӯ ба тараққиро номбар кунед.
2. Самтҳои асосии тараққиёти ин мамлакатҳо кадомҳоянд?



3. Чаро нақши давлат дар ин мамлакатҳо калон аст?
4. Афзоиши зиёди аҳолӣ ба тараққиёти иқтисодӣ чӣ гунна таъсир мерасонад?
5. Ҳолати ғункуниро чӣ халалдор кардааст?
6. Сабабҳои эҳтиёҷмандии мамлакатҳои рӯ ба тараққиро ба сармояи хориҷӣ номбар кунед?
7. Сабабҳои пешравии МНИ кадомҳоянд?
8. Роҳҳои ҳалли проблемаҳои қафомонӣ кадомҳоянд?

# БОБИ XI.
# МАМЛАКАТҲОИ БА ИҚТИСОДИЁТИ БОЗОРӢ ГУЗАРАНДА
## 11.1 Тавсифи умумӣ

Мамлакатҳои ба иқтисодиёти бозорӣ гузарандаро зерсистемаи ҷавонтарини хоҷагии ҷаҳонӣ номидаанд. Зеро аксарияти онҳо аз ибтидои солҳои 90-уми асри XX сар карда аз иқтисодиёти маъмурӣ-фармондиҳӣ ба иқтисодиёти ҳозираи бозорӣ мегузаранд, ки рафти он ислоҳотҳои системавиро ба амал мебарорад. Ба амал барории ин гуна ислоҳот дар ҳар давра, чӣ дар соҳаҳои иқтисодиёти дохилӣ ва чӣ дар соҳаҳои иқтисодиёти беруна бо роҳҳои гуногуну ба худ хос ба амал меоянд.

Ҳаёт нишон дод, ки системаи хоҷагидории маъмурӣ-фармондиҳӣ дигар қудрати камолот надорад ва ба ҳосилнокии меҳнату сатҳи зиндагии мардум, ки ин ду чиз ченаки асосии самаранокии системаи иҷтимоӣ-иқтисодианд, таъсири манфӣ мерасонанд. Бинобар он зарурияти объективии ба системаи хоҷагидории муносибатҳои бозоридошта гузаштан пайдо гардид.

Гузариш ба иқтисодиёти бозорӣ дар ибтидо барои мамлакатҳо хеле мушкилу мураккаб буд. Зеро шароитҳои иқтисодии гузариш гуногун буда дар ин ҷода таҷрибаи кофӣ набуд, зиддиятҳои дохилию беруна боиси пайдоиши хатогиҳо мегаштанд.

Бозсозӣ дар мамлакатҳои ба иқтисодиёти бозорӣ гузаранда, аз нигоҳи мазмун, инқилоб аст. Зеро онҳо боиси ба таври куллӣ азнавсозии системаи иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар муддати кӯтоҳ мегарданд. Ин гуна бозсозиҳои сохториро дар миқёси ҷаҳон ислоҳотҳои системавӣ номиданду ба онҳо бозсозиҳои шакли иҷтимоӣ-иқтисодиро мансуб донистанд.

Барои ноил шудан ба мақсади дар пеш гузошта, одатан роҳҳои мухталифро истифода мебаранду дар интихоби ин роҳҳо тартиботи муносибатҳои иқтисодӣ ва таносуби қувваҳои сиёсӣ дар мамлакат таъсири зиёд мерасонанд.

Бинобар он саволи бармеояд, ки бозсозиро аз чӣ бояд оғоз намуд? Рафти худи ҳодисаҳо дар ИҶШС ва Аврупои Шарқӣ нишон дод, ки бозсозӣ бояд аз дигаргунии системаи сиёсӣ сар шавад, яъне ҳокимияти сиёсӣ дар ҷамъият аз ҳизби коммунистӣ ба ихтиёри онҳое гузарад, ки онҳо дар мавқеи андешапарварии



бунёдкории нав истодаанд. Аммо дар Чину Ветнам ба ғояҳои коммунистӣ содиқ монданд, ки ин самти ҳозираи ислоҳотҳои онҳоро муайян намуд.

Имрӯз ду модули тақсимкунии бозсозиҳои системавӣ паҳн шудааст: ислоҳоти қатъӣ («шоковая теропея» - муоличаи садама) ва ислоҳоти тадриҷӣ (пайдарпай – муносибати дараҷагӣ). Модули аввал, бозсозии қатъӣ, васеъ ва хеле тезро дар назар дорад, ки ҳадафи он ҳар чӣ зудтар ташкилкунии базаи иқтисодиёти бозорист. Ислоҳоти тадриҷӣ (пай дар пай) роҳи нисбатан дуру дарози ислоҳотро дар назар дорад.

Ду роҳи ислоҳоти системавӣ низ мавҷуданд, ки якуми он ба ташкили иқтисодиёти гузарандаи яксоҳа ва дуюмаш ба ташкили бахши дусоҳагӣ мансуб аст.

Ҳар ду модели ислоҳот дар мамлакатҳои сотсиалистӣ аз вайронкунии механизми мавҷудаи хоҷагии тақсимкунанда-нақшавӣ оғоз ёфтанд. Ин ҳолат қабл аз парокандашавии системаи хоҷагидории сотсиалистӣ руй дод. Моҳҳои охири мавҷудияти ИҶШС механизми иқтисодии кӯҳна амалан вуҷуд надошт. Механизми хоҷагии нав ташкил додашуда яксоҳагии бозорӣ буд. Институтҳои системаи нав амалкунанда вуҷуд надоштанд ва онҳое, ки вуҷуд доштанд, амал намекарданд. Ҳамин тариқ, лозим омад, ки шакли ягонаи ислоҳоти иқтисодӣ ба амал бароварда шавад.

Дар Чину Ветнам механизми нақшавӣ нигоҳ дошта шуд. Дар ин мамлакатҳо соҳаи амали механизми нақшавӣ – тақсимкунии тадриҷан (оҳиста), баробари рушди самтҳои иқтисодиёти бозорӣ, кам шудан гирифт. Яъне дар ин ҷо механизми хоҷагии дусамта оҳист-оҳиста аз механизми нақшавӣ ба бозори гузаранда нигоҳ дошта шудааст.

Моҳияти ислоҳоти системавии шакли дусамта аз ҳамин иборат аст ва он аз иқтисодиёти омехта фарқ дорад. Иқтисодиёти гузарандаро мавҷудияти шаклҳои гуногун хос асту вай бо ин ё он дараҷа дар ҳамаи мамлакатҳо вуҷуд дорад.

Барои интихоби ин ё он роҳи ислоҳоти системавӣ сиёсат дар соҳаи ғайридавлатикунонӣ аҳамияти асосӣ дорад. Тараққии бахши хусусӣ дар Чин асосан аз ҳисоби дода шудани имтиёзҳои давлатӣ ба амал омад. Дар мамлакатҳои собиқ сотсиалистӣ бошад – аз ҳисоби ғайридавлатикунонии корхонаҳои давлатӣ. Дар Чин ғайридавлатикунонӣ дар доираи корхонаҳои хурд

маҳдуд буду ғайридавлатикунонии корхонаҳои калон баъди ду даҳсола – баъди ислоҳоти соли 1978 оғоз ёфт.

Ин ҳолат роҳи «табиӣ»-и тараққиёти иқтисодиёти бозорӣ буд, ки аз шакли якбахша фарқ менамуд. Чунин фарқиятро дар мисоли зерин нишон додан мумкин аст. Агар ҷангали кӯҳнаю каммаҳсулро дигар кардан зарурояд, роҳи ягонаи он буридани ҷангалҳои кӯҳна ва шинонидани ниҳолҳои нав аст. Камбудии ин роҳ чист? Бошандагони ҷангалро то сабзида расидани ниҳолҳои нав чӣ гуна хуронидан лозим аст? Роҳи дигар – шинонидани ниҳолҳои ҷавонтару сермаҳсултар (корхонаҳои хусусӣ) дар ҷангалзори кӯҳна, то ки онҳо ба таври ҳатмӣ дарахтони кӯҳнаро танг карда бароранд. Дар ин ҷо дигаркунии тадриҷан ба амал меояд ва ҳосилнокии умумию мӯътадилии истеҳсолот баланд мешавад. Аз ниҳолҳои ҷавон танҳо ба рақобат тобоварашон зинда мемонанд. Дар ҷангалзори кӯҳна низ баъзе дарахтон зинда мемонанд. Ҷамъият (бошандагони ҷангал) дар чунин ҳолат ҳамеша бурд мекунанд, зеро танҳо дарахтони ба зиддиятҳо тобоваранда амал мекунанду дар «истеҳсолот» танаффус намешавад.

Натиҷаю рафти тараққиёти иқтисодии Чину Ветнам дар амал нисбати дигар мамлакатҳои собиқ сотсиалистӣ афзалият ва норасогиҳои ду роҳи сохтмони ҳозираи иқтисодиёти бозориро аниқ нишон дод. Вале вайронкуниҳои кулии механизми нақшавӣ ва системаи сиёсӣ дар ИҶШС ва мамлакатҳои Аврупои Шарқӣ истифодаи модули Чинро номумкин гардонид. Шакли дусамта асное пайдо мешавад, ки базаи иқтисодӣ дар доираи системаи иҷтимоӣ-иқтисодии қаблина тараққӣ карда наметавонад, вале ҳамон қувваҳое, ки баҳри тағйир додани ин система мебароянд (аз ҷумла дар соҳаи сиёсат) қобилияти ба сари ҳокимият (дар ҳамин лаҳза) омада, онро идора кардан надоранд. Ҳамон замон, роҳбарияти мамлакат оиди зарурияти дигаргуниҳои куллӣ дар системаи иқтисодӣ розӣ мешавад, ки агар чунин шароитро худи ҳукумати пешина ба сифати ташаббускор ва гузаронандаи ислоҳот баромад кунад, ки он боиси дурӯягии механизми хоҷагӣ мегардаду ҷараёни босозиро дарозмуддат мегардонад. Ҳамин тариқ, интихобро симои ҳукумати сиёсӣ муайян мекунад.

Барои собиқ ҷумҳуриҳои шӯравӣ ва мамлакатҳои Аврупои Шарқӣ интихоб дар доираи ислоҳоти шакли яксамта ислоҳоти системавӣ гузашта боиси қабул аз ду як модул гардид: модели куллӣ ё тадриҷии иқтисодиёти гузаранда.

Охири солҳои 90-уми асри XX аён гардид, ки байни дараҷаи ислоҳоти якборагӣ ё тадриҷӣ ва натиҷаи тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ алоқаи якхела вуҷуд надорад. Алоқаи хеле зич байни қувваҳои ҳокимияти давлатӣ ва институтҳои бозорию натиҷаи ин тараққиёт мушоҳида карда мешавад.

Солҳои сипаришудаи ислоҳоти системавӣ ҷиҳатҳои мусбӣ ва манфии ҳарду шакли модули базавиро нишон доданд. Афзалияти шакли дусамтаи бозсозӣ бешубҳа аст. Дар хусуси шакли яксамта бошад, пас модели тадриҷии гузариш, чун қоида, ба хароҷотҳои зиёди иҷтимоӣ ва пастравии истеҳсолот алоқаманд аст. Мутобиқшавии психологии аҳолӣ ба шароити якбора тағйирёфта мушкил аст. Вале худи механизми иқтисодӣ симои зиёду ками зиддиятнокӣ дорад. Модули тадриҷӣ боиси камтар пастравии истеҳсолот ва хароҷоти ками иҷтимоӣ мегардад. Дар навбати худ ин модул бисёртаркиб аст ва аз ин сабаб ҳамзистии тӯлонии қисмҳои ба системаҳои гуногуни хоҷагӣ мансуб буда масъалаи боҳаммувофиқкунонии онҳоро ба миён меорад.

Умуман гуфтан раво нест, ки кадом модули ислоҳоти куллӣ ё тадриҷӣ аз ибтидо сар карда афзалноктар аст. Ҳама ба ҳолати мушаххаси дар ҳар кадом мамлакат вобаста аст. «Қозии олӣ» натиҷаи амалиёт аст.

Барои Россия ва дигар аъзоёни ИДМ мавҷудияти тӯлонии системаи маъмурӣ-фармондиҳӣ хос буд. Маҳз ин система дар ҳамин ҷо дар шакли соф ташкил ёфта буд. Аҳолии ИДМ ба муносибатҳои бозорӣ майли зиёд надошт. Ҳамаи ин ташкили иқтисодиёти бозориро мушкил мегардонид.

Вазъияти ИДМ-ро ташкили барқарорсозии давлатҳои мустақил мураккаб менамуд. Дар навбати худ мавҷудияти захираҳои бои табиӣ содироти онҳо ва воридшавии асъори хориҷа имкон дод, ки давраи аввали гузариш ба иқтисодиёти бозорӣ нисбатан осон гардад.

Мамлакатҳои назди Балтика (Латвия, Литва, Эстония) бошанд барои қабули қоидаю ҷузъиятҳои иқтисодиёти бозорӣ омода буданд. Аҳолии таҳҷоии ин мамлакатҳо аз рӯи шакли маданӣ – тамаддуни худ ба доираи тамаддуни Ғарб мансуб буданд. «Баргаштан ба Ғарб» дар шуури ин мардум бартарӣ дошт, ки ин ислоҳоти бозориро ба онҳо осон намуд.

Шароитҳо барои дигаргунсозии системавӣ дар мамлакатҳои Аврупои Шарқӣ нисбат ба ҷумиҳуриҳои собиқ шуравӣ мусоидтар буданд. Системаи нақшавӣ дар онҳо нисбат ба ИҶШС, ду баробар камтр давом дошт ва мисли ИҶШС сахт набуд. Ҷузъиятҳои моликияти хусусӣ ва бозор ба дараҷаи зиёдтар мавҷуд буданд (дар Лаҳистон ва диг.). Бинобар он ҳиссиёти аҳолӣ, нисбат ба ИҶШС дида дигартар буд. Сустшавии институтҳои давлатӣ низ камтар буд. Зиддиятҳои ахлоқӣ (ғайр аз Югославия) набуданд ё миқёси маҳдуд доштанд. Наздик будан ба Ғарб «самараи намоишӣ»-и (демонетрационного эффект) афзалияти иқтисодиёти бозориро пурзӯр намуд («самараи намоишӣ» – таъсири тарзу усули ҳаёти хориҷӣ ва шаклу истеъмолӣ, рафтору мақоми одамон). Ба замми ин ҳаҷми хурди давлатҳои Аврупои Шарқӣ аз ибтидо зарурияти алоқаҳои васеъро бо дигар мамлакатҳо, аз ҷумла бо ҳамсоягони Аврупои Ғарбӣ, тақозо доштанд.

Шакли ислоҳоти иқтисодиётӣ дар Чину Ветнам аз мамлакатҳое, ки дар муносибатҳои бозорӣ гузашта истодаанд, фарқ мекунад. Ислоҳотро ҳукумати қаблин гузаронид, ки он модули тараққиёти дусектораро бо системаи бозсозии дарозмуддат интихоб намуд. Дараҷаи тараққиёти қувваҳои истеҳсолкунанда дар Чин ва Ветнам нисбат ба дигар давлатҳои сотсиалистӣ пасттар буданд. Қариб 80% аҳолӣ бошандаи деҳот аст. Аз ин сабаб ислоҳоти аграрӣ дар ҳар ду мамлакат шарти ҳатмии дигар бозсозиҳо буд. Ислоҳотро мавҷудияти ҳокимияти давлатии пурқудрату бомақсад сабк намуд.

Хусусияти дигари бозсозии чинӣ фаъолона истифодабарии сармоя ва иқтидори авлодҳои бою таъсирноки чинӣ буд, ки онҳо ба иқтисодиёти Чин ҳиссаи хеле бузург гузошта, ғасби содироти молҳои Чинро дар бозори ҷаҳонӣ сабук намданд. Тараққиёти майли содироти қисми таркибии сиёсати иқтисодии Чин буд. Зонаҳои озоди иқтисодӣ нақши бемисл бозиданд, ки онҳо майдони ислоҳоти бозорӣ ва пешбарандаи тамоми иқтисодиёт гардиданд. Бозсозии бозорӣ ба такомулёбии хоҷагии ин минтақаҳо тараққиёти соҳаҳои асосии иқтисодии Чин гардиданд.

### 11.2. Паҳлӯҳои иқтисоди берунаи ислоҳоти системавӣ

Ташкилёбии механизми бозории алоқаҳои иқтисодии беруна яке аз қисмҳои асосии ислоҳоти системавӣ буда, симои



дохилшавии мамлакатро ба иқтисодиёти ҷаҳон муайян мекунад. Вай аз барҳамдиҳии монополияи давлатӣ будани амалиёти савдои беруна ва асъор оғоз ёфта, се соҳаи асосиро дар бар мегирад: танзими савдои беруна, муносибатҳои асъорӣ ва фаъолияти сармояи хориҷӣ. Ҳар кадоми ин соҳаҳо воситаи васеи танзимӣ доранд. Дар соҳаи савдои беруна – тартиби гумрукӣ, маҳдудияти ғайритарифӣ, танзими андозӣ, чораҳои ҳавасмандгардонии содирот; дар соҳаи асъорӣ – давргардии асъор, сиёсати ташкилдиҳии курсу қоидаҳои асъор.

Барои ҳамаи мамлакатҳои ба иқтисодиёти бозорӣ гузаранда маълум буд, ки барои онҳо бадастории дигаргуниҳои куллӣ ва бозсозиҳои таркибии иқтисодиёт бе ҷалбкунии сармояи хориҷӣ мумкин нест. Зеро захираҳои молиявию илмӣ-техникии дохилиашон нокифоя аст. Муносибатро бо сармояи хориҷӣ куллӣ тағйир додан лозим буд, яъне онро ҳамчун шакли истисмор донистан нораво аст.

Лаҳзаи аввал ва ҳалкунандаи гузариш ба институт ва воситаҳои танзими соҳаи иқтисодии беруна даст кашидан аз монополиякунонии савдои беруна буд. Тақсими марказонидашудаи фондҳои содиротию воридотӣ, инчунин захираҳои асъорӣ ва истифодаи қисми зиёди восита-ҳои танзимиро нодаркор карда, назорати бешартро аз болои амалиёти иқтисодии беруна таъмин намуд. Вале ин бо нархи қиммат ба даст омад – яъне аз ҳисоби якбора маҳдудкунии истифодаи тақсимоти байналхал-қии меҳнат, ки таъсири рақобати берунаро ҳавасманд мекунад, сарчаш-маҳои иловагии маблағгузорӣ ва прогрессии техникиро суст кард.

Ислоҳоти системавӣ дар соҳаи иқтисодии беруна дар ду ҷабҳа хеле тез ва пурра гузаронида шуданд: савдои беруна ва тартиботи маблағгузории хориҷӣ. Баъди чанд соли оғози ислоҳотҳо дар соҳаҳои номбурда институт ва воситаҳои дар иқтисодиёти бозорӣ хос буда бартарӣ доштанд. Албатта қисмҳои алоҳидаи иқтисодиёти фармоишдиҳӣ дар соҳаи иқтисодиёти беруна дар мӯҳлатҳои муайян дар мамлакатҳои алоҳида боқӣ монда буданд. Онҳо ҳоло ҳам дар аксари мамлакатҳои ИДМ аз байн нарафтаанд (харидани давлатӣ, бартер, ташкилотҳои савдои берунаи давлатӣ ва ғайра). Ин ба ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ, дар мудати кӯтоҳ дигаркунии вазъияти мавҷуда, набудани қонунгузориро дар самти моликияти шахсӣ алоқаманд буданд.

Аксари мамлакатҳои ба иқтисодиёти бозорӣ гузаранда сиёсати нархи озоди тартиботи иқтисодии берунаро гузарониданд.

Вале солҳои охир дар як қатор мамлакатҳо ба ин масъала мулоҳизакорона муносибат менамоянд. Натиҷаи тараққиёт ва таъсири иқтисодиёти кушода ба хоҷагии халқи ҳоло сусту мустаҳкамнашудаи як қатор мамлакатҳо як хел нест. Дар мамлакатҳои алоҳида харобшавии як силсила соҳаҳо зери таъсири рақобати хориҷа, дигаргуниҳои таркибӣ ва ташкили истеҳсолоти нави рақобатнок мувофиқи қоидаҳои назариявии махсусгардонии ҳар як мамлакат ба назар мерасанд.

Тараққиёти минбаъдаи собиқ ҷаҳони сотсиалистӣ, ҳамчун қисми асосии хоҷагии ҷаҳон, аз бисёр омилҳо вобастагӣ дорад. Алалхусус аз самаранокии сиёсати пешгирифта. Худ ба худ дохилшавӣ ба хоҷагии ҷаҳон ва қабулшавӣ ба ташкилотҳои байналхалқӣ барои дар ин маврид ёфтани ҷои муайян гарав намедиҳанд. Ин раванди муносибатҳо диққатҷалбкунанда буда, на ҳамавақт ҷоришаванда аст.

Бояд дар хотир дошт, ки қонунҳои иқтисодиёти бозорӣ пешравиро, аз ҷумла дар соҳаи муносибатҳои иқтисодии беруна, ба таври ҳатмӣ таъмин намекунанд. Аксари мамлакатҳои собиқ сотсиалистӣ иқтидори худро, ки аз давраи пеш гирифта буданд, пурра истифода бурда натавонистанду мавқеи ибтидоии худро тавассути таъсири бӯҳрони системавии чуқуру бардавом хеле суст намуданд. Ғайр аз ин, дар шароити вуҷуддошта, махсусан дар мамлакатҳои ИДМ нархи озод дар савдои беруна на ҳамеша ҳақонӣ буд.

### 11.3. Мамлакатҳои Аврупои Марказӣ ва Шарқӣ

Ин минтақаҳо давлатҳои Албания, Булғория, Босния ва Герсоговина, Маҷористон, Македония, Лаҳистон, Руминия, Словакия, Словения, Чехия, Хорватия, Югославияро дар бар мегирад. Баъзан давлатҳои назди Балтика (Латвия, Литва ва Эстония)-ро низ ба ин минтақаҳо мансуб медонанд. Аҳолии минтақаҳо 118,8 млн. нафар (соли 1990) буда, МУД ҳамаи мамлакатҳо ба 636 млрд. доллари амрикоӣ (соли 1997) баробар буд. Аз рӯи тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ қариб ҳамаи мамлакатҳои минтақаҳоро ба гурӯҳи миёнатараққӣ мансуб донистаанду Албанияро – ба гурӯҳи мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ. Аз нигоҳи сохтори иқтисодӣ ҳиссаи мамлакатҳои индустриалию



индустриалӣ-аграрӣ афзалиятнок аст, мамлакатҳои дар давраи индустриякунонӣ буда нестанд. Мамлакатҳои Аврупои Марказӣ ва Шарқӣ (АМШ) аз рӯи нишондиҳандаи МУД ба ҳар сар аҳолӣ аз мамлакатҳои Аврупои Ғарбӣ қафо мондаанд.

Баъди Ҷанги Дуюми Ҷаҳон дар ҳамаи ин мамлакатҳо низоми маъмурӣ-фармондиҳӣ барқарор карда шуд. Вале дар баъзеи онҳо модули тараққиёти миллӣ ҳам амал мекарду дар он ҷузъҳои иқтисодиёти бозорӣ амал мекарданд (баробари хоҷагиҳои шахсии деҳқонӣ, нигоҳ дошта шудани бахши хусусӣ дар истеҳсолоти майда ва савдои чакана, тараққиёти фаъоли алоқаҳои иқтисодии беруна бо мамлакатҳои иқтисодиёти бозорӣ бо ҷалб намудани сармояи хориҷӣ).

**Аломатҳои асосии иқтисодиёти гузариш дар мамлакатҳои Аврупои Марказӣ ва Шарқӣ.** Ҳамаи мамлакатҳои Аврупои Марказӣ ва Шарқӣ иқтисодиёти гузаранда (ба муносибатҳои бозорӣ) доранд, ки он баъди барҳам додани сиёсати маъмурӣ-фармондиҳӣ ҷорӣ карда шуд. Дар баробари ин шароити иқтисодӣ, аз амсоли дараҷаи тараққиёти иқтисодӣ, мавҷудияти ҷузъҳои иқтисодиёти бозорӣ то барқароркунӣ ва дар давраи ҳукмронии низоми маъмурӣ, кушода будани иқтисодиёт нисбати мамлакатҳои тараққикарда ва ғайра, нақши калонро бозида истодааст. Масалан, Чехия ва Словения, ки дар онҳо МУД ба ҳар сар аҳолӣ ба Юнону Португалия наздик аст ва дар онҳо ҳанӯз то давраи Ҷанги Дуюми Ҷаҳон иқтисодиёти бозори вуҷуд дошт, аснои ба бозор гузаштан, нисбат ба Булғория ва Руминия пешравиҳои назаррас ба даст оварданд.

Ташкили сохтори бозорӣ дар ин мамлакатҳо тавассути бо ҳам омезиши усулҳои бозсозии таҳаввулотӣ ва куллӣ ба амал бароварда шуд. Барои Булғория, Маҷористону Руминия, Словакия, Словения, Хорватия ислоҳот симои таҳаввулотӣ, барои Лаҳистону Чехия симои куллӣ дошта хос аст.

Маҷористону Лаҳистон, Словения ва Чехия дар ташкили асосҳои иқтисодиёти бозорӣ дар охирҳои асри XX натиҷаҳои зиёдеро ноил гардиданд. Мамлакатҳои Балкан – Албания, Булғория, Руминия ва ҷумҳуриҳои собиқ Югославия дар ин ҷода ба мушкилиҳои зиёд дучор омаданд. Бо вуҷуди ҳамаи мухталифиҳо дар мамлакатҳои Аврупои Марказӣ ва Шарқӣ асосҳои иқтисодиёти бозорӣ ташкил карда шуданд, яъне банақшагирии марказонидашуда барҳам дода шуд, озодкунии

нархи бисёр молу хизмат ба амал бароварда шуд, норасогии молӣ барҳам хӯрд.

Дар рафти ислоҳот дар солҳои 90-уми асри XX се самти асосӣ бартарӣ пайдо намуданд: озодкунии нарх, муътадилии вазъи молиявӣ ва ғайридавлатикунонӣ.

**Озодкунии нархҳо.** Сусткунии назорати давлатӣ ва рад намудани монополияи давлатӣ дар иқтисодиёт дар баъзеи ин мамлакатҳо ҳанӯз солҳои 80-ум оғоз ёфта, миёнаи солҳои 90-уми асри XX ба охир расид. Аксари нархи молу хизмат аз назоратӣ маъмурӣ озод карда шуданд. Дар ҳама ҷо маҳдудиятҳо оиди ташкили корхонаҳои нави хусусӣ барҳам дода шуданд, ки ин ба афзоиши бизнеси хурд мусоидат намуд. Намояндагони иқтисодиёт ҳуқуқи озодона ба бозори беруна баромадан ва барқароркунии шаклҳои рангини алоқаҳои хоҷагиро бо ҳарифони хориҷӣ пайдо намуданд.

Сохтори нави бозорӣ, мисли биржаҳои молиявӣ, бонкҳои тиҷоратӣ, танзими зиддимонополӣ, қонунгузориҳо оиди муфлисшавӣ ва ғайра пайдо шуданд.

Аснои гузариш ба иқтисодиёти бозорӣ ҳиссаи даромади давлатӣ дар МУД қариб дар ҳамаи мамлакатҳо паст шудан гирифт. Сабаби ин ғайридавлатикунонии иқтисодиёт буд. Вале дар як қатор мамлакатҳо ин ҳолат боз дошта шуд, зеро вазифаҳои иҷтимоиро давлат ба худ нигоҳ дошта буд (аз ҷумла вазифаи аз нав тақсимкунии даромадҳо).

**Мӯътадилии молиявӣ.** Гузариш ба иқтисодиёти бозорӣ ва бекоркунии назорати давлатӣ аз болои нарх дар тамоми мамлакатҳои Аврупои Марказӣ ва Шарқӣ бо баландшавии дараҷаи беқурбшавии пул ба амал меомад. Бо вуҷуди он аксари мамлакатҳоро муяссар гардид, ки бо тезӣ (дар 2-3 сол) онро то ба дараҷаи лозимӣ паст фароранд. Давраи тӯлонии беқурбшавии пул ба мамлакатҳои сусттараққикарда (Булғория ва Руминия) хос буд. Чорабиниҳои мӯътадилгардонӣ асосан аз маҳдудияти сахти буҷетӣ, то ба давраи муайян карахткунонии даромади пулии аҳолӣ, истифодаи фаъоли курси асъор ҳамчун роҳнамои ба ҳаракати пулӣ таъсиррасон иборат буданд.

Таҷриба собит намуд, ки пасткунии беқурбшавӣ то ба дараҷаи назораткунӣ дар шароити аниқ баамалбарорию дастгири иҷтимоии барномаҳои зидди беқурбшавии пул нисбатан осонтар аст. Вале аксари мамлакатҳои дараҷаи



солонаи беқурбшавиро то 20-40% пасткарда ин амалро давом дода натавонистанд.

Дар иқтисодиёти гузарандаи мамлакатҳои Аврупои Марказӣ ва Шарқӣ суръати беқурбшави пул нисбат ба дараҷаи дар иқтисодиёти бозорӣ амалкунанда боло буд. Зеро муҳити ҳақиқии рақобатӣ ҳоло ба вуҷуд наомада буду номутаносибиҳои сохтори аз хоҷагии нақшагӣ мерос монда барҳам дода нашуда буданд. Мӯътадилиҳои молиявӣ дар Лаҳистону Чехия, Словакияю Маҷористон ва Словения муваффақиятнок буданд. Зеро дар онҳо маҳдудиятҳои соҳаҳои қарзу пулӣ бо таври оқилона, бо чораҳои ташкили инфраструктураи бозории самаранок ва ҳавасмандкунонии истеҳсолот, махсусан дар соҳаи бизнес, бо ҳам мувофиқат мекарданд.

**Ғайридавлатикунонӣ.** Дар мамлакатҳои Аврупои Марказӣ ва Шарқӣ ду намуд стратегияи ғайридавлатикунониро баҳри баланд бардоштани фаъолияти хоҷагии корхонаҳои давлатӣ истифода намуданд: куппонӣ (ваучерӣ), ки он ба озодона тақсимкунии моликияти давлатӣ дар байни тамоми аҳолӣ ва ё ҳамаи хоҳишмандон асос менамуд ва пулакӣ бо роҳи фурӯши объектҳои моликияти давлатӣ.

Кӯшиши ғайридавлатикунонии яклаҳзагӣ бо тақсимоти назоратнашавандаи молиякияти давлатӣ овард. Миёнаи солҳои 90-уми асри XX дар ин мамлакатҳои назарияи гузаронидани тадриҷан ғайридавлатикунонӣ, асосан дар асоси пулакӣ ва бо ба ҳисобгирии вазифаҳои баланд бардоштани самараи фаъолияти хоҷагӣ бартарӣ дошт.

Солҳои 90-уми асри XX ғайридавлатикунонии «хурд» хеле бомуваффақият гузашт. Мағозаю тарабхонаҳо, устохонаҳои хурду миёнаҳаҷмро бо пул фурӯхтанд. Ин амалиёт бо баҳисобгирии манфиати истеъмолгарон гузаронида шуд.

Ғайридавлатикунонии «калон» бо мушкилиҳои ҷиддӣ дучор омада, хеле оҳиста гузаронида шуд. Масалан, дар Лаҳистон, ки аввалин шуда дар ин бора қарор қабул карда буд, тӯли солҳои 1990-1996 фақат 250 корхонаи давлатӣ хусусӣ карда шуданд. Ин шакли ғайридавлатикунонӣ пулакӣ ва бепул ба амал баровард шуд.

Шакли куппонӣ (ваучерӣ)-и ғайридавлатикунонӣ дар Чехия, Словакия, Булғория, Лаҳистон ва Руминия гузаронида шуд. Шаҳрвандони ин мамлакатҳо ваучеру бонҳо ё сертификат

гирифтанд, ки ба онҳо барои гирифтани ҳиссаи муайяни моликияти давлатии ғайридавлатӣ карда шуда ҳуқуқ медоданд.

Купонҳои ғайридавлатикунонӣ дар ҳама ҷо номӣ буданд, ки найрангҳои молиявиро хеле кам мекарданд. Тавассути ғайридавлатикунонии ваучерӣ дар ин мамлакатҳо шаҳрванд имконияти гирифтани моликияти зиёдеро пайдо намуд (дар Чехия – қариб 1 ҳазор доллар, дар Руминия – тақрибан 500 доллар). Ғайридавлатикунонии ваучерӣ фақат дар Чехия баробар буду дар диагр мамлакатҳо мавқеи воситаи асосии аз нав тақсимкунии моликияти давлатӣ буданаро аз даст дод.

Ислоҳоти аграрӣ дар мамлакатҳои Аврупои Марказӣ ва Шарқӣ боиси аз моликияти давлатӣ ва кооперативӣ додани замин ба шахсони алоҳида гардид. Қисми таркибии ин ислоҳотро ба соҳибони қаблиашон баргардонидани замин гардид. Ин ҳолат боиси пайдоиши миқдори зиёди хоҷагиҳои майдаи фермерӣ шуд, ки онҳо баъзан бесамар буданд. Дар тамоми мамлакатҳои Аврупои Марказӣ ва Шарқӣ моликияти хусусӣ қонунӣ карда шуда, он афзалиятнок ҳисобида мешавад. Мутобиқати моликияти хусусӣ ба замин бо истифодаи коллективонаи он ва техника дар асоси кооперативӣ ҳодисаи муқаррарӣ гардида, иштирокчиёни он танҳо бо хоҳиши худ дохили кооператив мешаванд. Хариду фурӯши замин дар Югославия, Лаҳистон, Чехия ва Маҷористон мавҷуд буда, дар дигар мамлакатҳо бозори замин ба вуҷуд омада истодааст.

Умуман дигаршавии шакли моликиятдорӣ дар мамлакатҳои Аврупои Марказӣ ва Шарқӣ бо сабабҳои гуногун (набудани захираҳои зарурии пулӣ дар аҳолӣ, даромаднокии пасти корхонаҳои ғайридавлатӣ кардашуда ва ғ.) суст ва камсамара мегузарад.

**Анъанаи ҳозираи тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ.** Охири солҳои 80-уми асри XX тавассути вайронкунии низоми қаблина дар мамлакатҳои Аврупои Марказӣ ва Шарқӣ бӯҳронии чуқури иҷтимоӣ-иқтисодӣ рух дод. Аз байнравии тартиботи коммунистӣ ва барҳамхурии ШҲИ (СЭВ) дар ибтидои солҳои 90-ум боси якбора пастшавии истеҳсолот дар тамоми мамлакатҳо гардид.

Пастшаии истеҳсолот ва шуғли аҳолӣ нисбати чашмдошт вазнинтар шуд. Бо вуҷуди ин пастравии иқтисодӣ дар аксари мамлакатҳо 20-25% МУД-ро ташкил дода, аз соли 1989 то соли 1993 давом кард.



Солҳои 1994-1995 дар ин мамлакатҳо болоравии иктисодӣ ба амал омад. Суръати миёнаи солонаи афзоиши МУД дар солҳои 1995-1997 ба 3-5%, дар баъзе мамлакатҳо аз ин ҳам боло буд.

Омилҳои асосии болоравӣ кадомҳоянд? Қабл аз ҳама васеъшавии моликияти нави хусусӣ, омадани сармояи хориҷӣ, оғози бозсозии сохтори иқтисодӣ, мӯътадилии молиявӣ, васеъшави талаботи дохилӣ ва имкониятҳои мусоиди содиротӣ. Ҳамаи инҳо динамикаи баланди МУД ва истеҳсолоти саноатиро нигоҳ доштанд. Анъанаи асосии босозии сохторӣ тамоил ба ҳаҷму сохтори талаботи қобилияти харидории аҳолӣ дар бозори дохилию беруна мебошад. Истеҳсоли молҳои истифодаи бардавом дар асоси технология ва дар коопертсия бо фирмаҳои мамлакатҳои тараққикарда меафзояд. Бо вуҷуди ин, босозии сохторӣ суръати суст дорад, зеро ҳукуматҳо барҳамдиҳии истеҳсолотҳои зиёноварро ҳал намекарданд.

Омилҳои дигари тараққиёт дар пешравии иқтисодиёт нақши назаррас доранд. Мамлакатҳои Аврупои Марказӣ ва Шарқӣ анъанаи алоқаи зич бо хориҷаро доранд. Квотаи содиротӣ дар онҳо аз 20 то 40% МУД-ро ташкил медиҳад. Ҳиссаи ин мамлакатҳо дар содироти ҷаҳон 1,5%, дар воридот – 2% аст.

Автаркияи коллективӣ (иқтисодиёти сарбаста) дар доираи ШҲИ (СЭВ) боиси қафомонии ин мамлакатҳо дар соҳаи техника, ҳисилнокии меҳнат ва рақобатнокии маҳсулот гардид.

Баъди барҳамхӯрии ШҲИ мамлакатҳои Аврупои Марказӣ ва Шарқӣ роҳи ба сохтори ҳамгироии Аврупои Ғарбӣ дохил шуданро пеша карданд. Натиҷаи аввалини бо Иттиҳоди Аврупо васеъкунии алоқаҳои иқтисодии берунаашон буд. Ҳоло нисфи гардиши муомилоти савдои берунаи онҳо бо Иттиҳоди Аврупо рост меояд. Ин нияти онҳо боиси он гардид, ки онҳо бо Иттиҳоди Аврупо созишномаро оиди аъзогии иттиҳод имзо намуданд (солҳои 1990-1993). Соли 1997 Иттиҳоди Аврупо оиди аъзогии пурраи аксари ин мамлакатҳо ба иттиҳод гуфтушунидро оғоз намуд. Маҷористону Лаҳистон ва Чехияю Словакия бо мақсади мутобиққунонии кӯшишҳои худ оиди дохилшавӣ ба Иттиҳоди Аврупо соли 1993 Иттиҳодияи Маркази Аврупоии савдои озод (СЕФТА)-ро таъсис доданд, ки баъдтар ба он Руминия ва Словения ворид шуданд.

Ҳанӯз дар аввалҳои ислоҳоти бозорӣ дар ин мамлакатҳо барои ба фаъолияти иқтисодии беруна машғул шудан на фақат ба фирмаҳои махсусгардонидашудаи давлатӣ, балки инчунин ба дигар корхонаҳои тамоми шакли моликият рухсат дода шуда буд, ки тавассути ин шумораи иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии беруна зиёд гардид.

Барои ба иқтисодиёти кушода гузштан монополияи давлатӣ будани асъор барҳам дода шуд, воридотчиён имконияти аз бонкҳои мувофиқ гирифтани асъорро пайдо намуданд, содиротчиён мебоист асъорашонро ба ин бонкҳо мефурӯхтнд. Маҳдудияти асъорӣ оҳиста-оҳиста гузаронид мешуд (давра ба давра).

Дар ибтидо ба шахсони ҳуқуқӣ нигоҳ доштани воситаҳои асъорӣ манъ буд. Вазъи асъории худро беҳтаркунон Чехия ва Словакия ба корхонаҳои худ иҷозат доданд, ки ҳисоби пулии худро дар бонкҳои тиҷоратии миллӣ кушоянд. Маҳдудияти содироти сармоя то ҳол вуҷуд дорад.

Ҳоло барои ба Иттиҳоди Аврупо воридшавии 7 мамлакати Аврупои Марказӣ ва Шарқӣ довталаб мебошанд ва онҳоро ташкилотҳои Иттиҳоди Аврупо (вобаста ба тайёр буданашон баҳри аъзошавӣ) ба ду гурӯҳ ҷудо кардаанд. Мамлакатҳои гуфтушунидро бевосита ба таври индивидуалӣ оғоз намуда (Маҷористон, Лаҳистон, Чехия, Словения) ва мамлакатҳои ба гуфтушунид тайёрибинанда (Булгория, Руминия, Словакия).

Пешбинӣ карда шудааст, ки дар даҳсолаи авали асри XXI дохилшавии мамлакатҳои Аврупои Марказӣ ва Шарқӣ ба Иттиҳоди Аврупо боиси пайдоиши якчанд оқибатҳо мегардад, ки он оқибатҳо симои мусбию манфӣ доранд.

Оқибатҳои мусбӣ он аст, ки бозори Иттиҳоди Аврупо барои молҳои мамлакатҳои Аврупои Марказӣ ва Шарқӣ ва қабл аз ҳама маҳсулоти кишоварзӣ пурра пӯшида мегардад. Тавассути рақобат соҳаҳои нави тахассуси байналхалқии мамлакатҳои Аврупои Марказӣ ва Шарқӣ ташкил меёбаду маҳсулоти онҳо бояд ба стандарти баландтари Иттиҳоди Аврупо мувофиқ ояд. Ин мамлакатҳо ба қарзгирӣ умед бастаанд.

Оқибати манфиаш ба тадриҷан барҳамхурии монеаҳои протексионистӣ ва минбаъд ба бозсозии ҳамаро фарогирандаи сохтори иқтисодии мамлакатҳои Аврупои Марказӣ ва Шарқӣ меорад (масалан, дар Лаҳистон аз 1,5 млн. хоҷагии деҳқонӣ дар шароити Итиҳоди Аврупо фақат 0,5 млн. боқӣ мемонаду халос).



Мамлакатҳои Аврупои Марказӣ ва Шарқӣ ба сармояи хориҷӣ эҳтиёҷманданд. Ҷамъи танҳо сармояи бевоситаи хориҷӣ дар он мамлакатҳо (солҳои 1989-1997) қариб 90 млрд. доллар буду аз ҳама бештар дар Маҷористону Чехия ва Лаҳистон ҷойгир карда шуда буд. Сабабаш: ин мамлакатҳо дараҷаи нисбатан болои тараққиёт дошта, ислоҳоти бозориро бемайлон мегузароnанд, ғайридавлатикунонии васеъ, имтиёзҳо зиёд буданд.

Барои мамлакатҳои Аврупои Марказӣ ва Шарқӣ фурӯши моликият ба хориҷиён, дар баробари омадани асъор ба буҷет, боз чунин афзалиятҳо дод: аз нав таҷҳизонидани техники корхонаҳо, ҷорӣ намудани технологияи нави истеҳсолӣ ва идоракунӣ, ҷалбкунии менеҷерҳои таҷрибанок. Маблағгузории хориҷӣ асосан ба соҳаҳои автомобилӣ, электротехникӣ, химия, қоғаз, саноати хӯрокворӣ равона карда мешавад. Таҷҳизонидани корхонаҳо ва баланд бардоштани рақобатнокии маҳсулотҳо боиси ба бозорҳои нави беруна ва зиёдкунии содирот мегардад.

Миқдори воридшавии маблағҳои хориҷӣ дар охири асри XX нисбат ба даҳсолаҳои гузашта шуда буду сабаби ин набудани базаҳои боваринокӣ қонунгузорӣ, вазъи иқтисодӣ ва мавқеи фаъоли иттифоқҳои касаба буданд.

## 11.4. Мамлакатҳои аъзои ИДМ ва давлатҳои назди Балтика

Ба мамлакатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил собиқ ҷумҳуриҳои Иттиҳоди Шӯравӣ шомил буда, Латвия, Литва ва Эстония давлатҳои назди Балтика номида шудаанд.

**Хусусиятҳои тараққиёти иқтисодии собиқ ҷумҳуриҳои Шӯравӣ дар ибтидои ислоҳотҳо.** Собиқ ҷумҳуриҳои Шӯравӣ аз нигоҳи ҷойгиршавии ҷуғрофӣ ва дар онҳо мавҷуд будани захираҳои табиӣ тафовутноканд. Аз ин нигоҳ онҳоро ба се гурӯҳ ҷудо кардаанд: ҷумҳуриҳои бойгариҳои табиии аҳамияти ҷаҳонӣ дошта (Қазоқистон, Туркманистон, Озарбойҷон, Россия, Узбакистон); аз бойгариҳои табиӣ камбағал (Белоруссия, Молдова, Литва, Латвия, Эстония, Арманистон); баъзе намудҳои муҳими бойгариҳои табииро доро буда, ки ин

намудҳо дар савдои умумии байналхалқӣ мавқеи намоён надоранд (Украина, Гурҷистон, Қирғизистон, Тоҷикистон).

Баъзе ҷумҳуриҳо барои парвариши зироатҳо ва намудҳои чорво шароитҳои хеле мусоиди табиӣ доранд (Россия, Украина, Қазоқистон, Белоруссия ва ғайра). Дар ибтидои ислоҳотгузаронӣ дар аксари ин мамлакатҳо ба умеди он буданд, ки боигариҳои табиӣ боиси бо тезӣ гул-гул шукуфии иқтисодиёти онҳо мегарданд. Вале ин умеду орзуҳо беасос баромаданд. Ҳеҷ ягон ҷумҳурӣ ба ин мақсад ноил нагардид. Бо вуҷуди ин, маҳз содироти ашёи хом, ки истеҳсоли онҳо дар замони Шӯравӣ ба роҳ монда шуда буд, асоси содирот шуда монданд.

Мамлакатҳои аъзои ИДМ мавқеи ҷуғрофӣ ва шабакаи нақлиёти мусоид доранду дараҷаи тараққии соҳаҳои нақлиёташон тафовутнок аст, ки ин ҳолат ба имконияти тараққӣ додани алоқаҳои иқтисодии берунаашон таъсир мерасонад.

Дараҷаи тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодии собиқ ҷумҳуриҳои Шӯравӣ хеле фарқнок аст, ки ба он нишондиҳандаи МУД ба ҳар сар аҳолӣ гувоҳ аст.

**Ҷадвали 11.1**

**МУД ба ҳар сар аҳолӣ дар ИДМ**
**(ба ҳисоби доллар аз рӯи нархҳои соли 1996)**

| Солҳо / Мамлакатҳо | 1990 | 1992 | 1993 | 1994 | 1995 | 1996 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Россия | 6685 | 5416 | 4950 | 4327 | 4155 | 3962 |
| Озорбойҷон | 3821 | 2877 | 2200 | 1788 | 1580 | 1592 |
| Арманистон | 4904 | 1897 | 1609 | 1689 | 1800 | 1897 |
| Белоруссия | 6279 | 5572 | 4961 | 4336 | 3895 | 4009 |
| Гурҷистон | 4099 | 1798 | 1345 | 1196 | 1227 | 1356 |
| Қазоқистон | 3545 | 3196 | 2827 | 2465 | 2290 | 2330 |
| Қирғизистон | 3402 | 2639 | 2235 | 1789 | 1677 | 1748 |
| Латвия | 6151 | 3595 | 3070 | 3186 | 3239 | 3322 |
| Литва | 6340 | 4379 | 3681 | 3727 | 3845 | 3977 |
| Молдова | 3819 | 2239 | 2214 | 1523 | 1481 | 1367 |
| Тоҷикистон | 2426 | 1525 | 1340 | 1033 | 890 | 731 |
| Туркманистон | 3104 | 254 | 2147 | 1704 | 1529 | 1510 |
| Узбакистон | 2709 | 2292 | 2183 | 2056 | 2002 | 1995 |
| Украина | 5471 | 3981 | 3310 | 2565 | 2269 | 2049 |
| Эстония | 5549 | 4076 | 3803 | 3842 | 3995 | 4128 |



Ба қатори ҷумҳуриҳои тараққикарда Россия, Белоруссия, Украина, ҷумҳуриҳои назди Балтика, ба гурӯҳи мобайнӣ ҷумҳуриҳои Закавказе ва Қазоқистон, ба гурӯҳи охирон ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна, Молдова дохиланд. Нишондиҳандаи пасттаринро Тоҷикистон доро буд. Чунин нобаробарии тараққиёт тафовутро дар шароити аввали бозсозӣ, афзоиши иқтисодӣ ва ҷалбкунии мамлакатҳо дар системаи муносибатҳои хоҷагии ҷаҳонӣ пешакӣ муайян менамуд.

Тараққии соҳаҳои хизматрасонӣ, ки маориф, тандурустӣ ва намудҳои мухталифи таъминоти иҷтимоиро (рухсатии пулакӣ, варақаи корношоямӣ, ёрии оилавӣ ва ғайраҳо) дар бар мегирад, дар ин мамлакатҳо хеле хуб буд. Аз рӯи микёси тараққиёти соҳаҳои иҷтимоӣ ҳатто қафомондатарин ҷумҳуриҳои собиқ ИҶШС аз аксари мамлакатҳои рӯ ба тараққии дунё пеш буд. Аз рӯи шумораи телевизору яхдон, техникаи маишӣ ва қайраҳо ба ҳар сар аҳолӣ ҷумҳуриҳои собиқ Шӯравӣ ба мамлакатҳои тараққикардаи ҷаҳон наздик буданд.

Яке аз афзалиятҳои даврони Шӯравӣ баланд будани дараҷаи касбии қувваи коргарӣ буд. Солҳои 60-уми асри XX дар ИҶШС нисбат ба ИМА се баробар зиёд муҳандисон тайёр карда мешуду миқдори ходимони илмӣ низ зиёд буд.

Таркиби иқтисодии даврони шуравӣ мураккаб буд. Дар он саноати вазнину саноати ҳарбӣ қурби зиёд доштанд. Саноатҳои металлургияю ангишт, сӯзишворӣ-энергетикӣ ҳиссаи зиёд доштанд. Саноати маснуот, махсусан истеҳсоли маҳсулотҳои истеъмолии бардавом, ҳатто коркарди ашёи хоми кишоварзӣ камтар тараққӣ карда буданд. Бо ҳам вобастагии иқтисодии ҷумҳуриҳо дар давраи Шӯравӣ хеле зиёд буд.

Ҷумҳурии собиқ шӯравӣ ҳамчун корхонаи ягона тараққӣ мекарданду ҳар як ҷумҳурӣ ба сифати «сех»-и як корхона баромад дошт. Дараҷаи боҳамвобастагии онҳо хеле бемисл буд. То 1/3 ҳиссаи МУД ҷумҳуриҳои шӯравӣ аз ҳудуди онҳо берун (аз ҷумҳурҳои дигари шӯравӣ) бароварда мешуд ва қариб ҳамин қадар ё зиёдтар ворид карда мешуд. Тақсимоти меҳнат на танҳо ба истеҳсоли маҳсулоти алоҳида дахл дошт, балки инчунин ба кооператсияи технологӣ васеъ паҳн шуда буду қисмҳои таркибии молҳои гуногун дар ҳар кадом ҷумҳурӣ истеҳсол карда мешуд. Истеҳсоли бисёр намуди масҳсулотҳо барои тамоми мамлакати бузург одатан дар як-ду корхона ҷамъоварда

шуда буд. Аз ҳамин сабаб канда шудани алоқаҳо баъди пошхӯрии ИЧШС боиси бозистии корхонаҳо гардид.

Дар баробари фарқият дар шароити бозсозӣ дар интихоби модули гузариш ба иқтисодиёти бозорӣ ва интенсивии раванди гузариш вазъи сиёсӣ дар ин мамлакатҳо таъсири ҷиддӣ расонид.

Аз рӯи шакли гузаронидани ислоҳоти системавӣ ин мамлакатҳоро ба се гурӯҳ ҷудо кардаанд: усули куллӣ (мамлакатҳои назди Балтика, Қирғизистон, Қазоқистон), кӯҳнапарастӣ (Узбекистон, Туркманистон, Белоруссия) ва гурӯҳи мобайнӣ (ҳамаи дигар ҷумҳуриҳои ИДМ). Асоси ин таснифро суръат ва чуқурии ислоҳот ташкил медиҳанд.

Шакли мобайнӣ ҳамонҳое мебошанд, ки ислоҳотро нисбат ба шакли куллӣ сусттару нисбат ва кӯҳнапарастӣ тезтар мегузаронианд. Ин таснифот шартӣ аст. Зеро суръати чуқурии бозсозӣ аксар дар соҳаҳои гуногун мувофиқ намеомаданд. Пайваста ба он вазъият дар як қатор мамлакатҳо тағйир меёфт. Масадан, дар Қазоқистон солҳои 1992-1994 мамлакати классикии «мобайнӣ» буд. Вале баъдтар ислоҳотҳо бо суръат шуданду ҳоло ин мамлакат бо гурӯҳи шакли куллӣ мансуб аст.

**Ғайридавлатикунонӣ.** Тавассути ин қисми асосии истеҳсолот ба корхонаҳои ғайридавлатӣ гузаштанд. Ҳиссаи онҳо дар МУД дар худуди 1/3 – 1/2 калавиш дорад.

Шакл ва суръати ғайридавлатикунонӣ дар байни мамлакатҳо фарқияти зиёд дорад. Вале аломатҳои умумиро низ дидан мумкин аст. Давраи ибтидоӣ рафти хурди ғайридавлатикунонӣ (додани фурӯши мағозаҳо, устохона, корхонаҳои хурди соҳаи хизмат) ва баъдтар ғайридавлатикунонии ваучерӣ (дар вақти ислоҳоти системавӣ гузаронидани моликиятӣ давлатӣ ба моликияти хусусӣ) дар асоси ҳисса (ваучер, купон, сертификат), ки дар байни тамоми аҳолӣ, ё байни хоҳишмандон (бо нархи на он қадар зиёд) паҳн карда шудааст, яъне бепул додани як ҳиссаи моликияти давлатӣ, бе ҳуқуқи фурӯхтани чекҳои ғайридавлатикунонӣ ба шахси дигар, амал мекарданд. Охир, дар тамоми давлатҳои ИДМ ва назди Балтика «ғайридавлатикунонии тиҷоратӣ», яъне харидани моликияти давлатӣ дар аукционҳо оғоз ёфт. Ин давра то имрӯз давом дорад. Дар давлатҳои назди Балтика ҳолати реститутсия ҳам буд (баргардонидани моликият ба соҳиби пештарааш).



Шакли нисбатан паҳншудаи ғайридавлатикунонӣ: ба табақаҳо ҷудошавии ҷамъият аст, зеро моликияти давлатӣ ба дасти ҳама наафтид; камсамарагии корхонаҳои ғайридавлатикардашуда ба назар расид дар навбати аввал корхонаҳои калон. Тақсимшавии иҷтимоӣ аломати ҳатмии иқтисодиёти бозористу ба он муросо кардан мебояд, зеро баробарию пешравии қувваҳои истеҳсолиро боз медорад. Вале дар аксари мамлакатҳои иқтисодиёташон гузаранда ба табақаҳо тақсимшавии ҷамъият симои аз ҳад зиёд гирифт, ки он дар худ хатари зиддияти иҷтимоӣ-иқтисодиро ниҳон дорад.

**Озодшавии нарх.** Дар ҳама мамлакатҳо лаҳзаи ибтидоӣ ва аз ҳама назарраси ислоҳоти системавии озодшавии нарх буд. Вай хеле доманадор буду яклаҳзагӣ буда наметавонист. Нотаносубиҳои нархӣ, ки дар солҳои нархгузории нақшагӣ ҷамъ шуда буднд, якбора барҳам додан мумкин набуд. Аз ин рӯ, ҷорикунии нархҳои озод дар баъзе соҳаҳо вақти муайянро металабид. Умуман солҳои 1995-1997 озодкунии нарх 70-90% гардиши молро фаро гирифта буд. Минбаъд ин миқдор кам тағйир ёфт. Зеро бахши назорати нарх танҳо ҳамон хели молу хизматрасониро фаро гирифта буд, ки дар он озодкунии нарх ба монеаҳои ҷиддии объективӣ дучор омада буд.

Назорат аз болои нарх дар маҳсулоту хизмати монополияҳои табиӣ (энергияи табиӣ, тарифҳои нақлиётӣ, пардохти манзилӣ, хоҷагии коммуналӣ ва ғайра), инчунин дар баъзе мамлакатҳо дар молҳои хӯрока (нон, қанд, равған, баъзе маҳсулотҳои гӯшту ширӣ) нигоҳ дошта шуд. Баъзан нархҳои хариди молҳои асосӣ – пахта, ғалла, газ, об, нерӯи барқ танзим карда мешаванд. Соҳаи танзими нарх то рафт кам мешавад, ин маънои пешравиҳои зиёд дар роҳи гузариш ба иқтисодиёти бозориро дорад.

Тавассути озодкунии нарх норасогии молҳо барҳам дода шуд.

**Ислоҳоти пулӣ-қарзӣ.** Тамоми давлатҳои ИДМ ва назди Балтика асъори худро ҷорӣ намуданд, ки онҳо тадриҷан ҳамчун воситаи асосии пардохт тасдиқ гардиданд. Пули ягонаи қаблина аз он сабаб нигоҳ дошта нашуд, ки он ҳолат маънои ба маҳдудияти зиёди мустақилияти давлатҳои нави мустақил, ки роҳбарони онҳо ба ин зид буданд, розӣ буданро дошт. Ба замми ин, Бонки марказии Россия фақат эмиссияи пули нақдро назорат мекарду сиёсати қарзӣ соҳаи фаъолияти бонкҳои

миллии худи мамлакатҳои ИДМ гардид. Оқибатҳои беқурбшавии пул дар тамоми фазои пули ИДМ паҳн гардиду аз ин сабаб чунин система умри дароз дида натавонист.

Солҳои 90-уми асри XX дар мамлакатҳои ИДМ ва назди Балтика холати зуд зиёдшавии миқдори бонкҳои хусусӣ огоз ёфт. Дар аксари мамлакатҳо дар миёнаи солҳои 90-ум ин рақам ба даҳҳо расид. Вале минбаъд аксари онҳо муфлис шуданд.

Афзоиши миқдори бонкҳо бе баландшавии сифати хизматрасонии онҳо мегузашту бонкҳои марказӣ на ҳама вақт ёрии лозимӣ дода метавонистанд ва назорати самаранокро ба амал мебароварданд. Зеро норасогиҳои коркунони касбӣ, ахборот ва ҳокимияти ҳақиқӣ вучуд доштанд.

Дар ҳамаи мамлакатҳо босозиҳои бозорӣ дар соҳаи савдои беруна аз барҳамдиҳии монополияҳои давлатӣ будани ин соха огоз ёфтанду дар ин чода бо мушкилиҳои объективию субъективӣ дучор омаданд. Қарзҳои ҷумҳуриявии соҳаи савдои беруна намерасиданд, инфраструктураи муносибатҳо (гумрук, меъёру қонунҳо, сохторҳои асъорӣ ва гайра) набуданд. Аз ҳама асостаринаш – сохтори нархи дохилӣ аз ҷаҳонӣ хеле фарқ дошт, ки ин мақсадҳои мӯътадили бозори содирот ва воридотчиёнро барғалат мекард.

Миёнаи солҳои 90-уми асри XX, баробари ғайридавлатикунонии амалиёти савдои беруна ва наздиккунии нархҳои дохилию ҷаҳонӣ сиёсати савдои берунаи аксар давлатҳои ИДМ симои «мӯътадил» пайдо намуд; боҷҳои содиротӣ аз байн бардошта шуда, боҷҳои воридотӣ баланд бардошта шуданд, шумораи содиротчиёни махсус кам карда шуд. Инфраструктураи муносибатҳои иқтисодии беруна тадриҷан ба амал омаданд (аз ҷорикунии сохторҳо базаҳои меъёрӣ то таёркунии мутахассисон). Боҷҳои воридотӣ ҳамчун воситаҳои танзими савдои беруна ба нақши аввал бароварда шуданд, вобаста ба мафкураи бозорӣ ва тавсияи ташкилотҳои иқтисодии байналхалқӣ воситаҳои дигар кам карда шуданд. Умуман дараҷаи миёнаи боҷҳои гумрукии воридотӣ ба ҳисоби миёна 10-20%-ро ташкил медиҳанд.ин барои мамлакатҳои дар зинаи пасти тараққиёт будаю дар ҳолати вазнин қарор дошта дараҷаи мӯътадил аст. Дар ислоҳотҳои системавӣ ислоҳоти системаи асъор аз ҳама мушкилтар аст.

Вазифаи аввалиндараҷа дар ислоҳоти системавии асъор ҷорикунии давргардии асъор буда, он шарти асосии



дохилшавии мамлакат ба системаи алоқаҳои хоҷагии ҷаҳон аст. Аз байн бардоштани маҳдудият барои ғайрирезидентҳо дар амалиётҳои ҷорӣ аз ҳама тез ба амал омад. Инро бо доллар гузаронидани савдои берунаи молу хизмат бо ғайрирезидентҳо осон намуд. Бинобар он барои молдехони хориҷӣ зарурияти мубодила бо асъори озодивазшаванда пайдо мешуд. Мушкилиҳои ҷиддӣ дар кори давргардии асъор дар савдои байни давлатҳои ИДМ боқӣ монд (агар ин савдо бо асъори миллӣ мегузашт).

Дар тамоми мамлакатҳо чунин намуди баланси пардохт мисли ба хориҷа гузаронидани даромад аз маблағгузории хориҷӣ бо тезӣ озод кунонида шуд. Зеро бе ин дар бораи ба ғаври васеъ ҷалбкунии маблағгузории хориҷӣ орзу кардан ҳам мумкин набуд. Ин мақсади хеле муҳими тамоми мамлакатҳо буд. Аломати муҳими танзими асъор талабот оиди фурӯши ҳатмии асъор содиротчиён ба бонкҳои марказӣ ва аукционҳои асъорӣ аст, ки онро зарурияти таъминкунии баргаштани асъорро ба мамлакат ва пурракунии захираҳои марказонидашудаи асъорӣ талаб мекард.

Воситаи муҳими танзими иқтисоди беруна ташкилёбии курби асъор буд. Сиёсат дар ин ҷода ду мақсад дошт: нигоҳ доштани рақобатнокии маҳсулоти маҳаллӣ дар бозорҳои дохилию беруна ва камкунии самараи имконпазири воридот ҳангоми қимматшавии нарх ба он.

Аз вариантҳои муқаррар шудаи курбҳои асъори аксари мамлакатҳо самти шинокунандаро интихоб намуданд, ки ин самт дар аукционҳои асъорӣ муайян карда мешавад.

Барқароркунии тартиботи нави асъорӣ ва усулҳои пардохт дар системаи алоқаҳои иқтисодии берунаи мамлакатҳои ИДМ ва назди Балтика ташкили шароитҳои умумииқтисодии мувофиқро талаб намуд ва вай муддти тӯлонию пурзаҳматро талаб намуд.

**Натиҷаи тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар солҳои 90-ум.** Миқёси ларзишҳои иқтисодӣ дар ИДМ нисбат ба мамлакатҳои Аврупои Марказӣ ва Шарқӣ хеле зиёдтар буд. Камшавии МУД дар тамоми мамлакатҳо нисбат ба нишондиҳандаҳои солҳои 1990-1991 хеле зиёд буду вай аз 1/3 то 2/3 калавиш дошт. Дар истеҳсолоти саноатӣ аз 10 то 80%-ро ташкил дод.

Вазъи аз ҳама вазнин дар солҳои 1992-1994 ба амал омад, ки пастшавии якбораи истеҳсолот (хар сол 10-20%) бо

инфлятсия, ки дар аксар мавридҳо ҳар моҳ 20-30% буд, якҷоя ба амал омад. Вале бӯҳрони бекурбшавии пул аз ҳама чуқур ва бардавом буд, ки он дар баъзе мамлакатҳо то соли 1999 давом дошт.

Аз ҳама беш соҳаҳои дастгоҳҳои асосии истеҳсолкунанда азият доштанд. Онҳо махсусан ба истеҳсолоти ҳарбӣ алоқаи зиёд доштанду аз ин сабаб шикасти комплекси ҳарбӣ-саноатӣ боиси вайроншавии соҳаи мошинсозӣ гардид. Гурӯҳи дигари соҳаҳо, ки пастшавии истеҳсолот симои гуногун дошт, аз ҷумла дар саноати сабук ва истеҳсоли молҳои истеъмолӣ бӯҳрон бардавом буд. Рақобати молҳои воридотӣ, аксар хушсифату навъи зиёддошта, ба саноати сабук ва истеҳсоли молҳои истеъмоли бардавом таъсири бад расонид, ҳатто дар як қатор мамлакатҳо истеҳсоли онҳоро қатъ гардонид. Соҳаҳои истихроҷи ашёи хому сӯзишворӣ нисбатан камтар ранҷиданд. Содироти ин молҳо ба бозори беруна воситаи муҳими бадасторин асъори хориҷӣ ва дастгирии иқтисодиёт гардид.

Хоҷагии қишлоқ ва саноати хӯрокворӣ нисбатан камтар коҳиш ёфтанд. Вале ин соҳаҳои базавии хоҷагии халқ низ ба ҳолати бӯҳрони чуқур кашида шуданд. Фақат дар Арманистону Эстония ҳолати саросар фермерикунонӣ ба амал омад. Ҳиссаи ин бахш бо якҷоягии маҳсулоти хоҷагиҳои шахсии ёрирасон дар ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзӣ 50% буд. Баландшавии нархҳои сӯзишворӣ, нуриҳо, мошинҳо, инчунин мушкилиҳои молиявии истеҳсолкунандагони хоҷагии қишлоқ, пурзӯршавии рақобати хориҷӣ боиси пастшавии истеҳсолоти кишоварзӣ дар аксари мамлакатҳо гардид.

Пастравии ками аксари соҳаҳои хизмат, дар баъзе мавридҳо афзоиши баъзе соҳаҳо (савдо, муассисаҳои молиявӣ, алоқа, бизнеси меҳмонхонагӣ) боиси он гардид, ки дар тӯли тамоми давраи баъди парокандашавии ИҶШС болоравии пуршиддати ҳиссаи ин соҳа дар тамоми ҷумҳуриҳо мушоҳида гардид. Ҳиссаи соҳаҳои хизматрасонӣ дар ИҶШС дар МУД ба 50% расид.

Барои мамлакатҳои ИДМ масъалаи вазнинтарин напардохтани пул буд (напардохтани пули қарордоди тарафайни корхонаҳо, қарзи музди кор, андози буҷети давлатӣ, қарзи давлат ба буҷетиҳо ва ғайра).

Ҳамсадои ин масъала натураликунонии муомилот, паҳншавии ҳисобу китоби муомилотӣ, пайдоиши пулҳои сунъӣ



ва дар савдо ҷоришавии он гардид. Ҳеҷ ягон омили дигар мисли напардохтану бартер барои нотамом будани гузариш ба иқтисодиёти бозорӣ соҳиб буда наметавонад. Охир, иқтисодиёти бозорӣ ҳолати молӣ-пулӣ аст. Характернок аст, ки дар мамлакатҳои Аврупои Марказӣ ва Шарқӣ ва Чин напардохтан чунин паҳншавии омавӣ надошт. Дар давлатҳои назди Балтика напардохтан низ камтар буд. Бе ҳалли масъалаи пардохта натавонистан иқтисодиёти тамоми ин мамлакатҳо мӯътадил амал карда наметавонад.

Ҳамаи ин мамлакатҳо бо ин ё он дараҷа мубталои бӯҳрони буҷетӣ гардиданд, ки онро асосан бекурбшавии пул боис шуда буд. Норасогии буҷети давлатии аксари мамлакатҳо солҳои 1992-1994 аз 10-15% МУД зиёд буд. Баъдтар он то ба 4-7% фароварда шуда, вале «дарди сар»-и доимӣ буд. Камшавии андозҳои ба буҷет воридшаванда аз сабаби камшавии базаи андозғундорӣ ва саркашиҳои оммавӣ аз андозсупорӣ сабаби асосии бӯҳрони буҷетӣ буданд. Вазъи сиёсӣ ва иҷтимоӣ, сохторҳои ҳифзи ҳуқуқро дар дараҷаи лозимӣ талабгор буд.

Масъалаи методҳои пардохти норасогии буҷети давлатӣ тезу тунд буд. Солҳои 1992-1994 методҳои бекурбшавии пул афзалият доштанд, яъне бавоситаи қарзи бонкҳои марказӣ, ки яке аз сабабҳои бекурбшавии пул дар ҳамон солҳо буд. Баъдтар на танҳо камкунии бекурбшавӣ, балки маблағгузорӣ аз ҳисоби қарзҳо муяссар гардид. Сарчашмаи асосии қарзҳо ташкилотҳои байналхалқӣ ва қарзҳо дар асоси дутарафа буданд.

Умуман натиҷаҳои солҳои 90-ум др мамлакатҳо ҳархела буданд. Дар давлатҳои назди Балтика бозсозиҳо пештар оғоз ёфтанд, аз бӯҳрон озодшавӣ низ пештар буд. Ҳанӯз соли 1994 аломатҳои мӯътадилгардӣ падидор гардида, аз оғози соли 1996 тараққиёти пай дар пайи иқтисодӣ мушоҳида карда мешуд. Вазъи умумӣ дар он ҷо нисбат ба ИДМ мусоидтар буд. Вале аз иллати хеле пастравии истеҳсолот дар солҳои 1991-1993 дараҷаи соли 1990 дар ягон давлатҳои назди Балтика ба даст наомад. Маблағгузориҳои калони хориҷӣ мақоми муҳим бозиданд. Дар Эстония маблағгузории бевоситаи хориҷӣ аз 1,2 млрд. доллар зиёд буд, ки ин барои мамлакати 1,4 млн. нафар аҳолӣ дошта нишондоди хеле калон аст.

Мӯътадилии анъанаҳо дар аксари мамлакатҳо дар нимаи дуюми солҳои 90-ум мустаҳкам гардида, дар ҳама ҷо бекурбшавӣ бартараф карда шуд. Пастшавии ҳарсолаи нархҳо

10-30% буд. Аз соли 1997 фақат Руссия, Украина, Тоҷикистон ба гурӯҳи мамлакатҳои афзоиши МУД ва саноатӣ надошта дохил буданд. Ин сол аз рӯи афзоиши иқтисодӣ Белоруссия дар ҷои аввал буд. Дар Узбакистону Қирғизистон нишондиҳандаҳо беҳтар буданд.

Дар давраи ислоҳотҳо ҳаҷми савдои байни мамлакатҳои собиқ Шӯравӣ кам шуд, ки ин қабл аз ҳама ба камшавии истеҳсолот вобаста буд.

Соли 1998 ҳарифи савдои берунаи 10 ҷумҳурии собиқ Шӯравӣ мамлакатҳои хориҷаи дур буданд. Барои давлатҳои назди Балтика мамлакатҳои Скандинавия, барои Укранина – Аврупои Ғарбӣ, барои Закавказе – Туркия ва Аврупо, барои Осиёи Марказӣ – Чин, Ҷопон, Корея, Ирон, Туркия аҳамияти муҳим пайдо намуданд.

Дар камшавии савдои беруна амали ғайриқаноатбахши механизми пардохт нақши муҳим бозид. Муносибатҳои савдоӣ аз сабаби напардохтан аз ҷониби воридотчиён, вайронкунии шартномаҳо ва ғайра мураккаб мешуданд. Мамлакатҳои ИДМ тадриҷан шабакаи муассисаҳои қарзӣ ва ҳисоботии ба фаъолияти беруна хизматрасонро таъсис доданд, қарзҳоро тайёр намуданд, ки онҳо техникаи имрӯзаро аз худ кардаанд. Тақрибан солҳои 1995-1996 механизми ҳисоботҳои асъорӣ талаботи зарурии минималиро қонеъ гардонид.

Дараҷаи савдои беруна дар байни мамлакатҳои ИДМ ва назди Балтика, Россия калонтарин мебошад. Соли 1998 ба ҳиссаи вай аз 30-80% содироту воридоти байни мамлакатҳои собиқ Шӯравӣ рост меомад. Россия асосан содиркунандаи электроэнергия, қисмҳои эҳтиётӣ ва ғайра буда, хӯрока, пахта, ангишт, маъдани оҳану металлҳои ранга, трактор, яхдон ворид мекунад.

Дар давраи бозсозии аз ҳад радикалӣ (қатъӣ)-и механизми муносибтҳои иқтисодии беруна қисми асосии савдо бо собиқ мамлакатҳои шӯравӣ аз рӯи созишномаҳои дутарафа дар асоси доду гирифт бароварда мешуд. Вале созишномаҳо ғайриқаноатбахш иҷро мешуданд. Зеро барои ҳукумат имкониятҳои ба савдои ба дасти шахсони алоҳида гузашта таъсиррасон кам буданд. Набудани захираҳои молиявӣ савдои бартериро зиёд намуд.

Дар баробари ин бо боварии том гуфтан мумкин аст, ки баробари мӯътадилгардии шароити пурра барқароркунии



механизми бозории амали соҳаи алоқаҳои иқтисодии беруна дар мамлакатҳои собиқ Шӯравӣ пешомадҳои таърихии мусоиди мувофиқи мақсад будаи тақсимоти меҳнат дар байнашон мавҷуданд, ки онҳо ба васеъкунии гардиши моли тарафайн дар асоси наву бозорӣ воситаи асосӣ шуда метавонанд.

Дар ҷодаи воридкунии сармояи соҳибкорӣ тағйиротҳои муҳим ба амал омаданд. Ҳукуматҳои ҳамаи ҷумҳуриҳои собиқ шӯравӣ фаҳмиданд, ки бе воридкунии васеи сармояи хориҷӣ баамалбарории бозории сохторӣ ва таҷҳизонидани иқтисодиёт, бarҳамдиҳии мушкилиҳои давраи гузариш имконнопазир аст. Бинобар он, дар тамоми мамлакатҳо қонунҳои аз ҳад либералӣ (бахри сармоягузории фирмаҳои хориҷӣ) қабул карда шуданд (оиди дараҷаи андоз, қоидаҳои ба хориҷа бурдани даромад ва ғайра).

Бисёр маблағгузорони хориҷӣ рағбати ба ин мамлакатҳо сармоягузорӣ пайдо карданд. Махсусан, ба онҳое, ки захираҳои бои табиӣ доранд. Дар хусуси ҷалбкунии сармояи хориҷӣ дар ҷои аввал Қазоқистон буд (соли 1997 – 3 млрд. доллар). Ҳоло 80%-и саноати ин мамлакат зери назорати хориҷиён аст. Озарбойҷону Туркманистон дар истифодаи захираҳои нафт аз сармояи хориҷӣ васеъ истифода мебаранд. Узбакистон, Қирғизистон ва Арманистон низ бештар сармояи бевоситаи хориҷиро истифода мебаранд

Сармоягузорони асосӣ ИМА, Аврупои Ғарбӣ, Ҷопон ва солҳои охир Кореяи Ҷанубӣ, Чин, Туркия мебошанд.

Солҳои 1996-1997 қисми зиёди маблағгузориҳо дар Озарбойҷон, Арманистон, Қирғизистону Қазоқистон, Эстония, Литва аз ҳисоби сармояи хориҷӣ буданд.

Тараққӣ накардани бозори қоғазҳои қимматнок, махсусан ширкатӣ, ҳоло ҳам имконияти ин мамлакатҳоро оиди сафарбаркунии сармояи хусусӣ дар бозори байналхалқии молиявӣ маҳдуд кардаасту вале дар баробари ин онҳоро аз ларзишҳои дар ин бозорҳо пайдошуда эмин медоранд, ки ин махсусан дар шароити ҳозира, аз сабаби ҳолатҳои бӯҳронӣ дар соҳаи молияи байналхалқӣ, хеле муҳим аст.

Иштирок дар бозорҳои молиявии байналхалқӣ, асосан бавоситаи ба ғайрирезидентҳо фурӯхтани қоғазҳои қимматноки давлатӣ, дар Украина, Қазоқистону Қирғизистон ва мамлакатҳои назди Балтика оғоз ёфтаст.

Ҳоло оиди ташкили ҳамкориҳои маблағгузорӣ дар байни мамлакатҳои ИДМ қадамҳои нахустин гузошта шуда истодааст.

**Саволҳо ва супоришҳо:**

1. Тафовути шакли ислоҳоти дусамта аз яксамтаро фаҳмонед.
2. Афзалияту норасогиҳои модели гузариши якбора ва тадриҷӣ дар чист?
3. Дараҷаи тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодии мамлакатҳои Аврупои Марказӣ ва Шарқиро шаҳр диҳед?
4. Дар мамлакатҳои Аврупои Марказӣ ва Шарқӣ кадом усулҳои босозии бозорӣ истифода мешуданд?
5. Масъалаҳои ба Иттиҳоди Аврупо дохилшавии мамлакатҳои Аврупои Марказӣ ва Шарқӣ кадомҳоянд?
6. Омилҳои берунаи тараққиёти мамлакатҳои Аврупои Марказӣ ва Шарқиро номбар кунед?
7. Аз рӯи кадом аломатҳо ҷумҳуриҳои собиқ ИҶШС-ро ба гурӯҳи мамлакатҳои тараққикарда ё рӯ ба тараққӣ мансуб донистан мумкин аст?
8. Дар рафти ислоҳотҳо кадом соҳаҳо бештар зиён диданд ва чаро?
9. Вазъи савдои берунаи мамлакатҳои ИДМ чӣ гуна аст? Кадом омилҳо ба ҳолати имрӯзаи савдои беруна таъсир расонидаанд?
10. Натиҷаҳои ислоҳотҳоро дар таи солҳои 90-ум ба таври мухтасар конспект намуда, масъалаҳои асосии сари роҳи ислоҳотҳоро ҷудо кунед.



# БОБИ XII.
# ТОҶИКИСТОН ДАР ХОҶАГИИ ҶАҲОН

## 12.1. Тавсифи умумӣ

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар байни давлатҳои Осиёи Марказӣ (Қазоқистон, Узбекистон, Қирғизистон, Туркманистон) аз ҷиҳати масоҳат дар ҷои 5-ум, аз ҷиҳати шумораи аҳолӣ ҷои 3-юм, дар байни ИДМ ҷои 7-умро ишғол менамояд. Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1991 тавассути пароканадашавии империяи Иттиҳоди Шуравӣ ташкил ёфтааст. Системаи ҳозираи хоҷагӣ натиҷаи шикасти сохти давлатӣ, вайроншавии фазои ягонаи иқтисодӣ ва механизми хоҷагии иттиҳод мебошад.

Ҳангомаи асосии тараққиёти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 90-уми асри XX пастшавии истеҳсолӣ ва иқтидори истеҳсолӣ мебошад. Сабаби чунин ҳолат кандашавии равобиту муносибатҳои хоҷагии байни ҷумҳуриҳои Иттиҳоди Шӯравӣ, инчунин вазъияти ноороми сиёсӣ дар дохили худи ҷумҳурӣ мебошанд. Маҳсулоти умумии дохилӣ (МУД) 2,5 баробар кам шуда, 40%-и соли 1990-ро ташкил намуд. Пастравиҳои зиёд дар соҳаи саноат, истеҳсолоти кишоварзӣ ва маҳсулоти молию имкониятҳои он ба таври доимӣ ба амал меомаданд.

Пастшавии истеҳсолот, талабот, алалхусус талаботи истеҳсолиро доғдор намуд. Ҳаҷми маблағгузори тӯли солҳои 1990-1998 хеле кам шуда. Ҳиссаи маблағгузорӣ дар МУД ба дараҷаи паст фаромад. Меъёри гункунӣ низ ба кам шуд. Коэффитсиенти ба корандозии воситаҳои асосӣ ва аз корбароии онҳо дар дараҷаи тоқатфарсо буд.

Вайроншавии бахши ҳақиқии иқтисодиёт ба самаранокии истеҳсолот таъсири манфӣ расонид. Боздеҳии фондҳо дар миқёси хоҷагии миллӣ ва саноат хеле кам гардид.

Аз иллати норасогии ашёи хом ва маводҳои аз дигар ҷумҳуриҳои собиқ ИҶШС воридшаванда ҳаҷми маҳсулоти умумӣ кам, шумораи бекорон рӯз то рӯз зиёд мешуданд.

То соли 1990-ум саноат яке аз соҳаҳои муҳим ва асоси пешравии иқтисодиёти Тоҷикистон буд. Дар корхонаҳои саноати ҷумҳурӣ 53% маҳсулоти умумии миллӣ ва беш аз 30% даромади миллӣ ба даст оварда мешуд. Дар тамоми корхонаҳои саноатӣ беш аз 20% аҳолии қобили меҳнат шуғл меварзид. Ҳаҷми афзоиши солонаи истеҳсолоти саноат аз 7% беш буд.

Чунин пешравиҳои назаррас баъди кандашавии алоқаҳои истеҳсоли байни ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ тамоман ноаён монданд.

Ҷадвали 12.1

**Сохтори соҳаҳои саноати Тоҷикистон дар солҳои 1991-2001 (бо фоиз)**

| Солҳо / соҳаҳо | 1991 | 1996 | 1997 | 1998 | 1999 | 2000 | 2001 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Тамоми саноат | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 |
| *аз ҷумла* | | | | | | | |
| Саноати вазнин | 29,4 | 67 | 59,5 | 45,5 | 63,1 | 67,7 | 70,7 |
| Саноати сӯзишворию энергетики | 4,4 | 26,6 | 11,5 | 7,1 | 8,9 | 7,4 | 6,7 |
| Саноати металлургӣ | 8 | 312 | 41 | 33,3 | 49,5 | 56,3 | 54,2 |
| Саноати мошиносозӣ | 6,7 | 2,6 | 1,8 | 1,7 | 1,1 | 0,9 | 0,9 |
| Саноати кимиёю ҷангал | 5,2 | 3,7 | 3,3 | 1,9 | 1,6 | 1,7 | 1,2 |
| Саноати масолеҳи сохтмон | 3,8 | 1,1 | 1 | 0,9 | 1,2 | 0,8 | 0,8 |
| Саноати сабук | 49,2 | 14,5 | 16,9 | 22,7 | 13,2 | 15,5 | 12,7 |
| Саноати хӯрокворӣ (аз ҷумла орду ярма) | 21,4 | 18,5 | 23,6 | 31,8 | 23,7 | 16,8 | 16,6 |

Пастравии истеҳсолоти саноатӣ соли 1992 23%-ро ташкил намуд. Аз 77 номгӯи маҳсулоти саноатии корхонаҳо ҳамагӣ 6 номгӯй истеҳсол мешуду ба дараҷаи соли 1991 баробар буд. Истихроҷи ангишт 31%, нафт 43% кам шуда, истеҳсол дар тамоми саноати сӯзишворӣ то 79%, химия 54,4% металлургияи ранга 72%, мошинасозӣ ва электроникӣ то 6,4% паст шуд. Соли 1993 нисбат ба соли 1992 ҳаҷми истеҳсоли ангишт 19,4%, содаи каустикӣ 63,4%, амиак 57,6%, нуриҳои минералӣ 62,9% кам шуд. Дар тӯли 3 соли аввали соҳибистиқлолӣ шумораи коргарони



соҳаи саноат ба 22%, самаранокии корхонаҳо ба 18%, ҳосилнокии меҳнат ба 24% паст фаромад.

Соли 1997 маҳсулоти саноатии истеҳсолшуда ба 13,4% сатҳи соли 1998 баробар буд.

Таҷрибаи солҳои охир собит намуд, ки барои бозсозии истеҳсолот ва таъмин намудани пешравиҳои устувори иқтисодиёт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаҳо мавҷуданд. Яке аз омилҳои муҳими тараққиёт истифодаи самарноки боигариҳои табиӣ мебошад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои захираҳои бузурги энергетикӣ-сӯзишворист. Инҳо захираҳои энергетикӣ-обӣ, ангишт, газу нафт, офтоб, бод ва ғайра мебошанд. Аз рӯи гуфтаи мутахассисон ҷои аввалро захираҳои сӯзишворӣ (79%), ангишт (53%, нафт (21%), газ (5%), ҷои дуюмро қувваи офтоб (20%), ва дар ҳудуди 1% қувваи ҷараёну обу бод ишғол мекунанд. Аз ин захираҳо имрӯз 30% захираҳои энергияи об ва 2,4% захираҳои сӯзишворӣ истифода мешаванду халос.

То имрӯз 4 млрд. тонна захираҳои ангишт маълум карда шуданд, ки онҳо дар 28 кон маҳфуз мебошанд ва 13 тои онҳо дар шароити имрӯза қобили истифодабарианд. Зохираи конҳои Шӯроб (141,2 млн.т), Фон-Яғноб, Киштут - Заврон (зихираи умумиашон 900 млн.т), Назарайлоку Миёнаду (25 млн.т), Куртекин (6 млн.т) пурра тадқиқ карда шудаанд. Айни ҳол танҳо ду кони аввал истифода мешаванду халос. Миқдори ангишти истихроҷ кардашуда дар соли 2000-ум 22,2 ҳазор таннаро ташкил дод.

Дар пешрафти иқтисодиёти ҷумҳурӣ нафт ва гази табиӣ низ мақоми назаррас доранд. Истихроҷи онҳо дар 17 кони амалкунандаи қисматҳои шимол ва ҷануби Тоҷикистон ба роҳ монда шудааст.

Дар шимоли ҷумҳурӣ конҳои нафти Работ, Айритон, Конибодому Шимоли Кони Бодом, Маданият, Ниёзбек, Кучкак, Оби шифо истифода бурда мешаванд. Дар ҷануб конҳои Оқбош-Андир, Қичиқбел дар минтақаи Кӯлоб конҳои Сулдузӣ, Бештенток, Хоҷарсартез, Сомончӣ кашф карда шудаанд, ки захираи онҳо 840-850 млн.т-ро ташкил медиҳанд.

Умуман, захираҳои кашфшуда Тоҷикистон, бо назардошти 0,5 млн. тонна эҳтиёҷоти солонаи ҷумҳурӣ, бояд ба 172 сол расад.

Захираҳои муайянкардашудаи гази табиӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба 1 трлн. метри мукааб баробар мебошанд. Ин захираҳо асосан дар маҳаллаҳои кони нафтдор (дар қабати болоии конҳои нафт) воқеанд.

Тоҷикистон дорои захираҳои бузурги обӣ-энергетикӣ буда, аз рӯи ин нишондиҳанда дар ҷаҳон ҷои 8-умро ишғол намудааст. Аз рӯи ҳисоботҳои мутахассисон иқтидори захираҳои обӣ-энергетикии ҷумҳурӣ 527 млн. КВТ-ро ташкил медиҳанд, ки аз ин танҳо 19,3% онҳо истифода буда мешаванд. Ҳар сол дар ҷумҳурӣ ба миқдори 14-16 млрд. КВТ соат қувваи барқ истеҳсол карда мешавад. Баъди ба кор андохтани истгоҳҳои барқии Сангтӯда ва Роғун истеҳсоли қувваи баркро дучанд зиёд кардан мумкин аст.

Дар шароити Тоҷикистон бунёди истгоҳҳои барқӣ дар дарёҳои хурду миёна фоидаовар мебошад. Захираи энергетикии ин дарёҳо зиёда аз 30 млн КВТ буда, ҳар сол аз он 100 млрд КВТ-соат энергия истеҳсол кардан мумкин аст. Дар баробари захираҳои калони обӣ-энергетикӣ барои истеҳсоли барқ қувваи бодро низ истифода бурдан мумкин мебошад. Муайян карда шудааст, ки генераторҳои барқии бодиро дар ноҳияҳои Мӯминобод, Шӯробод, Данғара, ағбаҳои Шар-Шару Чормағзак, қад-қади соҳили дарёи Элоку Кофарнихон, ағбаи Анзоб, қад-қади дарёҳои ноҳияи Айнӣ, дарёи Сиру Бахри Тоҷик истифода бурдан мумкин аст. Дар ин бобат таҷрибаи ҷаҳониро истифода бурдан равост.

Сарватҳои зеризаминии Тоҷикистон пурбаҳо мебошанд. Дар шимоли ҷумҳурӣ конҳои маъдани оҳан ёфт шудаанд, ки калонтарини онҳо Чоқадамбулоқ аст ва аҳамияти саноатӣ дораду маъданаш комплексӣ мебошад (дар баробари оҳан, ки қариб 40%-ро ташкил медиҳад кобалт, мис, қурғошим, рух, нуқра, тилло, гелий ва ғайра дорад). Захираи кон 60 млн.т. буда, барои бунёди корхонаи мустақил имконият медиҳад. Заҳираҳои маъдани оҳан дар Қаротегин низ кашф карда шудаанд. Дар шароити мавҷудияти захираҳои калони ангишти аълосифат ва маъдани оҳан бунёди корхонаи металлургияи сиёҳ боиси боз ҳам пешравии иқтисодиёти ҷумҳурӣ мегардад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи захираҳои металлҳои ранга дар миқёси ҷаҳон мавқеи назаррас дорад. Алалхусус захираи полиметаллҳо ва металлҳои асил кашфу тадқиқ шудаанд. Дар ноҳияи Қаромазор беш аз 200 кони қурғошиму рӯҳ кашф карда



шуда 24-тои он пурра тадқиқгардиданд, ки 8-тои он дар доираи истифодаанд. Комбинати Адрасмон амал мекунад, ки маҳсулоти он ҷамъи қурғошиму руҳ ва висмуту мис мебошад. Пайваста ба ин, дар консентратҳо ба тариқи илова тиллою нуқра, кадмии, молибдену сурма ва флюрит мавҷуданд, ки ин қимати конҳоро зиёд мекунад. Конҳои қӯрғошиму руҳ дар маркази ҷумҳурӣ, ҷанубу ғарб, Помир низ кашф карда шудаанд ва онҳоро ба доираи истеҳсолот ҷалб намудан мумкин аст. Тоҷикистон дорои захираҳои зиёди саноатии висмут мебошад.

Олимон муайян карданд, ки дар сарзамини Тоҷикистон садҳо кони қалъагӣ вуҷуд дорад. Танҳо дар ҳудуди Помир беш аз 70 кон кашф карда шудааст. Помирро минтақаи қалъагӣ номидаанд. Баъзеи онҳоро дар айни ҳол истифода намудан мумкин аст. Захираҳои калони маъдани қалъагӣ дар водии Зарафшон кашф карда шудаанду онҳо аҳамияти саноатӣ доранд. Металли қалъагӣ дар бозори ҷаҳон талаботи зиёд дорад.

Нархи 1 грамми он 12 доллар арзиш дорад, ки ин баъди арзиши тилло дар ҷои 2-юм мебошад. Мавҷудияти захираҳои калони саноатии ин металл, қувваи арзони барқ, об ва қувваи кории озод имконият медиҳанд, ки агар дар ҷумҳурӣ коркарду истеҳсоли қалъагӣ ташкил карда шавад, Тоҷикистон ба яке аз содиротчиёни асосии қалъагӣ дар бозори ҷаҳонӣ табдил меёбад.

Мувофиқи маълумотҳо то имрӯз дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон 28 кони тилло тадқиқ карда шудааст, ки захираи умумии тиллои онҳо ба 430 тонна баробар дониста мешавад, ки 89% захираҳо дар ноҳияҳои Зарафшон 8%дар шимол ва 3% дар Помир ҷойгир мебошанд. Дар кӯҳсори Қаромазор низ якчанд кони тилло кашфу тадқиқ карда шудаанду захираи умумии онҳо 8т тиллои холис мебошад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷиҳати захираҳои нуқра ба қатори 10 мамлакати пешсафи ҷаҳон шомил аст. Танҳо захираҳои тадқиқшудаи нуқра дар Тоҷикистон вобаста ба ҳаҷми истеҳсоли солона (50т) ба 150сол мерасонад. Конҳо асосан дар шимолу маркази ҷумҳурӣ ва Помир ҷойгиранд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои захираҳои калони боксит, флюорит, мис, стронсий мебошад ва дар базаи онҳо ташкили корхонаҳои мустақил мумкин аст.

Дар айни замон дар ҷумҳурӣ дар базаи конҳои тадқиқшудаи канданиҳои фоиданок корхонаҳои саноати кӯҳӣ

амал мекунанд. Инҳо комбинати қурғошиму руҳи Адрасмон (дар базаи конҳои Қаромазар), комбинати тиллоиЗарафшон (дар ҷамъи конҳои гурӯҳи Мосариф-Таррор), комбинати кӯҳии Анзоб (дар ҷамъи кони сурмаю симоби Ҷиҷикрут, скалное ва ғайра), комбинати флюрити Такоб (дар ҷамъи кони ҳамном), корхонаи тиллои Дарвоз (дар ҷамъи кони Як-су) мебошанд.

Ҳамин тариқ, захираҳои канданиҳои фоиданоки тадқиқ карда шуда яке аз омилҳои бовариноки рушду камоли соҳаи саноати кӯҳии ҷумҳурӣ буда, воситаи хеле муҳими афзунгардонии алоқаҳои хоҷагии ҷаҳонии Тоҷикистонанд.

То аввали солҳои 90-уми асри XX дар иқтисодиёти Тоҷикистон саноати сабук мавқеи асоси дошту ҳиссаи он дар МУД ба 49,2% баробар буд. Маҳсулотҳои ин соҳа (газвори пахтагин, шоҳӣ, қолин, либосҳои дӯхта ва ғайра) ба 43 давлати дунё содир карда мешуданд.

Бӯҳрони солҳои 90-уми ба ин соҳа таъсири худро расонид. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти соҳа хеле кам шуда, фондҳои истеҳсолӣ фарсудаю бекор гаштанд. Базаи ашёи хоми он, ки асосан аз соҳаи кишоварзӣ гирифта мешуд, хеле коҳиш ёфт.

Талаботи мамлакатҳои ҷаҳонро ба маҳсулоти ин соҳа ба назар гирифта, ҳукумати ҷумҳурӣ тамоми чораҳоро медид, ки саноати сабук аз сари нав бо набзи тез кор кунад. Соли 1995 дар асоси Созишнома оиди маҳсулоти бофандагӣ, ки Иттиҳоди Аврупо бо Ҳукумати Тоҷикистон ба имзо расонида буд, матоъҳои истеҳсоли корхонаҳои ҷумҳурӣ ва молҳои аз онҳо дӯхташуда ба давлатҳои Аврупо содир карда шуд. Минбаъд бо иштироки маблағгузориҳои хориҷӣ як чанд корхонаҳои муштарак, аз ҷумла бо Кореяи ҷанубӣ корхонаи коркарди нахи пахта ва истеҳсоли газвор «Каообол текстайл», бо Италия корхонаи муштараки «Ҷавонӣ», корхонаи «Карера», «Сатн», таъсис дода шуданд. Ин гуна чорабиниҳо ба рушди алоқаҳои берунаи ҷумҳурӣ мададгоранд.

Камолоти иқтисодии Тоҷикистонро аз бисёр ҷиҳатҳо пешрафти комплекси агро-саноатиаш муайян мекунад. Аз ин нигоҳ яке аз самтҳои сиёсати иқтисодӣ бояд ба ҳамин соҳа равона карда шавад. Мутахассисон мегӯянд, ки 80% инкишофи саноату истеҳсолоти ҷумҳурӣ, аз ҷумла саноатҳои коркарди пахта, бофандагӣ, ба маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ вобаста аст. Инро таҷрибаи ҷаҳонӣ низ собит намудааст.



Масъалаи тараққиёти кишоварзӣ қабл аз ҳама ба таъминоти аҳолӣ бо хӯрока вобаста аст. Солҳои аввали соҳибистиқлолӣ норасогии ғалла масъалаи хеле мураккаб буд. Соли 1992 ҳамагӣ 258 ҳазор тонна ғалла истеҳсол карда шуда буд. Қисми норасои он ба миқдори 800 ҳазор тонна аз ҷумҳуриҳои ҳамсоя оварда мешуд.

Ҳукумати ҷумҳурӣ барои ҳалли ин масъала тамоми чораҳоро медид. Тавассути ин ҳосилнокии ғалладона нисбат ба соли 1995 2,2 баробар афзуд. Дар ин солхо барои таъмини норасогии ғалла давлатҳои ИМА, Олмон, Эрону Чин, Узбакистон, Иттиҳоди Аврупо саҳми зиёд гузаштанд.

Дар ривоҷу равнақи соҳаи кишоварзӣ ислоҳотҳои гузаронидашуда мақоми калон бозиданд. Ташкили хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ), фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бозсозии корхонаҳои кишоварзӣ» ва «Дар бораи тадбирҳои фаврӣ оиди иҷрои фармони президенти мамлакат», «Оиди татбиқи ҳуқуқи истифодаи замин» ва ғайраҳо ба пешравиҳои соҳаи кишоварзӣ набзи нав бахшиданд. Ҳаҷми солонаи маҳсулоти умумии ҷамъоварии ғалладонаҳо 114,3%-ро ташкил намуд.

Вале бо вуҷуди корҳои зиёд, ислоҳотҳо ва дастгириҳои ҳукуматӣ бӯҳрони иқтисодӣ ба соҳаи кишоварзӣ низ таъсири худро гузошт. Дар тӯли 10 соли охир истеҳсоли маҳсулоти ин соҳа 34% паст фаромад.

Саршумори чорво хеле кам шуд. Тоҷикистон дар солҳои ҳукумати шуравӣ аз ҷиҳати сатҳи истеъмоли маҳсулоти хӯрокворӣ дар ҷаҳон дар ҷои 6-7-ум буд. Имрӯз бошад (аз рӯи ҳисоби созмонҳои байналмиллалӣ), ба ҷои 110 фармодааст.

Солҳои охир ба афзунгардонии парваришу истеҳсол ва коркарди маҳсулоти кишоварзие, ки ба меъёрҳои ҷаҳонӣ ҷавобгӯю бозоргир таваҷҷӯҳи зиёд зоҳир карда мешавад. Меваю сабзавоти Тоҷикистон бо истифодаи дастгоҳҳои ҳозиразамон ба меъёрҳои ҷаҳонӣ ҷавобгӯ буда вориди бозорҳои ИДМ ва байналхалқӣ мегарданд.

Соҳаи кишоварзӣ ҳоло яке аз соҳаҳои асосии иқтисодиёти ҷумҳурӣ ба ҳисоб меравад. Дар он зиёда аз 70% аҳолии қобили меҳнат фаъолият менамояду он 42% даромади миллии мамлакатро таъмин менамояд. Тараққиёти хоҷагӣ ва болобардории сатҳи зиндагонии мардумро бе наклиёт тасаввур кардан мумкин нест.

Нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нақлиёти роҳи оҳан, автомобилӣ, ҳавоӣ, обӣ ва қубурӣ иборат мебошад. Ҳаҷми баркашонӣ бо тамоми намудҳои нақлиёт соли 2002, бо баҳисобгирии баркашониҳои соҳибкорони хусусӣ, 14462 млн. т/км-ро ташкил намуд, ки 91,6% ҳаҷми баркашонии умумӣ ба ҳиссаи роҳи оҳан рост меояд. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Осиёи Миёна аз рӯи дарозии роҳи оҳан (583 км) баъди Қазоқистон (44,4 ҳ. км), Узбекистон (3,5 ҳ. км), Туркманистон (2,15 ҳ. км) дар ҷои чорум аст. Тоҷикистон бо воситаи роҳҳои оҳани мамлакатҳои Осиёи Марказӣ бо тамоми гӯшаю канори дунё алоқа менамояд, маҳсулоти худро фиристонида, аз берун мол меорад.

Соли 1994 роҳи оҳани Ҷумҳурии Тоҷикистон мустақилият гирифт ва Низомномаи Роҳи оҳани Тоҷикистонро ташкил дод. Вай вазифаи тадқиқи конъюктураи бозор, таъмини бору мусофиркашонӣ, пешбиникунии тараққиёт ва ташкили рақобатнокии соҳаро адо менамояд.

Дар шароити 93% кӯҳсор будани Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти нақлиёти автомобилӣ хеле калон аст. Роҳҳои автомобилгарди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба талаботи меъёрҳои байналхалқӣ сохта шудаанд. Дарозии умумии онҳо 30 ҳ. км мебошад. Сохтмони роҳи автомобилгарди Кӯлоб-Қалъами Хумб-Мурғоб-Ағбаи Қулма идома дорад, ки он ба шаҳраки Қароқурум пайваст мешавад ва аз Душанбе то Қароқуруми Чин 1020 км-ро ташкил мекунад. Масофа аз нуқтаи пайвасти роҳ то шаҳри Қарочии Покистон 2567 км аст. Ба истифода додани ин роҳ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон имконият медиҳад, ки алоқаҳои иқтисодии берунаи худро бо мамлакатҳои Осиёи Ҷануби ва Ҷануби шарқӣ ривоҷ диҳад.

Сохтмони роҳи автомобигард бо воситаи ағбаи "Уштур" (5км) барои пешрафти иқтисодиёти ҷумҳурӣ аҳамияти хоса дорад. Ҷумҳурии Тоҷикистон аввалин шуда дар байни мамлакатҳои Осиёи Марказӣ, аъзои Созмони байналхалқии нақлиёти автомобилӣ гардид. Соли 1997 Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Конвенсияи байналхалқии боркашонӣ ҳамроҳ шуда, Ассотсиатсияи байналмиллалии боркашонии автомобилии Тоҷикистонро таъсис дод.

Имрӯзҳо нақлиёти ҳавоӣ ба яке аз соҳаҳои муҳими хоҷагии халқи ҷумҳурӣ табдил ёфтааст. Вай воситаи асосии алоқамандкунии ноҳияҳои кӯҳӣ ба марказ ва мусофиру



боркашонии байналхалқӣ мебошад. Ширкати давлатии ҳавоии Тоҷикистон ҳоло шароитҳои васеи барқароркунии алоқаҳои ҳавоиро ба давлатҳои дуру наздики хориҷа доро аст. Ҳоло Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мамлакатҳои Осиё, Аврупо алоқаҳои ҳавоӣ дорад.

Соҳаи алоқа дар ҳаёти имрӯзаи дунё яке аз узвҳои ҳаётӣ ва рӯзмарра шудааст. Ба туфайли пешравиҳои илму техника аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ аз тамоми дастовардҳои соҳаи алоқа баҳраманд аст. Аввалин маркази пахши ахборот соли 1927 ба истифода дода шуда буд. То давраи соҳибистиқлолӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷиҳати сатҳи тараққиёти сохтори алоқа, дараҷаи дастрасӣ ба ҷараёни итилоот, ки аз 7 нишондиҳанда иборат аст, ба гурӯҳи давлатҳои дараҷаи миёнаи тараққиёти инсонӣ шомил буд. Соли 1994 Ҷумҳурии Тоҷикистон ба аъзогии Иттиҳоди алоқаи электроникии байналхалқӣ (МСЭ), ки ҳоло 180 давлати ҷаҳон ба узвияти он дохиланд, ворид гардид. Иттиҳоди почтаҳои умумиҷаҳонӣ ва ташкилоти байналхалқии "Интерспутник" ҳам ба аъзоӣ қабул намуданд.

Аз ҷиҳати дараҷаи таъминоти хоҷагӣ ва аҳолӣ бо алоқаи телефонӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар байни давлатҳои Осиёи Марказӣ бо 130 нуқтаи телефонии корхонаҳо ва 97 нуқтаи телефонии аҳолии шаҳрҳо ҷои 4-ум ва дар деҳот ҷои 5-умро ишғол менамояд.

Соли 1997 дар ш. Душанбе стансияи нави алоқаи телефонии байналхалқии дорои 2500 рақам ба истифода дода шуд, ки он ба таври автоматӣ ба даҳҳо давлати дунё алоқаро барқарор менамояд.

Тоҷикистон баҳри васеъкунии алоқаҳои почтавӣ бо мамлакатҳои хориҷаи дуру наздик бо як қатор ширкатҳои алоқавии мамлакатҳои дунё созишнома бастааст.

### 12.2. Муносибатҳои иқтисодии берунаи Тоҷикистон

Дар тӯли беш аз 10 соли истиқлолият Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тамоми давлатҳои аъзои ИДМ ва аксари давлатҳои Иттиҳоди Аврупо, ИМА, давлатҳои Осиё, Шарқи Наздику Миёна, давлатҳои Аврупои Шарқӣ робитаҳои бевоситаи иқтисодиро ба роҳ мондааст. Ҳаёт исбот намуд, ки ҳеҷ ягон давлати дунё бе иштирок дар алоқаҳои ҷаҳонии хоҷагӣ пешрафти иқтисодии худро таъмин карда наметавонад. Дар

хоҷагии ҷаҳонӣ алоқаҳои иқтисодии хориҷӣ омили муҳиме мебошанд, ки боиси пешрафти мунтазам ва самараноки он мегарданд. Робитаҳои иқтисодии имрӯзаи хоҷагии ҷаҳонро хусусиятҳои ба худ хоси мунтазам афзоянда, ғайридавлатикунонию диверсификатсияи шакл ва намудҳои фаъолияти иқтисодии хориҷӣ хос мебошад.

Савдои хориҷӣ дар фаъолиятӣ иқтисодии ҳар кадом мамлакат то имрӯз мақоми асосӣ дорад. Фаъолияти иқтисодии хориҷӣ яке аз соҳаҳои муҳими иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон гардидааст.

Таҳлили муносибатҳои содиротию воридотии даҳсолаи охир шоҳиди вусъатёбии алоқаҳои тиҷоратии байналхалқӣ, пурзӯршавӣ ва бунёди корхонаҳои нави муштарак, сол то сол афзудани ҳаҷми сармоягузории хориҷӣ, пешниҳоду истифодаи хизматрасониҳои байналхалқии Тоҷикистонанд.

Як хусусияти афзалиятнокии савдои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон мунтазам васеъшавии салдои мусбии содиротию воридоти он мебошад. Соли 2000 афзоляити содирот нисбат ба воридот 127,8 млн. долларро ташкил дод, ки ин нишондиҳандаи хуб аст. Сабаби инро дар афзоиши содироти ашёи хом, бароҳмонии истеҳсоли молҳои воридшаванда дидан мумкин аст. Аммо ин ҳоло нишонаи тамоили зиёдкунии истеҳсолоти молҳои содиротӣ ба ҳисоб намеравад, зеро ин тамоил ҳоло назаррас нест. Дар охири солҳои 90 асри XX ва ибтидои асри XXI муомилоти савдои хориҷии ҷумҳурӣ 4,1 баробар, аз ҷумла содирот 4,2 баробар афзуд. Вале ин ҳолатро самаранок ҳисобида намешавад. Зеро таҷрибаи ҷаҳонӣ собит намудааст, ки дар давраи стагнатсияи иқтисодӣ содироти фаъолонаи ашёи хом самаранокии кам дорад. Дар сохтори содироти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳоло ҳам алюминӣ ва маҳсулоти он 55,6%, қувваи барқ – 14,1%, нахи пахта – 11,8%-ро ташкил медиҳанд. Умуман дар содирот ҳиссаи ашёи хом 87%-ро ташкил медиҳад.

Солҳои охир ҳаҷми ҳамкориҳои иқтисодӣ ба ИДМ хеле афзуд. Ҳаҷми муомилоти савдо ба кишварҳои аъзои ИДМ дар соли 2000-ум 933,5-млн долларро ташкил дод.

Ҷалбкунии сармояи хориҷӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон асосан аз соли 1992 оғоз ёфтааст. Аввалин корхонаҳои муштарак бо сармояи ШМА, Кореяи Ҷанубӣ, Чин бунёд карда шуданд.



Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон додааст, ки аз ҳама беҳтар ҷалбкунии сармояи бевосита мувофиқи мақсад мебошад. Зеро ин шакл фаъолияти коркунони бахши хусусиро тезонида, ба бозори ҷаҳонӣ баромаданро осон мегардонад, барои истифодаи техника ва технология, усулҳои нави роҳбарӣ шароит фароҳам меорад. Заминаи асосӣ барои ҷалбкунии шакли портфелии маблағгузории хориҷӣ дар ҷумҳурӣ бозори нави қоғазҳои қиматбаҳо буд. Вале, мутаассифона фаъолияти биржаи қоғазҳои қиматнок то ҳол хуб ба роҳ монда нашудааст.

Ҷадвали 12.2

**Савдои берунаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 1991-2000 (млн. долл.)**

| | 1991 | 1993 | 1994 | 1995 | 1996 | 1997 | 1998 | 1999 | 2000 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Гардиши савдои беруна, ҳамагӣ | 131,1 | 881,9 | 1038,9 | 1558,5 | 1438,2 | 1496 | 1307,6 | 1351,8 | 1459,3 |
| Мамлакатҳои ИДМ | 105,3 | 378,6 | 325,6 | 729,6 | 713,5 | 755,2 | 649 | 829,7 | 933,5 |
| Мамлакатҳои бо-қимондаи ҷаҳон | 25,8 | 509,3 | 713,3 | 828,9 | 724,7 | 740,8 | 658,8 | 522,1 | 521,6 |
| Содирот, ҳамагӣ | 67,9 | 349,8 | 491,9 | 748,6 | 770,1 | 745,7 | 596,6 | 688,7 | 784,8 |
| Мамлакатҳои ИДМ | 53,5 | 122,8 | 92,5 | 251,6 | 331 | 273 | 202,8 | 315 | 373,8 |
| Мамлакатҳои бо-қимондаи ҷаҳон | 14,4 | 227 | 399,4 | 497 | 439,1 | 472,2 | 393,8 | 373,7 | 410,5 |
| Воридот, ҳамагӣ | 63,2 | 532,1 | 547 | 809,9 | 668,1 | 750,3 | 711 | 663,1 | 657 |
| Мамлакатҳои ИДМ | 51,8 | 255,8 | 233,1 | 478 | 382,1 | 482,2 | 446,2 | 514,7 | 559,7 |
| Мамлакатҳои бо-қимондаи ҷаҳон | 11,4 | 276,3 | 313,9 | 331,9 | 285,6 | 268,1 | 264,8 | 148,8 | 115,3 |

Мақоми сармояи ссудӣ (кӯмаки молиявии давлатӣ) низ хеле калон аст. Дар тӯли солҳои охир Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади нигоҳ доштани қурби асъори миллӣ ва таъмини

пешравии соҳаҳои алоҳидаи иқтисодӣ аз созмонҳои байналхалқии молиявӣ зиёда аз 1 млрд. доллар қарз гирифтааст. Дар сармоягузориҳо ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳиссаи сармоягузорони хусусӣ низ назаррас мебошад. Сармояи аз хориҷа воридшаванда асосан дар соҳаҳои афзалиятдори иқтисодиёти ҷумҳурӣ равона карда мешаванд.

### 12.3. Афзалиятҳои тараққиёти иқтисодии Тоҷикистон

Дар давраи гузориш ба иқтисодиёти бозорӣ ҳалли вазифаҳои стратегии сиёсати сохторӣ аҳамияти калон дорад. Зеро вай ба ҳалли вазифаҳои тамоми иқтисодиёт роҳкушо мебошад. Чораҳои аввалиндараҷа дар ин шароит тараққӣ додан ва дигаркунии ҳамон соҳаҳое мебошанд, ки онҳо дар солимгардонии тамоили иқтисодиёт (бо роҳи истифодаи иқтидорҳои истеҳсолӣ-иқтисодӣ ва захиравии мамлакат) буда метавонанд. Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон бозсозии сохтори бахши аграрӣ, соҳаҳои сӯзишворӣ-энергетикӣ, мошинсозӣ, кӯҳӣ металлургӣ ва инфраструктураи иқтисодӣ вазифаи аввалиндараҷа ба ҳисоб мераванд.

Дар кори мӯътадилгардонии вазъи иқтисодӣ ва болоравии он бахши агросаноатӣ мақоми махсусро мебозад. Маҳз дараҷаи тараққии ин соҳа вазъи дигар соҳаҳои хоҷагии халқро муайян менамояд.

Ҳалли ин масъала равонакунии сиёсати аграриро ба ҳалли масъалаи глобалии таъмини хӯрокворӣ ва ташкили истеҳсоли маҳсулоти самти содиротидоштаро тақозо дорад.

Хоҷагии қишлоқи Тоҷикистон барои тараққиёти ҳамаҷонибаи худ, қабл аз ҳама захираҳои кофии меҳнатӣ ва шароитҳои мусоиди иқлимӣ дорад.

Хоҷагии қишлоқи Ҷумҳурии Тоҷикистон асосан ба заминдории обӣ такя мекунад. Заминҳои обӣ 90% маҳсулоти кишоварзиро медиҳанд ва майдони онҳо 1,5 млн. га асту аз он фақат 700 ҳазор га дар доираи истеҳсолот қарор дорад. Азхудкунии захираҳои замини бекорхобидаи обёришаванда дар афзоиш бо миқёси истеҳсолоти кишоварзӣ нақши ҳалкунандаро мебозанд.

Пайваста ба ин, истифодаи таҷрибаи пешқадами мамлакатҳои хориҷа (Мексика, Ҳиндустону Покистон, Чину, Ҳоландия) оиди истифодаи замин аз фоида холӣ нест. Дар кори



азхудкунии комёбҳои техникӣ ва амалияи пешқадам дар соҳаи агросаноатӣ гардиши куллӣ ба амал овардан лозим аст.

Иқтидори содиротии Ҷумҳурии Тоҷикистонро аз ҳисоби бахши агросаноатӣ баланд бардоштан мумкин аст. Захираи аз ҳама зиёди ин самт дар соҳаи мевапарварӣ ниҳон аст. Истифодаи заминҳои нишебиҳои кӯҳӣ воситаи хуби зиёдкунии истеҳсоли меваҳо мебошанд. Зиёдкунии истеҳсоли нахи пахта воситаи асосии пурзӯркунии иқтидори содиротист. Дурнамои тараққиёту ҷойгиркунии соҳаи агросаноатӣ тартибдиҳии барномаи дарозмуддатро тақозо дорад. Ин барнома бояд роҳҳои ҳалли вазифаи афзунгардонии истеҳсолоти тамоми соҳаҳои он ва инфраструктураи истеҳсолиро дар асоси ҳамаҷониба истифодабарии комёбиҳои илму амалиро нишон диҳад. Дар барномаи тараққиёти соҳаҳои агросаноатӣ масъалаҳои муносибатҳои истеҳсолӣ ва шаклҳои хоҷагидорӣ, бо ба ҳисобгирии хусусиятҳои хоси табиӣ, бояд ифода ёбанд. Ҳалли масъалаи нархгузорӣ низ муҳим мебошад.

Дар вазъияти кунунии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон саноати сузишворӣ-энергетикӣ соҳаи афзолиятнок ба ҳисоб меравад. Ин соҳа ба истихроҷу коркарди захираҳои минералии маҳаллӣ такя мекунад. Дар ин ҷода низ тартиб додани барномаи азхудкунии боигариҳои табиии ҷумҳурӣ лозим мебошад. Дар хусуси захираҳои энергетикӣ дар боло маълумоти мухтасар дода шуд ва азхудкунии онҳо имрӯз масъалаи рӯзмарра мебошад.

Ногуфта намонад, ки захираҳои ангишти Тоҷикистон, дар баробари аҳамияти сӯзишворӣ доштанашон, ашёи хоми бебаҳои як қатор маҳсулотҳои химиявӣ мебошанду ин маҳсулотҳо дар бозори ҷаҳонӣ талаботи зиёд доранд.

Дар тараққиёти саноати истихроҷи кӯҳӣ, дар баробари васеъкунии истихроҷи маъдан дар корхонаҳои амалкунанда, ташкилу васлкунии корҳои тадқиқотӣ оиди истифодаи ҷамъи маъданҳо, партовҳои саноатӣ ва ҷинсҳои кӯҳии озим мебошад. Онро дар назар доштан зарур аст, ки маҳсулоти ин соҳаи саноатӣ воситаест, ки тахассуси байналхалқии хоҷагии ҷумҳурӣ гардида, иштироки онро дар тақсимоти байналхалқии меҳнат васеъ мегардонад. Пайваста ба ин, маҳсулоти саноати кӯҳӣ сарчашмаи хуби бадастории асъори хориҷист, ки ба он ҷумҳурии мо хеле ниёзманд мебошад. Бо назардошти ҳамин аз худкунии кони «Кони Мансури Калон»

масъалаи хеле рӯзмарра аст. Истифодаи маъдани «Кони Мансури Калон» Тоҷикистонро дар миқёси байналхалқӣ ба истеҳсолкунандаи калонӣ металли нуқра овоздор хоҳад намуд. Пайваст ба ин, дар таркиби маъдани ин кон, дар баробари нуқра, металлҳои қурғошиму руҳ, висмут, мис, тилло, флюрит ва ғайраҳо мавҷуданд ва онҳоро дар шароити саноатӣ ҷудо карда гирифтан мумкин аст.

Ҳалли масъалаи бо ашёи хоми маҳаллӣ таъмин намудани заводи алюминиро вазифаи рӯзмарра ҳисоб кардан мумкин мебошад. Аз ин нигоҳ гузаронидани тадқиқотҳои иловагӣ оиди дарёфткунии технологияи коркарди ашёи хоми он – нефлинҳои сиенитдори кони Турпӣ (дар ноҳияи Рашт) бо мақсади мувофиқ аст.

Масъалаи муайянкунии дуюмин тараққии иттиҳодияи истеҳсоли Металлҳои камёфти Шарқ (Востокредмет)-ро яке аз масъалаҳои ҳалталаб шуморидан мумкин аст.

Соҳаи саноати химия низ яке аз соҳаи самарабахш буда, барои тараққиёти он базаи мустаҳками ашёи хом ва иқтидорҳои истеҳсолӣ мавҷуданд. Гузаронидани корҳо оиди ташкили мӯътадили кори заводи нуриҳои азотии Вахш ва азхудкунии захираҳои фосфори ҷумҳурӣ ба мақсади ташкили истеҳсоли нуриҳои фосфорӣ масъалаи навбатии рӯз гардидаанд.

Дар қаламрави Помир, ягона кони бор дар миқёси ИДМ кашфу тадқиқ карда шудааст. Ташкили истеҳсоли он на танҳо ба болоравии иқтисодиёти ин минтақа, балки иқтисодиёти ҷумҳурӣ омили муҳим аст.

Ҳамин тариқ, тавассути муносибати оқилона азхудкунию истифодаи маҷмӯи имкониятҳои мавҷуда Тоҷикистонро ба қатори мамлакатҳои тараққикарда ворид намудан мумкин аст.

**Саволҳо ва супоришҳо:**

1. Омилҳои табиӣ-захиравии тараққиёти иқтисодии Тоҷикистонро ба таври фишурда конспект намуда, афзалиятнокии онҳоро ҷудо кунед.
2. Соҳаҳои афзалиятноки хоҷагии Тоҷикистон дар давраи гузариш ба иқтисодиёти бозорӣ кадомҳоянд?



3. Хусусиятҳои хоси модули иқтисодиёти бозории Тоҷикистон кадомҳоянд ва тафовути он аз дигар мамлакатҳои ИДМ дар чист?
4. Ба афзоиши ҳиссаи содиротӣ дар МУД-и Тоҷикистон дар солҳои охир чӣ мусоидат кардааст?
5. Самту роҳҳои самаранокии тараққиёти иқтисодии Тоҷикистон кадомҳоянд?

## АДАБИЁТ


1. Акимов А. Мировое население: взгляд в будущее. – М.: Наука, 1992, 199с.
2. Акопова Е.С. ва диг. Мировая экономика и МЭО. – Ростов-на-Дону: «Феникс», 2000, 415с.
3. Блиняк С.А. Развивающиеся страны: мирохозяйсивенная связь во взаимосвязанном мире. – М.: Наука, 1990, 200с.
4. Борисовская А.А. Мировой финансовый кризис 1997-98 гг. Причины и последствия. – США:ЭПИ, 1998, №5.
5. Виноградова Л. Международная трудовая миграция. – МЭ и МО, 1994, №12.
6. Виноградова Л. Экономическая интеграция в СНГ и опыт третьего мира. – МЭ и МО, 1995, №9.
7. Жуков С.В. Развивающиеся страны: сфера услуг и экономический рост. – М.: Наука, 1991, 200с.
8. Ломакин В.Х. Мировая экономика. Учебник. – М.: «Финансы», ЮНИТИ, 2001, 735с.
9. Спиридонов И.А. Мировая экономика. Учебное пособие. – М.: ИНФРА, 1999, 256с.
10. Линдерт П. Экономика мирохозяйственных связей – М.: Прогресс, 1992, 520с.
11. Мировое капиталистическое хозяйство и развивающиеся страны. /Под ред. Бабинцевой – Л., 1988, 208с.
12. Кудров К.М. Мировая экономика. Учебник. – М.: БЕК, 1997, 600с.
13. Мировая экономика. Учебник /Под ред. Булатова – М.: ЮРИСТ, 2001, 734с.
14. Киреев А. Международная экономика. Ч. I. – М.: МО,1997, 415 с.
15. Мировая экономика. /Под ред. Ломакина В. – М.: АНКИЛ, 1995, 257с.
16. Миронов А.А. Концепции развития ТНК. – М.: Мысль, 1991.
17. Никитин С. ва диг. Мировые цены: особенности формирования. – МЭ и МО, 1997, №3.
18. Нухович Э.С. ва диг. Мировая экономика на рубеже XX-XXI вв. Учебное пособие. – М.: Финансовой Академии при Правительстве РФ, 1995, 103с.





19. Нухович Э.С. Современная мировая экономическая система. – РЭЖ, 1996, №№ 7,8,9.
20. Основы внешнеэкономических знавний./Под ред. Номинского – М.: МО, 1994, 560с.
21. Оймахмадов М., Муртазоев. - Иктисодиёти чахон. Китоби дарсӣ. – Техрон, 2001, 802с.
22. Пузакова Е.Н. Международное производственное научно-техническое сотрудничество. Учебное пособие. – Ростов-на-Дону, 1995, 513с.
23. Пузакова Е.Н. Процесс интернационализации в мировой экономике: сущность, формы, тенденции. – Ростов-на-Дону, 1997, 400с.
24. Россия: Внешнеэкономические связи в условиях перехода к рынку. Под ред. Фаминского И.П. – М.: МО, 1993, 432с.
25. Сергеев В.П. Мировая экономика. Учебное пособие. – М.: Новый Юрист, 1998, 130с.
26. США /Отв. ред. Железова В. – М.: МО, 1991, 168с.
27. США: государство и рынок. – М.: Наука, 1991.
28. ФРГ. – М.: МО, 1993, 208с.
29. Фомичев В.И. Международная торговля. – М.: ИНФРА-И, 2000, 414с.
30. Хасбулатов Р.И. Мировая экономика. – М.: ИНСАН, 1994, 730с.
31. Шреппер Х.А. Международные организации. – М.: МО, 1995.

1.

# ИҚТИСОДИЁТИ ҶАҲОН

2. **Курси лексия**

3.

4.

5.

6. **Корректор** *Ғаффоров Шариф.*

7. **Наборщик** *Ашуров Манучехр*

8 **Верстальшица** *Махсутова Р.*

9

1

1

1

1 Подписано в печать 28.05.2005. Формат 60x84. Бумага офсетная.
Гарнитура Times Roman Tj Тираж 500 Цена договарная

Напечатано ПОО «Империал-Групп»
Адрес Ф.Ниёзи 25